**ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ, ФАН ВА ИННОВАЦИЯИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН**

**ДОНИШКАДАИ СОҲИБКОРӢ ВА ПЕДАГОГИКАИ ДЕҲНАВ**

**МАҲМУДОВ Ш. К.**

# ПСИХОЛОГИЯИ ОМЎЗГОРӢ

(дастурамал барои донишҷўёни коллеҷҳо ва мактабҳои олии омўзгорӣ)

**ДЕҲНАВ**

«ДСПД»

2023

*Бо қарори Шӯрои методии* ДСПД *№11 аз 26.06.2023 ба чоп пешниҳод гардидааст.*

**Маҳмудов Ш.К. Психологияи омӯзгорӣ/зери назари Х.Ж.Худойқулов д.и.п., профессор.-Деҳнав: ДСПД, 2023.- 182 с.**

Дар китоби мазкур масъалаҳои психологии таълиму тарбия ва фаъолияти омӯзгорӣ тибқи меъёрҳои муосири таҳсилот мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Барои донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ, мутахассисони соҳаи мактабу маориф ва онҳое, ки ба тарбияи насли наврас таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд, пешниҳод мегардад.

*Муқарризон:*

***А.Самиев** - мудири кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи давлатии педагогииТермиз,*

***С. Исматов** - мудири кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи педагогию соҳибкории Деҳнав*

© Маҳмудов Ш. К., 2023с

# П Е Ш Г У Ф Т О Р

Психологияи омӯзгорӣ яке аз соҳаҳои илми психология маҳсуб ёфта, ба таҳқиқи паҳлӯҳои мухталифи фаъолияти педагогӣ машғул мебошад. Бо таваҷҷӯҳ ба ин, ҳамакнун насли наврасро бояд бо донишҳои муҳиму навини психологӣ таъмин намуд, ки чунин масъулият бар дӯши психологияи омӯзгорӣ мебошад.

Ҳадафи асосии фанни мазкур кӯмак ба донишҷӯён дар омӯзиши дастовардҳои илми психологияи муосир, баҳри ташаккули шахсияти омӯзгор, бо истифода аз қонуниятҳои психологии раванди таълиму тарбия мебошад.

**Дар боби аввал** донишҷӯён бо фан, вазифа ва масъалаҳои психологияи омӯзгорӣ шинос мешаванд. Масъалаи алоқамандии таълим ва рушд мавриди баррасӣ қарор мегирад. Инчунин донишҷӯён бо методҳои асосии психологияи омӯзгорӣ низ шиносоӣ пайдо мекунанд.

**Дар боби дуюм** масъалаҳои гуногуни психологияи таълим ҳамаҷониба таҳлил мегарданд. Донишҷӯён бо намуд, шароит ва механизмҳои психологии таълим, усул ва таҷрибаҳои истифодашавандаи давлатҳои хориҷа ва ватанӣ оид ба таълиму тарбия ва инчунин санадҳои ҳуқуқии ба соҳаи маориф пешгирифтаи давлатро меомӯзанд. Таваҷҷӯҳи асосӣ ба омӯзиши хусусиятҳои синнусолӣ, таҷрибаҳои ҳаётӣ, сохти фаъолияти таълим ва назарияҳои муосири психологияи таълим нигаронида шудааст.

**Дар боби сеюм** масъалаҳои психологии тарбия, ташаккули шахсияти хонанда, инкишофи ҷаҳонбинии хонандагон тавассути фаъолияти таълимӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

**Боби чорум** донишҷӯёнро бо моҳияти психологии фаъолияти омӯзгорӣ, масъалаи ташаккули қобилияти омӯзгорӣ, омӯзиши услубҳои фаъолияти омӯзгорӣ ва психологияи муошират омӯзгорӣ ошно месозад.

Бояд зикр кард, ки таълифи китоби мазкур аз кӯшишҳои аввалин дар ҷумҳурӣ ба шумор меравад ва он аз норасоиҳо орӣ нест. Пешниҳод ва тавсияҳои хонандаи азизро бо камоли миннатдорӣ қабул дорем.

# БОБИ I.
# АСОСҲОИ УМУМИИ ПСИХОЛОГИЯИ ОМӮЗГОРӢ

## Мавзӯи 1. Мақсад ва вазифаҳои фанни психологияи омӯзгорӣ

1. **Фанни психологияи омӯзгорӣ**
2. **Алоқаи психологияи омӯзгорӣ бо соҳаҳои дигари психологӣ**
3. **Алоқаи психологияи омӯзгорӣ бо дигар илмҳо**

***Психологияи омӯзгорӣ як соҳаи фанни психологияи умумӣ буда, қонуниятҳои психологии таълиму тарбияро меомӯзад ва барои барқарор намудани муносибати байниҳамдигарии муаллиму хонанда ва хонандаю муаллим пешбинӣ гардидааст.***

**Мавзӯи фанни психологияи омӯзгорӣ -** ин омӯзиши ҷиҳатҳои объекти фан, яъне таълиму тарбия мебошад. Агар объекти фан бе илм вуҷуд дошта тавонад, он гоҳ предмети он бо илм ҳамеша якҷоя мебошанд. Предмет ҳамаи вазифаҳои объектро дар бар гирифта наметавонад. Бояд қайд кард, ки ҳар як объект мавриди омӯзиши якчанд фанҳо шуда метавонад. Масалан, инсон ҳамчун объект омӯзиши якчанд фанҳо мебошад, вале ҳар фан предмети худро дорад.

Тибқи мавқеи илми психология, психологияи омӯзгорӣ қонуниятҳои аз тарафи талабагон фаро гирифтани дониш, дарёфти маҳорату малака ва воситаҳои таъмин намудани сифату самаранокии азхудкунии маводи таълимиро ҷустуҷӯ карда, шароитҳои инкишофи фаъолияти маърифатҷӯии хонандагон, рушду такомули тафаккури мустақил, фаъол ва эҷодии шогирдонро таҳқиқ менамояд.

Муҳаққиқони соҳаи психологияи омӯзгорӣ роҳу воситаҳои идора намудани фаъолияти маърифатии хонандагон, асосҳои психологии самаранокии мазмуну усулҳои мухталифи таълим, тарзу усулҳои мусоидтарини фардикунонӣ ва тафриқакунонии ҷараёни таълиму таҳсилро меомӯзанд. Дар ин бобат таҳқиқи захираҳои инкишофи фаъолияти фикрии талабагон, коркарди меъёрҳои боэътимоди инкишофи фикрӣ ва усулҳои муоинаю ташхиси он аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад.

Омӯхтани қонуниятҳои психологии раванди тарбия ва ташаккули шахсияти хонандагон, ташаккули ахлоқи устувор, шартҳои дар шогирдон тарбия додани ваҷҳҳои муҳими рафтору одоб, коркарди асосҳои психологии ташаккули худидора дар тарбия, самарабахшии усулу воситаҳои таъсироти тарбиявӣ, таъмини меъёру нишондиҳандаҳои боэътимоди сатҳи тарбияёфта будани бачагон аз ҷумлаи мушкилиҳои муҳими психологияи омӯзгорӣ ба шумор меравaнд. Алалхусус, муайян кардани сабабҳои рух додани номавзунӣ дар ташаккули шахсият, пешгирӣ, ислоҳ ва рафъи қафомонӣ дар таҳсил ва рафтору одоби бачагони душвортарбия масъалаҳои ҳалталаби замони ҳозира мебошанд.

***Ниҳоят, психологияи омӯзгорӣ хусусиятҳои психологии фаъолияти омӯзгорӣ - маҳорату малака, қобилият ва маҷмӯи сифатҳои шахс, ки дар назар доштани онҳо муаллимро дар кори таълиму тарбия ба муваффақияту комёбиҳо ноил мегардонанд, баррасӣ менамояд.*** Дар ин бобат тадқиқи масъалаҳои муносибату муошират байни аҳли талабагони синф, байни аҳли омӯзгорони мактаб ва байни омӯзгорону шогирдон дар мадди аввал меистад.

**Вазифаи психологияи омӯзгорӣ-** ин бартараф намудани мушкилиҳое мебошад, ки дар таълиму тарбия мавҷуданд, аз қабили мушкилоти алоқамандии таълим ва инкишоф, масъалаи алоқамандии таълим ва тарбия, муаммоҳои кӯдакони болаёқат ва хусусиятҳои психологии омодагии кӯдакон ба таълим дар мактаб ва ғайраҳо.

Психологияи омӯзгорӣ дар навбати худ ба се қисми мустақил: ***психологияи таълим, психологияи тарбия ва психологияи муаллим*** ҷудо мешавад.

## 2. Алоқаи психологияи омӯзгорӣ бо соҳаҳои дигари психологӣ

Психологияи омӯзгорӣ худ як соҳаи илми психология бошад ҳам, илми мустақил буда, бо психологияи умумӣ, психологияи синну сол, психологияи иҷтимоӣ, психологияи оиладорӣ, психологияи махсус ва ғайраҳо зич алоқаманд аст.

Асоси омӯзиши илмҳои психологиро психологияи умумӣ ташкил медиҳад. Донишҷӯёни имрӯза, ки ба касби омӯзгорӣ шавқу ҳаваси зиёд доранд, пеш аз ҳама бояд психологияи умумиро донанд, зеро надонистани равандҳои маърифатӣ (эҳсос, идрок, хотир, тафаккур, диққат), ҳолатҳои рӯҳӣ (ҳиссиёту ирода), хусусиятҳои психологии шахс (мизоҷ, характер, қобилият ва ғ.), инчунин роҳҳои инкишофи

онҳо имконият намедиҳанд, ки кори таълиму тарбияро самарабахш ба роҳ монанд.

Ҳарчанд психологияи синну сол ва психологияи омӯзгорӣ дар қиёси ҳамдигар соҳаҳои мустақиланд, вале аз нигоҳи ягонагии мақсаду вазифа, ки самарабахш ба роҳ мондани таълиму тарбия ва ташаккули комили шахсияти насли наврасро дар назар дорад, ботинан узви якдигаранд.

Аз ҳам ҷудо фаҳмидани психологияи синнусолӣ ва психологияи омӯзгорӣ имконнопазир аст, зеро ҳар ду соҳаи психология дорои баҳсу таҳқиқи ягонаро доро буда, ба омӯзиши ташаккули шахсияти рушдёбанда нигаронида мешавад. Ғайр аз ин, психологияи синну сол хусусиятҳои психикӣ ва рушди шахсияти кӯдакро дар раванди таълим ва тарбия мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Психологияи омӯзгорӣ бошад, таълим ва тарбияро дар асоси ба инобат гирифтани қонуниятҳои инкишофи рӯҳӣ ва хусусиятҳои равонии тараққиёти шахс вобаста ба давраҳои синнусолӣ муайян месозад.

Тараққиёти ҳозираи ҷумҳурӣ, консепсияи мактаби миллӣ мутобиқи инкишофи маълумоти умумӣ ва касбӣ психологияи синну сол ва омӯзгориро вазифадор менамояд, ки таълиму тарбияи насли наврасро комилан таҷдиди назар кунад. Ҳаллу фасли мушкилотҳои ташаккули шахсияти талабагон, тарбияи эътиқоду ҷаҳонбинӣ, меъёру арзишҳои маънавӣ, таҳқиқу усулу воситаҳои таъсироти тарбиявӣ дар гурӯҳҳои мухталифи расмӣ ва ғайрирасмӣ ва амсоли онҳо барои илми муосири психологияи синну сол ва омӯзгорӣ муҳиманд. Аз ин рӯ, психологияи омӯзгорӣ бо психологияи иҷтимоӣ алоқаи зич дорад. Ғайр аз ин, холо дар давлати "Навини Ӯзбекистон" ба ислоҳоти соҳаи таълиму тарбия эътибори ҷидди дода шуда 23 сентябри соли 2020 "Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи таълим" дар таҳияи нав қабул гардид, ки дар он масъалаи тарбияи вакилони ренессанси 3-ум гузошта шудааст. Омӯзиши психологияи оиладорӣ низ барои омӯзгорон зарур аст, зеро бе ҳамкорӣ бо оила расидан ба ҳадафҳои таълим ғайриимкон аст.

### 3. Алоқаи психологияи омӯзгорӣ бо дигар илмҳо

Психологияи омӯзгорӣ дар қатори дигар соҳаҳои психология: психологияи умумӣ, психологияи синнусолӣ, психологияи иҷтимоӣ, психологияи оила ва ғайраҳо, инчунин бо илмҳои дигар низ алоқамандӣ дорад.

Психологияи омӯзгорӣ бо анатомия ва физиологияи синнусолӣ алоқаи зич дорад. Зеро дар рафти фаъолияти омӯзгорӣ, яъне таълиму тарбияи насли наврас, донистани хусусиятҳои анатомию физиологии инкишофи ҷисмонии кӯдакон басо муҳим мебошад. Бояд қайд кард, ки баъзе рафторҳои номатлуби кӯдакон на танҳо аз ҳолати рӯҳӣ, балки аз инкишофёбии ҷисмонии онҳо низ вобаста мебошад. Масалан, дар синфи ибтидоӣ, яъне дар синфи якум, раванди ба устухон табдилёбии тағоякҳо давом дошта, ба хонандагон аз ҳад зиёд навиштан ва иҷрои супоришҳои душвор мумкин нест, ё худ дар синну соли наврасӣ дар натиҷаи номутаносиб инкишоф ёфтани организм, якчанд ҳолатҳои рӯҳиро, ба монанди: тез асабонӣ шудан, гапи касе маъқул нашудан, худро хуб ҳис накардан ва монанди инҳо дигар ҳолатҳои рӯҳиро мушоҳида намудан мумкин аст. Аз ин мисолҳо маълум мегардад, ки дар ҳақиқат дар раванди таълиму тарбиядиҳии хонандагон ба инобат гирифтани инкишофи ҷисмонии кӯдакон зарур аст ва ин алоқамандии психологияи омӯзгориро бо анатомия ва физиология нишон медиҳад.

Психологияи омӯзгорӣ бо фалсафа низ алоқаи зич дорад. Фалсафа қонуниятҳои умумитарини табиату ҷамъият ва тафаккури инсонро меомӯзад. Вазифаи психологияи омӯзгориро низ таълиму тарбияи насли наврас ташкил медиҳад. Яъне, кӯдаконро ҳамчун шахсияти ҳаматарафа ташаккулёфта тарбия намудан зарур аст. Аз ин маълум мегардад, ки агар инсон қонуниятҳои умумитарини табиату ҷамъиятро надонад, он гоҳ дониши мукаммалро гирифта наметавонад. Бе дониши хуб ташаккули инсон ҳамчун шахс ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, инсон бояд аз қонуниятҳои фалсафӣ, ба монанди: қонуни инкори инкор, мубориза ба ҳам зидҳо ва амсоли инҳо бояд бохабар бошад, то ки аз ин донишҳо дар ҳаёти худ истифода бурда тавонад.

Психологияи омӯзгорӣ бо педагогика робита дорад. Педагогика илм дар бораи таълиму тарбияи инсон ба шумор меравад. Дар баробари ин, надонистани хусусиятҳои синнусолӣ ва психологӣ, аз қабили: маълумот дар бораи инкишофи равандҳои маърифатӣ, ҳолатҳои рӯҳӣ, хусусиятҳои психологии шахс, равияҳои шахс (шавқу ҳавас, майлу хоҳишҳо ва ғайраҳо) ба самарабахшии раванди таълиму тарбия имконият намедиҳанд. Омӯзгор бояд дар раванди таълиму тарбия доир ба ҳаҷми хотиру диққат, инкишофи тафаккур, хусусиятҳои мизоҷу характер, маҳорату малака ва қобилияти хонандагон маълумот гирифта, бо дарназардошти қонуниятҳои психологӣ ва хусусиятҳои инфиродӣ ба онҳо бояд дарс гӯяд.

Психологияи омӯзгорӣ ба илми ҳуқуқ низ такя мекунад. Яке аз мақсадҳои асосии пешгирифтаи давлату халқ ин мусаллаҳ намудани насли наврас бо дониши ҳуқуқӣ ва тарбия намудани ҷавонони бунёдкору адолатхоҳ мебошад. Тадқиқотҳои илмӣ собит намудаанд, ки асоси ҳуқуқро ахлоқ ташкил медиҳад. Пас, ҳамкории ин ду илм ниҳоят муҳим аст. Тарбияи ахлоқӣ бояд тарзе ба роҳ монда шавад, ки он ҷавобгӯ ба қонуну қоидаҳои ҷамъиятӣ бошад. Агар ахлоқи аҳли ҷомеа дар заминаи санадҳои ҳуқуқии қабулгардида зоҳир гардад, он гоҳ сифатҳои ҳамидаи инсониро, аз қабили масъулиятшиносӣ, бовиҷдонӣ, худшиносии миллӣ, ватанпарастӣ, ҳисси ҷавобгарӣ, адои вазифа ва ғайраҳоро дар хонандагон ташаккул додан мумкин аст.

Инчунин, психологияи омӯзгорӣ бо методикаи таълими фанҳо низ алоқаи зич дорад. Дар раванди омӯзиши методикаи таълими фанҳои гуногун усул, восита ва тарзҳои гуногуни таълим, тарзи ташкил кардани дарс, муайян намудани супоришҳои таълимӣ ва ғайраҳо ба омӯзгорони оянда таълим дода мешавад, ки ин ҳама бояд бо дарназардошти донишу талаботҳои психологӣ ба роҳ монда шаванд. Яке аз вазифаҳои асоситарини пешаи омӯзгорӣ низ ба гуфтаҳои боло вобаста аст. Зеро мақсади асосии мактабу маориф тавассути таълиму тарбия омода намудани шахсиятҳои рушдёфтае мебошад, ки ба халқу миллат ва Ватани азизи худ хизмат расонад.

Хулоса, ҷавононе, ки пешаи омӯзгориро интихоб намудаанд, ҳатман бояд аз донишҳои психологию педагогӣ ва методикаи таълими фанни таълимдиҳандаашон бархурдор бошанд. Дар раванди таълиму тарбияи насли наврас ӯҳдадориҳое, ки дар назди омӯзгор гузошта шудаанд, сарбаландона иҷро намуда, сазовори таҳсин гарданд.

## Саволҳо барои худсанҷӣ

1. Предмети омӯзиши психологияи омӯзгориро чӣ ташкил медиҳад?
2. Ба таври мухтасар оид ба инкишофи соҳаи психологияи омӯзгорӣ маълумот диҳед?
3. Вазифаҳои асосии психологияи омӯзгориро номбар намоед?
4. Соҳаҳои асосии психологияи омӯзгорӣ кадомҳоянд?
5. Масъалаҳои асосии психологияи омӯзгориро шарҳ диҳед?
6. Мушкилоти психологии тайёр намудани омӯзгорон ва тарбиядиҳандагони ояндаро дар чӣ мебинед?

## Мавзӯъҳо барои реферат ва кори мустақилона

1. Предмет ва вазифаи психологияи омӯзгорӣ

2. Таърихи пайдоиш ва инкишофи психологияи омӯзгорӣ
3. Масъалаҳои асосии психологияи омӯзгорӣ
4. Масъалаҳои психологии омода намудани кӯдакон ба таълими мактабӣ дар илми ватанӣ ва таҷрибаи ҳаётӣ
5. Алоқамандии психологияи синнусолӣ ва психологияи омӯзгорӣ дар системаи донишҳои психологӣ оид ба кӯдак.

## Адабиёти истифодашуда


1. Ананев Б.Г. Человек как предмет познания.- СПб., 2001
2. Возрастная и педагогическая психология: Хрестоматия: Учеб. пособие для студ. сред. пед. учеб. заведений / Сост. И.В. Дубровина, А.М. Прихожан, В.В. Зацепин.- М., 1999
3. Давлетшин М.Г., Мавлонов М.М., Тўйчиева С.М. Ёш ва педагогик психология. – Т.: ТДПУ, 2009
4. Иванов И., Зуфарова М. Умумий психология. – Т.: Ўз.ФМЖ., 2008
5. Немов Р.С. Психология: Учеб. пособие для студентов высш. пед. учеб. заведений: В 3 кн. Кн. 2. Психология образования. 2-е изд.- М., 2003
6. Радугина А.А. Педагогика и психология. – М.: 2007
7. Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии. - Спб: Питер, 2007
8. Климов Е.А. Общая психология. – Спб., Питер, 2001
9. Талызина Н.Ф. Педагогическая психология: Учеб. пособие для студ. сред. спец. учеб. заведений.- М., 1998
10. Фельдштейн Д.И. Проблемы возрастной и педагогической психологии: Избр. психол. тр.- М., 1995
11. Ғозиев Э.Ғ. Онтогенез психологияси. – Т.: Ношир, 2010

# Мавзӯи 2. Таърихи инкишофи психологияи омӯзгорӣ ва саҳми мутафаккирони ватани дар рушди он

1. **Марҳилаҳои инкишофи психологияи омӯзгорӣ**
2. **Ташаккули психологияи омӯзгорӣ ҳамчун фанни мустақил**
3. **Саҳми мутафаккирони Осиёи Миёна дар инкишофи қисматҳои алоҳидаи психологияи омӯзгорӣ**
4. **Саҳми олимони шӯравӣ ва ӯзбек дар тараққиёти илми психологияи омӯзгорӣ**

Барои инкишоф ва мустақилшавии ҳар як фан манбаъҳо ва сарчашмаҳои илмӣ заруранд. Дар инкишофи соҳаи психологияи омӯзгорӣ низ ҳамин гуна асосҳо мувофиқи андешаи баъзе муҳақиқон, бори аввал дар ғарб ба вуҷуд омада буданд. Оид ба инкишофи марҳиланоки психологияи омӯзгорӣ психолог Зимняя И.А. чунин ақида дорад:

**Марҳилаи якум** – аз миёнаи асри XVII то охири асри XIX – ро дар бар мегирад, ки педагог И.Г. Песталотси онро давраи **«психологикунонии педагогика»** номидааст.

**Марҳилаи дуюм** – аз охири асри XIX то солҳои 50 –уми асри XX – ро фарогир аст, ки ин ба давраи мустақилшавии психологияи омӯзгорӣ ҳамчун фан рост меояд.

**Марҳилаи сеюм** – аз миёнаҳои асри XX сар карда, то давраи ҳозира давом меёбад, ки дар тӯли он якчанд назарияҳои таълиму тарбия коркард шудаанд.

Аксарияти педагогони маъруфи Аврупо ақидаи вобаста ба қонуниятҳои табиат таълиму тарбия додани бачаро пеш бурдаанд. Ба ин гурӯҳ Я.А. Коменский, Ж.Ж.Руссо, И.Г.Песталотси, А. Дистервег ва дигарон дохил мешаванд. Масалан, **педагоги бузурги чех Я.А. Коменский (1592-1670)** ҳамчун асосгузори илми педагогика дар асарҳои безаволи худ, аз қабили: «Дидактикаи бузург» (1632) барои тарбияи кӯдакон бори аввал асари «Мактаби модарон», инчунин китобҳои таълимии «Дарҳои кушоди забонҳо», «Физика», «Астрономия» оид ба нозукиҳои таълиму тарбиядиҳии насли наврас маълумотҳои аниқу муфидро пешниҳод менамояд. Махсусан дар асари «Олами ҳиссӣ дар расмҳо» кӯшиши амалигардонии ақидаҳои худи Я.А.Коменский намоён аст: кӯдакон дар раванди таълими мактабӣ бояд чунин маълумотҳои воқеӣ ва дақиқу энсиклопедиро аз худ намоянд, ки ба дараҷаи инкишоф ва фаҳмиши онҳо мувофиқ бошад.

Коменский Я.А. аввалин касе буд, ки принсипи аёниятро ба таври назариявӣ асоснок намуд. Ӯ истифодаи аёниятро дар раванди таълим на фақат ҳамчун воситаи тамошо, балки ҳамчун воситаи барои беҳтар ва равшан дарк кардани ашёю ҳодисаҳо ҷалб намудани тамоми узвҳои ҳиссӣ васеъ мефаҳмид. «Ҳар он чизе, ки имкон дорад, барои дарки эҳсосот пешниҳод карда шавад: чизҳои дидашаванда ба воситаи узви биноӣ, чизҳои шунавидашаванда ба воситаи узви шунавоӣ, бӯй ба воситаи шома, таъм ба воситаи чашидан, қобили ламс буда, ба воситаи даст карда фаҳмидан идрок карда шавад. Агар ягон ашёро бо чанд ҳиссиёт эҳсос кардан мумкин бошад, бигзор барои идрок намудани он якбора чанд узви ҳиссӣ ба кор андохта шаванд»[1]. Аз ақидаҳои Каменский Я.А. пай бурдан мумкин аст, ки ӯ аз донишҳои психологӣ хеле хуб бохабар буда, дар таълиму тарбияи насли наврас назарияҳои гаронбаҳое боқӣ гузоштааст, ки то ҳол аҳамияти амалии худро гум накардаанд.

**Маорифпарвари барҷастаи франсавӣ Ж.Ж.Руссо (1712-1778)** ақидаи дар «оғӯши табиат» тарбия кардани кӯдакро таъкид намудааст. Ӯ тавсия медиҳад, ки тарбия бояд озод бошад, то ки бачагон бо таври табиӣ инкишоф ёбанд. Масалан, ӯ чунин ақида дорад, ки агар кӯдак шишаи тирезаи хонаи худро шиканад, шишаи нав нашинонед, «шамол хӯрданаш назар ба бефаҳм калон шуданаш беҳтар аст». Агар кӯдак шишаи тирезаро шикастан гирад, фармоед, ки ӯро дар хонаи торик маҳкам карда монанд. Руссо дар хонаи торик маҳкам кардани кӯдакро ҷазо ҳисоб намекунад, балки «оқибати табиӣ»-и рафтори бача мешуморад.

Ж.Ж.Руссо мушкилоти тарбияи кӯдаконро таҳлил намуда, ҳаёти кӯдакиро ба чор давра ҷудо менамояд. Давраи аввал – аз таваллуд то 2 –солагӣ буда, дар он диққати асосӣ бояд ба тарбияи ҷисмонӣ дода шавад; давраи дуюм – аз 2- солагӣ то 12- солагӣ мебошад, ки бояд ба тарбияи ҳиссӣ эътибор дод; давраи сеюм – аз 12 то 15- солагӣ- ба тарбияи ақлонӣ ва давраи чорум - аз 15 то 18- солагӣ- ба тарбияи маънавӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуд, ки ақидаҳои ӯ дар асараш «Эмил, ё дар бораи тарбия» акси худро ёфтаанд.

**Принсипи ҳамранги табиат будани тарбияро педагоги барҷастаи немис А. Дистервег (1790-1866)** чунин мефаҳмид, ки тарбия бояд аз паи инкишофи табиӣ равад ва дар рафти он бояд хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии бачагонро ба инобат гирифт. Ӯ дар

---

[1] Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии. - Спб: Питер, 2007

осори худ ба психология баҳои баланд дода, онро асоси илм оид ба тарбия ҳисобида, зарурати омӯхтан ва донистани хусусиятҳои психологии бачагонро таъкид менамояд. Дистервег ба психология такя карда, дар раванди таълим истифодаи усулҳоеро зарур мешуморад, ки барои бошуурона ва мустақилона азхудкунии дониш, инкишофи фаъолию ташаббускории бачагон ва фаъолияти фикрии онҳо мусоидат намоянд.

Ба фикри Дистервег, яке аз талабҳои асосие, ки воқеияти мавҷуда дар назди тарбия пеш мегузорад, бояд дар кӯдакон инкишоф додани мустақилӣ бошад. Аммо ин кор дар наврасон фақат дар сурате аҳамияти мусбат касб менамояд, ки агар вай барои ноил шудан ба мақсадҳои муайян, ки ҷиҳати объективии тарбияро ташкил медиҳад, равона карда шавад. Инчунин таъкид менамояд, ки таълими бомуваффақият ҳамеша характери тарбиякунандагӣ дорад. Ин гуна таълим на танҳо қувваҳои фикрии хонандаро инкишоф медиҳад, балки тамоми шахсияти вай: ирода, ҳиссиёт ва хулқу атвори ӯро низ рушд мебахшад.

**Педагоги машҳури Швейтсарӣ И. Г. Песталотси (1746-1827)** ақидаҳои Ж.Ж. Руссоро тарафдорӣ намуда, дар инкишофи кӯдак тарбияи маънавӣ, ақлӣ ва ҷисмониро муҳим мешуморад ва ба омодагии меҳнати эҷодӣ иштироки фаъоли кӯдакро зарур медонад. Инчунин ишора менамояд, ки барои тарбияи кӯдак пеш аз ҳама донистани олами рӯҳии онҳо муҳим аст. Педагог кӯшиш менамуд, ки ақидаҳои худро дар фаъолияти кории хеш татбиқ намояд ва ба ин хотир мактабро барои кӯдакони камбизоат ташкил намуд.

Песталотси И.Г. тасдиқ менамуд, ки тамоми одамон бояд дорои ҳуқуқи тарбияёбӣ ва маълумотгирӣ бошанд ва ӯ таълимгириро муҳимтарин фишангҳои аз нав дигаргунсозии иҷтимоии ҷамъият медонист. Ба ақидаи ӯ, муаммоҳои ҳалталаби иҷтимоӣ, ислоҳотҳои асосии ҷамъиятӣ фақат дар сурате ҳал карда мешаванд, ки агар дар ҳар як одам тамоми қувваҳои ҳақиқии инсонии он бедор ва мустаҳкам кунонида шаванд. Ба ин мақсад, танҳо туфайли тарбия ноил гардидан мумкин аст.

Як қатор мутафаккирони дигар (Локк, Гелветсий, Дидро, Гербарт) ба нақши омилҳои иҷтимоӣ дар ташаккули шахсияти инсон баҳои баланд додаанд.

Хулоса, олимони соҳа то оғози асри Х1Х доир ба масъалаҳои мухталифи психологияи омӯзгорӣ афкори пурқиматеро боқӣ

гузоштанд, ки ба эътибор гирифтани онҳо дар ташаккули шахсияти хонандагон аҳамияти амалиро соҳибанд.

## 2. Ташаккули психологияи омӯзгорӣ ҳамчун фанни мустақил

Дар нимаи дуюми асри XIX зери таъсири тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷамъият дар афкори психологии мутаффакирон дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омадаанд, ки ин боиси ҳамчун илми мустақил ташаккул ёфтани психологияи омӯзгорӣ гашт. Мустақилшавии психологияи омӯзгорӣ бо як қатор кашфиётҳо ва ба даст овардани факту маълумотҳои нав тавассути озмоишҳои илмӣ алоқаманд мебошад. Барои мустақилшавии психологияи омӯзгорӣ ҳамчун фан тадқиқотҳои гузаронидаи олимон Гелмголтс, В. Вундт, Веберу Фехнер, Ж. Ламарк, Ч.Дарвин, И.М. Сеченов, К.Д.Ушинский ва дигарон аҳамияти ба худ хосро доранд.

Принсипи инкишоф дар ин давра барои аксарияти илмҳо ҳамчун принсипи асосии тадқиқот гашта буд. Олимон бо мақсади равшан намудани масъалаҳои гуногуни илм ба омӯхтани масъалаҳои бо инкишофи бача алоқаманд муроҷиат мекарданд. Ғояи таҳаввул дар инкишоф омӯхтани ҳодисаҳои рӯҳиро зарур медонист. Аз тарафи дигар, он қонуниятҳоеро, ки психологияи умумӣ ба даст оварда буд, барои шарҳу маънидоди рафтору одоби бачагон, фаҳмидани хусусиятҳои рӯҳӣ ва инкишофи онҳо ҳам кифоя набуд.

Барои пешрафти кори таълиму тарбия инкишофи ҷомеа ва истеҳсолот дараҷаи баланди маълумотнокӣ зарур буд. Мутахассисони соҳаи тиб, педиатрия, педагогика ва кормандони муассисаҳои бачагона ба донистани хусусиятҳои психикӣ, синнусолӣ ва инфиродии бачагон, қонуниятҳои ҳосилшавии дониш, маҳорату малака эҳтиёҷи зиёд доштанд. Ҳамаи ин барои ба вуҷуд омадану густариши психологияи омӯзгорӣ сабабу натиҷа гаштанд.

Дар солҳои шастуми асри XIX физиологи бузурги рус И.М. Сеченов (1829-1905) муайян менамояд, ки ҳамаи амалу ҳаракат ва омӯхтани малакаҳои кори таълимӣ аз рӯи пайдоиши худ ба силсилаи рефлексҳои шартӣ ва «стереотипҳо» алоқаманд аст.

Педагог ва психологи бузурги рус К.Д.Ушинский (1824-1871) дар пойдоршавии психологияи омӯзгорӣ мавқеи намоёнро ишғол менамояд. К.Д. Ушинский аллакай дар мақолаҳои аввалини худ таъкид менамояд, ки коркарди масъалаҳои тарбияи оилавӣ ва мактабӣ дар алоқамандии

назарияҳои педагогӣ бо амалӣ ва дар асоси санъати тарбия, ки хусусиятҳои таърихии миллиро доранд, бояд ба роҳ монда шавад.

К.Д. Ушинский хусусиятҳои инкишофи диққати кӯдакон, хотир, идрок, ҳолатҳои ҳиссию эмотсионалӣ, ирода, омилҳои инкишофи хислатро омӯхтааст. Ӯ дар раванди таълим ва бахотиргирии маводи таълимӣ оқилона истифода бурдани ду намуди диққат (ихтиёрӣ ва беихтиёр)-ро тавсия медиҳад.

К.Д. Ушинский дар раванди таълими кӯдакони синни хурди мактабӣ нақши муҳим доштани аёниятҳоро дар идроки маводи таълимӣ таъкид намудааст.

Ӯ бар зидди ҷазои ҷисмонӣ додани кӯдакон ва дар раванди дарс паст задани шахсияти онҳо дар байни ҳамсолонашон буд. Барои беҳтар ба роҳ мондани кори таълиму тарбия ташкили мусобиқаҳои гуногун ва баҳодиҳиро дар ҷойи аввал гузоштааст.

Олим таълиму тарбияро аз ҳам ҷудо накарда, таълимро муҳимтарин воситаи тарбия меҳисобид. Дар таълиму тарбияи бача фаъолияти муташаккилро шарти муҳим додниста, усулу воситаҳои инкишофи фаъолиятмандии бачаро нишон медиҳад.

Афкори психологию педагогии К.Д.Ушинский дар китобҳои дарсӣ («Каломи модарӣ», «Олами кӯдакон»), ки аз тарафи ӯ таълиф шудаанд, инъикоси худро пайдо намудааст. Андешаҳои психологии ӯ дорои аҳамияти калони илмӣ ва амалӣ буда, то ҳол моҳияти худро гум накардаанд.

Дар ибтидои асри XX назди донишгоҳу мактабҳо як қатор ***лабораторияҳо*** ба вуҷуд омаданд. Дар Германия бо ташаббуси Э. Мейман (1862-1915) лаборатория таъсис дода шуд, ки дар ҳалли масъалаҳои таълимию тарбиявӣ дар мактаб кӯмак мерасонид. Ӯ соли 1907 китоби бо ном «Лексияҳо аз педагогикаи таҷрибавӣ»-ро аз нашр баровард. Дар Англия бошад, олими намоёни соҳаи психологияи бачагона Ч. Селли хусусиятҳои типологии мактабиёнро тавассути озмоиш муайян карда, «Очеркҳои психологияи бача» (1898) ном асари худро нашр менамояд.

Дар аввалҳои асри XX психологи австриёӣ Зигмунд Фрейд (1856-1939) консепсияи умумии инкишофи психикиро кор карда баромад. Ӯ чунин ақида дорад, ки қувваи пешбарандаи инкишофи психикии бачаро хусусиятҳои биологӣ ва инстинктивӣ ташкил намуда, муҳити иҷтимоӣ дар он қувваи пешбаранда ба ҳисоб намеравад.

Ҳамин тариқ, барои ташаккули психологияи омӯзгорӣ заминаҳои назариявӣ ва амалӣ пайдо шуданд.

## 3. Саҳми мутафаккирони Осиёи Миёна дар инкишофи қисматҳои алоҳидаи психологияи омӯзгорӣ

Оид ба қисматҳои алоҳидаи психологияи омӯзгорӣ ва масъалаҳои баҳсталаби он дар гузашта бисёре аз мутафаккирони гузаштагонамон, ба монанди Абуабдуллои Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абу Райҳон Берунӣ, Носири Хисрав, Унсурулмаолии Кайковус, Фаридуддини Аттор, Саъдӣ Шерозӣ ва дигарон асарҳои гаронбаҳое эҷод намуданд, ки дар онҳо мавзӯъҳои одаму одамгарӣ, таълиму тарбия, одобу ахлоқ, омӯхтани илму маърифат ва монанди инҳо таҷассум ёфтаанд. Ғайр аз ин бояд қайд намуд, ки ӯзбекон ва тоҷикон халқияти таърихан қадима буда, аз асарҳои мутафаккирони классикии он фарҳанги бойю ғанӣ доштанашон шаҳодат медиҳад.

**Абӯабдуллои Рӯдакӣ (858-941)** - сардафтари адабиёти классикии тоҷику форс мебошад. Асарҳои устод то ба ҳол аз назари психологӣ пурра таҳлил нагардида бошанд ҳам, вале дар достонҳо, қасида ва ғазалҳояш оид ба таълиму тарбия, рушди камоли инсонӣ, давраҳои синнусолӣ, аҳамияти таҷрибаҳои ҳаётӣ, ақлу хирад ва монанди инҳо инъикос ёфтаанд. Инчунин дар ҳаёт мавқеи ба худ хос доштани донишро ба таври зайл оварда аст:

***Дониш андар дил чароғи равшан аст,***
***В – аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.***

А. Рӯдакӣ доир ба ташаккули шахсияти инсон, хусусиятҳои психикӣ ва тарбияи дурусти онҳо низ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир мекунад. Шароитҳои ҳаёти одамон ва тарбия- омилҳои асосии ташаккули шахсияти инсонанд. Ӯ фарқиятҳои модарзодии одамонро инкор карда, дар баробари ин қайд менамояд, ки ин фарқиятҳо ҳоло хусусиятҳои психикии инсонро пешакӣ муайян намекунанд. Ба қавли А. Рӯдакӣ, ҳамаи одамон табиатан нотавону заифанд ва туфайли «таҷрибаи рӯзгор» обутоб меёбанд, оқилу доно мешаванд ва хубро аз бад фарқ мекардагӣ мешаванд. Пас, омили ташаккули шахсияти инсон – ин ҳаёту фаъолият аст. Ӯ тарбияи чунин хислатҳоро дар шахсияти инсон талқин менамояд: фаъолӣ, ростқавлӣ, хоксорӣ, эҳтироми инсон, кордонӣ, накӯкорӣ, мардонагӣ ва ғайраҳо[1].

**Абуалӣ ибни Сино (980-1037)** – духтур, файласуф, ҳуқуқшинос, ва психологи машҳури асри Х ва Х1 мебошад. То ҳол эшонро дар тамоми мамолики дунё ҳамчун духтур бо номи Автсена мешиносанд. Ибни Сино яке аз асосгузорони психологияи физиологӣ дониста

[1] Психология. Зери таҳрири Давлатов М.-Душанбе: «Собириён», 2010- 336 саҳ.

шудааст. Зеро ӯ ҳамчун духтур аз зуҳурот ва хусусиятҳои инкишофи рӯҳӣ бархурдор буд, ки дар асарҳояш «ал- Қонун», «Урҷуза фит - тиб», «Донишнома» оварда шудаанд. Ҳаким Ибни Сино ғайр аз ин оид ба тарбияи ахлоқӣ, тарбияи покии нафс, зебогии ботинию зоҳирӣ, омӯзонидани касбу ҳунар, ташаккули хислатҳои фардии шахс низ дар асарҳояш ақидаҳои ҷолибе овардааст, ки истифодаи онҳо то ҳол аҳамияти амалиро гум накардаанд.

**Абу Райҳон Берунӣ (973-1048)-** олими шинохтаи асри X ва XI мебошад. Ӯ асарҳои зиёде оид ба одобу ахлоқи ҳамидаи инсонӣ таълиф намудааст. Ӯ дар асарҳояш "Минерология", "Геодезия", "Ҳиндистон", "Мероси авлодҳои гузашта" ва монанди инҳо оид ба ташаккули шахсият, рушди ақлу идрок, ҳаловат ва лаззат, сабру тоқат ва камтарӣ, дид ва зебогӣ ва амсоли инҳо ҳамчун донишманди рӯҳияти инсонӣ таъриф додааст.

**Носири Хисрав (1004-1088) –** шоир ва олими шинохтаи асри XI мебошад. Ӯ дар асарҳояш «Сафарнома», «Рӯшноинома», «Саодатнома» ва амсоли инҳо оид ба таълиму тарбия, қадру қимати инсонӣ, тарбияи меҳнатӣ, илму дониш ва ғайраҳо сухан меронад, ки дар ташаккули шахсияти инсон нақши босазое доранд. Эшон аз таҷрибаҳои ҳаётии хеш, ки аксаран дар сафарҳо гузаштаанд, маълумоти дақиқу таҳлилгардидаро гирд оварда, дар асарҳои худ ба таври муфассал ҷой додаст, ки метавон дар ташаккули насли наврас онҳоро истифода бурд.

**Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ (1184-1291)** – шоир ва олими намоёни форсу тоҷик буда, тамоми сифатҳои неку бади инсониро бештар дар асарҳояш «Бӯстон» ва «Гулистон» дар нақши ҳайвонҳо тасвир намудааст. Яке аз масъалаҳои муҳимтарини психологияи омӯзгорӣ муайян намудани таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва биологӣ ба ташаккули шахсияти инсон мебошад, ки оид ба он Саъдӣ афзалияти таълиму тарбияро нишон додааст.

Ҳикоятҳое, ки дар асарҳои эшон омадааст, то ҳол дар тарбияи насли наврас нақши баланд доранд, ки ин аз хабардории ӯ аз нозукиҳои касби омӯзгорӣ гувоҳӣ медиҳанд.

**Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492)** шоир, олим ва мутафаккири барҷастаи асри XV мебошад. Ӯ дар асарҳояш «Баҳористон» ва «Ҳафт авранг» оид ба таълиму тарбия ва инкишофи ҳамаҷонибаи шахс, омӯзиши касбу ҳунар, одоби муошират ва монанди инҳо маълумот медиҳад. Инчунин дар тарбия мақоми баланд доштани илму донишро таъкид менамояд. Олими бузург дар азхудкунии дониш

ва омӯзиши касбу ҳунар давраи ҷавониро аз ҳама мусоиду мувофиқ мешуморад:

**Дар ҷавонӣ саъй кун гар бехалал хоҳӣ амал,**
**Мева бенуқсон бувад, чун аз дарахти навбар аст.**

**Аҳмади Дониш (1827- 1897)** аз мутафаккирони барҷаста буда, нависанда ва маорифпарвари асри XIX ба шумор меравад. Ӯ дар асари безаволи худ «Наводир-ул-вақоеъ» оид ба масъалаҳои муҳими психологияи таълиму тарбия (дӯстию рафоқат, одоби муошират, одоби оиладорӣ, ҳурмати волидайн, хислатҳои фардӣ) маълумот дода, роҳу усулҳои ташаккули шахсро мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст. Аксаран дар асарҳояш оид ба интихоби касб ва роҳу усулҳои кордонӣ сухан меронад. Инчунин ҳамчун сафир чандин маротиба ба давлатҳои хориҷ сафар кардани ӯ шаҳодат аз бохабарии ӯ аз соҳаи психологияи идоракунӣ мебошад.

## 4. Саҳми олимони шӯравӣ ва ӯзбек дар тараққиёти илми психологияи омӯзгорӣ

Баъди ғалабаи Инқилоби Октябр дар асоси методологияи нав, фалсафаи материализми диалектикӣ таҷдиди назари илми психология шурӯъ мешавад. Олимони шӯравӣ, педагог ва психологон барои пойдоршавии психологияи марксистӣ мубориза мебаранд.

Дар ибтидо баъзе олимон бе муносибати танқидии кифоя назарияҳои хориҷиро, ба монанди бихевиоризм, гешталтпсихология ва фрейдизмро қабул карда, онҳоро дар заминаи фалсафаи марксистӣ шарҳ медоданд. Дигарон бошанд, амалӣ гаштани психологияи марксистиро дар рефлексология (В.М. Бехтерев) ё реактология (К.Н.Корнилов) медиданд. Дар чунин заминаи норавшану мураккаб дар фаҳмиши сарчашмаҳои инкишофи рӯҳӣ дар психология ду ҷараён ё равия ба вуҷуд омад: биологизаторӣ ва сотсиологизаторӣ.

Аз охири асри XX сар карда, дар омӯхтани проблемаҳои назариявии инкишофи рӯҳии бача муносибати биологизаторӣ афзалият дошт. Намояндагони ҷараёни биологизаторӣ (С.Холл, А.Хдзелл, К.Бюлер, Э.Клапаред, Э.Торндайк, З.Фрейд ва дигарон) инкишофи рӯҳиро ба қонуниятҳои биогенетикӣ вобаста карда, асоси онро дар омилҳои табиию модарзодӣ ва ирсият медиданд. Мувофиқи фаҳмиши онҳо, инкишоф ҷараёни пухтарасии табиии сифатҳои рӯҳии пешакӣ додашуда буда, аз тарбия вобаста нест. Тарбия ҳамчун омили берунӣ қобил аст, ки танҳо зуҳуроту ошкоршавии ин сифатҳоро ба таъхир

андозад ё суръат бахшад. Дар ин ҷараён хусусиятҳои ба худ хоси инкишофи кӯдак ҳамчун мавҷудоти иҷтимоӣ, ки дар ҷамъият камол ёфта, тарбия меёбанд, рад карда мешуд.

Ҷараёни биологизаторӣ ба қонуни биогенетикӣ, ки аз тарафи табиатшинос **Э. Геккел** (1834-1919) асоснок карда шудааст, такя мекард. Мувофиқи ақидаи ӯ, давраи онтогенез ин такрори кӯтоҳу мухтасари филогенез аст. Ин ҷараён дар ибтидои асри XX бо шаклҳои гуногуни худ ба психологияи атфол ва омӯзгорӣ дохил шуда, ҳамчун назарияи ҳукмрон баромад мекунад.

**Дар инкишофи илми психологияи омӯзгорӣ саҳми олимони ӯзбек низ басо назаррас аст.** Дар ҷумҳуриамон аввалин марказҳои педагогию психологӣ соли 1918 дар Тошкент ва баъдтар дар Чимкент ташкил карда шуданд. Осорхонаи педагогӣ ва лабораторияи педагогӣ муассисаи таълимии универсалӣ буда, тамоми вазифаҳои марбут ба таълиму тарбияро дар бар мегирифтанд. Ба шарофати ин, усулҳои таълиму тарбия кор карда баромада, дар ин ҷо санҷида, ба дигар муассисаҳои таълимии ҷумҳуриамон паҳн карда мешуданд. Чунин ташкили кор имконият дод, ки тадқиқоти илмӣ гузаронда шаванд.

Яке аз муассисаҳо «Институти давлатии тадқиқоти илмии Ӯзбекистон», ҳозира Институти тадқиқоти илмии илмҳои педагогии ба номи Қорӣ Ниёзӣ соли 1929 таъсис ёфта буд. Ин институт то ҳол ягона марказест, ки консепсияҳои педагогии таълиму тарбия, назарияи тарбия дар мактабҳо ва муассисаҳои томактабиро тадқиқ менамояд. Дар ибтидои солҳои 30-юм дар институт соҳаҳои зерин мавҷуд буданд:

1. Гигиенаи иҷтимоӣ;
2. Иқтисод;
3. Педалого педагогӣ;
4. Лабораторияи психологӣ.

Ин институт аз рӯзи ташкил ёфтанаш ба тадқиқи чуқури хислатҳои мардуми деҳот ва муҳити иҷтимоӣ, ташкили дарсҳо бо назардошти хусусиятҳои психологӣ ва иҷтимоию мадании кӯдакон машғул буд. Самтҳои асосии фаъолияти институт инҳо буданд:

1. Ташкили экспедитсияҳои илмӣ;
2. Омӯзиши характери кӯдакон;
3. Тайёр кардани кадрҳои педагогӣ.

Фаъолияти ин институт бо номи Бендриков, Заварова, Юсупов, Токанаев, Дебензов, Миршарипов, Муҳиддинов барин олимон зич алоқаманд аст. Дар ин институт солҳои 30-юм Александр Романович Лурия, яке аз олимоне, ки ба психологияи ҷаҳонӣ ҳиссаи калон

гузоштааст, кор мекард. Дар асоси тадқиқотҳои дар институт гузарондашуда баъдтар асари «Дар бораи инкишофи таърихи равандҳои маърифатӣ»-ро ба табъ расонд.

**П.Иванов** аз ҷумлаи олимонест, ки дар ташаккули илми психология дар Ўзбекистон ҳиссаи калон гузоштааст. Ў соли 1927 дар назди Институти педагогии Самарқанд лабораторияи психологияи тачрибавиро ташкил кард. Дар соли 1940 ў аввалин китоби дарсиро оид ба психология барои студентони институтҳои педагогӣ аз чоп баровард. Соли 1934, ба муносибати ба университети давлатии Ўзбекистон табдил додани Институти педагогии Самарқанд П. Иванов бо лабораторияи худ ба Институти давлатии педагогии Тошкент ба номи Низомӣ кўчида омад. Аз сабаби набудани нерўи илмию педагогӣ дар муассисаҳои таълимии педагогика аввалин дарсҳои равоншиносӣ бо ёрии тарҷумонҳо гузаронида мешуданд ва баъдан худи ҳамин тарҷумонҳо ба забони ўзбекӣ аз фанни психология лекция мехонданд.

**Алиаскар Усмонов, Тахирихон Аскархочаев, Ш. Байбурова** ва дигарон муаллимони психология буданд. Иванов (1891-1968) дар соҳаи психология зиёда аз 75 асари илмӣ чоп кардааст. Очеркҳои мухтасари ў дар мавзўи «Педагогикаи умумӣ», ки соли 1927 ба табъ расидаанд, усулҳои умумии таълими «илми мактабӣ», «Психологияи умумӣ», солҳои 40—54 «Асосҳои психологии тарбия», солҳои 62-йум ба инкишофи илми педагоги ёрии калон расонданд. Ш.А. Байбурова, Усмонов ва дигарон бевосита таҳти роҳбарии ў кор мекарданд. Соли 1959 бо роҳбарии ӯ М.Г.Давлетшин, Бекбоев, Музаффаров рисолаи номзадии худро дифоъ карданд.

Соли 1963 мудири кафедраи мантиқ ва психологияи факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Тошканд Краснобоев Илья Берович (1896-1963), аввалин бор дар соҳаи психология дар мавзӯи «Ташаккули эътиқод ва мафҳумҳои ахлоқӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ» рисолаи докторӣ дифоъ кардааст. Фаъолияти илмии Краснобоев бо тадқиқоти солҳои 20-ум дар Ўзбекистон алоқаманд аст. Таҳти роҳбарии ў аъзоёни кафедраи мантиқ ва психология: З.Мўминова, В.Я. Марос, А. Абдусатторов, В.И.Софер, А. Гулямов, Р.В. Гулямовҳо дар муассисаҳои гуногун оид ба психология ва мантиқ тадқиқоти илмӣ гузарониданд. Ин тадқиқот ба ҳалли масъалаҳои маорифи халқи Ўзбекистон ёри расонд.

**М.Воҳидов** (1927-1989) соли 1955 дар Ленинград кори номзадии худро дифоъ кардааст. Ў аввал дар Институти педагогии Андиҷон, баъд дар Институти тадқиқоти илмии педагогии ба номи Қори Ниёзӣ кор

кардааст. Соли 1966 мудири кафедраи психологияи Университети давлатии Тошкент интихоб шуд. М.Воҳидов барои муассисаҳои таълимии томактабӣ ва донишкадаҳои омӯзгорӣ китобҳои дарсӣ таълиф намуда, солҳои охир китоби дарсии «Психологияи умумӣ» бо таҳрири М.Воҳидов ва А.Петровский тарҷума шудааст. Ҳамзамон аз ҷониби ӯ китоби дарсӣ ба забони ӯзбекӣ бо назардошти хусусиятҳои миллӣ ва минтақавӣ ба табъ расидааст.

**Давлетшин Мухаммад Габдулгалимович** соли таваллудаш 1923. Мудири кафедраи психологияи Университети давлатии Тошкент, доктори илми психология, соли 1957 дар мавзӯи «Ташаккули шавқу ҳаваси техникии хонандагони синфҳои 5 ва 7» кори номзодӣ ва соли 1971 дар мавзӯи «Психологияи қобилиятҳои техникии хонандагон кори докторӣ худро ҳимоя кард. Таҳти роҳбарии М.Г.Давлетшин бо маслиҳати бевоситаи ӯ дар Ӯзбекистон зиёда аз 100 рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ ҳимоя карда шуданд.

Дар бораи проблемаҳои гуногуни психологияи умумӣ, психологияи синну сол ва омӯзгорӣ, психологияи иҷтимоӣ дар Ӯзбекистон Ф.С. Исмоилова, Д.З. Зайнобиддинов, Мажидов, И.Маҳмудов, Л.К. Саитов, М.И. Мусаева, В.Г. Горобец, Д.Д. Шарипов, Р.К. Шоҳназаров, Ж.У. Мавлонов, В.Мажитова, М.И.Сагатов, Д. Эгамбердиева, Г. Абдусаматов, К. Собиров, А. Синдаров ва дигар олимон тадқиқоти илмӣ гузаронданд.

Ғайр аз ин, дар мавзӯъҳои гуногун 25 корҳои номзодӣ ҳимоя гардид. Аз ҷумла 7 кори илмӣ оид ба психологияи нутқ: (П.П.Замин, Н.Н.Нигматов, А.И.Арҷонова, Х.Очилова ва ғ.), 4 кори илмӣ оид ба психологияи хотира: (П.И.Иванов, М.В.Воҳидов, Х.М.Ғафурова, В.П. Иванова); оид ба диққат М.Х. Раҳмонова; 14 кор оид ба таълиму тарбия (Ғозиев, Қодиров, Расулов, Усмонова, Краснобоев, Токарева ва дигарон);

Айни замон дар Ӯзбекистон шохаҳои психология ривоҷ ёфта, ба он диққати калон дода мешавад. Ҳамаи олимоне, ки имрӯз ба камол расидаанд, саъю кӯшиш доранд, ки дар Ӯзбекистон низ илми психологияба мисли мамлакатҳои хориҷӣ ба дараҷае рушд ёбанд ва ба он саҳми калон гузоранд. Ҳамчунин одамонро дар асоси психологияи миллӣ, яъне дар рӯҳи миллӣ тарбия намуда, дар шуури онҳо психологияи навинро ворид намудан аст.

Вазъи равоншиносии Ӯзбекистон дар муқоиса бо пештара хеле рушд намудааст. Зеро муассисаҳои таълимии ин фан, курсу марказҳои тайёрӣ кушода, ба шуури одамон роҳ ёфта истодаанд. Б.Қодиров,

Ғ.Шоумаров, В.Каримова, М.Воҳидов, М.Давлетшин, Э.Ғозиев ва дигар олимон дар рушди психологияи Ӯзбекистон саҳми калон гузоштаанд. Ҳоло илми психология низ соҳаҳои худро инкишоф дода истодааст. Хулоса, инкишофи психология ба зиндагии одамон, яъне ба тарзи зиндагонии онҳо таъсир мерасонад.

Ғайр аз ин олимоне, ки бевосита дар кафедраҳои психологияи донишгоҳҳои ҷумҳурӣ ҳоло кору фаъолият менамоянд, дар рушди психологияи омӯзгорӣ андешаҳои манфиатбахшро гуфтаанд, аз ҷумла Ғозиев Э., Қодиров Б., Халилова Н., Шарофуддинова Х., ва дигарон.

## Саволҳо барои худсанҷӣ

1. Психологияи омӯзгорӣ ҳамчун фан кай пайдо шуд?
2. Давраҳои инкишофи психологияи омӯзгориро ҷудо намоед.
3. Давраҳои инкишофи психологияи омӯзгорӣ чӣ хусусияти хосро доранд?
4. Солҳои 60-70 –уми асри XX оид ба масъалаҳои психологияи омӯзгорӣ чӣ гуна тадқиқот гузаронида шуд?
5. Кадом мутафаккирони Осиёи Миёна оид ба масъалаҳои психологияи омӯзгорӣ ақидаҳои илмии худро баён намудаанд?
6. Кадом олимони ӯзбекро медонед, ки дар инкишофи психологияи омӯзгорӣ дар давраи Шӯравӣ кор кардаанд?
7. Кадом тадқиқотҳои олимони ӯзбекро медонед?
8. Инкишофи илми психологияи омӯзгорӣ дар замони муосир дар Ӯзбекистон чӣ гуна аст?
9. Навовариҳо дар психологияи омӯзгорӣ кадомҳоянд?

## Мавзӯъҳо барои реферат ва кори курсӣ

1. Таърихи пайдоиши илми психологияи омӯзгорӣ
2. Давраҳои инкишофи психологияи омӯзгорӣ
3. Саҳми олимони ӯзбек дар рушду нумӯи психологияи омӯзгорӣ
4. Инкишофи психологияи омӯзгорӣ дар замони муосир
5. Ақидаҳои илмии мутафаккирони Осиёи Миёна оид ба масъалаҳои психологияи омӯзгорӣ.

## Адабиёти истифодашуда ва тавсияшаванда:


1. Абу Али Ибн Сино. «Тиб қонунлари асари». Тошкент – 1992 й.
2. Ананьев Б.Г. Человек как предмет познания.- СПб., 2001
3. Возрастная и педагогическая психология: Хрестоматия: Учеб. пособие для студ. сред. пед. учеб. заведений / Сост. И.В. Дубровина, А.М. Прихожан, В.В. Зацепин.- М., 1999

1. Ғозиев Э.Ғ. «Тафаккур психологияси» Тошкент – Ўқитувчи – 1990й.
2. Ғозиев Э.Ғ. Психология (Ёш даврлари психологияси). Т. 2002.
3. Давлетшин М.Г., Тўйчиева С.М. Умумий психология. Тошкент. 2002.
4. Искандаров Б. «Ўрта Осиёда фалсафий ва ижтимоий-сиёсий фикрларнинг шаклланиши ва ривожланиши тарихидан лавҳалар.» Тошкент. «Ўзбекистон». –1993 й.
5. Фельдштейн Д.И. Проблемы возрастной и педагогической психологии: Избр. психол. тр.- М., 1995
6. Ярошевский М.Г. История психологии.- М., 1985

# Мавзӯи 3. Методҳои психологияи омӯзгорӣ

Ба дараҷаи баланди комёбӣ ноил гардидани ҳаргуна илм аз маҷмӯи методҳои он вобаста аст. Методҳо далелҳои илмии навро ба фан ворид месозад ва дар асоси он тасвири илмии олами рӯҳии инсон ба вуҷуд меояд. Дар илми психологӣ ду дараҷаи ташхиси методологиро ҷудо менамоянд:

а) методологияи умумӣ- муносибати фалсафӣ намудан ба ташхиси мавҷудияти воқеъӣ. Принсипҳои умумии зеринро истифода мебаранд: принсипи таърихӣ ва диалектикаи материалистӣ;

б) методологияи шахсӣ ҷоришавии муносибати аниқи умумифалсафиро дар намуди принсипҳои методологӣ, ки дар тадқиқи объекти психологӣ истифода мешавад, таъмин менамояд;

Маҷмӯи методҳои аниқ- усулҳои тадқиқотӣ дар психологияи омӯзгорӣ мебошад. Дар психологияи омӯзгорӣ ҳамаи он методҳое истифода мегарданд, ки дар соҳаҳои дигари психология (психологияи умумӣ, психологияи синнусолӣ, психологияи иҷтимоӣ ва ғ.) истифода мешаванд: мушоҳида, пурсишнома, озмоиш, тестгузаронӣ ва ғ.

Ғайр аз методҳои умумӣ дар психологияи омӯзгорӣ методҳои махсус низ ҳастанд. Ба онҳо дохил мешаванд: озмоиши психологӣ-педагогӣ ва тести махсуси психологӣ-педагогӣ, ки барои муайян намудани дараҷаи таълимгирӣ ва тарбияи хонандагон истифода мешаванд. Дар байни методҳои номбаршуда методи озмоиши психологӣ-педагогӣ ҷои намоёнро ишғол менамояд, ки мақсади таъсиррасонӣ ва инкишофдиҳии кӯдакро дорад.

Методҳое, ки дар психологияи омӯзгорӣ истифода мешаванд, ба таври зайл тасниф шудаанд:

а) ташкилкунанда (онҳо ба мақсад, мазмун, сохт, ташкили тадқиқоти амалишаванда ва ба омодагии он дахл доранд);

б) тартиби корбарӣ (умуман, ба амалишавии натиҷаҳои тадқиқот ва қисми ҷудогонаи он дахл дорад);

в) баҳодиҳӣ (усулҳои психологӣ-педагогии баҳодиҳӣ ба натиҷаҳои тадқиқот).

Методи ҷамъоварии маълумот ва коркарди он (методҳое, ки туфайли онҳо маълумотҳои лозимбуда доир ба ташхисшаванда ҷамъоварӣ мегардад ва пас аз коркард тавсияҳои психологӣ-педагогӣ муайян карда мешаванд).

Ғайр аз инҳо, ду гурӯҳи дигари методҳоро ҷудо менамоянд, ки ба хонанда таъсири бевоситаи амалии психологӣ расонида мешавад. Ин машварати психологӣ мебошад, ки омӯзгор пас аз шиносоӣ бо хонанда

ва фаҳмидани мушкилӣ дар инкишоф ба ӯ маслиҳат ва тавсияҳои педагогӣ медиҳад. Шакли гузаронидани машварат – сӯҳбат бо хонанда, волидон ва ё шахсони онҳоро ивазкунанда мебошад, ки дар рафти таълим ва тарбияи онҳо иштирок менамоянд.

Ислоҳнамоӣ (коррексия) усули дигари таъсиррасонии бевоситаи мақсадноки психолог ба шахси интихобшуда (методҳои таъсиррасони муоличавӣ, омӯзишҳои иҷтимоӣ-психологӣ ва ғ.) мебошад.

Тавассути методҳои психологияи омӯзгорӣ мумкин аст дараҷаи дар айни ҳол мавҷудбудаи тарбия ва таълими азхуднамудаи хонанда ё ки тағйиротҳое, ки дар психика ва рафтори ӯ зери таъсири таълиму тарбия ба вуҷуд омаданд, муайян карда шаванд. Барои муайян намудани тарзи истифодаи методҳои тадқиқотии умумиилмӣ дар психологияи омӯзгорӣ зарур аст, ки хусусиятҳои алоқамандии методология, метод ва методикаи тадқиқоти психологӣ – педагогӣ ва инчунин дараҷаи дониши методологӣ ба ҳисоб гирифта шаванд.

Ҳар як илм, аз ҷумла психологияи омӯзгорӣ барои он, ки инкишофи самарабахш дошта бошад, бояд масъалаҳои омӯзиши аниқи худро равшан кунад ва ин бевосита бо методология ва назария алоқаманд аст.

Фаъолияти инсон дар ҳар шакле, ки набошад (илмӣ, амалӣ ва ғайра) бо якчанд омилҳо муайян мегардад. Натиҷаи ниҳоии он на танҳо аз он вобаста аст, ки кӣ амал менамояд (субъект) ё ки он ба чӣ нигаронида шудааст (объект), балки аз он ки ин раванд чӣ гуна иҷро мегардад, чӣ гуна усулҳо, роҳҳо ва воситаҳо истифода мешаванд. Ин ҳама мушкилотҳо тавассути методҳо муайян мегарданд.

Таърих ва таҷрибаҳои ҳаётӣ нишон медиҳанд, ки на дар ҳама ҳолат методҳо, принсипҳо ва ё дигар воситаҳои фаъолият масъалаҳои назариявӣ ва амалиро бе мамоният ҳал мекунанд. На танҳо натиҷаи тадқиқот, инчунин роҳҳои ба он ноилгардӣ низ бояд ҳаққонӣ бошанд.

Методология – ин системаи принсипҳо ва усулҳои ташкилнамоӣ, бунёди фаъолияти амалӣ ва назариявӣ мебошад.

Мафҳуми «методология» ду хусусияти худро дорад: а) системаи усулҳои муайяне, ки дар ин ё он доираи фаъолият истифода мегардад; б) омӯзиш оиди ин система, назарияи умумии метод, назария ва амал.

Методология- ин омӯзиш, дар таҷриба чӣ тавр амал кардан барои ба комёбиҳо ноил шудан, механизмҳои дохилиро тадқиқ кардан, мантиқи ҳаракат ва ташкили донишҳосилкунӣ, қонуният ва вазифаҳои тағйирёбии донишро муайян мекунад, нақшаи муайянкунандаи илмро меомӯзад ва ғ.

Дар навбати худ, назария- ин назари шахс буда, хулосаи ақлӣ аст, ки дар худ натиҷаи идрок ва фикрронии омӯхташавандаро фаро мегирад.

Ин ё он назари илмӣ ва принсипҳои методологӣ дар методҳои тадқиқотии муайян амалӣ мешаванд. Метод роҳи тадқиқот, усули ноилшавӣ ба ин ё он мақсад, ҳалли вазифаи муайян, маҷмӯи усулҳо ё амалҳои идроки масъалаҳои таҷрибавӣ ва назариявиро ифода менамояд.

Вазифаи асосии методро идоракунӣ ва бедорнамоии ботинии раванди идрок дар омӯзиши объект ташкил медиҳад. Аз ин ҷост, ки метод бо маҷмӯи қоидаҳои муайян, усулҳо, тарзҳо, меъёрҳои идрок ва амал мувофиқат менамояд. Он системаи принсип ва талаботҳоест, ки барои ҳалли вазифаҳои аниқ, ноилшавӣ ба натиҷаи муайян дар фаъолият нигаронида шудааст. Ин методҳо барои ба мақсад расидан роҳҳои соддатарини сарфи қувва ва вақтро муайян менамоянд.

Дар навбати худ, психологияи омӯзгорӣ низ методҳои аниқи тадқиқотии худро дорад. Методҳо имкон медиҳанд, ки факту далелҳои бадастовардашуда коркард шаванд ва вазифаҳои тадқиқотии психологӣ – педагогӣ ҳалли худро ёбанд. Дар асоси методи муайян мумкин аст якчанд усулҳои дигар низ истифода шаванд. Масалан, методи озмоиш дар психологияи омӯзгорӣ метавонад ба методикаҳои омӯзиши ақл, ирода, шахсияти хонанда ва дигар тарафҳои фаъолияти психикӣ такя намояд.

Яке аз методҳои асосии тадқиқотӣ дар психологияи омӯзгорӣ **озмоиш** мебошад, ки бо ёрии он фарзияҳои илмӣ санҷида мешуданд. Дар он вақт озмоиши ташаккулдиҳанда хеле маъмул буд. Аз ин рӯ, барномаҳои мухталиф фаъолона коркард мешуданд.

Дар адабиёти психологӣ методҳои тадқиқотӣ ба тариқи гуногун тасниф ёфтаанд. Дар тавсифи методҳои тадқиқотӣ мо таснифотеро ба асос мегирем, ки психологи маъруф Б.Г. Ананев пешниҳод намудааст. Ӯ чор гурӯҳи методҳоро ҷудо мекунад: ташкилӣ, эмприкӣ, коркарди маълумотҳо ва шарҳдиҳанда.

Ба методи ташкилии таълим дохил мешавад: методи муқоисавӣ, яъне муқоисаи гурӯҳҳои гуногуни хонандагони як синну сол, фаъолият ва ғайра гузаронида мешавад.

Методи лонгитюдӣ мувофиқи тадқиқот дар муддати тӯлонӣ сурат мегирад ва барои омӯзиши як ё гурӯҳи муайяни бачагон равона шудааст.

Методи комплексӣ, ки мувофиқи талаботҳои он илмҳои мухталиф як объектро мавриди омӯзиш ва тадқиқот қарор медиҳанд.

Ба методи эмпирикӣ дохил мешавад: мушоҳида ва худмушоҳидакунӣ, озмоиш (лабораторӣ, сайёр, табиӣ ва ғ.), ташхиси психологӣ, таҳлили раванд ва маҳсули фаъолият, бамоделдарорӣ, тарҷумаиҳолӣ.

Ба методи коркарди маълумотҳо дохил мешавад: методи математикӣ- омории таҳлили маълумотҳо.

Ба методи тафсирдиҳӣ дохил мешавад: методи генетикӣ ва сохтмуайянкунӣ.

**Мушоҳида** – ҳамчун методи маъмули озмоиши инсон дар психологияи омӯзгорӣ истифода мешавад. Мушоҳидаро мумкин аст бевосита ва ё ба воситаи таҷҳизотҳои техникӣ гузаронд (расм- аудио ва таҷҳизотҳои видиоӣ ва ғ.).

Хусусияти асосии методи мушоҳида ин:

- алоқаи бечунучарои мушоҳидакунанда ва мушоҳи-дашаванда;
- беғаразонагии мушоҳида;
- мушкил будани мушоҳидаи такрорӣ.

Як чанд намуди мушоҳида фарқ карда мешаванд. Вобаста ба ҳолати мушоҳидашаванда, мушоҳида ба ошкоро ва пинҳонӣ ҷудо мешавад. Дар ҳолати аввал, ба мушоҳи-дашаванда маълум аст, ки фаъолияту рафторҳои ӯ дар зери назорати илмӣ қарор дорад. Дар ҳолати пинҳонӣ бошад, баръакс, мушоҳидашаванда аз объекти мушоҳида будани худ хабар надорад. Инчунин мушоҳидаи пурра ва интихобиро ҷудо мекунанд. Дар ҳолати якум, то ошкор гардидани мақсад ҳама ҷиҳатҳои фаъолияти рӯҳии мушоҳидашаванда омӯхта мешавад. Мушоҳидаи интихобӣ бошад, ин ё он хусусияти мушоҳидашаванда мавриди омӯзиш қарор мегирад.

Натиҷаи тадқиқоте, ки аз методи мушоҳида ба даст меояд, аз «маданияти мушоҳида»-и худи мушоҳидакунанда вобаста аст. Дар методи мушоҳида барои ноил шудан ба натиҷаи назаррас ба талаботҳои зерин бояд аҳамият дода шаванд:

- ба мушоҳида танҳо омӯзиши хусусиятҳои зоҳирӣ имкон дорад; на ба муносибати фаъоли мушоҳи-дашаванда, балки ба характери муносибати ӯ бо дигарон аҳамият додан лозим аст;
- барои он, ки хусусияти мушоҳидашаванда дар асл ошкор гардад, зарур аст, ки далелҳои асоснок қайд карда шаванд;
- бояд рафторҳои муҳим мушоҳида карда шавад;

- мушоҳидакор бояд имконияти қайд намудани ҳолатҳои муҳими рафтори мушоҳидашавандаро дошта бошад;
- боэътимодии мушоҳида ҳамон маврид дида мешавад, ки агар нишондодҳои якчанд мушоҳидакунанда бо ҳам мувофиқ бошанд;
- муносибати ролдори мушоҳидакор ва мушоҳидаша-ванда бояд роҳ дода нашавад. Масалан, рафтори хонанда дар назди волидон, омӯзгор ва ҳамсинфон гуногун мешавад;
- баҳодиҳӣ ба мушоҳидашаванда на бояд хусусияти субъективӣ дошта бошад (масалан, вобаста аз аълохонии хонанда, муносибати дӯстона бо волидони хонанда ва монанди инҳо).

Инчунин як қатор қонуниятҳои дигари психологӣ низ мавҷуданд, ки дар раванди истифодаи методи мушоҳида бояд ба инобат гирифта шаванд: мақсади мушоҳида бояд муайян бошад; мушоҳида бояд пай дар пай гузаронида шавад; мушоҳидашаванда бояд надонад, ки ӯ объекти мушоҳида аст; натиҷаи мушоҳида дар рӯзнома ё дафтари махсус бояд қайд карда шавад; мушоҳида чӣ қадаре, ки дарозмуддат гузарад, мо ҳамон қадар дар бораи мушоҳидашаванда маълумотҳои зиёд ҷамъоварӣ менамоем; дар вақти хулосабарорӣ аз маълумотҳои бадастомада бояд истифода шавад.

Методи эксперимент ё озмоиш яке аз методҳои асосии психологияи омӯзгорӣ ба шумор меравад. Озмоишгар бо интихоби худ метавонад шароитҳои раванди озмоишро тағйир диҳад ва ё интихоб намояд. Масалан, шароити азхудкунии маводи таълимиро тағйир дода, муайян менамояд, ки дар кадом ҳолат азхудкунӣ самарабахш мегардад. Озмоишгар дар шароити якхела якчанд озмудашавандаро зери озмоиш қарор дода метавонад.

Эксперименти психологӣ-педагогӣ аз рӯи шакли истифодашавӣ, шумораи озмудашавандагон, мақсад ва хусусияти ташкили тадқиқот фарқ карда мешавад. Мувофиқи истифодашавиаш ду намуди экспериментро ҷудо менамоянд: лабораторӣ ва табиӣ.

**Эксперименти лабораторӣ** одатан дар лабораторияҳои психологӣ дар шароити махсус ташкилкардашуда бо истифода аз таҷҳизотҳои техникӣ гузаронида мешавад. Эксперименти лабораторӣ имкон медиҳад, ки тавассути таҷҳизотҳои махсус гузошташуда вақти ҷоришавии равандҳои маърифатӣ муайян гардад. Масалан, суръати реаксияҳои инсон, суръати инкишофи маҳоратҳои таълимӣ ва меҳнатӣ ва монанди инҳо омӯхта мешавад. Бояд гуфт, ки эксперименти лабораторӣ дар баробари бартариҳояш аз норасогиҳо низ холӣ нест. Масалан, туфайли таҷҳизотҳои техникӣ муайян карда намешаванд, ки

маводи таълимии пешниҳодшуда то кадом дараҷа дар ҳаёти хонанда аҳамият дорад, ба он хонанда шавқ дорад ё не ва ғ.

**Эксперименти табиӣ.** А.Ф. Лазурский бори аввал эксперименти табииро соли 1910 дар Съезди умумироссиягии педагогикаи экспериментал̣ӣ пешниҳод намуда буд. Норасогиҳое, ки дар методи эксперименти лабораторӣ дида мешаванд, туфайли эксперименти табиӣ пурра мегарданд. Эксперименти табиӣ дар шароити табиии барои тадқиқшаванда шинос гузаронида мешавад. Масалан, дар дарсҳои таълимӣ ва ё варзишӣ. Мавридҳое мешаванд, ки хонандагон аз объекти тадқиқот будани худ хабар намеёбанд ва рафтори онҳо табиӣ сурат мегирад. Дар мавридҳои дигар бошад, ҳолатҳои эксперимент ба таври кушод ташкил карда мешаванд, ки хонандагон иштирокчии бевоситаи он мегарданд. Масалан, дар таҷҳизонидани синф, ё тағйир додани реҷаи рӯз мумкин аст худи хонандагон иштирок намоянд. Чунин тадқиқот омодагӣ ва банақшагириро талаб менамояд. Ҳамаи он талаботҳои психологие, ки дар методи мушоҳида истифода мешуданд, дар методи эксперименти табиӣ низ истифода мегарданд. Тафовут байни методи мушоҳида ва эксперименти табиӣ дар он аст, ки дар методи мушоҳида то муайян шудани мақсад мушоҳида давом ёфта, ба мушоҳидашаванда таъсир расонида намешавад. Аммо дар методи эксперименти табиӣ барои тезтар муайян намудани мақсад ба мушоҳидашаванда таъсир расонидан мумкин аст ё ягон шароите муҳайё сохта мешавад, ки мақсад муайян гардад. Масалан, дар боғчаи бачагона барои фаҳмидани хусусиятҳои психологии кӯдакон ягон намуди ширинӣ оварда, дар назди бачаҳо гузошта мешавад. Ба онҳо таъкид мегардад, ки касе ба он нарасад ва худи мушоҳидакор бошад аз ягон ҷойи ба бачаҳо ноаён мушоҳида мекунад. Дар мисоли овардашуда барои муайян намудани мақсад ба бачаҳо шароит фароҳам оварда шуд, ки хоси эксперименти табиӣ мебошад.

Эксперименти инкишофдиҳанда- ин методи омӯзиши тағйирёбии психикаи хонанда дар раванди муносибати фаъоли байниҳамдигарии тадқиқотчӣ ва озмудашаванда ба ҳисоб меравад.

Эксперименти инкишофдиҳанда дар психологияи ватанӣ барои муайян намудани роҳҳои инкишофдиҳии шахсияти хонанда ба таври васеъ истифода мешавад. Таълиму тарбия алоқамандии тадқиқоти психологиро бо ҷустуҷӯи усулҳои педагогии инкишофдиҳӣ таъмин менамояд.

Методи эксперименталӣ–генетикӣ аз ҷониби психологи машҳури рус Л.С.Виготский коркард шудааст ва тавассути он дараҷаи инкишофи психикӣ муайян карда мешавад.

Вобаста ба мақсад эксперименти муқарраркунанда ва ташаккулдиҳандаро фарқ мекунанд.

Мақсади эксперименти муқарраркунанда – ин чен кардани дараҷаи инкишофи психикӣ мебошад. Маводи аввалин дар ҳамин асос барои ташкили эксперименти ташаккулди-ҳанда оғоз мегардад.

Эксперименти ташаккулдиҳанда баҳри ташаккул ва тарбия намудани психикаи инсон намудҳои фаъолият ва роҳу усулҳои инкишофдиҳии психикаи инсонро муайян менамояд. Назарияи асосии эксперименти ташаккулдиҳанда «дар инкишофи психикӣ нақши пешбарандагӣ доштани таълиму тарбия» мебошад.

Таълими эксперименталӣ яке аз методҳои муосири психологӣ – дидактикӣ мебошад. Ду намуди таълими эксперименталиро фарқ мекунанд: таълими эксперименталии фардӣ ва коллективӣ, ки то ҳол васеъ истифода мешуд.

Таълими эксперименталии фардӣ на танҳо мушкилоти хусусиятҳои равандҳои маърифатии инсонро муайян месозад, балки мақсади инкишоф додани онро дорад ва ба дараҷаи муайяни инкишоф мебарад. Туфайли он метавон генезиси идрок, диққат, хотир, тафаккур ва ғайраро дар раванди таълим омӯхт.

Таълими эксперименталии коллективӣ дар доираи гурӯҳи боғчаи бачагона, мактаб ва мактабҳои олӣ гузаронида мешавад. Ташкили чунин тадқиқот пеш аз ҳама бо талаботҳои педагогӣ-психологӣ алоқаманд аст, ки ба омӯзиши таъсири таълим ба инкишофи психикӣ дар синну солҳои гуногун ва фаъолият нигаронида шудааст (Л.В. Занков, Г.С. Костюк, А.А. Люблинский, Б.И. Хачапуридзе, Д.Б. Элконин ва диг.).

Методи таълими эксперименталӣ сифатҳои зеринро дорост:

- мазмун ва усулҳои гузаронидани он пешакӣ ба нақша даровarda мешаванд;
- хусусиятҳои раванди таълим ва натиҷаҳои он қайд карда мешаванд;
- дар зинаҳои гуногуни таълими эксперименталӣ дара-ҷаи азхудкунии маводи таълимӣ ва дараҷаи инкишофи психикии озмудашавандагон муайян карда мешаванд;
- ин маълумотҳо дар раванди тадқиқи гурӯҳҳои санҷишӣ ба даст меоянд.

**Сӯҳбат –** методи эмпирикии маъмул дар психологияи омӯзгорӣ ба шумор меравад. Туфайли сӯҳбат бо хонанда факту далелҳои зиёде тавассути саволҳои пешакӣ омодашуда ба даст оварда мешаванд. Гуфтугӯи байни ду нафар шахс, ки яке хусусиятҳои психологии дигарро муайян менамояд, сӯҳбат ном дорад. Дар сӯҳбат муносибати омӯзгор, хонанда, ҳиссиётҳои онҳо, баҳодиҳӣ ва дигар ҳолатҳои онҳо ошкор карда мешаванд. Далелҳое, ки туфайли методи сӯҳбат ба даст меоянд, тавассути дигар методҳо ғайриимкон аст.

Сӯҳбати психологӣ- педагогӣ ҳамчун методи тадқиқотӣ бо ҷиҳатҳои хоси худ аз дигар методҳо фарқ дорад. Он имкон медиҳад, ки ба олами рӯҳии хонанда ворид гардем ва сабабҳои ин ё он хел рафтор кардани хонанда муайян карда шавад. Маълумот дар бораи фаҳмиши ватандӯстӣ, ҷаҳонбинӣ, сиёсӣ ва ғайраҳо дар хонанда низ туфайли методи сӯҳбат ба даст меояд. Аммо сӯҳбат методи душвор ва на дар ҳама маврид устувор мебошад. Аз ин рӯ, он ҳамчун методи ёрирасон барои ошкор ва аниқ намудани норасогиҳое, ки дар методи мушоҳида ва озмоиш ҳастанд, истифода мешавад. Барои натиҷабахш гардидани истифодаи методи сӯҳбат талаботҳои зерини психологӣ заруранд:

- мақсади сӯҳбат пешакӣ бояд муайян бошад;
- барои муайян кардани мақсад саволҳо пешакӣ тайёр карда мешаванд;
- сӯҳбат дар синфхонае гузаронида мешавад, ки дар он ангезандаҳои халалрасон вуҷуд надошта бошанд;
- сӯҳбат байни тарафҳо бояд самимона сурат гирад;
- мушоҳидашаванда дар рафти сухбат пай набарад, ки саволҳо пешакӣ омода шудаанд;
- рафти сӯҳбат бояд пинҳонӣ сабт карда шавад;
- дар охир аз сабти овоз истифода намуда, мақсадҳои оянда муайян карда мешавад.

**Методи анкета-** методи эмпирикии иҷтимоӣ-психологӣ мебошад, ки маълумотҳо тавассути саволномаҳои махсуси пешакӣ омодашуда ба даст меоянд. Дар методи анкета низ саволҳои муайянкунандаи мақсад пешакӣ эҷод мегарданд. Ҳоло дар тадқиқотҳои психологӣ- педагогӣ методи анкета дар шаклҳои гуногун истифода мешаванд:

- кушод, ки дар он мақсад аз саволҳо муайян мегарданд;
- пӯшида, яъне мақсад маълум нест;
- номӣ, ки дар он нишон додани ному насаб ҳатмист;
- беном, ки дар он ному насаб қайд намешавад.

Дар вақти тартиб додани анкета ба инобат гирифтан зарур аст: а) ба мазмуни саволҳо эътибор дода шавад; б) шакли саволҳо кушода ва ё пўшида мешаванд; в) саволҳо бояд фаҳмо бошанд ва ба ҷавобҳо ишора надиҳад ва ғ.; г) шумора ва тартиби саволҳоро бояд ба ҳисоб гирифт.

Анкетаро ба тариқи шифоҳӣ, хаттӣ, фардӣ ва гурўҳӣ гузаронидан мумкин аст.

Методи анкета дар қатори бартариятҳо норасоиҳои худро низ дорад:

- ҳолати рўҳии озмудашавандагон муайян карда намешаванд;
- вобаста ба ҳолати рўҳӣ тағйир додани саволҳо имкон надорад;
- натиҷаи ҷавобҳо на ҳама вакт ҳақиқати воқеъиро дорад ва ғ.

**Методи тест.** Дар илми психологияи омўзгорӣ методи тест нисбати дигар методҳо хеле васеъ ва зиёд истифода мешавад. Тест (аз англ. test –санҷиш мебошад)- дар психологияи омўзгорӣ ҳангоми санҷидан ва муқаррар намудани фарқияти фардӣ-психологӣ истифода мешавад.

Методи тест аз дигар усулҳои тадқиқотӣ бо мушах-хасӣ, соддагӣ ва дастрасии худ фарқ мекунад. Аз солҳои 80-90 уми асри X1X омўзиши фарқияти фардии одамон сар шуда буд, ки ин оғози тадқиқоти эксперимент бо ёрии тест ба ҳисоб мерафт (А. Далтон, А. Кеттел ва диг.). Истифодаи тестҳои психологӣ ба рушди методи психометрӣ асос гузошт, ки асосгузоронаш Б. Анри ва А. Бине буданд. Муайян намудани сатҳи комёбиҳои донишазхудкунии хонандагон, инкишофи ақлонии онҳо, дараҷаи ташаккули сифатҳои шахсӣ бо ёрии тест қисми ҷудонашавандаи таҷрибаҳои таълимию тарбиявӣ гардид. Психология ба педагогика таҷҳизоти ташхисиро пешниҳод намуда, бо он алоқаманд шуд (ҷудо намудани тести психологӣ аз педагогӣ баъзан ғайриимкон гардидааст).

Агар оид ба ҷабҳаҳои педагогии методи тест назар кунем, пеш аз ҳама муайян намудани муваффақияти хонандагон дар таълим ба назар мерасанд. Ба таври васеъ тестҳои маҳорати хониш, навиштан, амалҳои оддитарини арифметикӣ, инчунин тестҳо барои муайян кардани дараҷаи таълимгирии хонандагон истифода мешаванд.

Одатан методи тест ҳамчун методи тадқиқотии психо-логӣ-педагогӣ барои муайян намудани дараҷаи донишаз-худкунӣ ва назорати сифати азхудкунии маводи таълимӣ истифода мегардад.

Нисбатан маълумоти муфассал дар асари «Тестҳои психологӣ»-и А. Анастази оварда шудаанд. Дар асари ў намудҳои гуногуни тестҳо оварда шудаанд, ки ба психологияи омўзгорӣ дахл доранд. Ин тестҳо

барои муайян намудани сатҳи таълимгирӣ ва ҳолати ҳозираи хонанда, ки чӣ корро анҷом дода метавонад, муқаррар гаштаанд. А.К. Ерофеев муайян кардааст, ки дар вақти гузаронидани тестҳои психологӣ бояд талаботҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:

- принсипҳо ва меъёрҳои тестгузаронӣ риоя гарданд;
- шакли тестҳо ва доираи истифодаи онҳо муайян шаванд;
- асосҳои психометрикӣ ба эътибор гирифта шаванд;
- аз рӯи меъёрҳо ба сифати тестҳо эътибор доданд, то ки устувории онҳо таъмин гарданд;
- меъёрҳои миллӣ дар тестҳои психологӣ ба ҳисоб гирифта шаванд.

Ҳамаи гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар вақти гузаронидани методи тест омӯзгор бояд ҷиддӣ тайёрӣ бинад ва масъулиятро эҳсос намояд.

**Методи муайян намудани маҳсули фаъолият**. Ин метод низ дар соҳаи фаъолияти омӯзгорӣ ба таври васеъ истифода мегардад. Омӯзгор туфайли методи муайян намудани маҳсули фаъолият, метавонад хусусиятҳои психологии хонандагон, рафтору фаъолияти онҳоро пас аз иҷрои фаъолияти таълимӣ муайян намояд. Инчунин, ин метод ба омӯзгорон имконият медиҳад, ки дар вақти санҷиши корҳои хаттӣ ва иҷрои дигар супоришҳои таълимӣ дар бораи маҳорат ва малакаҳои таълимӣ, дараҷаи саводнокӣ ва монанди инҳо маълумотҳои мушаххасеро ба даст оварад.

**Методи таҳлил ва ҷамъбасти таҷрибаи муаллимон** дар психологияи омӯзгорӣ мавқеи махсус дорад. Ба туфайли он ҳамкории байни равоншиносу омӯзгор амалӣ мегардад. Муаллимоне, ки дар фаъолияти педагогии худ барои баланд бардоштани самаранокии таълиму тарбияи насли наврас ба муваффақиятҳо комёб гаштаанд, кам нестанд. Омӯхтани чунин таҷриба ҳам барои илми психология ва ҳам такмили минбаъдаи фаъолияти омӯзгорӣ маълумоти ғаниву пурқимат медиҳад.

**Методи тарҷумаиҳолӣ** ҷамъбасту таҳлили маълумот-ҳои тарҷумаиҳолиро дар назар дорад. Шиносоӣ бо қоидаҳои рӯзномаи талаба, мукотибаю навиштаҷотҳои ӯ, ёддошту тавсифоти шахсони ба ӯ наздику шинос дар бораи шахсияти бача, қобилият, шавқу ҳавас, симои ахлоқу ҷаҳонбинӣ ва ҳоказо маълумот медиҳад.

Методи тарҷумаиҳолӣ инчунин оиди давраҳои гуногуни инкишофи бача, шароитҳои гуногуни ҳаёту фаъолияти ӯ сарчашмаи маълумот хоҳад буд.

Методҳои зикршуда вобаста ба вазифаю мақсади тадқиқот дар алоқамандӣ истифода бурда мешаванд. Зарур аст, ки дар истифодаи онҳо хусусиятҳои синнусолӣ, инфиродӣ ва равонии бачагон, шароиту вазъиятҳои мушаххаси таълиму тарбия ба эътибор гирифта шаванд[1].

**Методи сотсиометрия-** ин методи тадқиқотӣ-иҷтимоӣ буда, тавассути он омӯзгор метавонад оид ба мавқеи хонанда дар гурӯҳ, муносибати байниҳамдигарии аъзоёни синф, муттаҳидӣ ва монанди инҳо маълумот гирад. Дар вақти истифодаи методи сотсиометрия хусусиятҳои синнусолии хонандагон ва муносибатҳои байниҳамдигарии талабагон, асосан ду навъи муносибат (расмӣ (корӣ) ва ғайрирасмӣ (шахсӣ)) бояд ба эътибор гирифта шаванд. Омӯзгор барои муайян намудани мақсади хеш саволҳоеро эҷод мекунад, ки мақсади ӯро муайян намоянд. Саволҳои омодашуда ба ҳар хонанда тақсим карда мешаванд. Ҷавоби саволномаҳо ҷамъоварӣ шуда, омӯзгор онро ба усулҳои оморӣ таҳлил менамояд ва ба саволҳои гузошташуда ҷавобҳо меёбад.

**Методи дугоникҳо-** ин методи омехта буда, барои омӯзиши инкишофи психикии кӯдакони дугоник истифода мегардад. Мақсади асосии методи дугоникҳо ошкор намудани тафовути инкишофи психикии дугоникҳое мебошад, ки аз як тухмҳуҷайра ба вуҷуд омадаанд ва дугоникҳое, ки аз ду тухмҳуҷайра ба вуҷуд омадаанд. Барои ошкор намудани тафовути инкишофи психикии дугоникҳо ва фаҳмидани мавқеи омилҳои табиӣ ва иҷтимоӣ дар инкишофи рӯҳии онҳо мумкин аст онҳоро дар як муҳит ва ё аз ҳам ҷудо намуда озмоиш гузаронанд. Бояд қайд намуд, ки ин метод барои фаҳмидани хусусиятҳои психологии дугоникҳо истифода мешавад.

Хулоса, методҳои ёрирасони психологияи омӯзгорӣ хеле зиёданд ва ҳамаи онҳо барои аниқу саҳеҳ гардонидани методҳои асосӣ ва муайян намудани хусусиятҳои психикии хонандагон истифода мешаванд. Бояд дар назар дошт, ки ҳангоми истифодаи методҳои психологӣ ба талаботҳои он эътибор дода шавад.

## Савол ва супоришҳо барои худсанҷӣ

1. Аҳамияти методҳои психология ва истифодаи онҳоро дар фаъолияти омӯзгорӣ дар чӣ мебинед?

---

[1] Хайдаров Ф.И., Халилова Н. Умумий психология.– Т.: Фан ва технологиялар, 2009

2. Алоқамандии методология, метод ва методикаро дар психологияи омӯзгорӣ муайян кунед?
3. Методҳои илмӣ - тадқиқотии психологияи омӯзгориро номбар кунед?
4. Аҳамияти методи мушоҳидаро дар психологияи омӯзгорӣ кушода диҳед?
5. Ҷиҳатҳои мусбӣ ва норасоиҳои методи сӯҳбатро муайян намоед?
6. Методи озмоиши психологиро тавсиф диҳед ва муайян намоед, ки истифодаи он дар психологияи омӯзгорӣ чӣ аҳамият дорад?
7. Намудҳои озмоишро номбар намоед ва онҳоро тавсиф диҳед?

## Мавзӯъҳо барои реферат ва кори курсӣ

1. Асосҳои методологии тадқиқот дар психологияи омӯзгорӣ.
2. Истифодаи методҳои умумиилмӣ дар психологияи омӯзгорӣ.
3. Истифодаи методи сӯҳбат дар муайян намудани шахсияти хонанда.

## Адабиёти истифодашуда ва тавсияшаванда


1. Возрастная и педагогическая психология: Хрестоматия: Учеб. пособие для студ. сред. пед. учеб. заведений / Сост. И.В. Дубровина, А.М. Прихожан, В.В. Зацепин.- М., 1999
2. Давлетшин М.Г., Мавлонов М.М., Тўйчиева С.М. Ёш ва педагогик психология. – Т.: ТДПУ, 2009
3. Ғозиев Э.Ғ. Психология (Ёш даврлари психологияси). Т. 2002
4. Сафаев Н.С., Мирашировa Н.А., Одилова Н.Г. Умумий психология назарияси ва амалиёти. – Т.: Низомий номидаги ТДПУ, 2013
5. Немов Р.С. Психология: Учеб. пособие для студентов высш. пед. учеб. заведений: В 3 кн. Кн. 2. Психология образования. 2-е изд.- М., 1995
6. Талызина Н.Ф. Педагогическая психология: Учеб. пособие для студ. сред. спец. учеб. заведений.-М., 1998

# БОБИ II
# ПСИХОЛОГИЯИ ТАЪЛИМ
## Назарияи таълим

Яке аз масъалаҳои муҳими даврони имрӯза дуруст муайян кардани таносуби инкишофи рӯҳӣ ва таълим мебошад, ки муҳимтарин масъалаи психологияи омузгорӣ ба шумор меравад. Оид ба ин масъала олимони соҳаи педагогика ва психологияи тамоми мамолики дунё тадқиқотҳои илмӣ мебаранд ва бурда истодаанд. Аҳамияти онро ҳанӯз психологи маъруф С.Л. Рубинштейн таъкид карда буд: «Ҳалли дурусти масъалаи таносуби инкишоф ва таълим на танҳо барои психологияи омӯзгорӣ, балки барои педагогика низ аҳамияти муҳим дорад».[1]

Мувофиқи хулосаҳои илмии психологияи омӯзгории муосир, ***инкишофи рӯҳӣ раванди аз ҷониби фард аз худ кардани таҷрибаи иҷтимоӣ буда, тавассути фаъолият ба амал меояд ва дар он таълиму тарбия мавқеи ҳалкунандаро соҳиб аст.***

Таълимро фақат аз ҳосил кардани дониш ва маҳорату малакаҳои ба ягон фанни таълимӣ хос иборат донистан фаҳмиши маҳдуди таълим мебошад. Психологияи омӯзгорӣ мафҳуми таълимро ба маънои васеъ истифода бурда, ба он ҳамаи он сарватҳои маънавие, ки инсон дар ҷараёни онтогенези тараққиёти худ (яъне, дар давоми тамоми ҳаёту фаъолият) аз худ мекунад, дохил менамоянд. Ба ин маънӣ, қоматро рост карда роҳ гаштан, калимаю ҷумлаҳоро бори нахуст талаффуз кардан, рафтору одоби дурусти муоширату муносибатро омӯхтан, ба малакаҳои хондану навиштан соҳиб шудани кӯдак - ҳамагӣ омӯзиш буда, тавассути таълим амалӣ мегарданд.

Ҳамин тариқ, ***таълим тарзи махсус ва муташаккили ба насли наврас омӯзонидани таҷрибаи таърихӣ ва маданияти инсониятро дар назар дорад.***

Психологҳои намоёни рус (Л.С.Виготский, С. Л. Рубинштейн, А.Н.Леонтев, Н.А.Менчинская, В.В.Давидов, Н.Ф. Тализина ва дигарон) дар муайян намудани алоқаи инкишофи рӯҳии кӯдак бо таълиму тарбия саҳми арзанда гузоштаанд. Онҳо зимни тадқиқотҳои назариявию озмоишии худ мавқеи ҳалкунанда доштани таълиму тарбияро дар инкишофи рӯҳӣ ва ташаккули шахсияти насли наврас исбот намудаанд.

Психологи маъруф Л.С.Виготский ба таҳқиқи илмии масъалаи таълим ва инкишоф асос гузошта, бори нахуст дар инкишофи рӯҳии

---

[1] Югай А., Мираширова Н.А. Общая психология. – Т.: ТГПУ, 2014

бача мавқеи пешбаранда доштани таълимро бо далелҳои раднашавандаи мухталиф нишон додааст. Хизмати шоёни Л.С.Виготский аз он иборат аст, ки вобастагии зичу мураккаби байни таълим ва инкишофро нишон дода, назарияи ***таълими инкишофдиҳандаро*** пешниҳод кардааст. Ӯ таъкид мекард, ки фақат таълими бомақсад ташкил кардашуда инкишофи фикрии талабаро пурсамар таъмин карда метавонад. Зеро, аз як тараф, натиҷаи таълим фавран зоҳир намешавад ва аз тарафи дигар, инкишоф дорои мантиқи дохилии худ мебошад. Омӯзиши психологияи омӯзгорӣ кӯмак мерасонад, то ки рафти андешаронӣ, бахотиргирӣ, фаромӯшкунӣ, бодиққатию камдиққатии хонандагон, зуҳуроти ҳиссиёт, марому кӯшиш ва камқобилиятии онҳоро фаҳмида амал кунем ва донем, ки маҳорату малакаи хониш, қобилият, сифатҳои шахсии хонандагон бо кадом роҳҳо рушд мекунанд. Хулоса, хусусиятҳои инкишофи психикаро надониста, назарияи маълумот ва таълимро аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудан имконнопазир аст.

Таълим, ба ақидаи Л.С.Виготский, на бо вазифаҳои психикии пухтарасидаи кӯдак, балки бо вазифаҳои ҳанӯз пухтанарасидаи психикаи ӯ сару кор дорад. Чунки раванди инкишоф на танҳо вазифаҳои пӯхтарасидаи психикаи кӯдак, балки вазифаҳои пухтарасандаи онро низ дар бар мегирад.

Л.С.Виготский мувофиқи ин вазифаҳо дар ташкили таълими бомақсад донистани ду дараҷаи инкишофи бачаро муҳим мешуморад: ***дараҷаи мавҷуда ва минтақаи наздиктарини инкишоф***.

Дараҷаи мавҷудаи инкишоф сатҳи ба даст овардаи инкишофи рӯҳии бачаро дар айни ҳол ташкил медиҳад, ки ба туфайли он талаба масъала ё вазифаи супоридашударо мустақилона, яъне бе ёрии калонсолон (муаллим) ҳал менамояд. Дар баробари ин донишҳое, ки талаба метавонад туфайли ёрии калонсолон ҳосил намояд ва он амалҳое, ки ба иҷрои онҳо қодир мегардад, минтақаи наздиктарини инкишофи ӯро муайян мекунанд. Л.С.Виготский дар ин хусус навишта буд: «кӯдак он чизеро, ки имрӯз бо ёрии калонсолон иҷро мекунад, фардо мустақилона ичро хоҳад кард». Олим дар ташкили таълими инкишофдиҳанда ба ҳамкории байни калонсолону (муаллим) кӯдак (талаба) диққати калон дода, таъкид мекард, ки самаранокии таълим ба сермаҳсулии ин ҳамкорӣ вобаста аст. Ҳамин тариқ, донистани минтақаи наздиктарини инкишофи кӯдак шарти муҳими пурсамар ташкил намудани ҷараёни таълим мебошад.

Ҳамин тариқ, таълим ва инкишоф ду раванди диалектикӣ буда, дар ягонагӣ вуҷуд доранд. Инкишофи комили фикриро берун аз таълим тасаввур кардан имконнопазир аст, чунки таълим инкишофи рӯҳии фардро ба таври иҷтимоӣ идора менамояд. Таълим ба инкишоф мусоидат карда, худ ба он такя менамояд ва дараҷаи бадастовардаи инкишофро ба назар гирифта, вале ба инкишоф мутобиқ карда намешавад.

Имкониятҳои таълим васеъ бошад ҳам, вале беҳудуд нест. Бинобар ин мавқеи таълимро аз будаш зиёд нишон додан, онро мутлақ дониста, инкишофи фикрии талабаро бевосита натиҷаи таълим ҳисобидан дуруст нест. Зеро, ин даъво ба фаҳмиши механикии таълим оварда, шароитҳои ботинии бача ва заминаҳои табиии инкишофи ӯро инкор мекунад.

Шарти муҳими самаранокии таълимро ҳамчун ҷузъҳои як таркиб ба эътибор гирифтан, аз ташкили ***се вазифаи*** он ***(ахбороту маълумотдиҳӣ, инкишофи фаъолияти маърифатӣ, тарбияю ташаккули шахсият)*** вобаста аст. Амалӣ гаштани ин вазифаҳо ба равишу тамоюлоти таълим вобастагӣ дорад. Раванди таълимро воситаҳои таълим (васоити таълимӣ, манбаъҳои ахбор, дастгоҳҳои таълимдиҳанда, муаллим ва ғ.), мазмуну мундариҷаи таълимро доираи маълумотҳои илмӣ, назариявӣ ва амалӣ гардидани онҳо ва усулҳои таълимро бошад тарзу усулҳои истифодашаванда аз ҷониби муаллим, тарзу усулҳои баёни маводи таълимӣ, дастурҳои таълимӣ ва ғайраҳо муайян мекунанд.

Муаллим вазифадор аст, ки дар раванди таълим қонуниятҳои психологии аз тарафи шогирдон фаро гирифтани дониш, дарёфти маҳорату малакаҳо, имкониятҳои маърифатӣ, хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии онҳоро ба эътибор гирад. Талаба на танҳо ***объекти*** таълим (объекти таъсири муаллим), балки ***субъекти*** таълим низ мебошад, ки дарки ин назария барои омӯзгор хеле муҳим аст. Зеро, дар фаъолии талаба кӯшишу ғайрат, шавқу ҳавас, талаботи маърифатӣ, ваҷҳиёту маром, босуботӣ ва амсоли онҳо ифода меёбад, ки маҳз дар чунин шароит зуҳурот ва инкишофи шахсияти талабаро дидан мумкин аст. Ҳоло дар раванди ташкили таълим усулҳои фаъоли таълим (таълими инкишофдиҳанда, таълими проблемавӣ, таълими барномавӣ, таълими инклюзивӣ, таълими тафриқавӣ, таълими ҳамгиро ва монанди инҳо) васеъ истифода мегарданд, ки оид ба бартарият ва норасоиҳои он дар мавзӯъҳои баъдина ошно хоҳем шуд. Мақсади истифодаи методҳои навини таълим ин маводи таълимиро ба таври бояду шояд ба

хонандагон омӯзонидан ва инкишоф додани тафаккури фаъоли онҳо аст. Инчунин ҳадафи он барқарор намудани муносибати байниҳамдигарии омӯзгор ва хонандагон маҳсуб меёбад, ки дар раванди таълим муносибат бояд байни «С**убъект бо субъект»,** яъне «**Шахс бо шахс**» сурат гирад.

Бояд қайд кард, ки то ҳол дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ тарзи таълими анъанавӣ васеъ истифода мегардид. Лексия дар таълими анъанавӣ аз ҷониби устод хонда мешуд (маводи таълимӣ баён мегардид) ва толибилмон ӯҳдадор буданд, ки ба раванди дарс халал нарасонида ором гӯш кунанд. Агар шогирд бо устод алоқа барқарор накарда ором шинад, пас фарқи онҳо аз ашё дар чист? Яъне, дар таълими анъанавӣ гӯё муносибат байни субъект бо объект барқарор мешуд, вале дар асл чунин нест. Ин норасоиҳо аз ҷониби олимони соҳаи психология муайян гардиданд. Масалан, дар низоми кредитии таҳсилот ба алоқаи байниҳамдигарии устоду шогирд бештар эътибор дода мешавад.

Вобаста ба ин гуфтаҳо, таълим на танҳо фаъолияти маърифатӣ, эхсосу идрок, хотиру хаёл, тафаккуру нутқи талабаро инкишоф медиҳад, инчунин ба ташаккули шахсият, рафтору одоб, хислату ирода, афкору ҷаҳонбинӣ, қобилияту талабот низ таъсири худро мерасонад. Ба ифодаи дигар, таълим воситаи муҳими тарбия низ мебошад.

Ҳамин тариқ, таълиму тарбия шаклҳои асосии ташкили фаъолияти бачагон буда, ба инкишофи рӯҳии онҳо мусоидат мекунад, донишу ҷаҳонбинии онҳоро амиқу пурра мегардонад, имконияту қобилияти маърифатиашонро тараққӣ дода, хусусиятҳои хоси муносибатҳои иҷтимоиро ташаккул медиҳанд.

Инкишофи рӯҳӣ ва ташаккули шахсияти кӯдак раванди ниҳоят мураккабу гуногунҷабҳа буда, ба ҳисоб гирифтани шароитҳои мухталифи психологию педагогиро талаб менамояд ва фақат дар чунин ҳолат ташаккули мақсадноки шахсиятро таъмин намудан имкон дорад.

Психологияи омӯзгорӣ мувофиқи принсипи табиати иҷтимоии инкишофи рӯҳии инсон аз он мавқеъ баҳо медиҳад, ки имкониятҳои дарккунии таълимгирандагон ирсӣ маҳсуб намеёбанд. Онҳо дар рафти омӯзиш ташаккул меёбанд.

**Мақсади асосии соҳаи психологияи омӯзгориро** ошкор намудани шароитҳои таъминкунандаи ташаккули қобилияти дарккунӣ ташкил медиҳад. Яъне, хонандагон дар кадом шароит маводи таълимиро беҳтар аз худ менамоянд ва донишҳои гирифтаи онҳо дар рафтори шахсии онҳо чӣ тавр истифода мегарданд ва ғайраҳо масъалаҳои асосии омӯзиши психологияи омӯзгорӣ мебошанд.

Назарияи таълим ба омӯзиши қонунҳои гузариши шуурнокии ҷамъият дар бавуҷудоии шуурнокии фардӣ равона карда шудааст. Се назарияи олимон оид ба таълим вуҷуд дорад: бихевиористӣ (дар таълиму тарбия омилҳои биологиро дар ҷойи аввал мегузоранд), когнитивӣ (маърифатӣ) ва фаъолият.

**Равияи бихевиористиро** (аз англ.-рафтор) дар адабиёти илмӣ ҳамчун «**Психологияи рафтор**» ном мебаранд. Тарафдорони ин назария фарқияти сифатии рафтори инсону ҳайвонро намебинанд. Аз ин рӯ, онҳо табиати иҷтимоии инсонро ба инобат ҳам намегиранд. Ҳамин тавр, Э. Торндайк ҳамчун асосгузори таълимоти назарияи бихевиористӣ менависад: «Рушди олами ҳайвонот дар ин бобат ба сатҳи сифатӣ ва миқдории мураккабгардондашудаи худи ҳамон раванди алоқаи байни вазъият ва аксуламали ҷавобӣ иборат аст, ки ба ҳамаи ҳайвонот аз организми зиндаи хурдтарин сар карда, то инсон мансуб мебошад». Ӯ ақида дорад, ки асосҳои характерноки таълимот ба таври ҳайратангез тақрибан дар ҳамаи зинаҳои тараққиёти олами ҳайвонот якхела аст. Барои тақвияти ин фикр бихевиористҳо тадқиқотҳои худро дар соҳаи психологияи омӯзгорӣ асосан дар ҳайвонот гузарониданд.

Як гурӯҳ намояндагони равияи бихевиористӣ (Э.Торндайк, К.Холл ва дигарон) нисбат ба таълим чунин ақида доранд, ки омӯзонидан бе таҳкурсӣ номумкин аст, яъне самараи мусбат намедиҳад. Гурӯҳи дуюми намояндагони равияи бихевиоризм (Э.Подмен, Э. Газри ва дигарон) ақида доранд, ки таҳкурсӣ барои омӯзондан чандон шарти зарурӣ маҳсуб намеёбад. Дар навбати аввал, онҳо омехтагии омил ва аксуламалро пеш мегузоранд. Гурӯҳи сеюми психологон (Б.Ф.Скиннер, Г.Разран) бошанд, нуқтаи назари бомуваф-фақиятию самаранокии таълимро дастгирӣ менамоянд.

Равияи бихевиористӣ дар психология охирҳои асри гузашта дар соҳаи назарияи таълимот арзи вуҷуд намуда, имрӯзҳо ҳам ба он таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд.

Бояд зикр кард, ки беасосии он ҳанӯз дар солҳои 20- уми асри XX маълум буд, лекин ин равия дер боз ҷараёни пешрав дар психология шуда меояд. Б. Ф. Скиннер солҳои 60-уми асри XX ҳамчун намояндаи бихевиоризми нав кӯшиши дар амал татбиқ намудани назарияи таълими бихевиористиро намуд. Амалия нишон дод, ки равияи мазкур барои омӯзиши инсон чандон манфиатбахш нест.

Алҳол, назарияҳои пешсафи таълим **равияҳои когнитивӣ** ва **фаъолият** маҳсуб меёбанд. Назарияи таълими конгнитивӣ дар хориҷа

ва назарияи фаъолият дар собиқ Иттиҳоди шӯравӣ арзи вуҷуд ва инкишоф намуданд.

**Назарияи таълимоти когнитивӣ** ба тадқиқи қисмати асосии таълимот-раванди дарккунӣ равона карда шудааст. Раванди таълимотро бо айсберг (пирях) ҳамрадиф дониста, Т.В.Табай менависад, ки бихевиористҳо ба қисми болои об ва намоёни айсбергҳо таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд, вале ба қисми асосии он, ки зери об аст, эътибор надодаанд. Намояндагони равияи когнитивӣ бошад ба ин қисми ноайёни таълимот рӯ оварда, раванди идроккуниро объекти омӯзиш қарор додаанд.

Назарияи когнитивиро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст. Гурӯҳи якум назарияи ахбориро дар бар мегирад. Дар он таълимот ҳамчун раванди иттилоотӣ дида баромада мешавад. Умуман, фаъолияти идроки инсон ба раванди бахотиргирие, ки дар компютер ба вуҷуд меояд, монанд дониста мешавад, ки бо ин розӣ шудан мумкин нест. Намояндагони гурӯҳи дуюми равияи когнитивӣ раванди таълимотро дар сатҳи психологӣ тадқиқ менамоянд ва кӯшиш доранд, ки ин равандро бо ёрии унсурҳои асосии психикӣ: идрок, хотир ва тафаккур маънидод намоянд.

Бояд донист, ки равияи когнитивӣ ҳамчун назарияи мутлақи таълимот маҳсуб намеёбад, лекин ҳамзамон як қатор андешаву натиҷаҳои муҳимро дар бар мегирад.

Дар асарҳои Д. Брунер муттасил ба он диққат дода мешавад, ки хонанда ин ё он фанро омӯхта, бояд дониш ва малакаҳои умумиеро, ки ба ӯ дар оянда лозиманд азхуд намояд. Ӯ дар тадқиқотҳои худ инчунин ба алоқаи донишу малака диққат медиҳад. Раванди дархотирнигоҳдории маводро шарҳ дода, ӯ се зинаро ҷудо мекунад, ки дар як вақт ҷараён меёбанд: а) **гирифтани ахбори нав**; б) **маълумотдиҳӣ оиди дониши мавҷуда**; в) **фаъолияти назарияи омӯзиш**.

Дар адабиёти илмии психологию педагогӣ оид ба таълимдиҳии хонандагон назарияҳои гуногуне мавҷуданд, вале омӯзгор кадоме аз ин таълимотҳоро интихоб менамояд, аз ин тақдири шогирди он ниҳоят вобаста аст. Мисол, донишҷӯе ки оянда мехоҳад омӯзгори лаёқатманди фанни математика гардад, вазифадор аст бештар дониш аз худ намояд, то ки қобилияти математикии худро инкишоф диҳад.

Амалия нишон медиҳад, ки қисми зиёди математикҳо ба табиати генетикии қобилияти математикӣ (яъне, модарзодӣ будани он) такя мекунанд. Ҳамин тавр, аксаран муаллимони математика инро ба бад азхудкунии хонанда вобаста медонанд, гӯё дар ӯ қобилияти математикӣ

вуҷуд надорад. Дар ин маврид метавонанд илова кунанд, ки волидайни чунин хонандагон дар соҳаи математика муваффақ нестанд. Мусаллам аст, ки чунин муаллимон қобилияти ирсии математикиро эътироф мекунанд.

Муқоисаи ҳайвонот ва инсон нишон медиҳад, ки ҳайвонот дорои таҷрибаи ирсӣ мебошанд, яъне аз мероси биологӣ истифода мебаранд. Инсон бошад ҳардуи ин таҷриба (малака)-ро соҳиб аст. Фарқи ҷиддии инкишофи одам ва ҳайвон дар рӯзҳои аввали ҳаёти онҳо мушоҳида мешавад. Кӯдак баъди тавлид тамоман беқобилият буда, мӯҳтоҷ ба ёрӣ ва парасторӣ аст. Одам бояд ҳама чизро омӯзад. Навзоди ҳайвон бошад дар ин бобат тамоман фарқ мекунад. Ана барои чӣ зоғ сесад сол умр мебинад, ҳол он ки давраи наврасии ӯ ҳамагӣ якчанд моҳ давом мекунад. Овони кӯдакии инсон якчанд сол давом мекунад. Ӯ таҷрибаи иҷтимоии кофиро надорад. Кӯдак ин таҷрибаро бо ёрии волидон аз худ менамояд. Ҳамин тавр, омӯхтани таҷрибаи насли гузашта роли муайянро дар ташаккули шахсияти кӯдак мебозад.

Аз ин рӯ, таълим ва тарбия намуда, кӯдак таҷрибаи наслҳои гузаштаро тавассути фаъолияти махсус ташкилшуда меомӯзад. Ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки заминаҳои табиӣ рол намебозанд, балки баръакс, ҳамчун шартҳои муҳим низ маҳсуб меёбанд. Психологияи омӯзгорӣ бо тадқиқи фаъолияти таълимӣ машғул аст, зеро самаранокии донишазхудкунӣ бо гуногуншаклӣ ва хусусияту намуди фаъолият муайян мегардад. Ҳамин тавр, ба ҷои ду масъала-**дониш додан ва ташаккул додани малака**, акнун як масъала меистад ва он ташкил намудани намудҳои фаъолият мебошад, ки аз аввал дар худ системаи донишҳоро таҷассум менамояд.

Дар раванди таълимдиҳии шогирдон роҳу усулҳои ташаккул додани маҳорату малака ва қобилияти донишомӯзии шогирдон муҳим аст. Барои амалишавии он пеш аз ҳама устод аз донишҳои психологӣ истифода намуда, ташхиси хусусиятҳои фардии шогирдонро мегузаронад, пас аз он роҳҳои ташаккул додани маҳорату малакаҳои донишомӯзиро интихоб менамояд. Мисол, шахси бемор вақте ки назди духтур меравад, якуякбора ба ӯ сӯзандору намегузаронанд. Аввалан, бемории ӯро ташхис намуда, пас аз он роҳҳои табобати ӯро тавсия медиҳанд. Дар кори таълиму тарбия низ дар навбати аввал ташхиси психологӣ гузаронида мешавад ва сипас роҳу усулҳои муайяне барои таълиму тарбия истифода мегарданд.

Дар раванди таълим чунин ҳолатҳоеро мушоҳида намудан мумкин аст, ки қисме аз шогирдон маводи таълимиро ба хотир

мегиранд, вале қобилияти аз нав кор карда баромадани маводи омӯхташударо надоранд. Омӯзгор дар чунин ҳолатҳо барои инкишоф додани тафаккури хонанда бояд кӯшиш намояд.

**Таълими системаи кредитӣ**. Ҷумҳурии Ӯзбекистон вобаста ба тағйирёбӣ ва рушди тамоми соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ низ рӯ ба инкишоф ниҳода, таҷрибаи давлатҳои мутараққиро пеша намудааст. Аз ин лиҳоз, зарурати тайёр намудани мутахассисони баландтахассус на танҳо дар бозори дохилӣ, балки дар бозори ҷаҳонии меҳнат рақобатпазир баръало ҳис карда мешавад. Ҳалли самарабахши масъалаи мазкур, ислоҳоти куллии низоми таҳсилот ва хусусан технологияи таълимро дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ бо дарназардошти наздикшавии он ба стандартҳои ҷаҳонии таҳсилот тақозо мекунад.

Ташаккули дониш ва илм мустақиман ба системаи маориф рост меояд. Самаранокии системаи маориф мустақиман аз ҷониби сатҳи омӯзгорон, эҳтиёҷоти донишҷӯён, мундариҷаи адабиёти таълимӣ ва инфрасохторе, ки ба ташаккули таълими мустақил нигаронида шудаанд, таъмин карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки таълими кадрҳои пешрафта, баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо тибқи талаботи бозори меҳнат, омӯзиши мутахассисони тафаккури эҷодӣ бо раванди таълим зич алоқаманд аст.

8 октябри соли 2019, Президенти давлат мӯҳтарам Шавкат Мирзиёев Фармони “Рушди системаи таҳсилоти олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон то соли 2030” -ро ба имзо расонид. Дар ин ҳуҷҷати муҳими барномавӣ ҳадди аққал 10 муассисаи таҳсилоти олии ҷумҳуриро ба рейтинги 1000 то донишгоҳҳои ҷаҳонӣ муассисаҳои эътирофшудаи байналмилалӣ ворид намудан (Quacquarelli Symonds World University Rankings, Times Nigher Education) пешбини гардид ва гузариши тадриҷии раванди таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба системаи кредитӣ-модулӣ дохил намудани барраси шуд.

Инчунин қайд карда шуд, ки то соли 2030 дар ҷумҳури 85% тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, аз ҷумла интиқоли 33 муассисаи таҳсилоти олӣ ба системаи кредитӣ-модулӣ дар соли таҳсили 2020/2021 гузаронида шаванд.

Ҳадафи асосии татбиқи низоми кредитиро аз як тараф, омода намудани ихтисосмандони касбӣ ташкил диҳад, аз тарафи дигар, таъмини мувофиқати натиҷаҳои таълим дар мавриди гузаштани донишҷӯён аз як мактаби олӣ ба дигар мактаби олӣ, аз он ҷумла ба мактабҳои олии хориҷи кишвар ва эътирофи дипломҳо мебошад.

**Системаи таълими кредитӣ-модулӣ** – технологияҳои модулии таълимӣ ва воҳидҳои таълимӣ ( баҳисобгирии кредитӣ) модели ташкили раванди таълим дар асоси якҷояшавӣ мебошад.

**Системаи модули кредитии таълимӣ** – технологияҳои модулии таълимӣ ва ECTS ( ingl. European Credit Transfer and Accumulation System – Системаи аврупоии аз курс ба курс гузаштан ва ҷамъоварии баллҳо) Модели ҷараёни таълим дар воҳиди кредитҳои санҷишӣ. Системаи кредитӣ - модул ба ниёзҳои мушаххас асос ёфтааст.

**Кредит** – консепсияест, ки тавсифи миқдориро ифода мекунад, ки имкон медиҳад ҳиссаи фанҳои таълимӣ дар заминаи таълими касбӣ ба назар гирифта шавад. Кредит барои муайян кардани сарбории корӣ барои азхудкунии ин ё он курс ё барномаи мушаххаси омӯзишӣ ва вақти ба он гузошташуда зарур аст. 1 кредит ба 36 соати таълимӣ ( 27 соати астрономӣ ) баробар; 1 ҳафта ( кори амалӣ ё дигар корҳои таълимӣ ) 54 соати таълимӣ ба 1,5 воҳиди кредитӣ; сессияи 6 ҳафта ба 9 воҳиди кредитӣ баробар аст; имтиҳони 1 семестр ба 1 воҳиди санҷишӣ баробар аст; барои барномаҳои таълими ибтидоӣ дар шакли таҳсилоти пурра ба ҳисоби миёна 60 кредит дар як соли таҳсил ҷудо карда мешавад; 180 кредит барои дараҷаи бакалавриати 3-сола, 240 кредит барои 4 сол[1].

**Сарбории хониш** – ин вақтест, ки донишҷӯ бояд тамоми машқҳо ва амалҳои систематикии хонишро барои ноил шудан ба натиҷаҳои мушаххаси хониш иҷро кунад. Он на танҳо вақти дарс, балки вақти сарф кардани донишҷӯ дар хона ва китобхона барои омӯзиши илм, вақти имтиҳонҳо, вақти тамоми кӯшишҳои систематикии донишҷӯро барои азхуд кардани ин мавзӯъ фаро мегирад.

**Кредит (credit)** – як ҷузъи шартӣ барои чен кардани бори академии донишҷӯ ҳангоми омӯзиши барномаи таълимӣ ё курси алоҳидае, ки донишҷӯ ҳангоми таҳсил хатм кардааст. Яъне, воҳиди ҳадди аққали ҳуҷҷатгузорӣ аксар вақт омӯзишро барои як ҳафта дар назар дорад ( Миқдори аудити донишҷӯён ва кори мустақил) . Миқдори воҳидҳои қарзӣ аз рӯи истеъмоли қувваи кории донишҷӯён муайян карда мешавад[2].

---

[1] Морозова, Д. А. Индивидуализация учебной деятельности студента в вузе как фактор повышения качества образования при кредитной системе обучения: автореферат дис. ... канди-дата педагогических наук. – Челябинск, 2009. - 29 с.

[2] Авлиякуова Н.Х, Мусаева Н.Н. “Педагогик технология”– Т.: “Фан ва технологиялар” нашриёти, 2007. –187-бет.

**“Меъёри вақти донишҷӯӣ”** аз якчанд унсур иборат аст: сарборӣ барои аудитория ( 50% ҳаҷми умумии соат ); кори мустақил ( 50% ҳаҷми умумии соат ); вақти барои хондани китобҳо ва омодагӣ ба кори хаттӣ ҷудо карда шудааст; вақти барои омодагӣ ба кори хаттӣ ҷудо карда шудааст; вақти барои омодагӣ ба имтиҳон ҷудо карда шудааст[1].

Тибқи таърифи А. М. Алексюк, “**модул**” – як қисми нисбатан мустақили раванди таълим мебошад, ки як ё якчанд мундариҷа ва мафҳумҳои асосӣ, қонунҳо ва принсипҳоро дар бар мегирад.

Дар таҳсилоти олӣ **“модул”** ба қисми мустақил ва мантиқии барномаҳои таълимӣ дар фанҳои таълимӣ дахл дорад. Модул як қисми муайяни илм ё ченаки илм мебошад; модул метавонад якчанд курсҳоро фаро гирад.

**Интиқол (Transferancy)** – фароҳам овардани шароит барои дастрасии бемамониати шахс ё созмон ба системаи ECTS мебошад. Ин шароитҳо тавассути пешбурди қавии иттилоот эҷод карда мешаванд, ки ба муҳити навовариҳои умумӣ, возеҳият ва ошкоро оварда мерасонанд. Таблиғи иттилоот инҳоро дар бар мегирад:

♦ мувофиқ ба системаи мубодилаи ахборотрасонӣ саривақтӣ ба ҳамдигар дар бораи натиҷаҳои таълими донишҷӯён маълумот расонидан;

♦ мубодилаи мунтазами муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо бастаҳои иттилоотӣ, омӯзиши имкониятҳои ҳамдигар дар соҳаи хизматрасонии таълимӣ;

♦ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, маълумоти пурра дар бораи ECTS.

Хулоса, ҷорӣ намудани системаи кредитӣ-модули таълими имкон медиҳанд “семестри таҳсил - соли таҳсил - курсҳои таълимӣ” дуруст ташкил карда шаванд ва тақсимоти оқилонаи маводи омӯзишӣ ба модулҳо ва санҷиши сифати маводи назариявӣ ва амалии ҳар як модул, ҷамъоварии баллҳо, баҳогузорӣ ва таъсири он ба донишӯён ба инобат гирифта мешаванд.

Дар назди психологияи омӯзгорӣ барои самарабахшгардонии кори таълиму тарбия вобаста ба шароити нави таҳсилот чунин вазифаҳо истодаанд:

---

[1] Умарова Б.Х. Дидактические основы повышения мотивационной деятельности студентов в условиях кредитной технологии обучения: дис. ... канд. пед. наук. – Душанбе, 2010. – 183 с.

- бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ омода намудани устодон ба низоми кредитии таҳсил;
- дарёфт намудани усулҳои навине, ки дар хонандагон барои ба таълим муносибати мусбӣ зоҳир намудан мусоидат намояд;
- роҳҳои бошуурона омӯзонидани маводи таълимӣ;
- коркарди нақшаҳои таълимии намунавӣ ва барномаҳои таълимӣ, яъне силлабусҳо вобаста ба ихтисосҳо, ки дар он вақт ба инобат гирифта шавад, инкишофёбии психикии шогирдон, усулҳои донишомӯзӣ, хусусиятҳои тарбиявии дарс ва имконоти синнусолӣ бояд бо мисолҳои аниқ нишон дода шаванд ва ғайраҳо.

Олимони соҳаи психологияи омӯзгорӣ бояд роҳҳои асосии инкишофи психика ва ташаккули шахсияти хонандагонро муайян намоянд, ки он тавассути мафҳуми **«омӯзонидан, ё худ ёд додан»** амалӣ мегардад.

## Савол ва супоришҳо барои худсанҷӣ

1. Назарияҳои гуногуни олимонро оид ба таълим шарҳ диҳед?
2. Шарти муҳими самаранокии таълимро дар чӣ мебинед?
3. Назарияҳои пешсафи таълим кадомҳоянд?
4. Мақсади асосии соҳаи психологияи омӯзгориро ошкор намоед?
5. Таълими системаи кредитӣ чӣ гуна аст?
6. Кредит ва Сарбории хонишро шарҳ диҳед?

## Мавзӯъҳо барои реферат ва кори курсӣ

1. Назарияҳои таълим ва нақши он дар инкишофи рӯҳӣ.
2. Назарияи дараҷаи мавҷуда ва минтақаи наздиктарини инкишофи Л.С.Виготский.
3. Нақши системаи кредитии таълим дар рушди инкишофи рӯҳӣ.

## Адабиёти истифодашуда ва тавсияшаванда


1. Авлиякуова Н.Х, Мусаева Н.Н. "Педагогик технология"– Т.: "Фан ва технологиялар" нашриёти, 2007. –187-бет.
2. Давлетшин М.Г., Мавлонов М.М., Тӯйчиева С.М. Ёш ва педагогик психология. – Т.: ТДПУ, 2009
3. Ғозиев Э.Ғ. Психология (Ёш даврлари психологияси). Т. 2002

4. Морозова, Д. А. Индивидуализация учебной деятельности студента в вузе как фактор повышения качества образования при кредитной системе обучения: автореферат дис. ... канди-дата педагогических наук. – Челябинск, 2009. - 29 с.
5. Сафаев Н.С., Мирашировa Н.А., Одилова Н.Г. Умумий психология назарияси ва амалиёти. – Т.: Низомий номидаги ТДПУ, 2013
6. Немов Р.С. Психология: Учеб. пособие для студентов высш. пед. учеб. заведений: В 3 кн. Кн. 2. Психология образования. 2-е изд.- М., 1995
7. Умарова Б.Х. Дидактические основы повышения мотивационной деятельности студентов в условиях кредитной технологии обучения: дис. ... канд. пед. наук. – Душанбе, 2010. – 183 с.
8. Югай А., Мирашировa Н.А. Общая психология. – Т.: ТГПУ, 2014

## Мавзӯи 4. Ёдгирӣ ва ёддиҳӣ

Яке аз муаммоҳои муҳиму ҳалталаб дар соҳаи таълиму тарбия, махсусан психологияи омӯзгорӣ- ин соҳиби дониш, маҳорату малака гардонидани насли наврас мебошад. Мақсад аз ин бунёд намудани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва инчунин шахсиятҳои комилу ҳамаҷониба инкишофёфтаро тарбия намудан мебошад. Амалигардии ин раванд пеш аз ҳама аз омӯзгорон вобаста буда, дониши мукаммали касбӣ доштани онҳоро талаб менамояд. Соҳиби дониш гардонидани насли наврас бо раванди ёддиҳӣ ва ёдгирӣ алоқаманд мебошад.

**Ёдгирӣ равандест, ки инсон тавассути он чизҳоеро, ки намедонад ё наметавонад, дониста мегирад. Дониш, маҳорат ва малакаҳои нав ҳосилшуда дар раванди фаъолияти бомақсад бояд истифода гарданд.**

Бояд қайд кард, ки ёдгирӣ аз рафт ва натиҷаи низоми биологии маҳорати фардии инсон низ вобастагӣ дорад. Мавҷудоти зинда намудҳои нави рафторро меомӯзанд, ки онҳо барои зиндагии ӯ лозим мешаванд. Инсон ба дунёи воқеӣ мутобиқ мешавад, зиндагӣ мекунад, сифатҳои навро пайдо намояд- ин ҳама тағйиротҳо ба мафҳуми «**ёдгирӣ**» ва «**ёддиҳӣ**» вобаста мебошанд.

Барои хубтар фаҳмидани тафовути мафҳумҳои ёдгирӣ, ёддиҳӣ, омӯзиш ва таълим аз таснифи фаъолият истифода менамоянд, ки инсон дар натиҷаи он соҳиби таҷрибаи ҳаётӣ мегардад.

Ҳамаи фаъолиятҳоеро, ки инсон тавассути он соҳиби таҷрибаҳои ҳаётӣ мегардад, ба ду гурӯҳи калон ҷудо намудан мумкин аст: ***фаъолияте, ки натиҷаи дониш маҳсули иловагӣ ва фаъолияте, ки натиҷаи дониш маҳсули мустақили он ба ҳисоб меравад***[1]**.**

Дар ҳамаи намудҳои фаъолият (бозӣ, таълим, меҳнат ва муошират) таҷриба ҳамчун маҳсули ногаҳонии дарккунӣ ё фаҳмиш пайдо мешавад. Аввалан, фаъолиятро ҳамчун азхудкунии таҷриба дида мебароем, ки он бе мақсади азхудкунии таҷриба ташкил шудааст. Дар байни онҳо чунин намудҳоро тақсим менамоянд: бозиҳои дидактикӣ, муошрати ғайри-муташаккил ва дигар фаъолиятҳо. Дар ин фаъолиятҳо мақсади аз худ намудани таҷриба ва дониш гузошта нашуда бошад ҳам, дар охир таҷриба аз худ карда мешавад. Дар ин ҳолат натиҷаи дарккунӣ ягона сарфи вақт ва қувваи субъект мебошад. Якҷоя бо он ваҷҳиёти

---

[1] *Н.Ф.Талызина. Педагогическая психология.- Москва – Академия, 1998*

амалкунанда раванди фаъолиятро ҷоннок мегардонанд. Инсон бо дигарон муошират ё бозӣ мекунад, чунки аз бозӣ ё муошират қаноатмандиро эҳсос мекунад. Ғайр аз ин, азхудкунии таҷриба дар натиҷаи мушоҳидаи беруна (хониши адабиёти бадеӣ, тамошои филҳои ҳунарӣ ва ғайраҳо) низ ҳосил мегардад.

Азхуднамоӣ ё дарки моҳияти таҷрибаҳо бо ду роҳ ба вуҷуд меоянд: дар ҳолате, ки таҷриба дар шакли тайёр дода мешавад, вале субъекти азхудкунанда бояд мустақилона як ё якчанд шароитҳоеро омода намояд, ки раванди азхудкуниро таъмин созад. Агар субъекти азхудкунанда танҳо қисмҳои дарккунии фаъолиятро иҷро намояд, он гоҳ шароитҳои азхудкуниро дигарон омода менамоянд. Роҳи дуюм диққатҷалбкунанда аст. Ин ба он монандӣ дорад, ки гӯё калонсолон ба хурдсолон таҷрибаро меомӯзонанд. Ин намуди фаъолият «ёдгирӣ» мебошад.

**Омӯзиш**-ин таҷрибаи азхуднамудаи иҷтимоӣ-таъри-хиро ба шахси дигар дар шароити махусуси сохташуда омӯзонидан мебошад.

Дар психологияи хориҷӣ мафҳуми ёддиҳӣ ҳамчун ёдгирӣ фаҳмида мешавад. Агар омӯзиш ва ёдгирӣ азхудкунии фардии таҷрибаҳо бошад, пас мафҳуми ёддиҳӣ худи раванд ва натиҷаи он мебошад.

**Таълим** - ин фаъолияти якҷояи омӯзгор ва шогирд аст, ки дар натиҷаи он азхудкунии дониш таъмин шуда, хонандагонро соҳиби дониш мегардонад.

**Ёдгирӣ** ҳамчун фаъолияти хонандагон, азхудкунии донишҳои нав ва ҳамчунин усулҳои азхудкунии донишҳоро ифода мекунад.

**Таълимдиҳӣ** ҳамчун фаъолияти омӯзгор раванди педагогиро ташкил менамояд, аммо ёдгирӣ бошад ҳамчун фаъолияти хонанда ба раванди таълим нигаронида шудааст.

Ҳамин тариқ, мафҳумҳои психологии «ёддиҳӣ», «таълим» ва «ёдгирӣ» мафҳумҳои васеъ буда, мақсади онҳо азхудкунии таҷриба, дониш, маҳорат, малака аз ҷониби хонандагону донишҷӯён мебошад, ки дар рафтор, фаъолият ва муносибати онҳо ифода меёбад.

Азхудкунии таҷриба, дониш ва малакаҳо дар тӯли ҳамаи ҳаёти инсон давом меёбад (яъне инсон аз аввал то ба охир меомӯзад, зеро ҳамеша ба донишгирӣ ниёз дорад).

Хулоса, «ёддиҳӣ», «таълим» ва «ёдгирӣ» - ин равандҳои азхудкунии усулҳои навинест, ки дар рафтор ва фаъолияти субъект сурат мегиранд.

Барои он ки хонандагон соҳиби дониши мукаммали илмӣ гашта ҳамчун шахси ташаккулёфта тарбия ёбанд, қонуниятҳои психологии ёдгирӣ ва ёддиҳиро омӯхтан лозим аст. Омӯзгорон дар аксарият мавридҳо аз ин қонуниятҳо хабардор нестанд ва аз ин хотир ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Баъзеҳо чунин мешуморанд, ки донишгирии хонандагон ба қобилияти донишазхудкунӣ ва шавқу ҳаваси онҳо вобаста буда, агар онҳо дар хонанда дида нашавад, он гоҳ кори таълиму тарбия самарабахш намегардад. Мисол, дар китоби дарсии «Ҳуқуқи шаҳрвандӣ» дар мавриди «Ӯҳдадорӣ оид ба хизматрасонӣ» омадааст: «… агар сухан оид ба фаъолияти духтур ва ё репититор равад. Манфиати хизматрасонӣ на фақат аз дараҷаи тахассусии репититор ё духтур, инчунин аз он вобастагӣ дорад, ки оё шогирд ба қабул ва ё дарки дониш чӣ гуна тайёр ва қобил аст ва то чӣ андоза беморӣ кӯҳна шудааст ва ғайра»[1]. Аз мазмуни ин бармеояд, ки агар хонанда қобилияти азхудкунии дониш, шавқу ҳаваси хондан надошта бошад ва дар натиҷаи дарсҳои чандвақтаина соҳиби дониш нагардад ҳам, репититор маблағи гирифтаашро барнамегардонад. Вале ин мухолифи гуфтаҳои олимони соҳаи психология мебошад. Зеро, агар кӯдак бемории рӯҳӣ надошта бошад, бо кадом усуле набошад ҳам, ӯро омӯзонидан мумкин аст. Дуруст аст, ки кори таълим бисёр душвор аст, вале дар натиҷаи заҳматҳои зиёди омӯзгор ба натиҷабахшии он ноил гардидан мумкин мебошад. Дар таълим усулҳои зиёде муайян шудаанд ва танҳо мушкилот дар он аст, ки омӯзгор бояд хусусиятҳои психологии шогирд, шавқу ҳавас, ҷаҳонбинӣ, дараҷаи донишазхудкунӣ, имконият ва ғайраҳоро ташхис намояд, пас аз он роҳу усулҳои таълимро муайян кунад, он гоҳ ба натиҷаи дилхоҳ мерасад.

Дар раванди таълим намудҳои ёддиҳӣ аҳамияти калон дорад, ки онҳо чунинанд: **ёддиҳии сенсорӣ** (ҳиссӣ), **ёддиҳии моторӣ ва ё ҳаракатӣ, ёддиҳии когнитивӣ** ва ё **маърифатӣ**.

Бояд гуфт, ки дар рафти ёддиҳии сенсорӣ образҳо, донишу тасаввуротҳои гуногун тавассути идрок ва тарзҳои шинохтан ва аз нав ба хотир овардани донишҳои пештара саҳми муҳим мебозанд. Дар рафти ёддиҳии сенсорӣ донишҳои ҳиссӣ (эҳсосу идрок ва тасаввуротҳо) аҳамияти калон доранд.

Ҳангоми ёддиҳии моторӣ ва ё ҳаракатӣ интихоби дурусти амалу ҳаракатҳо ва машқҳо, бо ҳам муттаҳидгардонии тарзи ҳаракатҳо

---

*1* В.Р. Топилдиев. Фуқаролик. Ҳуқуқи. (II қисм). Тошкент. «Университет».2014

аҳамияти басо калон доранд. Натиҷаи ёддиҳии сенсорӣ ва ҳаракатӣ дар шакли маҳорат ва малакаҳои кори таълимӣ ифода меёбанд.

Намуди сеюми ёддиҳӣ – ёддиҳии когнитивӣ (маърифа-тӣ) мебошад. Хонандагон дар ин зинаи ёддиҳӣ аз амалҳои таҳлил, таркиб, муқоиса, ҷамъбасткунӣ ва хулосабарорӣ истифода бурда, хусусиятҳои муҳим ва ғайримуҳими алоқаи байни ҳодисаҳо ва ашёҳоро дониста мегиранд.

Хулоса, ҳамаи тағйиротҳое, ки дар ҷараёни кори таълиму тарбия ба амал меоянд, бо раванди ёддиҳӣ алоқаи зич доранд. Бинобар ин, барои ҳар як омӯзгор донистани роҳу усулҳои навини таълим ва омилҳои самарабахшгардонии раванди таълим зарур мебошад.

## Омилҳои самарабахшгардонии раванди таълим

Тадқиқотҳои илмӣ собит месозанд, ки омилҳои самарабахшгардонии раванди таълим низ ба ёддиҳӣ ва ёдгирӣ алоқаи зич доранд. Ин аз он ҷиҳат аст, ки самарабахшгардонии раванди таълим ҳам тавассути амалҳои ёддиҳӣ ва ҳам ёдгирӣ амалӣ мешаванд.

Дар адабиёти психологии даврони Шӯравӣ чунин омилҳои самарабахшгардонии раванди таълим зикр гардидаанд:

- омӯхтани маводи таълимӣ ба мазмун ва мундариҷаи он вобаста аст;
- муайян намудани намудҳои дониш, маҳорат ва малакаи донишгирӣ;
- забон ва тарзи баёни донишҳо;
- муайян намудани аҳамият ва моҳияти маводи таълимӣ;
- шуурона омӯхтани маводи таълимӣ;
- сохт ва таркиби маводи таълимӣ;
- ҳаҷми маводи омӯзишӣ;
- хусусиятҳои эмотсионалии маводи таълимӣ.

Ин омилҳои номбаршуда то ҳол истифода мешаванд ва арзиши худро гум накардаанд. Дар баробари ин, усулҳои наве истифода шуда истодаанд, ки омӯзгорон аз онҳо низ бояд бохабар бошанд. Новобаста аз ин, ҳар як омӯзгор усулҳои худро дорад ва агар аз он дуруст истифода намояд, самарабахшии кор хуб мегардад.

Барои самарабахшгардонии раванди таълим зарур аст, ки аз донишҳои психологӣ истифода намуда, омилҳои зерини психологӣ ба инобат гирифта шаванд:

1) Омӯзгор бояд дар бораи хусусиятҳои фардӣ-психологии шогирди худ маълумот дошта бошад ва ӯро хуб шиносад. Ба хусусиятҳои фардии шогирдон ҳамон хусусиятҳое дохил мешаванд, ки онҳо умумӣ набуда, аз хусусиятҳои дигарон фарқ мекунанд. Мисол, агар дар синф 25 нафар хонанда таҳсил намояд, он гоҳ ҳар кадоми онҳо аз нигоҳи психологӣ бо хусусиятҳои фардӣ (мизоҷ, характер, қобилият ё бо тарзи бахотиргирӣ, диққату бодиққатӣ ва ғ.) аз ҳам фарқ мекунанд. Омӯзгор бояд оид ба хусусиятҳои ҳар як шогирд маълумот дошта бошад ва барои ташаккули хусусиятҳои мусбӣ кӯмак расонида, барои пешгирӣ намудани инкишофи хусусиятҳои манфӣ чораҳои зарурӣ андешад.

2) Маводи таълимӣ мазмуни хуб дошта, ба имконияти донишазхудкунии шогирдон мувофиқ бошад. Шогирдон ҳамон вақт ба раванди донишомӯзӣ ҳавасманд мегарданд, ки агар маводи таълимӣ мазмуни хуб дошта, бо ҳаёт алоқаманд гардонида шаванд. Инчунин, аз аҳамияти донишҳои мегирифтаашон огаҳӣ пайдо намоянд ва ин донишҳо ба синну сол ва имконияти донишазхудкунии онҳо мувофиқ бошад.

3) Усулҳои фаъоли таълим истифода шаванд (аз аёниятҳои муосир васеъ истифода намудан, аз қабили: компютер, проектор, диктафон, магнитафон, флепчарт, тахтаҳои синфии электронӣ ва ғайраҳо). Барои беҳтар аз худ намудани маводи таълимӣ истифодаи аёниятҳо ва усулҳои фаъоли таълим аҳамияти ба худ хосро доро мебошанд. Агар аёниятҳо дар раванди таълим барои ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс истифода гардад, он гоҳ ин барои беҳтару хубтар аз худ намудани маводи таълимӣ кӯмак мерасонад. Психологҳо муайян намуданд, ки агар дар лаҳзаҳои гуногуни дарс диққати хонандагон ба дарс мутамарказонида шавад, он гоҳ хонанда маводи таълимиро беҳтар аз худ менамояд. Усулҳои дигари фаъолгардонии шогирдонро худи омӯзгор интихоб менамояд. Мисол, омӯзгори фанни таърихи мактаби таҳсилоти умумии № 10 –уми шаҳри Душанбе муаллима Салимова М. аз таҷрибаҳояш чунин баён менамояд: нисбат ба оне, ки омӯзгор мавзӯи навро баён менамояд, агар мавзӯи нав пешакӣ ба талабаҳо тақсим шаванд ва вазифадор гарданд, ки дарси оянда он талабаи вазифадоршуда мавзӯи навро мефаҳмонад. Талабаи вазифадоршуда барои фаҳмонидани мавзӯи нав ҷиддӣ омодагӣ мебинад ва бачаҳо дар вақти баёни мавзӯъ низ бодиққат ӯро гӯш мекунанд. Талабаи вазифадоршуда бо лафзи кӯдакона мефаҳмонад, овоз ва нутқи ӯ низ аз омӯзгор комилан фарқ мекунад. Омӯзгор пас аз анҷоми баёни

мавзӯи нав боз як маротиба мавзӯъро мустаҳкам намуда, иловаҳои худро мегӯяд ва бо ҳамин маводи таълимӣ пурра ба шогирдон расонида мешавад, ки ин ҳам ба яке аз усулҳои худ интихоб намудаи омӯзгор дохил мешавад.

4) Мақсади ҳар дарс бояд мушаххас бошад ва бо усулҳои нав омӯзонда шаванд. Имрӯзҳо усулҳои нави таълим васеъ истифода мешаванд. Ҳар як усул дорои мақсади муайян аст. Дарс ҳам дар ин замина бояд мақсади муайянро дошта бошад. Дар барномаи таълимӣ мақсади дарс равшан гардида, вобаста ба он маводи таълимӣ бо кадом роҳ бояд омӯзонида мешавад, муайян мегардад. Ғайр аз ин, риояи вақт низ дар барномаи таълимӣ оварда мешавад. Агар дар раванди таълим аз усули «ангезиши ақлҳо» васеъ истифода шавад, он гоҳ ин шогирдонро ба фикр намудан водор месозад ва ин ба мақсад мувофиқ аст.

5) Кӯшиш намудан лозим аст, ки хонанда бештар мустақилона вазифаҳоро иҷро намояд. Дар раванди таълим иҷроиши корҳои мустақилона аҳамияти калон дорад. Корҳои мустақилона имконият медиҳанд, ки дар хонандагон қобилияти фикркунӣ инкишоф ёбад ва ин ба инкишофи тафаккури эҷодии шогирдон мусоидат менамояд. Дар замони муосир шаклҳои гуногуни фаъоли таълим дар аксарияти давлатҳои пешрафта истифода мегарданд. Татбиқи «**Низоми кредитии таҳсилот**» дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон исботи гуфтаҳои боло мебошанд.

6) Шавқу ҳаваси хонандаро бо ҳар роҳе, ки набошад, ба таълимгирӣ зиёд намудан лозим аст. Барои аз худ намудани маводи таълимӣ баланд бардоштани шавқу ҳаваси шогирд вазифаи асосӣ ба шумор меравад, ва ин аз маҳорати баланд доштани омӯзгор вобаста мебошад. Омӯзгор бо чӣ роҳе, ки набошад, бояд шогирдро ҳавасманд гардонад. Усулҳои ҳавасмандгардонии (бавачҳории) шогирдон хеле зиёданд, ки оид ба онҳо баъдтар истода мегузарем.

7) Усулҳои ба тариқи инфиродӣ омӯзонидани маводи таълимӣ ба инобат гирифта шаванд. Умуман, таълим дар синф коллективона гузаронида мешавад, вале омӯзгорро зарур аст, ки вобаста ба дараҷаи дониши хонанда супоришҳои муайянеро интихоб намояд. Ба он бояд диққат диҳад, ки оё шогирд вазифаҳои таълимиро ба тариқи инфиродӣ ё мустақилона чӣ тавр иҷро менамояд. Агар ба тариқи инфиродӣ супоришҳои иловагӣ муайян гарданд ва тарзи иҷрои он назорат карда шаванд, он гоҳ самарабахшии донишазхудкунии шогирдон афзун мегардад.

8) Баёни мавзӯъ мувофиқи сатҳи дониш ва фаҳмиши хонандагон бояд ба роҳ монда шавад. Дар вақти омӯзонидани маводи таълимӣ

дараҷаи дониши шогирд бояд ба ҳисоб гирифта шавад. Зеро дараҷаи дониш дар байни шогидон аз ҳам фарқ дошта, хусусияти фардиро дорад ва он бояд аввалан ташхис гардида, пас аз он аз рӯи дарки фаҳмиши хонанда баён гарданд. Дар ин ҷо нутқи омӯзгор ва истифодаи мафҳумҳо низ аҳамияти калон доранд. Мафҳумҳои душворе, ки ба хонанда фаҳмо нест, ба таври содда бояд фаҳмонида шаванд ва ин ба манфиати кор аст.

9) Пайдарҳамии баёни маводи таълимӣ ва эътибор додан ба чизҳои асосӣ. Маводи таълимии омӯзонидашаванда бояд мантиқан дуруст буда, бо ҳам алоқамандӣ дошта бошад ва пайдарҳам омӯзонда шавад. Зеро, пайдарҳамии таълими мавод ба азхудкунии дониш мусоидат намуда, ба инкишофи тафаккур ва фаъолияти фикрии онҳо кӯмак мерасонад.

10) Аҳамият ва моҳияти донишҳои азхудшаванда ба шогирд фаҳмонида шавад. Донишҳое, ки ба шогирдон омӯзонида мешаванд, бояд аҳамияти ҳаётӣ дошта бошанд ва дуруст дарк намоянд, ки ин донишҳо дар ҳаёти ояндаи онҳо дар кадом мавридҳо ва чӣ тавр истифода мешаванд. Танҳо дар ҳамин ҳолат онҳо бо ҳисси масъулият вазифаҳои таълимиро иҷро менамоянд.

11) Устод худро бояд ба дили шогирд ҷой карда тавонад ва ғайраҳо. Касби омӯзгорӣ бо нозукиҳои худ аз дигар касбу пешаҳо фарқ мекунад. Агар дар шогирдон нисбат ба омӯзгор ҳисси бадбинӣ пайдо гардад ва ё ҳамчун шахс, ба шогирд маъқул нагардад, он гоҳ ҳамон фан низ ба назари шогирд бад шуда, аз омӯзиши он илм даст мекашанд. Аз ин хотир, омӯзгор бо чӣ роҳе, ки набошад, бояд худро ба дилу дидаи бачаҳо ҷой карда тавонад. Ин аз муносибати хуб ва меҳрубононаи омӯзгор ба шогирдон ба даст меояд.

## Саволҳо барои худсанҷӣ

1. Ин мафҳумҳоро муқоиса намоед: "ёдгирӣ", "омӯзиш", "ёддиҳӣ", "фаъолияти таълимӣ".
2. Намудҳои фаъолиятро номбар кунед, ки инсон дар натиҷаи он соҳиби маҳорат мегардад.
3. Мафҳуми «ёдгирӣ» дар таърихи психология чӣ гуна фаҳмида мешуд?
4. Назарияҳои асосии « ёдгирӣ»-ро шарҳ диҳед.
5. Масъалаҳои асосии назарияи «ёдгирӣ»-ро қайд кунед.
6. Кадом намудҳои ёдгирӣ мавҷуданд?
7. Моҳияти консепсияи таълими бихевиористӣ дар чист?

8. Назарияи ёдгирии когнитивӣ аз назарияи бихевиористӣ ва рефлекторию ассотсиативӣ бо чӣ фарқ мекунад?
9. Омӯзишро ҳамчун намуди фаъолияти инсонӣ тавсиф диҳед.
10. Назарияи асосии омӯзиш дар психологияи ватанӣ кадом аст?
11. Аҳамияти омӯзиши рафтору кирдори одамон дар ҷомеа дар чист?
12. Шароитҳои асосии инкишофи фаъолияти фикриро муайян намоед?

## Мавзӯъҳо барои реферат ва кори курсӣ

1. Ёдгирӣ ҳамчун раванд ва натиҷаи азхудкунии маҳорати фардӣ
2. Асосҳои назарияи ёдгирӣ
3. Масъалаҳои назарияи ёдгирӣ
4. Намудҳои ёдгирӣ дар инсон
5. Назарияи рефлекторӣ ва ассосиатсионии ёдгирӣ
6. Муносибати байниилмӣ ба таълим
7. Омӯзиш ҳамчун фаъолияти инсонӣ
8. Асосҳои назарияи омӯзиш дар психологияи ватанӣ
9. Назарияи зина ба зина инкишофёбии амалҳои фикрӣ ва фаҳмиш

## Адабиёти истифодашуда


1. В.Р. Топилдиев. Фуқаролик. Ҳуқуқи. (II қисм). Тошкент. «Университет».2014
2. Давлетшин М.Г., Мавлонов М.М., Тўйчиева С.М. Ёш ва педагогик психология. – Т.: ТДПУ, 2009
3. Иванов И., Зуфарова М. Умумий психология. – Т.: Ўз.ФМЖ., 2008
4. Муслимов Н.А., Усмонбоева М.Ҳ., Сайфуров Д.М., Тўраев А.Б. Педагогик компетентлик ва креативлик асослари – Тошкент, 2015
5. Немов Р.С. Психология: В 2 кн. Кн. 2. Психология образования.- М., 1994
6. Сафаев Н.С., Мирашировa Н.А., Одилова Н.Г. Умумий психология назарияси ва амалиёти. – Т.: Низомий номидаги ТДПУ, 2013
7. Хайдаров Ф.И., Халилова Н. Умумий психология. – Т.: Фан ва технологиялар, 2009
8. Талызина Н.Ф. Педагогическая психология: Учеб. По собие для студ. сред. спец. учеб. заведений.- М., 1998
9. Югай А., Мираширова Н.А. Общая психология. – Т.: ТГПУ, 2014

## Мавзӯи 5. Омӯзиш ва инкишоф

Раванди инкишоф - ин тағйироти миқдорӣ ва сифатии ҷисмии инсон аст. Натиҷаи инкишоф ин ташаккули одам ҳамчун намуди мавҷудоти биологӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Инкишофи ҷисмонии одам ба хусусиятҳои биологӣ вобаста буда, аз тағйиротҳои морфологӣ (сохти ҷисм), биокимиёӣ ва физиологӣ иборат мешавад. Аммо инкишофи иҷтимоӣ ба рушди психологӣ, рӯҳӣ ва ақлонӣ хос аст.

То ба имрӯз олимони соҳаи психологияи омӯзгорӣ тадқиқотҳои илмӣ гузаронида муайян намуданд, ки тавассути омӯзиш ё таълимгирӣ рӯҳи кӯдак ҳамаҷониба инкишоф меёбад. Яъне, хусусиятҳои пешбарандагии таълим дар инкишофи психика дар он ифода меёбад, ки амалҳои наве, ки кӯдак таҳти роҳбарии калонсолон иҷро мекунад, минбаъд худаш мустақилона иҷро мекардагӣ мешавад. Л.С. Виготский фарқияти байни иҷрои амалҳои якҷояи кӯдаку калонсол ва амалҳое, ки кӯдак мустақилона иҷро мекунад, «**минтақаи наздиктарини тараққиёти психика**» номида буд. Бояд қайд кард, ки фосилаи таносуби «***минтақаи наздиктарини тараққиёти психика***» нишондиҳандаи муҳими аз худ намудани дониш, таҷриба, маҳорат ва малакаи кори таълимӣ ба ҳисоб меравад. «Таълим тараққиёт нест, вале тарзи дурусти ташкили таълим тараққиёти ақлии кӯдакро аз паси худ мебарад» -навишта буд Л.С .Виготский.

На ҳама гуна таълим инкишофро аз паси худ мебарад. Танҳо ҳамон таълим инкишофро аз паси худ бурда метавонад, ки агар кӯдак барои худ чизи наверо гирифта бошад ва рафтору амали ӯро дар оянда тағйир диҳад. Масалан, агар калонсолон ба кӯдак тарзи кашидани расми хонаро ёд диҳанд, он гоҳ кӯдак минбаьд расми хонаро кашида истода, ба он аломатҳои дигарро, ба монанди зинапоя, дар боми хона антена, дар паси хона кӯҳҳо ва ғайра илова менамояд. Ин аз мавҷудияти инкишоф шаҳодат медиҳад.

Алоқаи аввалини таълим ва инкишоф дар он ифода меёбад, ки таълим аз инкишоф бояд пеш равад ва аз паси худ инкишофро барад. Алоқаи дуюми таълим ва инкишоф аз он иборат аст, ки ҳар дуи ин раванд баробар ва якхела ба вуҷуд намеоянд. Аз ин рӯ, таълим пеш меравад, вале натиҷаи инкишофро ба тезӣ муайян кардан наметавонад. Алоқаи сеюми таълим ва инкишоф он аст, ки таълим на танҳо инкишофро муайян мекунад, балки он аз шароити инкишофе, ки дар ҷараёни таълим ба вуҷуд омада буд, вобаста аст.

Оид ба масъалаи омӯзиш ва инкишоф ақидаҳои Л.С. Виготский маъмул буда, минбаъд ақидаҳои ӯро шогирдонаш А.Н. Леонтев, Д.Б.

Элконин, В.В. Давидов, А.Р. Лурия ва дигарон идома доданд. Онҳо муайян сохтаанд, ки синни томактабӣ барои азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаҳои кори таълимӣ давраи хеле мувофиқ буда, кӯдакро ба олами фарогирифта наздиктар менамояд ва ӯро ба таълим омода месозад.

Асарҳо ва андешаҳои Л.С. Виготскийро олимони соҳаи психологияи омӯзгорӣ дар хориҷ аз кишвар низ тарафдорӣ намудаанд. Хусусан, таваҷҷӯҳи эшонро андешаи **«табиати иҷтимоӣ доштани психикаи инсон»** ҷалб намуда буд.

Олимон дар заминаи ин ақидаҳо миқдори зиёди озмоишҳоро гузаронида, боварӣ ҳосил намуданд, ки инкишофи психикаи кӯдак ба инкишофи тамаддуни инсонӣ вобаста аст. Давраи кӯдакӣ низ абадӣ, беохир набуда, он тағйиру инкишоф меёбад ва ин тағйиротҳо ба психологияи ӯ низ таъсир мерасонад. Л.С. Виготский дар масъалаи инкишофи таълим ва тараққиёти психикӣ нақши омилҳои пешбарандаро ба шароити таърихӣ-иҷтимоӣ вобаста карда буд. Ӯ ба қонуниятҳои инкишофи табиат ва ҷамъият такя карда, фаҳмиши таърихии инкшофи психикаи инсонро кор карда баромад. Бо ҳамкорон ва шогирдонаш як силсила тадқиқотҳои илмиро доир ба **«тараққиёти маданӣ - таърихии психика»** гузаронида нишон дод, ки одам дар рафти тараққиёти иҷтимоӣ ва таърихӣ на танҳо ба табиат таъсир расонида, табиатро тағйир медиҳад, инчунин ба психика ва рафтори худ низ таъсир расонида, онро тағйир медиҳад ва инро таъсири мутақобила меноманд. Дар ниҳоят ин амал боиси эҳёи маданияти ӯ мегардад.

Л.С.Виготский ва шогирдони ӯ назарияи тараққиёти маданӣ-таърихии психикаро омӯхта, муайян карданд, ки донишу таҷриба, маҳорат ва малакаҳои инсон дар рафти тараққиёти тӯлонии ҷамъияти инсонӣ ба амал омада, ба тараққёти психика таъсири амиқ мебахшад.

Инчунин ӯ **«қонуниятҳои умумии генетикии тараққиёти маданӣ»**-ро шарҳ дода, махсус таъкид карда аст, ки ба тараққиёти мадании кӯдак пеш аз ҳама муҳити иҷтимоӣ ва баъд вазъиятҳои психологӣ таъсир мерасонанд.

Дар ҳоли ҳозир низ олимоне, ки аз нозукиҳои илми таълиму тарбия бохабаранд, ин гуна ақидаҳоро дастгирӣ менамоянд. Масалан, дар китоби «**Муқаддимаи ихтисоси омӯзгорӣ**» оварда шудааст: «Рушди умумии инсон бо ду роҳи бо ҳам алоқаманд – биологӣ ва иҷтимоӣ рӯй медиҳад. Тифл ҳамчун мавҷудоти биологӣ ба дунё меояд, ки инсон тавлид ёфт мегӯянд, вале на шахсият, зеро ба шахсият шудани

ӯ ҳоло замоне фаро нарасидааст. Аз ин лиҳоз, мафҳуми «шахсият» хусусият ва сифатҳои иҷтимоии инсон, чунончи, нутқ, шуур, одатҳои гуногуни иҷтимоӣ ва дигарҳоро, ки ӯро мавҷудоти ҷамъиятӣ мегардонад, хос аст»[1].

Чӣ хеле, ки маълум аст, дар обутобёбии одам накши муҳимро рафти аз худ намудани таҷрибаи иҷтимоӣ мебозад, ки он бечунучаро бо омӯзиш алоқаманд мебошад.

Омӯзиш - ин яке аз намудҳои азхудкунӣ ба шумор меравад. Тамоми намудҳои омӯзиш ба тағйирёбии одам, зиёдшавии имкониятҳо, аз ҷумла, ба инкишофдиҳии ӯ равона карда мешавад. Ташаккул пеш аз ҳама навовариро муайян менамояд, яъне тағйиротҳои сифатиро дар ҳаёти фикрии одам ба вуҷуд меоварад. Дар илми психологияи омӯзгорӣ таъсири омӯзиш ба соҳаи фаъолияти фикрии хонандагон пурра омӯхта мешавад. Омӯзиш ба ҳамаи тарафҳои ҳаёти кӯдак, аз ҷумла ба ташаккули шахсияти ӯ бевосита таъсир мерасонад. Ҳоло таъсири омӯзишро ба ташаккули фаъолияти фикрии хонандагон дида мебароем. Ташаккули фаъолияти фикрӣ бо ду роҳ инкишоф меёбад:

1. Ташаккули фаъолияти фикрии функсионалӣ, ки аз ғанигардии мазмун оғоз ёфта, бо ташаккули амалиётҳои нави фикрӣ хотима меёбад.
2. Ташаккули марҳилавӣ (синнусолӣ), ки тағйиротҳои сифатиро дар ақл ва навсозии он тавсиф медиҳад.

Марҳилаи ташаккули фаъолияти фикрӣ ҳолати махсуси ҷамъшавии амалҳои фикриро ифода менамояд, яъне дар кадом шакл одам онҳоро иҷро менамояд, чӣ тавр мефаҳмад ва истифода мебарад. Қайд намудан зарур аст, ки ин ду намуди ташаккули фаъолияти фикрӣ бо ҳамдигар алоқаманданд. Аз як тараф, гузаштан ба марҳилаи нав ҷалби амали муайянро пешгӯӣ менамояд. Масалан, гузариши кӯдак аз марҳилаи амали аёнӣ-шахсӣ ба марҳилаи образӣ ба ҷалби зуҳуроти амали хулосавии ивазнамоӣ ва амали намунасозии бозӣ мусоидат менамояд. Кӯдакон ин амалро дар синни томактабӣ, дар вақти бозӣ доро мешаванд. Бача метавонад аспакро ба чӯб иваз намуда, онро чун аспча истифода барад ва бо як дилгармии хосе онро савор шавад. Аз тарафи дигар, ташаккули марҳилавӣ ба ташаккули шахсият таъсир мерасонад. Масалан, агар кӯдак дар марҳилаи аёнӣ-фикрӣ қарор гирифта бошад, пас ҳангоми азхуднамоии ҳар амали нав ба ӯ зарур аст, ки аз омӯзиши шакли моддӣ оғоз намояд. Вале агар зеҳни хонанда чун

---

[1] *Х.Раҳимов, Г. Мухторова. Муқаддимаи ихтисоси омӯзгорӣ.- Душанбе, 2007*

тасвирӣ- айёнӣ тавсиф дода шавад, он гоҳ ба шакли моддӣ мумкин аст роҳ дода нашавад, чунки ба кўдак аз аввал шакли идроккунӣ хос мебошад.

Ҳамин тавр, ташаккули фаъолияти фикрӣ ба тағйирот-ҳои сифатию миқдорӣ мебарад. Ташаккули миқдорӣ – фуксионалӣ аз фаъолияти омўзиш вобастагӣ дорад. Он аз амалҳои нав бо воситаи азхудкунӣ пурра мешавад. Тағйи-ротҳои сифатӣ (марҳилавӣ) дар ташаккули функсионалӣ бевосита ифода меёбад. Мақсади асосӣ азхуднамоии амали миқдорӣ набуда, балки дар мундариҷа ва махсусияти онҳо қарор мегирад.

Яке аз масъалаҳои асосии психологияи омўзгорӣ ин нишон додани шароите мебошад, ки амалӣ намудани он дар фаъолияти таълимӣ ба нишондиҳандаҳои баланди инкишофи хонанда оварда мерасонад.

**Таълим ҳамчун фаъолияти пешбаранда**. Одам намудҳои гуногуни фаъолиятро иҷро менамояд. Бояд муайян намуд, ки дар кадом давраи синнусолӣ фаъолияти асосӣ пешбаранда мебошад. Зеро аз он муваффақияти инкишоф вобаста аст. Маҳз ҳамин фаъолият аз қафояш инкишофро мебарад. Фаъолияти пешбаранда ба зуҳуроти навоварӣ ва ташаккули шахсияти хонанда имконият медиҳад. Дар синфҳои ибтидоӣ фаъолияти пешбаранда бояд таълим бошад. Дар давраи ҳаёти томактабии кўдакон бошад, фаъолияти бозӣ ҳамчун фаъолияти пешбаранда дониста шудааст.

Таълим дар бозӣ тавлид ёфта, сипас ба фаъолияти пешбаранда табдил ёфта метавонад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар баъзе бачаҳо таълим ҳамчун фаъолияти пешбаранда то дохил шудан ба мактаб пайдо мешавад ва дар дигар гурўҳи кўдакон бошад, бозӣ дар синну соли мактабӣ ҳамчун фаъолияти пешбаранда давом меёбад. Муаллим бояд донад, ки дар кадоме аз хонандагони ў фаолияти пешбаранда бозӣ боқӣ мондааст ва дар кадоме аз онҳо таълим. Фаъолияти таълимӣ дар хонандагоне, ки дар ў фаъолияти пешбаранда бозӣ боқӣ мондааст ва аз ин омўзгор бехабар аст, таълим инкишофро аз паси худ бурда наметавонад. **Бо ин гуна хонандагон бояд корҳои инфиродӣ бурда шавад, то ки фаъолияти бозӣ ҷои пешбарандагиашро ба таълим диҳад.**

Л.С. Виготский дар инкишофи фаъолиятҳои психикии кўдакон нақши ҳалкунанда доштани **«функсияи олии психика»** ва **«инкишофи маданӣ»**-ро қайд карда буд. Ў нишон медиҳад, ки масъалаи таълим ва инкишофи психикаи кўдак ба мазмун, усулҳои таълим, тарбия ва

қонуниятҳои олии психика вобаста мебошад. Кӯдак зимни таълим бояд соҳиби дониши нав гардад ва талаботҳои таълим ба рафти инкишофи психикии ӯ мувофиқ бошад.

Омӯзгор бояд донад, ки дар кадом синну соли инсон фаъолият пешбаранда аст. Инро аз ҷадвали поён муайян карда метавонем.

**Ҷадвали ба давраҳои синнусолӣ ҷудошавии инкишофи бачагон (аз рӯи меъёри психологӣ)[1]**

| **Давраҳои синнусолӣ** | **Фаъолияти пешбаранда** | **Фаъолияти маърифатӣ ба чӣ равона шудааст** | **Кадом ҷиҳати психика бештар инкишоф меёбад** | **Нововариҳои синну сол** |
|---|---|---|---|---|
| Давраи тифлӣ (0-1 солагӣ) | Муошırати бевоситаи эмотсионалӣ | Ба донистани муносибат | Ваҷҳиёту талаботи шахсият | Эҳтиёҷот ба муошират ва муносибати эмотсионалӣ |
| Давраи барвақти кӯдакӣ (1-3 сола) | Фаъолияти амалӣ бо ашё | Ба донистани ашё | Фаъолияти маърифатӣ | Нутқ ва тафаккури аёнӣ – амалӣ |
| Синну солӣ томактабӣ (3-7 сола) | Нақшбозиҳо | Ба донистани муносибат | Ваҷҳиёту талаботи шахсият | Эҳтиёҷот ба фаъолияти арзиши ҷамъиятӣ дошта |
| Синну соли хурди мактабӣ (7-11 сола) | Таҳсил | Ба дарки асосҳои илм | Фаъолияти ақлӣ–маърифатӣ | Ихтиёрӣ гаштани фаъолияти маърифатӣ, фикран иҷро кардани амалҳо, худназорат ва рефлексия |
| Синну соли наврасӣ (11-15 сола) | Фаъолияти муошират дар ҷараёни таълим ва фаъолияти муташаккили меҳнатӣ | Ба дарки муносибатҳо дар вазъиятҳои мухталиф | Ваҷҳиёту талаботи шахсият | Саъю кӯшиш ба «калонсолӣ», худбаҳодиҳӣ, тобеъшавӣ ба қоидаҳои ҳаёти коллективона |
| Синну соли калони мактабӣ (15-17 сола) | Таълимӣ – касбӣ | Ба дарки касбу пешаҳо | Фаъолияти маърифатӣ | Ҷаҳонбинӣ, шавқу ҳавасҳои тахассусӣ |

[1] Ғозиев Э.Ғ. Психология (Ёш даврлари психологияси). – Т.: Ўқитувчи, 1994

## Фаҳмиши омилҳои биологӣ, иҷтимоӣ ва персоногенетикӣ дар илми психологияи омӯзгорӣ

Таҷрибаҳои ҳаётӣ ва тадқиқотҳои илмӣ собит намуданд, ки омилҳои инкишоф ва ташаккули шахсияти инсон-аломатҳои биологӣ (ирсият), муҳит ва тарбият на танҳо байни худ робитае доранд, балки дорои дараҷаи таъсирбахшии муайян мебошанд.

Инсон баъди таваллуд роҳҳои мураккаби инкишофро тай намуда, такомул меёбад. Инкишофёбии инсон, чуноне ки ишора кардем, ин раванди дигаргунии миқдорӣ ва сифатӣ буда, ду намудро дорад: тағйироти анатомию физиологӣ ва дигаргунии рӯҳӣ. Ба дигаргунии анатомию физиологӣ инкишофи ҷисмонии инсон: қомат, мушакҳо, вазн, сохти бадан, гардиши хун ва ғайраҳо дохил мешаванд. Ба тағйироти рӯҳӣ бошад, инкишофи тафаккур, хотир, диққат, захираи луғавии нутқ ва ғайра мансубанд. Дар ҳарду намуди инкишоф ва ташаккулёбии шахсият омилҳои номбурда нақши муайяне мебозанд.

Масъалаи таълим ва инкишофи психикии насли наврас яке аз масъалаҳои асоситарини психологияи омӯзгорӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, муайян намудани қувваҳои ҳаракатдиҳандаи инкишофи психикӣ, интихоби усулҳо, воситаҳо ва шаклҳои ташкили кори таълиму тарбия аз самарабахш идора намудани ҷараёни фаъолияти омӯзгор вобаста аст. Бояд дар назар дошт, ки таълиму тарбияи инсони комил, шаҳрвандони сатҳи маърифаташон баланд, дорои тафаккури эҷодӣ, ҳамаҷониба рушдёфта ва соҳиби дониши амиқ, маҳорат, малакаи касбӣ доштаро бе донистани қонуниятҳои инкишофи психикӣ, омилҳои асосӣ ва қувваҳои ҳаракатдиҳандаи инкишофи психикӣ ба низом даровардан мумкин нест.

Бинобар ин барои ҳалли масъалаҳои таълим ва инкишофи психикӣ лозим аст, ки таносуби байни омилҳои биологӣ ва иҷтимоиро дар инкишофи психикии инсон мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Дар раванди инкишофи психикии инсон саҳм ва мавқеи ду омил, яъне омили биологӣ- табиӣ ва иҷтимоӣ, ҳаёти зиндагӣ, таълиму тарбияи муташаккилонаи иҷтимоиро
ба ҳисоб гирифтан лозим аст.

Бояд қайд намоем, ки намояндагони равияи биогне-тикӣ ва сотсиогнетикӣ таносуби байни ин ду омилро дар инкишофи психикӣ ба таври гуногун шарҳу эзоҳ медиҳанд. Масалан, **намояндагони равияи биогнетикӣ** мегӯянд, ки «генҳо», яъне моддаи ҳаётбахш ва ё хусусиятҳои биологӣ-табиӣ барои инкишофи психикии инсон аҳамияти калон доранд. Ба ақидаи онҳо, ба бачаҳо тавассути «генҳо», моддаи

ҳаётбахш (яъне, гӯё дар «механизми генҳо» ахбороти муайян дар бораи сарнавишти инкишофи психикии кӯдак ва ба кадом манзалат расидани ӯ гузошта шудааст) хусусиятҳои истеъдоду қобилият мегузаштааст. Муайян карда шудааст, ки дар ҷисми инсон аз 40 то 80 ҳазор генҳо мавҷуданд. Аз рӯи маълумотҳои навини илмӣ, генҳо хеле устувор буда, сохт ва таркиби онҳо тағйир меёбанд. Генҳо дар натиҷаи таъсири дохилӣ ва берунӣ тағйир меёбанд.

**Намояндагони равияи сотсиогенетикӣ** бар он ақидаанд, ки дар инкишофи психикии инсон саҳми омили иҷтимоӣ, муҳити атроф аҳамияти калон дорад. Онҳо мегӯянд, ки инкишофи психикии инсон пешакӣ муайян шудааст. Бачаро муҳите фаро мегирад, ки вай солим нест ва ин муҳити нопок дар сарнавишти ӯ навишта шудааст ва он тағйир намеёбад. Аз ин рӯ, муҳити гирду атрофи бача чӣ хеле ки бошад, вай ҳамон тавр чун шахс рушду камол меёбад. Роҳҳои инкишоф ва ташаккули ӯ пешакӣ муайян шудааст. Лекин онҳо ҳам ба саҳм ва мавқеи таъсири омилҳои иҷтимоӣ дар инкишофи психикӣ яктарафа баҳо медиҳанд. Ҷамъбасти нуқтаи назар ва ақидаҳои олимони равияи биогнетикӣ ва сотсиогнетикӣ ҳаминро нишон медиҳанд, ки онҳо дар ошкор намудани таносуби байни омили биологӣ ва иҷтимоӣ яктарафа баҳо медиҳанд ва мавқеи фаъолии инсонро дуруст нишон дода натавонистанд. Зеро, онҳо мавқеи як омилро дар инкишофи психикӣ фаъолтару таъсири омили дигарро сусттар нишон медиҳанд. Бинобар ин, дар муҳокимаронии онҳо бо ҳам таъсиррасонии дигар омилҳо дар алоқаи байниҳамӣ норавшан мондааст.

Гуфтан лозим аст, ки масъалаи инкишофи психикӣ дар соҳаи психологияи омӯзгорӣ ба таври диалектикӣ ҳалли худро ёфтааст. Кайҳо боз исбот шудааст, ки инсон мавҷудоти биологӣ ва иҷтимоӣ аст. Аз ин ҷиҳат, таъсири ду омилро дар ягонагии диалектикӣ дида баромадан лозим аст. Муносибати диалектикӣ таълим медиҳад, ки психика хусусияти майнаи сар буда, моҳияти вай аз инъикоси субъективии олами объективӣ иборат аст. Аз ин нуқтаи назар, ба инкишофи психикии кӯдакон ба таври илмӣ назар кардан зарур аст. Ҳамаи он тағйиротҳое, ки дар психикаи инсон ба амал меоянд, ба имконоти табиӣ, ба хусусиятҳои биологӣ, анатомию физиологӣ фаъолияти олии асаб, майнаи сар ва инчунин, ба таъсири муҳити хонандаро иҳотакунанда, шароитҳои зиндагӣ, шароитҳои таърихии давру замон, ки мақсаду мароми тарбия аз он бармеояд, вобаста мебошанд. Яъне, ҳам омилҳои биологӣ ва ҳам омилҳои иҷтимоӣ дар инкишофи рӯҳии инсон таъсир мерасонанд.

Натиҷаи тадқиқотҳои то ба имрӯз бадастовардаи олимони соҳаи психология собит месозанд, ки дар инкишофи психикии инсон муҳит ва ҳам тарбия нақши босазо дорад, вале нисбат ба омилҳои биологӣ дида, таълиму тарбия дар инкишофи психикии инсон нақши зиёдтаре соҳиб аст. Аз ин рӯ, омӯзгоронро лозим аст, ки оид ба қонуниятҳои инкишофи психикӣ, ба инобат гирифтани синну сол, нақши фаъолияти пешбаранда дар инкишофи психикӣ, минтақаи наздиктарини инкишоф ва дигар қонуниятҳо маълумот дошта бошанд ва дар раванди таълиму тарбиядиҳии насли наврас онҳоро мавриди истифодаи кори худ намоянд.

## Саволҳо барои худсанҷӣ

1. Барои чӣ муаммои алоқамандии инкишоф ва омӯзиш масъалаи асосии психологияи омӯзгорӣ ҳисобида мешавад?
2. Роҳҳои асосии ҳалли мушкилоти омӯзиш ва инкишофро номбар кунед.
3. Минтақаи наздиктарини инкишоф чиро мефаҳмонад?
4. Фарқи байни дараҷаи актуалии (мавҷудаи) инкишоф аз минтақаи наздиктарини инкишоф дар чист?
5. Зери мафҳуми таълим чиро мефаҳмед?
6. Таълими умумӣ аз таълими махсус чӣ фарқ дорад?

## Мавзӯъҳо барои реферат ва кори курсӣ

1. Мушкилоти алоқамандии инкишоф ва омӯзиш ҳамчун масъалаи асосии психологияи омӯзгорӣ
2. Ҳалли мушкилоти омӯзиш ва инкишоф дар замони муосир
3. Консепсияи минтақаи наздиктарини инкишоф
4. Консепсияи минтақаи наздиктарини инкишоф ҳамчун асоси таълими инкишофдиҳанда
5. Намуд, дараҷа ва хусусиятҳои таълимгирӣ
6. Масъалаҳои таълимгирӣ дар психологияи омӯзгорӣ

## Адабиёти истифодашуда


1. Ананьев Б.Г. Человек как предмет познания.- СПб., 2001
2. Давлетшин М.Г., Мавлонов М.М., Тӯйчиева С.М. Ёш ва педагогик психология. – Т.: ТДПУ, 2009
3. Иванов И., Зуфарова М. Умумий психология. – Т.: Ўз.ФМЖ., 2008

4. Муслимов Н.А., Усмонбоева М.Ҳ., Сайфуров Д.М., Тўраев А.Б. Педагогик компетентлик ва креативлик асослари – Тошкент, 2015
5. Немов Р.С. Психология: В 2 кн. Кн. 2. Психология образования.- М., 1994
6. Раҳимов Х. Мухторова Г. Муқаддимаи ихтисоси омўзгорӣ/ Муҳар.масъул С. Сулаймонӣ. - Душанбе: Ирфон, 2007. – 119 с.
7. Сафаев Н.С., Мирашировa Н.А., Одилова Н.Г. Умумий психология назарияси ва амалиёти. – Т.: Низомий номидаги ТДПУ, 2013
8. Хайдаров Ф.И., Халилова Н. Умумий психология. – Т.: Фан ва технологиялар, 2009
9. Талызина Н.Ф. Педагогическая психология: Учеб. По собие для студ. сред. спец. учеб. заведений.- М., 1998
10. Эльконин Д.Б. Психология развития: Учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений.- М., 2001
11. Югай А., Мираширова Н.А. Общая психология. – Т.: ТГПУ, 2014

## Мавзӯи 6. Фаъолияти таълимӣ

1. Консепсияи фаъолияти таълимӣ
2. Сохти фаъолияти таълимӣ
3. Баинобатгирии хусусиятҳои синнусолӣ ва фардию пси-хологӣ дар раванди фаъолияти таълимӣ
4. Фаъолияти таълимӣ ҳамчун фаъолияти пешбарандаи синни хурди мактабӣ

Тадқиқотҳои то ба имрӯз гузаронидаи олимони соҳаи психология собит месозанд, ки таълим дар инкишофи рӯҳии кӯдак нақши босазое дорад. Д.Б.Элконин оид ба фаъолияти таълимӣ чунин ақида дорад, ки дар раванди таълим муносибати байниҳамии хонандаю муаллим барқарор карда шуда, хонандагон соҳиби дониш ва малака мегарданд.

Хонандагон дар раванди фаъолияти таълимӣ соҳиби донишҳои илмӣ гашта, ҷаҳонбиниашон васеъ мегардад, ки он дар рафтор ва фаъолияти онҳо мушоҳида мешавад.

Фаъолияти таълимӣ–яъне азхудкунии дониш ва маҳорату малакаҳо кори басо мушкил буда, дар баробари ин нозукиҳои зиёде дорад, ки омӯзгорон бояд аз он бохабар бошанд. Аввалан, оид ба фаъолияти таълимӣ маълумот доштан зарур аст ва сипас оид ба тарзи амалигардии он аз нуқтаи назари психологӣ кор бояд бурд. Асосан, фаъолияти таълимӣ пас аз оне, ки кӯдак мактабхон шуд, оғоз мегардад. Кӯдакон дар раванди фаъолияти таълимӣ тавассути амалҳои фикрӣ, мушоҳидакорӣ, қобилияти дарккунӣ соҳиби дониш мешаванд. Ҳоло тадқиқотҳои зиёди илмӣ гузаронида шуда истодаанд, то ки усулҳои навини фаъолияти таълимӣ муайян карда шаванд ва ҳамаи хонандагон бо осонӣ маводи таълимиро аз худ намоянд.

Назарияи умумии таълим дар осори мутафаккирони форсу тоҷик Абӯ Али Ибни Сино, Саъдӣ, А.Дониш ва дигарон таҳлил гаштаанд ва дар ғарб Я.А. Коменский, И.Г. Песталотси, А. Диствервег, К.Д. Ушинский, П.Ф. Каптерев, С.Т. Шатский, П.П. Нечаев, М.Я. Басов, П.П. Блонский, Л.С. Виготский ва инчунин намояндагони ватанию хориҷии психологияи омӯзгорӣ дар асри XX - Д.Б. Элконин, В.В. Давидов, И. Лингарт, И. Ломпшер ва дигар олимон бо тадқиқи ин масъала машғул шуданд. Асосан назарияи фаъолияти таълимӣ дар Россия коркард шудааст, ки асосгузоронашон Д.Б. Элконин, В.В. Давидов, А.К. Маркова, П.Я. Галперин, Н.Ф. Тализина ва дигарон мебошанд [1].

---

[1] *нигаред ба сайти овардашуда. http://www.pirao.ru/*

Дар илми педагогика ва психология се хусусияти фаъолияти таълимиро ҷудо менамоянд:

а) дар баъзе ҳолатҳо фаъолияти таълимиро ҳамчун синоними омӯзиш, ёддиҳӣ ва ёдгирӣ медонанд;

б) дар замони Шӯравӣ бошад, ҳамчун фаъолияти пешбаранда дар синни хурди мактабӣ дониста шудааст;

в) мувофиқи ақидаи Д.Б. Элконин ва В.В. Давидов, фаъолияти таълимӣ - ин як намуди фаъолияти мактаббачагон ва донишҷӯён ба ҳисоб меравад, ки ба аз худ намудани донишҳои назариявӣ, пайдо намудани маҳорату малакаҳо ва инчунин дарки илмҳои ҷамъиятӣ вобаста мебошад.

## Консепсияи фаъолияти таълимӣ

Дар илми психологияи омӯзгорӣ «**Консепсияи фаъолияти таълимӣ»** аз назарияҳое ба шумор меравад, ки раванди таълим бо мақсади инкишофдиҳии психика хизмат мекунад. Он дар асоси принсипи диалектикаи материалистӣ, зимни ягонагии психика ва фаъолият (Рубинштейн С.Л; Леонтев А.Н.,), фаъолияти психологӣ (А. Н. Леонтев) ва назарияи инкишофи зина ба зинаи фаъолияти фикрӣ (П.Я.Галперин) таҳқиқ мегардад [1].

Дар раванди таълимдиҳӣ ду вазифаи асосӣ муҳиманд: барои таълимгирандагон фароҳам овардани **таъмини дарккунӣ** ва **таъмини инкишофи психикӣ.** Ҳалли ин мушкилот дар даврони худ назди Л.С. Виготский меистод, ки онро ҳамчун «алоқамандии таълим ва инкишоф» муайян намуд. Аммо олим фақат роҳҳои ҳалли онро муайян намуд, вале ҳалли пурраи ин мушкилотро дар «Консепсияи фаъолияти таълимии» Д.Б. Элконин, В.В. Давидов дида метавонем.

Хонандагон дар асоси Консепсияи зерин ҳамчун субъекти дарккунанда бояд чунин қобилиятҳоро дошта бошад:

- фаҳмида тавонистани мафҳумҳои илмие, ки дар шакли назариявӣ омӯзонида мешаванд;
- дар фаъолияти худ истифода намудани мафҳумҳои мантиқии илмӣ;
- амали абстрактиро ба конкретӣ мубаддал намудан.

Ба ибораи дигар, субъективияти хонанда ба қобилияти дарккунии мазмун, роҳ ва усулҳои назариявии дарккунӣ вобаста мебошад.

---

[1] *(П.Я. Галперин, Н.Ф. Тализина) (http://www.psy.msu.ru/about/kaf/pedo.html; http://www.psy.msu.ru/about/kaf/razvit.html;).*

Хонанда дар Консепсияи фаъолияти таълимӣ ҳамчун субъекти даркунанда баромад мекунад. Худи раванди таълим бошад, ҳамчун инкишофи қобилияти маърифатӣ ва навгониҳои асосии инкишофи психикӣ фаҳмида мешавад.

Фанҳои таълимӣ на танҳо омӯзонидани системаи донишҳоро дар бар мегирад, балки ташкилкунандаи махсуси дарки хусусиятҳои алоқаи байни ашёҳо, шароитҳои бавуҷудоӣ ва тағйиротҳои бавуҷудояндаи онҳо мебошад. Дар ин ҷода фаъолии субъективии хонанда тавассути ташкили фаъолияти маърифатӣ ба роҳ монда мешавад. Сарчашмаи асосии барқароршавӣ ва инкишофи фаъолии маърифатӣ худи хонанда набуда, балки таълими ташкилкардашуда мебошад. Чӣ қадаре, ки шароити мусоиди таълимӣ фароҳам оварда шавад, ҳамон қадар сатҳи донишгирии хонанда инкишоф меёбад.

Таълими ташкилкардашуда дар асоси ақидаҳои назариявии В.В. Давидов ва тарафдорони ӯ барои инкишофи рӯҳии кӯдак фоидабахш буда, бо ин мақсад онро **«Таълими инкишофдиҳанда»** номиданд. Ба ин асос он аст, ки таълим дуруст ташкил карда шавад.

Дар Консепсияи Давидов В.В. мақсади таълим ба таври муфассал ва муҳимаш аз нуқтаи назари психологӣ асоснок нишон дода шудааст. Таълим ин на танҳо дарки олами гирду атроф, балки аз тарафи хонанда азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ-таърихие мебошад, ки то имрӯз инсоният мавриди омӯзиш ва истифода қарор додааст. Истифодаи қонуниятҳои фарҳанги инсонӣ, ки ба он дохил мешаванд дониш, арзишҳои миллӣ ва меъёрҳо аҳамияти иҷтимоӣ дошта, дар ташаккули шахсияти инсон нақши муҳим мебозанд.

Моҳияти фаъолияти таълимӣ дар он аст, ки натиҷаи он дигаргунӣ ё инкишофи худи хонанда буда, мазмуни фаъолияти таълимӣ бошад, азхудкунии мафҳумҳои илмӣ тавассути амалҳои таълимӣ аст. Инкишофи баъдинаи ин назария ба озмоишҳои бисёрсола гузаронидаи Д.Б. Элконин ва В.В. Давидов вобаста аст, ки дар он имконияти мактаббачагони хурдсол дар азхудкунии донишҳои назариявию илмӣ муайян гардиданд. Ҳамин тавр, мазмуни асосии таълимро бояд ёддиҳӣ ташкил диҳад на дониши эмпирикӣ; таълим бояд ба инкишофи тафаккури назариявии хонандагон равона шуда бошад.

Фаъолияти таълимиро набояд бо равандҳои дигари омӯзиш ва азхудкунӣ, ки дар намудҳои дигари фаъолиятҳо (бозӣ, меҳнат, варзиш) истифода мешаванд, шабоҳат дод. *Фаъолияти таълимӣ азхудкунии донишҳои назариявӣ мебошад, ки тавассути муносибати байниҳамии омӯзгору хонандагон амалӣ мегардад.* Фаъолияти таълимӣ дар он

муассисаҳои таълимие (мактаб, донишкада ва донишгоҳҳо) ташкил карда мешавад, ки он ба хатмкунандагони худ маълумоти пурраю кофӣ дода метавонад ва ин маълумотҳо бо мақсади инкишофи қобилияти дарккунии онҳо истифода мегарданд.

Психологи машҳури рус Д.Б. Элконин ба фаъолияти таълимӣ чунин баҳо медиҳад. Фаъолияти таълимӣ-ин азхудкунии тамоми боигарии маданӣ ва илмиест, ки инсоният ба даст овардааст ва он мазмуни иҷтимоиро соҳиб аст; аҳамияти иҷтимоиро дорад ва дорои меъёру арзишҳои иҷтимоӣ мебошад; бо тарзи худ дар алоқамандӣ бо меъёрҳои коркардашудаи иҷтимоӣ зоҳир мешавад.

Фаъолияти таълимӣ намуди фаъолияте мебошад, ки дар натиҷаи он тағйирёбӣ ё рушд дар хонанда ба вуҷуд меояд. Ин тағйирот дар он ҳолате ба вуҷуд меояд, ки худи субъекташ амалҳоро иҷро намояд. Вақте ки дар хонандагон ваҷҳиёти азхудкунии таълим бедор карда мешавад, хонанда ба комёбиҳо ноил мегардад. Маълум аст, ки дониш, маҳорат ва малакаҳо на танҳо дар мактаб тавассути фаъолияти таълимӣ, инчунин дар вақти мустақилона хондани китоб, журнал, маълумотгирӣ аз радио ва телевизион, аз сӯҳбати волидон, ҳамсолон ва дар вақти фаъолияти бозию меҳнат низ пайдо мегардад. Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки дониш чӣ гуна ва бо кадом усулҳо, дар чӣ гуна шароит таҳти роҳбарии омӯзгор ба хонандагон омӯзонида мешавад?

Азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаҳо дар дохили фаъолияти таълимӣ якчанд хусусиятҳои худро доро мебошад: якум, мазмуни фаъолияти таълимӣ фаҳмиши илмӣ ва қонуниятҳоро ташкил медиҳад; дуюм, азхудкунии чунин мазмун ҳамчун мақсад ва натиҷаи асосии фаъолият баромад менамояд (дар намудҳои дигари фаъолият азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаҳо ҳамчун натиҷаи иловагӣ баромад менамояд); сеюм, дар раванди фаъолияти таълимӣ тағйирёбии худи субъекти он, яъне инкишофёбии психикӣ дар хонандагон ба вуҷуд меояд.

Маҳсули фаъолияти таълимӣ ҳамон тағйиротҳое мебошад, ки туфайли иҷроиши худи субъекти фаъолият ба вуҷуд меояд (ниг. ба ҷадвали 1).

ФТ махсусан ба азхудкунии маводи таълимӣ ва ҳалл   он нигаронида шудааст.

Ба он усулҳои умумии амал ва мафҳумҳои илмӣ дохил мешаванд.

Усулҳои умумии амалкунӣ ба ҳалли вазифа меоранд.

ФТ ба тағйирёбии инсон – хонанда мебар   д.

Тағйиротҳои сифатии психикӣ ва рафтори хонанда вобаста ба натиҷаи амали шахсии ӯ ба вуҷуд меоянд.

*Ҷадвали 1.*

Вазифаи мактаби имрӯза на аз инкишоф додани фаъолияти фикрии хонандагон, балки тарбия намудани тафаккури дараҷаи баландест, ки тавассути он қонуниятҳои иҷтимоиро хуб дарк карда тавонад. Хонандагон дар таълими анъанавӣ вазифаҳои муайяни донишгириро иҷро менамоянд, ки дар натиҷа дар онҳо донишҳои тайёри хусусӣ ҳосил мешавад. Тафаккури хонандагон ҳангоми фаъолияти таълимие, ки худи онҳо ба шавқ омада, мустақилона аз пайи азхудкунии дониш мешаванд, инкишоф меёбад.

## Сохти фаъолияти таълимӣ

Сохти фаъолияти таълимӣ дар муносибати байниҳам-дигарии субъектҳои он муайян мегардад. Оид ба сохти фаъолияти таълимӣ дар психологияи омӯзгорӣ ақидаи ягонае вуҷуд надорад. Ҳоло бо чанде аз ин ақидаҳо шинос мешавем.

Мувофиқи ақидаи В.В. Репкин ба сохти фаъолияти таълимӣ дохил мешавад: фаъолгардонии шавқи дарккунӣ дар хонандагон; муайянкунии мақсад ва ваҷҳҳои таълимӣ; муайянкунии тахминии мақсад ва усулҳои пешакии ноил-гардӣ ба натиҷа; системаи худиҷрокунии амалҳои таълимӣ; амали назоратӣ; амали баҳодиҳӣ.

Сохти фаъолияти таълимӣ аз рӯи ақидаи А.У. Варданян ва Г.А. Варданян чунин аст: вазифаи таълим ва амале, ки ба ҳалли он нигаронида шудааст; хусусияти эмотсионалии фаъолияти таълимӣ; мақсади

фаъолияти таълимӣ; воситаи (методҳо, усулҳо) иҷроиши фаъолияти таълимӣ; натиҷаи фаъолияти таълимӣ (азхудкунии маводи таълимӣ ва усулҳои умумии амалкунӣ); раванди фаъолияти таълимӣ ҳамчун мазмун ва барқароршавӣ ба сохти амалишавии он дохил мешавад.

Д.Б. Элконин дар охири солҳои 50-уми асри XX фарзияи умумии сохти фаъолияти таълимӣ ва аҳамияти онро дар инкишофи психикии кӯдак пешниҳод кард. Ба ақидаи ӯ, ба сохти фаъолияти таълимӣ дохил мешавад: мақсади таълим; амалҳои таълимӣ; амали назоратии рафти азхудкунӣ; амали баҳодиҳӣ ба дараҷаи азхудкунӣ.

В.В. Давидов чунин унсурҳоро ба сохти фаъолияти таълимӣ дохил намудааст: вазъиятҳои таълимӣ (ё ки вазифаҳои таълимӣ); амалҳои таълимӣ; амали назоратӣ ва баҳодиҳӣ[1].

Ба ақидаи В.В. Давидов, яке аз ҷиҳатҳои асосии фаъолияти таълимӣ ин аз ҷониби хонандагон фаҳмидани вазифаи таълим (ВТ) мебошад. Вазифаи таълим бо мазмуни донишҳои назариявӣ алоқаманд мебошад. Он хонандаро ба азхудкунии дониши соҳаи муайян мебарад. Ҷиҳати дигар - ин таъмин намудани ташаккули амали таълимӣ мебошад. Ба ақидаи ӯ, агар худи хонанда амалҳои назоратӣ ва баҳодиҳиро иҷро намояд, он гоҳ ӯ ба мақсади азхудкунӣ мерасад.

## Тавсифи қисматҳои фаъолияти таълимӣ

А.Н.Леонтев дар алоқамандӣ бо назарияи умумипсихологии фаъолият ба сохти фаъолияти таълимӣ чунин унсурҳоро дохил намуд: талаботи фаъолияти таълимӣ; вазифаи таълимӣ; ваҷҳҳои фаъолияти таълимӣ; амалҳои таълим ва амалиётҳои он.

***Талаботи*** фаъолияти таълимӣ - ин кӯшиши хонанда баҳри азхудкунии донишҳои назариявӣ аз ин ё он фанни таълимӣ мебошад.

**Вазифаи таълим**. Сохти вазифаи таълим аз он иборат аст, ки дар вақти ҳалли он дар якҷоягӣ бо амалҳои таълимӣ дар хонандагон усулҳои азхудкунӣ ва таҳлилу иҷрои вазифаҳои ҷудогона пайдо мешавад. Дар назди хонандагон вазифа гузошта мешавад, ки ин вазъияти проблемавӣ бо усулҳои махсус ва мушаххас бояд иҷро карда шавад.

Вазифаи таълим на танҳо супориши оддиест, ки хонанда дар раванди таълим ё дар хона иҷро мекунад, балки мақсади барқароркунии иҷроиши амалҳо низ вазифа буда, ки дар назди хонанда ҳамчун вазъияти проблемавӣ гузошта мешавад. Вазифаи таълимӣ аз вазифаҳои

---

[1] *(Давидов, 1986; аннотатсия).*

мушаххаси таҷрибавӣ бо куллӣ фарқ мекунад. Мақсад ҳангоми иҷрои вазифаи таҷрибавӣ ба даст овардани натиҷаи ҷавоби хонандагон буда, дар вазифаи таълимӣ бошад, дар хонандагон барқароркунии усулҳои умумии ҳалли ҳар гуна намуди вазифаҳо ба шумор меравад.

Меҳнати хонандагон дар ҳалли вазифаи таълимӣ тавассути супоришҳои махсус муайян карда мешавад, ки аз хонанда гузаронидани тадқиқот, ташхис, ягон хели худомӯзӣ, азхудкунии натиҷаҳои бадастомада, дар шакли модулҳо ва ғайраро талаб мекунад. Меҳнати хонандагон характери назариявиро доро буда, онҳоро ба хулосабарории хусусӣ мебарад ва онҳо бо мақсади фаҳмидани ҳалли он вазифаҳо аз корҳои амалӣ истифода мебаранд. Ниҳоят дар натиҷаи ҳалли вазифа дар онҳо ҳисси шодӣ ва қаноатмандӣ ба вуҷуд меояд. Инчунин ба инкишофи тафаккури онҳо низ таъсири мусбӣ мерасонад.

**Ваҷҳҳои фаъолияти таълимӣ**. Ба ваҷҳиёти амалҳои таълимӣ талаботҳои фаъолияти таълимӣ дохил мешавад. Агар кӯшиши ҳамаи хонандагон ба азхудкунии дониши назариявӣ нигаронида шуда бошад, он гоҳ қисме аз онҳо пас аз барқароршавии донишҳои назариявӣ ба иҷроиши вазифаҳои хусусӣ мегузаранд. Оид ба ваҷҳҳои таълимӣ ва хусусиятҳои он дар мавзӯъҳои баъдина истода мегузарем.

**Амалҳои таълимӣ** барои иҷрои вазифаҳои таълимӣ муҳим буда, бе он натиҷае ба даст намеояд. Барои он ки хонанда амалҳои таълимиро иҷро намояд, аввалан ӯ бояд ба талаботҳои амали таълимӣ дар алоҳидагӣ эътибор диҳад. Онҳо дар раванди иҷрои амалҳо аз баъзе намудҳои ашёҳо ё ашёҳои онҳоро ивазкунанда истифода менамоянд. Олимон И. Ломпшер ва А. Коссаковский ба сохти фаъолияти таълимӣ чунин амалҳои таълимиро дохил менамоянд:

- идроки маълумот (омӯзгорро гӯш кардан, сӯҳбати омӯзгор бо хонандагон, азхудкунӣ, хониши китобҳои дарсӣ ва дигар сарчашмаҳои маълумотдиҳанда);
- мушоҳидаи хонанда дар вақти дарсҳо ва ғайраҳо;
- баёни даҳонӣ ва ё хаттии маводҳои азхудкардашуда;
- вазъиятҳое, ки мазмуни ин ё он вазифаи таълимӣ ба таври шифоҳӣ ва ашёӣ – таҷрибавӣ кушода мешавад;
- омодагӣ ва гузаронидани озмоишҳо ва санҷиши фарзияҳо;
- иҷрои супориш ва вазифаҳои гуногун;
- баҳодиҳӣ ба сифати иҷрои амал, рафтор ва ҳолатҳо.

## 3. Баинобатгирии хусусиятҳои синнусолӣ ва фардию психологӣ дар раванди фаъолияти таълимӣ

Яке аз принсипҳои таълим дар раванди кори таълимию тарбиявӣ ба инобат гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии хонандагон маҳсуб меёбад. Маълум аст, ки рафтору кирдор, фаҳмиш, ҷаҳонбинӣ, қобилият ва ҳаҷми хотиру диққат дар ҳар як давраи синнусолӣ аз ҳам тафовут дошта, хусусияти фардӣ пайдо мекунад ва аз ин рӯ бояд дар раванди таълиму тарбия ба ҳисоб гирифта шаванд.

Тадқиқотҳо собит намуданд, ки ташхиси ҳама гуна фаъолият аз унсурҳои зерин вобастаанд: талабот, ваҷҳ, мақсад ва амал. Бинобар ин, психологияи омӯзгорӣ чунин қонуниятҳои инкишофи намудҳои гуногуни фаъолиятро му-
айян кардааст:

**Якум,** раванди бавуҷудоӣ, инкишоф ва анҷоми ҳама гуна намудҳои фаъолият мавҷуданд (аз ҷумла таълим).

**Дуюм,** унсурҳои сохтории он ҳамеша вазифаи худро тағйир медиҳанд, ҷои ҳамдигарро иваз менамоянд (талабот ба ваҷҳ, амал мушаххас мегардад ва рафторро ба вуҷуд меорад ё баръакс низ мешавад);

**Сеюм,** фаъолиятҳои гуногун дар рафторҳои инсон бо ҳам алоқамандӣ доранд (масалан, алоқамандии фаъолияти таълимӣ бо бозӣ, меҳнат, варзиш ва ё дигар намудҳои машғулияти иҷтимоӣ);

**Чорум,** ҳар як намуди фаъолият аввал дар шакли берунӣ зоҳир мегардад.

Барои инкишофи фаъолияти таълимии хонандагон зарур аст:

- онҳо бояд амалҳои пештар иҷро шудаи таълимро донанд;
- фаъолият бояд тарзе ташкил карда шавад, ки онҳо онро фаҳманд, зеро на фақат амалҳои алоҳидаи таълимӣ (хондан, навиштан, расмкашӣ), балки вазифаҳои таълимӣ иҷро мешаванд.
- ниҳоят бояд раванди таълим тарзе ташкил карда шавад, ки худомузӣ, худфаъолиятӣ, худинкишофдиҳӣ ва худтарбиякунӣ ҷойи зиёдеро ишғол намояд. Барои ин лозим аст, ки дар рӯзҳои аввали дарс раванди таълим дар асоси принсипи нақшофарии иштироки хонандагон дар рафтор ташкил карда шавад. Баъдтар хонанда мустақилона амал карданро меомӯзад. Ба ақидаи Д.Б. Элконин, хонандагон аввал бо ёрии омӯзгор вазифаҳоро иҷро намуда, пас мустақилона иҷро кардани онро аз худ мекунанд. Дар раванди амалигардии он чӣ бояд кард, ки хонандагон

мустақилона вазифаҳоро ичро намоянд? Барои ичрои мустақилонаи фаъолият амали назораткунӣ нақши муҳим дорад. Аз ин рӯ, дар хонандагон аввалан амали назораткунии ҳамдарсон ва худро омӯзонидан лозим аст.

Раванди таълим пай дар пай тағйир ёфта, мушкилтар мегардад, ки дар натиҷа хонандагонро ба назораткунӣ маҷбур месозад, амалҳои назоратӣ дар хонандагон инкишоф ёфта, дар мустақилона иҷро намудани фаъолияти таълимӣ кӯмак мерасонад.

## Хусусиятҳои синнусолии инкишофи фаъолияти таълимӣ

**Дар давраи якум** салоҳиятҳои асосии фаъолияти таълимӣ инкишоф меёбанд. Фаъолияти таълимӣ дар синни хурди мактабӣ нисбат ба дигар намудҳои фаъолият асосӣ ба шумор рафта, хусусиятҳои хос пайдо мекунад. Ба таври мунтазам шакл гирифтани фаъолияти таълимӣ дар синни хурди мактабӣ навгониҳои психологиро ба вуҷуд меоварад.

Таълим аллакай дар синни хурди мактабӣ тарзе ташкил карда мешавад, ки дар он донишҳои назариявӣ доир ба мафҳумҳо ва таҷрибаҳо вобаста ба ҳаёти кӯдакона ташкил шуда, дар онҳо истифодаи усулҳои идоракунӣ ва хулосабарорӣ шакл мегиранд. Азхудкунии ин гуна мафҳумҳо ва донишҳо ба кӯдакон имконият медиҳад, то ки онҳо дар баҳсҳои ташкилкардашудаи байниҳамдигарӣ бо ҳамсинфон ва омӯзгорон фаъолона ширкат намоянд. Фаъолияти таълимӣ дар синни хурди мактабӣ характери коллективонаро гирифта, нафақат дар баҳсҳо иштирок намудани хонандагонро таъмин месозад, балки худи кӯдакон маҳз ташкилкунандаи ин гуна баҳсҳо низ мегарданд. Вақте ки хонандагон дар баҳсҳо иштирок менамоянд, дар онҳо ваҷҳҳои таълимгирӣ зиёд гардида, дар аввал ба натиҷаи вазифаҳои таълимӣ диққати махсус медиҳанд. Дар охири соли хониш бошад, дар онҳо худназораткунии фаъолияти таълимӣ оғоз мегардад.

**Дар давраи дуюм** инкишофёбии фаъолияти таълимӣ (синфҳои 6-9) характери пешбарандагии худро то андозае гум мекунад, аммо дар хонандагон инкишофи тафаккури назариявӣ боқӣ мемонад. Дар аввали синни миёнаи мактабӣ ва синфҳои 5-7 дар хонандагон ҳамон усулҳое, ки дар синфҳои ибтидоӣ истифода шуданд (яъне, коллективона иҷро намудани вазифаҳои таълим), ба таври рефлексӣ ҳарвақта истифода мешавад. Дар синфи 8-9 бошад, аллакай дар натиҷаи инкишоф ёфтани донишҳои назариявӣ ва омӯхтани усулҳои назоратӣ онҳо метавонанд

вазифаҳои таълимиро мустақилона иҷро намоянд. Фаъолияти таълимӣ дар синни миёнаи мактабӣ чунин шакл мегирад, ки хонанда дар вақти хониши китобҳои дарсӣ гӯё бо муаллифи китоб гуфтугӯ барқарор мекарда бошад. Муҳокимаи натиҷаҳои вазифаҳои таълимӣ дар синф бошад ба таври фардӣ сурат гирифта, ҳар як хонанда тарзҳо ё усулҳои дастрас намудани натиҷа ё ҷавоби вазифаи таълимиро мавриди баҳс қарор медиҳанд.

Дар раванди инкишофи фаъолияти таълимӣ ва азхудкунии маводҳои назариявӣ дар наврасон амалҳои таълим коркард ва дуруст фаҳмида мешаванд, ки ин аз назорат ва баҳодиҳӣ сарчашма гирифта, ба худназораткунии наврасон оварда мерасонад. Дар натиҷа, амалҳои мазмунан дарккунӣ ва фикркунӣ инкишоф меёбад. Ба ҳамин тариқ, дар синни миёнаи мактабӣ низ инкишофёбии тафаккури назариявӣ давом ёфта, оғози он дар синни хурди мактабӣ ба вуҷуд омада буд. Чӣ хеле ки қайд намудем, дар синни миёнаи мактабӣ фаъолияти таълимӣ то андозае характери пешбарандагии худро гум карда, ба ҷойи он дар инишофи психикии наврасон нақши фаъолияти аҳамияти ҷамъиятӣ дошта басо муҳим мегардад (бадеӣ, варзишӣ, меҳнатӣ). Ба ин нигоҳ накарда, дар инкишофи ақлонии наврасон нақши фаъолияти таълимӣ аҳамияти худро гум намекунад.

**Дар давраи сеюм** фаъолияти таълимӣ дар синни калони мактабӣ характери пешбарандагии худро мегирад. Ӯ барои интихоби касб ва нақшаи ҳаёти оянда фаъолияти таълимиро ҷудо намуда, ба омӯзиши он ҷиддӣ машғул мешавад.

Фаъолияти таълимӣ дар давраи донишҷӯӣ хусусияти тадқиқотиро мегирад, ки онро ҳамчун «**фаъолияти таълимии идрок**» номидан мумкин аст. Фаъолияти таълимии донишҷӯён асоси инкишофи тафаккури назариявии бадеӣ ва тадқиқотиро ташкил медиҳад [1].

| Хусусиятҳои синнусолии инкишофи фаъолияти таълимӣ (ФТ) | |
|---|---|
| **Синну сол** | **Хусусиятҳои фаъолияти таълимӣ (ФТ)** |
| *Синни хурди мактабӣ* | ФТ фаъолияти асосӣ мегардад, азхудкунии ҳамаи салоҳиятҳои он низ; |
| *Синни миёнаи* | Иҷрои ФТ ихтиёрӣ мегардад, азхудкунии сохти он аз |

[1] *(http://www.pirao.ru/strukt/lab_gr/l-podjun.html; ниг. лобораторияи омӯзиши инкишофи психикӣ дар синни наврасӣ ва ҷавонӣ).*

| | |
|---|---|
| *мактабӣ* | ҷониби наврас, дарки хусусиятҳои корҳои таълимии инфиродии худ, истифодаи ФТ ҳамчун худташкилкунии амали якҷоя бо дигар хонандагон. |
| *Синни калони мактабӣ* | ФТ мустақилона иҷро гардида, дарки мафҳумҳо ва таҳлили корҳои илмӣ низ ба қадре сурат мегирад. |

## 4. Фаъолияти таълимӣ ҳамчун фаъолияти пешбарандаи синни хурди мактабӣ

Инкишофи рӯҳии инсон дар ҳар як давраи синнусолӣ тавассути иҷрои фаъолиятҳои гуногун ба вуҷуд меояд. Инсон маҳз дар фаъолият таҷрибаҳои таърихии ҷамъиятиро (донишгирӣ, маҳорат, малака ва қобилият) аз худ менамояд. Бояд қайд кард, ки на ҳамаи фаъолиятҳо дар инкишофи психикӣ аҳамияти якхела доранд. А.Н. Леонтев қайд мекунад, ки дар зинаҳои гуногуни синнусолӣ як намуди фаъолият якуминдараҷа буда, фаъолияти дигар ҳамчун тобеъ ё дуюминдараҷа баромад менамояд[1].

Аз инкишофи таърихии инсоният бармеояд, ки фаъолияти асосии инсониятро фаъолияти меҳнатӣ ташкил медиҳад ва он фаъолияте мебошад, ки ба истеҳсоли маҳсули муайяни фойдабахши ҷамъиятӣ нигаронида шудааст. Намудҳои дигари фаъолият, ба монанди бозӣ, таълим, муошират таърихан дар раванди меҳнат ҳамчун воситаи хизматрасонӣ ба вуҷуд омадаанд ва ҳамчун фаъолияти омодагӣ ба меҳнат накш мебозанд.

Се намуди фаъолият (бозӣ, таълим ва меҳнат) фаъолиятҳои асосӣ ба шумор раванд ҳам, вале дар ҳар як синну сол хусусияти ба худ хосро пайдо мекунанд. Масалан, фаъолияти меҳнатӣ хоси кӯдакон нест, бозӣ ва таълим бошад барои онҳо ҳамчун фаъолияти пешбаранда маҳсуб меёбад. Дар зинаҳои дигари ҳаёт дигар намудҳои фаъолият пешбаранда ҳисобида мешаванд.

Фаъолияти пешбаранда, ба ақидаи А.Н. Леонтев, - ин на фақат фаъолияте аст, ки дар давраҳои гуногуни синнусолӣ дида мешавад, балки фаъолияте мебошад, ки инсон вақти зиёди худро барои он сарф мекунад. Он бо се аломати хоси худ тавсиф дода мешавад:

1. Дар дохили фаъолияти пешбаранда фаъолиятҳои дигар зоҳир мешаванду инкишоф меёбанд ва дар синну соли оянда аҳамияти

[1] *(Леонтев А.Н. 2001; аннотатсия).*

пешбарандагиро соҳиб мешаванд. Масалан, таълимгирии кӯдак дар аввал хусусияти бозиро пайдо мекунад.

2. Дар фаъолияти пешбаранда равандҳои психикии алоҳида зуҳур ва рушд мекунанд. Дар бозӣ тафаккури образӣ, идроки фаъол ва туфайли таълим бошад, тафаккури мантиқӣ инкишоф меёбанд.
3. Аз фаъолияти пешбаранда ташаккули шахсияти кӯдак ва тағйирёбии ӯ дар давраи муайяни синну сол вобастагӣ дорад. Масалан, кӯдак тавассути бозӣ аҳамияти ҷамъиятӣ ва меъёрҳои рафтори калонсолонро ёд гирифта, дар таълими якҷоя бо ҳамсолон бошад амалҳои худро ба танзим медарорад.

Кӯдак дар аввали инкишофи фаъолияти таълимӣ вазифаҳои махсуси таълимиро иҷро мекунад ва дар натиҷаи инкишофи фаъолияти таълимӣ хусусиятҳои худназораткунӣ ва худбаҳодиҳӣ ташаккул меёбанд.

Фаъолияти таълимӣ дар синни хурди мактабӣ дорои сохти муайян аст. Дар байни фаъолиятҳо (бадеӣ, бозӣ, варзишӣ ва ғ.) ин намуди фаъолият асосӣ ва пешбаранда мебошад: фаъолияти таълимӣ дар синни хурди мактабӣ навгониҳои психикиро ба вуҷуд меоварад; фаъолияти таълимӣ, ба ташаккули коллективи ҳамаи синф ё гӯрӯҳ мусоидат мекунад. Дар ин раванд тафаккури мустақил ва саволдиҳӣ ба ҳамсинфон ва омӯзгор дида мешавад. Инчунин, на танҳо иштирокчии баҳсҳо, балки ташкилкунандаи он низ мегардад.

Тадқиқотҳои психологӣ нишон медиҳанд, ки дар охир-ҳои синни хурди мактабӣ (9-10 солаҳо) аксарияти хонандагон амалҳои таълимиро мустақилона иҷро карда наметавонанд. Аз ин рӯ, омӯзгорони синфои ибтидоиро зарур аст, ки роҳу усулҳои махсуси педагогию психологиро истифода намуда, дар шогирдони худ мустақилона иҷро намудани вазифаҳои таълимиро омӯзонанд, то ки шогирдон дар таълимгирии минбаъда азоб накашанд. Беҳуда нагуфтаанд, ки:

***Хишти аввал гар ниҳад меъмор каҷ,***
***То ба охир меравад девор каҷ.***

А.К. Маркова барои муайян кардани дараҷаи инкишофи фаъолияти таълимии хонандагон ташхиси чунин ҷиҳатҳоро зарур медонад: а) аз ҷониби хонандагон фаҳмидани супориши омӯзгор, дарки мақсади фаъолият ва қабули фаъолонаи вазифаи таълим барои худ; б) ҷобаҷокунии мустақилонаи вазифаҳои таълимӣ аз ҷониби хонандагон; в) интихоби иҷрои мустақилонаи амалҳо барои маводи нави таълимӣ.

Инчунин чунин ҳолати амалҳои таълимиро бояд муайян кард: кадом амалҳои таълимиро хонандагон иҷро менамоянд (ивазкунӣ, муқоисакунӣ ва ғ); онҳо ин амалро дар кадом шакл иҷро мекунанд; аз амалҳои содда ба мураккаб гузаштан ва истифодаи усулҳо; оё хонандагон тафовути байни усулҳо ва натиҷаи амалро мефаҳманд; бо чанд роҳ иҷрои амалро медонанд; оё хонанда пас аз анҷоми кор худро санҷида метавонад (санҷиши ҷамъбастӣ); оё хонанда дар раванди кор худро санҷида метавонад (қадам ба қадам худро санҷида метавонад); хонанда қобилияти пешакӣ ба нақша даровардани корро дорад (санҷиши кори банақшагирифтаи худ); хонанда аз ўҳдаи худбаҳодиҳии мувофиқ мебарояд; хонанда ба ҳар як қисмати кор алоҳида-алоҳида баҳо дода метавонад ё ки умуман баҳо медиҳад.

Фаъолияти таълимӣ бояд объективона (хулосабарории дуруст, миқдори амалҳо то натиҷагирӣ, истифодаи вақт, иҷрои вазифа бо мушкилиҳои гуногун) ва субъективона (аҳамият, мақсади фаъолияти таълимӣ дар худи хонанда, қаноатмандии субъективона, истифодаи вақт ва қувваи психологӣ) сурат гирад.

Фаъолияти таълимии хонандагонро ташхис намуда, диққат додан лозим аст, ки чӣ гуна мақсадгузорӣ ва иҷроиши амалҳои мустақилона дар ин фаъолият дида мешавад. Мустақилона иҷро намудани фаъолияти таълимӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи инкишофи ақлонӣ, равандҳои маърифатӣ ва асосан тафаккури хонанда муайян карда шаванд. Таҷрибаҳои мактабӣ нишон медиҳанд, ки дар рафти баҳодиҳӣ ба донишазхудкунии хонандагон на фақат ба дониш, балки ба фаъолияти хонанда низ диққат додан лозим аст. Талабот ба натиҷаи таълимгирӣ чунинанд: системаи донишгирӣ ва имконият; намудҳои фаъолият, ки дар он мазмуни маводи таълимӣ аз худ карда мешаванд; хусусиятҳои сифатии азхудкунӣ, мазмун ва фаъолияти таълимӣ дар хонанда[1].

Омўзгорон дараҷаи азхудкунии фаъолияти таълимии хонандагонро метавонанд тавассути тестҳо, санҷиши фаъолият, мушоҳидаҳои дарозмуддат ва дар рафти додани саволҳои шифоҳии психологӣ ва иҷрои корҳои контролии хаттӣ муайян намоянд.

## Саволҳо барои худсанҷӣ

1. Мафҳуми фаъолияти таълимӣ ба ақидаи Элконин Д.Б. ва Давидов В.В. чӣ гуна буд?

[1] *(Маркова, 1990. С. 9; аннотатсия).*

2. Кадом ақидаҳоро оид ба фаъолияти таълимӣ медонед?
3. Моҳияти фаъолияти таълимӣ дар чист?
4. Муаллифони Консепсияи фаъолияти таълимиро номбар кунед?
5. Масъалаи «Субъекти фаъолияти таълимӣ» дар Консепсияи фаъолияти таълимӣ чӣ тавр фаҳмида мешавад?
6. Хусусиятҳои асосии фаъолияти таълимиро номбар кунед?
7. В.В. Репкин сохти фаъолияти таълимиро чӣ тавр эзоҳ медиҳад?
8. Тафовути нуқтаи назари В.В. Репкин ва А.У. Варданянро оид ба сохти фаъолияти таълимӣ муайян намоед?
9. Барқароршавии фаъолияти таълимӣ гуфта чиро мефаҳмед?
10. Барқароршавии фаъолияти таълимӣ аз инкишофи он бо чӣ фарқ мекунад?
11. Хусусиятҳои асосии синнусолии фаъолияти таълимиро номбар кунед?
12. Фаъолияти пешбаранда чиро ифода мекунад?
13. Фаъолияти таълимӣ дар кадом синнусол ҳамчун фаъолияти пешбаранда дониста шудааст?
14. Ташхиси фаъолияти таълимӣ чӣ тавр сурат мегирад?
15. Бо кадом аломатҳояш дараҷаи инкишофи амалҳои таълимиро муайян кардан мумкин аст?

## Мавзӯъҳо барои реферат ва кори курсӣ

1. Назарияҳои илмӣ оид ба фаъолияти таълимӣ
2. Фаъолияти таълимӣ ва моҳияти он
3. Хусусиятҳои асосии фаъолияти таълимӣ
4. Хусусиятҳои синнусолии фаъолияти таълимӣ
5. Назарияи «фаъолияти пешбаранда»
6. Ташхиси фаъолияти таълимӣ
7. Дараҷаҳои инкишофи амалҳои таълимӣ

## Адабиёти истифодашуда


1. Вардянян А.У., Варданян Г.А. Сущность учебной деятельности при формировании творческого мышления учащихся // Формирование творческого мышления школьников в учебной деятельности.- Уфа, 1985
2. Выготский Л.С. Педагогическая психология.-М., 1996
3. Габай Т.В. Учебная деятельность и ее средства.-М., 1988
4. Гальперин П.Я. Методы обучения и умственное развитие ребенка.- М., 1985

5. Давыдов В.В. Проблемы развивающего обучения: Опыт теоретического и экспериментального психологического исследования.- М., 1986
6. Давыдов В.В. Теория развивающего обучения.- М., 1996
7. Ильясов И.И. Структура процесса учения.- М., 1986
8. Леонтьев А.Н. Лекции по общей психологии.- М., 2001
9. Маркова А.К., Матис Т.А., Орлов А.Б. Формирование мотивации учения.- М., 1990
10. Психологические особенности формирования личности в педагогическом процессе / Под ред. А. Коссаковски, И. Ломпшера и др.: Пер. с нем.- М., 1981
11. Репкин В.В., Репкина Н.В. Развивающее обучение: теория и практика.- Томск, 1997
12. Рубинштейн С. Л. Основы общей психологии.- СПб., 1999
13. Селевко Г.К. Современные образовательные технологии: Учеб. пособие.- М., 1998
14. Формирование учебной деятельности школьников / Под ред. В.В. Давыдова.- М., 1982
15. Эльконин Д.Б. Психология обучения младшего школьника.- М., 1974
16. Эльконин Д.Б. Психология развития: Учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений.- М., 2001

**Х Х Х**

[1] (П. Я. Галперин, Н. Ф. Тализина) (http:// www.psy.msu.ru/about/kaf/pedo.html; http://www.psy.msu.ru/about/kaf/razvit.html;).

2. (http://www.pirao.ru/strukt/lab_gr/l-podjun.html; ниг. лобораторияи омӯзиши инкишофи психикӣ дар синни наврасӣ ва ҷавонӣ).

## Мавзӯи 7. Ваҷҳҳои таълимӣ

1. **Ваҷҳ ҳамчун категорияи психологӣ**
2. **Ваҷҳҳои таълимӣ**
3. **Ваҷҳҳои ноилшавӣ ба комёбӣ**
4. **Инкишоф ва омӯзиши ваҷҳҳои таълимӣ**

Мушкилоти ваҷҳиёт ва ваҷҳи рафтор дар фаъолият яке аз масъалаҳои муҳими психологӣ ба шумор меравад. Б.Ф. Ломов қайд мекунад, ки дар тадқиқотҳои психологии фаъолият ваҷҳиёт нақши пешбарандаро дорад.

Оид ба ваҷҳиёти таълимии хонандагон олимони барҷастаи даврони шӯравӣ (В.Г. Асеев, В.К. Вилюнас, В.И. Ковалев, А.Н. Леонтев, М.Ш. Магомед-Эминов, В.С. Мерлин, П.В. Симонов, Д.Н. Узнадзе, А.А. Файзуллаев, П.М. Якобсон) ва олимони хориҷӣ (Дж. Аткинсон, Г. Холл, К. Мадсен, А. Маслоу, Х. Хекхаузен ва дигарон) корҳои тадқиқотӣ гузаронида, асарҳои зиёде навиштаанд.

К. Левин (соли 1926) бори аввал оид ба назарияи ваҷҳиёти таълим кор бурда буд. Пас аз он асарҳои А.Маслоу, Г. Олпорт, К. Роджерс оид ба ваҷҳҳои таълимӣ нашр гардиданд.

Ваҷҳиёт дар бештари тадқиқотҳо ҳамчун маҳсули ақлии фаъолияти мағзи сар дониста мешавад, вале ин баҳс то ҳол давом дорад.

Вақте ки ба саволи «Ваҷҳ чист?» ҷавоб мекобанд, бояд дар хотир дошт, ки ҷавоби ин савол чунин аст: «барои чӣ?» ва «ба чӣ хотир» инсон худро айнан ҳамин тавр идора мекунад, чӣ тавре ки дар ҳолати муқаррариаш не.

Чунин хусусиятҳоро дар адабиёти психологӣ ба мафҳуми ваҷҳ нисбат медиҳанд: мақсад, тасавурот, ақида, ҳиссиёт, ташвиш (Л.И. Божович); талабот, майл, хоҳиш, рағбат, шавқ (Х.Хекхаузен); хоҳиш, иштиёқ, одат, ақида, ҳисси масъулият (П.А.Рудик); равандҳои маърифатӣ, ҳолат ва хусусиятҳои шахсӣ (К.К. Платонов); ашёҳои олами зоҳирӣ (А.Н.Леонтев); идроке, ки субъект аз рӯи он бояд амал намояд (Ж. Годфруа)[1].

## Мафҳуми асосии ваҷҳ

Ваҷҳро ҳамчун мақсад тавсиф медиҳанд. Вобаста ба ин ақида, мақсади қабулшуда ба сифати ваҷҳ ба саволҳои «дар чӣ асос» ва «барои чӣ»

---

[1] *(http://www.psy.msu.ru/; ниг. сайти факултаи психологияи МГУ).*

амал иҷро мешавад, ҷавоб гӯяд ва фаҳмонад, ки рафтори инсон барои чӣ чунин хусусиятро гирифт.

Фақат предмет инсонро водор месозад, ки иҷрои рафтори муайянеро ба сомон расонад, вале худи рафтор як навъ назаре мебошад. Аз ин ба хулосае омадан мумкин аст, ки ваҷҳ аз тарзи дид, фаҳмиш ё назари инсонӣ вобаста аст[1].

Ваҷҳро ҳамчун талабот баҳо медиҳанд. Чунин ақидаро олимон Л.И. Божович, А.Г. Ковалев, К.К. Платонов ва С.Л. Рубинштейн тарафдорӣ менамоянд. Ваҷҳ бояд ба саволи «барои чӣ» фаъолии инсон зоҳир мегардад, ҷавоб диҳад ва ин новобаста ба он, ки худи талабот фаъолии инсонро барои қонеъ гардонидани талаботҳои муайян таъмин менамояд. Ба ин савол ҷавоб додан ғайри имкон аст. Мақсади инсонро дониста, ба саволи «вай ба кадом ҳадаф расидан мехоҳад?», «чиро чӣ тавр иҷро кардан мехоҳад?» ҷавоб ёфтан мумкин аст ва рафтори ӯ барои чӣ тағйир ёфт, фаҳмида мешавад.

Мақсад ба сифати ваҷҳ ҳамон вақт баромад менамояд, ки агар инсон қарорро қабул намояд, ё мақсади фаъолият муайян гардад. Дар мақсад таъсири талабот ва фаъолии ақлӣ мавҷуд аст. Маълум аст, ки мақсад дар инсон як қувваеро ба вуҷуд меоварад, вале он сабаби рафторро ошкор намекунад.

Ваҷҳро ҳамчун хусусияти шахс низ дида мебароянд. Ин назария хоси психологони ғарб мебошад. Онҳо чунин мешуморанд, ки хусусиятҳои шахсӣ барои рафтор ва фаъолияти инсон шароитҳои мусоидеро фароҳам меоваранд. Р.Мейли ба хусусиятҳои ваҷҳиёти шахс изтиробнокӣ ва агрессияи инсонро мансуб медонад. Ин назарияро психологи шӯравӣ К.К.Платонов ва М.Ш. Магомед-Эминов низ тарафдорӣ менамоянд.

Ваҷҳро ҳамчун майл низ донистаанд. Ваҷҳ ҳамчун майл аз ҳама назарияи маъмул ба шумор меравад. Ваҷҳро на аксуламали физиологӣ, балки психологӣ баҳо медиҳанд, зеро он бо дарккунӣ ва аҳамияти он алоқаманд мебошад. Аз ин лиҳоз, аксарияти психологон чунин мешуморанд, ки ваҷҳ ҳамаи рафтори фаҳмидашударо ифода мекунад ва омодагии инсонро ба амал ва рафтор нишон медиҳад. Ваҷҳ- ин талаботи фаҳмидашуда мебошад ва майлро ҳамчун кӯшиш барои таъмини талабот мешуморанд.

Кӯшиши муайян ё ошкор намудани ваҷҳ ҳамчун як мафҳум номумкин аст. Талабот, мақсад, майл ва инчунин хусусиятҳои шахсӣ рафтори инсонро тағйир медиҳанд ва ҳамчун ваҷҳ баҳо дода мешаванд.

---

[1] *(А.Н. Леонтев) (Хрест. 6.1).*

Пас, саволе пайдо мешавад, ки моҳияти ваҷҳҳои таълимиро чӣ ташкил медиҳад?

Ваҷҳҳо бедоркунандаи фаъолияти таълимӣ мебошад ва ба онҳо дохил мешаванд: талаботи фаҳмидашуда, мақсадҳо, шавқҳо, кӯшишҳо ва ақидаҳо.

Ваҷҳҳое, ки фаъолиро ба сӯи иҷрои мақсадҳои муайян равона месозанд, ба сохти он дохил шуда, мазмуни ақлонии онро муайян менамояд. Инчунин ваҷҳҳои таълимӣ ба хусусиятҳои психофизиологии инсон (қувва, зоҳиршавӣ, аз як ваҷҳ ба ваҷҳи дигар гузаштан, зуҳуроти эмотсионалии ваҷҳ ва ғ.) вобаста мебошад.

Ваҷҳҳои таълимӣ ҳамчун ваҷҳи хусусӣ муайян шудааст. Ваҷҳҳои таълимӣ имкон медиҳанд, ки хонанда самти муайянеро интихоб намуда, бо иродаи эмотсионалӣ амал намояд, усулҳои ташкили фаъолияти таълимиро муайян кунад ва ҳамчун шахс ташаккул ёбад.

Ваҷҳҳои таълимӣ аз омилҳои зерин вобастаанд: характери низоми таълимӣ, ташкили раванди педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ; хусусиятҳои худи хонанда (ҷинс, синну сол, дараҷаи инкишофи интеллектуалӣ ва қобилият, худбаҳодиҳӣ, муносибат бо шарикдарсон ва ғ.); хусусиятҳои шахсии омӯзгор ва пеш аз ҳама муносибати ӯ ба таълим ва фаъолияти омӯзгорӣ; фанни таълимӣ.

Сарчашмаҳои ваҷҳҳои таълимӣ се намуданд: ***дохилӣ, берунӣ ва шахсӣ.***

Ба сарчашмаи дохилии ваҷҳҳои таълимӣ талаботҳои иҷтимоӣ ва фаҳмидашуда дохил мешаванд (кӯшиш намудан ба иҷрои амалҳои муайяни иҷтимоӣ ва ноил шудан ба мақсад).

Сарчашмаҳои берунии ваҷҳҳои таълимӣ бо шароитҳои фаъолияти ҳаётӣ, ки ба талабот, интизорӣ ва имкониятҳо вобаста аст, муайян карда мешаванд. Яъне, ба:

- талабот бо дараҷаи зарурати риояи меъёрҳои иҷтимоии рафтор, муошират ва фаъолият алоқаманд мебошанд.

- интизорӣ муносибати ҷамъиятро ба таълим ва меъёрҳои рафтор мефаҳмонад, ки инсон чӣ тавр мушкилотҳои фаъолияти таълимиро қабул менамояд ва ҳалли он чӣ тавр сурат мегирад.

- имкониятҳо – ин шароитҳои объективонае мебошанд, ки барои инкишофи фаъолияти таълимӣ заруранд (мактаб, китобҳо, китобхонаҳо ва ғ.).

Дар байни омилҳое, ки номбар шуданд, сарчашмаҳои шахсӣ мавқеи муайянеро доро мебошанд. Ба он дохил мешаванд: шавқ, талабот, ҷобаҷогузорӣ, стереотипҳо ва ғайраҳо, ки ба такмилдиҳӣ,

худқарорқабулкунӣ, худамалкунии фаъолияти таълимӣ ё намудҳои дигари фаъолият имконият медиҳанд.

Якҷоя амалкунии сарчашмаҳои дохилӣ, берунӣ ва шахсии ваҷҳҳо ба натиҷаи фаъолияти таълимӣ таъсир мерасонад ва инчунин набудани яке аз сарчашмаҳо ба тағйирёбии ваҷҳҳои таълимӣ сабаб мешавад.

Дар адабиёти психологӣ гӯрӯҳҳои ваҷҳҳои таълимӣ тавсиф дода шудаанд ва онҳоро тасниф намудаанд. Ҳар яки онҳоро дида мебароем.

1. **Ваҷҳҳои иҷтимоӣ** (дарки аҳамияти иҷтимоии таълим, дарки аҳамияти инкишофдиҳии шахсии таълим, талабот ба инкишофи ҷаҳонбинӣ ва ғайраҳо);
2. **Ваҷҳҳои фаҳмидашуда** (шавқ ба донишгирӣ, кӯшиш ба инкишофи қобилияти дарккунӣ, баҳрагирӣ аз фаъолияти ақлӣ ва ғ.);
3. **Ваҷҳҳои шахсӣ** (ҳисси худэҳтиромкунӣ ва ҳақҷӯӣ, кӯшиши соҳиби эҳтиром гаштан дар байни ҳамсолон ва ғ.).

Психолог М.В. Матюхин ду намуди ваҷҳҳоро ҷудо менамояд: а) ваҷҳҳое, ки бо мазмуни омӯзиш алоқаманданд (хонанда ба омӯзиш майл дорад ва мехоҳад, ки маълумотҳои наверо аз худ кунад, соҳиби дониш гардад, аз усулҳои амалу асли воқеа огоҳ шавад ва ғ.) [1]; б) ваҷҳҳое, ки бо худи раванди таълим алоқаманданд (хонандаро ба таълимгирӣ водор месозад ва фаъолии интелектуалиро ба вуҷуд меоварад ва ғ.).

Бояд таъкид намуд, ки ваҷҳҳо бо он чизе, ки дар фаъолияти таълимӣ ниҳон аст, алоқаманд мебошанд. Инчунин ваҷҳиёти васеи иҷтимоиро фарқ мекунанд, ки он ӯҳдадорӣ ва масъулиятнокиро дар назди ҷомеа, синф, волидон ва ғ. ифода мекунад.

Ба худмуайянкунии ваҷҳ дарки аҳамияти донишҳо дар оянда, хоҳиши омодагӣ ба корҳои оянда ва ғ. ва худтакмилдиҳӣ дар натиҷаи таълимгирӣ инкишоф ёфтан дохил мешавад. Дар баробари ин, в**аҷҳиёти борикбинии шахсӣ (**кӯшиши соҳиби таҳсин гардидан, натиҷаҳои хуб ба даст овардан ваҷҳи натиҷабахшии мусбӣ), **ваҷҳиёти мавқеъгирӣ** (кӯшиши хонандаи беҳтарин будан, дар байни дӯстон ҷойи сазоворро ишғол намудан), в**аҷҳиёти манфиро** (кӯшиши канораҷӯӣ аз танбеҳҳои омӯзгорон, волидон, ҳамсинфон ва нохушиҳо) ҷудо мекунанд.

Бо ақидаи Маркова А.К., ба намудҳои ваҷҳҳо инчунин ваҷҳҳои **маърифатӣ** ва **иҷтимоиро** дохил намудан мумкин аст. Агар дар рафти

[1] ***http://www.psy.msu.ru/about/kaf/pedo.html***

таълим дар хонанда дарки мазмуни маводҳои таълимӣ рушд ёфта бошад, ин натиҷаи ваҷҳиёти маърифатӣ мебошад. Агар дар хонанда дарки донишомӯзӣ ба хотири оянда бошад, ин натиҷаи ваҷҳиёти иҷтимоӣ аст. Ғайр аз инҳо ваҷҳҳои таълимӣ, масалан, таълимгириро ба хотири сарварӣ, ба хотири дар маркази диққати дигарон будан низ дида мебароянд. Маркова А.К. мешуморад, ки ваҷҳҳои маърифатӣ ва иҷтимоӣ дараҷаҳои гуногуни худро доранд.

Қувваи ваҷҳҳои таълимӣ ба омилҳои физиологӣ ва психологӣ вобаста аст. Якум, қувваи ваҷҳҳои ҳаракатдиҳанда ва дуюм натиҷаи донишгирӣ, фаъолияти таълими маърифатӣ, фаҳмиши мазмуни он, эҷодиёти озоди муайян. Ғайр аз ин, қувваи ваҷҳҳо бо ҳиссиёт низ муайян мегардад, ки он дар давраи кӯдакӣ айёнтар мушоҳида мешавад.

Ҷ. Аткинсон қувваи ваҷҳро бо чунин формула ишора карда буд: М=Пх-Вх3, ки дар ин ҷо М- қувваи ваҷҳ, П- кӯшиши соҳиб шудан ба натиҷаи хуб ҳамчун сифати шахсӣ, В- ба арзиши мақсади гузошташуда расидан ва 3- аҳамияти шахсии мақсади зерин мебошанд.

Устувории ваҷҳҳои таълимӣ бо воқеияти худ дар ҳама гуна намудҳои фаъолият баҳогузорӣ мегарданд. Инчунин ваҷҳҳои таълимӣ то кадом вақт давом меёбад, чӣ тавр дар вақтҳои душвории фаъолияти таълимӣ таъсир мерасонад, бояд муайян гарданд.

**Ваҷҳиёти таълимӣ вазифаҳои муайянро доранд.** Онҳо рафтор ва фаъолияти хонандагонро нисбат ба таълим фаъол мегардонад, қувваи ваҷҳ хонандаро ба таълимгирӣ сафарбар менамояд, ки ин ба хусусиятҳои шахсӣ низ вобаста мебошад, вазифаи идоракуниро дорад, муайян менамояд, ки кадом намуди ваҷҳ дар хонанда асосӣ бояд бошад ва ғ.

Ваҷҳҳо вазифаи идоракунанда, ташкилкунанда, сохтмуайянкунанда, ақидаҳосилкунанда, назораткунанда ва ҳифзкунандаро низ иҷро менамоянд.

Дар фаъолгардонии хонандагон мафҳуми «**ҳавас**» ҳамчун синоними ваҷҳ истифода мегардад. Аз ин маълум мегардад, ки агар усулҳои фаъоли таълим истифода шаванд, шавқу ҳаваси хонандаро тезтар ба таълимгирӣ бедор намудан мумкин аст. Роҳи тарбия намудан ё бедор кардани ҳавас, ин истифодаи савол ё масъалаҳое мебошад, ки хонанда барои ҷавоб ёфтани он фаъолона ҳаракат менамояд. Барои инкишоф додани ҳавас нақши асосиро **вазъиятҳои проблемавӣ** низ мебозанд. Агар супориш ва ё вазифаҳо мушкил бошанд, шавқовар мешаванд ва агар масъалаҳои маводи таълимӣ осон бошанду такондиҳии ақлӣ дида нашавад, он гоҳ шавқовар намешавад.

Мушкилии масъалаҳои гузошташуда ҳамон вақт шавқу ҳавасро зиёд менамоянд, ки онҳо ба имконият ва қувваҳои хонандагон мувофиқ бошанд. Агар имкони ҳалли масъала мувофиқ ба синну сол ва ё фаҳми хонанда набошад, шавқу ҳавас тез аз байн меравад. Маводи таълимӣ ва усулҳои истифодашаванда бояд якранг набошанд. Дар гуногунии масъалаҳо шавқи хонанда ба чизҳои нав бедор мешавад ва хонанда дониши наве мегирад, ки барояш муҳим мебошанд. Фарзияи маводи таълимӣ низ шавқу ҳавасро зиёд мегардонад. Бояд дарки маводи нав бо дониши аллакай доштаи хонанда сурат гирад.

Хулоса, пеш аз дарки дониш барои хонанда шавқ муҳим мебошад. Барои бедоркунии шавқу ҳавас таъсироти эмотсионалӣ лозим аст, ки он вобаста аст ба суханони зиндаи омӯзгор.

Тадқиқотҳо дар намудҳои гуногуни фаъолият (касбӣ, илмӣ, таълимӣ, меҳнатӣ ва ғ) аҳамияти ваҷҳҳоро қайд мекунанд. Яке аз намудҳои асосии чунин ваҷҳҳо ноилшавӣ аст, ки инсон баҳри расидан ба ин комёбиҳо маҳорат ва қобилияти худро амалӣ мегардонад. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки ваҷҳи ноилшавӣ ба комёбиҳо бо хусусиятҳои шахсӣ, аз қабили ҷавобгарӣ, ӯҳдадорӣ, муносибати поквиҷдонона ба меҳнат, ба имкониятҳои худ, муайян намудани қарорҳо, баҳодиҳӣ ба он воқеъбинона амал намудан ва ғайра алоқаманд мебошанд [1].

Ваҷҳи ноилшавӣ ба комёбӣ дар ҳамаи одамон дида мешавад. Ҳар як шахс кӯшиш менамояд, ки аз нобарориҳо канораҷӯӣ намояд. Дар ин ҳолат дар ҳар як шахс ваҷҳи ноилшавӣ ба комёбӣ ва ё ваҷҳи канораҷӯӣ аз комёбӣ вуҷуд дорад. Бояд гуфт, ки ваҷҳи ноилшавӣ ба комёбӣ бо иҷрои самарабахши фаъолият тавсиф дода шуда, ваҷҳи канораҷӯӣ аз комёбӣ бошад, бо изтиробнокӣ ва ҳаракатҳои ҳимоявӣ алоқаманд мебошад.

Доштани ин ё он ваҷҳ аз мушкилоти он вобаста мебошад. Одамоне, ки ваҷҳи ноилшавӣ ба комёбиро доранд, мушкилоти фаъолиятро ба дараҷаи миёна дарк мекунанд ва ё натиҷабахшии фаъолият мушкилиҳоро сабук мегардонад. Пас аз оне, ки чанд қисмати фаъолият иҷро шуд ва оид ба комёбиҳо ва нокомиҳо маълумот ҳосил гардид, одамоне, ки ваҷҳи ноилшавӣ ба комёбӣ дар онҳо боло аст, нокомиҳои худро қадр мекунанд ва одамоне, ки дар онҳо ваҷҳи нокомӣ боло аст, баръакс, ба комёбиҳо баҳо медиҳанд.

[1] *Ниг. Маркова А.К., Мотис Т.А., Орлов А.Б. Формирование мотивации учения. – М., 1990.-С.69-75*

Вазифаҳое, ки характери проблемавӣ доранд ва маҳсули бештари тафаккур лозим аст, корро суст иҷро карда, вақтро сарфа намекунанд ва одамони ваҷҳиёти комёбиашон болобуда, дар онҳо ҷараёни натиҷабахшии фаъолият зиёд мешавад.

Агар дар синф бештари хонандагон қобилиятнок бошанд, ҳамон хонандагоне, ки қобилияташон дар сатҳи миёна аст, ваҷҳи комёбгардиашон меафзояд. Дар хонандагони сустхон бошад, ваҷҳи ноилшавӣ ба комёбӣ рушд намеёбад. Зеро вазъияти проблемавӣ ба назарашон «аз ҳад зиёд содда» ва ё «аз ҳад зиёд мураккаб» менамояд.

Дар сурате, ки дар инсон ваҷҳи ноилшавӣ ба комёбӣ боло бошад, ӯ ҳама гуна мушкилотҳоро бартараф менамояд. Агар баръакс бошад, дар қабули қарор калавишҳоро роҳ медиҳад.

Ба ақидаи Д. Макклелланд, инкишофи «Ваҷҳи ноилшавӣ ба комёбӣ» аз тарбияи кӯдак дар оила вобаста мебошад ва онро бояд аз давраи барвақти бачагӣ дуруст ба роҳ монем.

## Инкишоф ва омӯзиши ваҷҳҳои таълимӣ

Дар муайян намудан ва инкишоф додани ваҷҳҳои таълимӣ синну сол низ аҳамияти ба худ хосро дорад.

Дар давраи томактабӣ дар кӯдакон ваҷҳҳои нав ба вуҷуд меоянд: ваҷҳи ноилшавӣ ба комёбӣ, муқоисакунӣ, рақобатӣ, канораҷӯӣ аз нокомиҳо ва ғ. Комёбиҳо дар хонандагон ваҷҳҳоро бедор мекунанд ва нокомӣ бошад, баръакс ба зуҳуроти фаъоли онҳо монеа мешаванд.

Кӯдаконе, ки комёбӣ дар фаъолияташон намоён аст, пас ваҷҳи комёбгардӣ дар онҳо инкишоф ёфтааст.

Ваҷҳи канораҷӯӣ аз нокомиҳо дар хонандагони фаъол ва сустхони синфҳои ибтидоӣ низ дида мешавад. Дар охири давраи хурди мактабӣ (асосан дар синфи сеюм) аз чор як қисми талабагони сустхон ба таълимгирӣ муносибати хуб зоҳир на-
мекунанд, ки ин бо ваҷҳи канораҷӯӣ аз нокомиҳо вобаста аст[1].

Савол пайдо мешавад, ки кадом намуди ваҷҳро бояд дар хонандагон инкишоф диҳем? Барои ҷавоб додан ба ин савол аввалан муайян намудан лозим аст, ки фаъолияти асосӣ ва пешбаранда дар хонанда кадом аст.

Ба ақидаи Л.М. Фридман, намудҳои фаъолияти хонандагон, ки мақсади мактабро муайян менамоянд, чунинанд: фаъолияти таълимӣ-

---

[1] *(http://psy.1september.ru/2001/02/5_12.htm; ниг. тест мотивации достижения для детей 9-11 лет. (Н. Афанасьева).*

маърифатӣ, фаъолияти худинкишофдиҳии қобилият, фаъолияти худтарбиядиҳии сифатҳои мусбӣ, тарзи рафтор, хислатҳои мусбии характер, фаъолияти худмуайянкунии касбӣ, омодагӣ ва таълимгирӣ баҳри касби интихобшуда.

Барои он ки дар хонандагон ягон намуди фаъолият самарабахш бошад, дар онҳо шавқу ҳавасро инкишоф додан зарур аст ва ин бо ваҷҳҳои иҷтимоӣ ва дохилӣ алоқаманд мебошад.

Инкишофи ваҷҳҳои дохилии таълимгирӣ чун пешравӣ дар фаъолияти таълимӣ дида мешавад. Дар инкишофи ваҷҳҳои таълимии хонандагон ба инобат гирифтани «минтақаи наздиктарини инкишоф» аҳамияти ба худ хосро дорад.

Инкишофи ваҷҳҳои дохилӣ ин ҳаракат ба болоравӣ мебошад. Ваҷҳ барои бамақсадрасӣ на танҳо аз муносибати педагогӣ, балки аз хусусиятҳои шахсӣ ва ҳолатҳои объективии таълим низ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, инкишофи ҷаҳонбинии хонандагон ва ба инобат гирифтани онҳо аз аҳамият холӣ нест.

Ваҷҳҳои хониш ба раванди таълим таъсири назаррас мерасонанд. Ваҷҳ шахсро ба иҷрои амал водор месозад. Муваффақият ва нобаробариҳои хонандагон ба ваҷҳи хонишашон марбут аст. Ваҷҳҳо мусбат, бетараф ва манфӣ шуда метавонанд. Саъю кӯшиш ба донишгирӣ, бо баҳои хубу аъло хондан, сазовори таҳсину офаринҳои волидон ва муаллимон гаштан, соҳибэҳтиром будан дар байни ҳамсолон, соҳиб гаштан ба касбу ҳунар, меҳнатдӯстӣ, ҳисси ватанпарастӣ, тақлидкорӣ ба омӯзгорон, қаҳрамонҳо, идеали шахсӣ доштан ваҷҳҳои мусбат мебошанд. Чунин ваҷҳҳо хониши талабагонро дар оянда инкишоф медиҳанд ва аз ин рӯ боз ҳам устувортар гардонидани омӯзгорону волидон барои ин зарур аст.

Дар ҳаёти хонандагон ваҷҳҳое ҳам вомехӯранд, ки ба раванди таълим таъсири ҳалкунанда надоранд. Мисол меорем: талаба майл ба варзиш дорад ва ба он шуғл меварзад. Ин машғулият ба хонишаш на таъсири мусбат ва на манфӣ мерасонад. Чунин ваҷҳҳоро бетараф ҳисоб мекунанд. Бозиҳо бо ҳамсолон вақти зиёди мактабиёни хурдсолро мегиранд, онҳо тамошои филмҳо ва намоишҳои симоро дӯст медоранд, чизҳои ҳархела месозанд, ба парвариши гулҳою паррандаҳо машғул мешаванд, сурат мекашанд, суруд мехонанд ва ғайраҳо, ки аз ҷумлаи ваҷҳҳои бетараф маҳсуб меёбанд.

Вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки ваҷҳҳои бетарафи шогирдонашонро донанд ва суботкорона барои ба ваҷҳҳои мусбат мубаддал гардонидани онҳо кӯшиш ба харҷ диҳанд.

Дар хонандагон ваҷҳҳое низ мавҷуданд, ки ба кори азхудкунии донишҳо, ба завқу шавқи хониш ва муносибаташон ба мактаб таъсири манфӣ мебахшанд. Набудани хоҳиш, пеш бурда натавонистани кори хониш, дуруст ба роҳ монда натавонистани кори хониши худ, ақибмонӣ дар хониш, кам будани донишу маҳорату малакаҳо, беинтизомӣ, ба таъсири бади рафиқон афтидан ё вазъи ногувори оилавӣ аз ваҷҳҳои манфӣ мебошанд. Сифати пасти кори омӯзгор, ҳурмат накардани шахсияти хонанда ҳам метавонад муносибати манфиро нисбати хонишу донишгирӣ дар мактабиён ба вуҷуд оварад, ки натиҷааш суст шудани пешрафт ва дониши сатҳии хонандагон хоҳад гашт. Ваҷҳҳои манфӣ инчунин ба рушди ахлоқи шахсияти шогирдон таъсири манфӣ мерасонанд, хонандагон худро ба қатори бадхонҳо ва миёнахонҳо шомил намуда, баҳри ислоҳи камбудиҳояшон дар хониш ва такмили малакаи кори хонишу сифатҳои ахлоқии худ фаъолона амал намекунанд.

Дар чунин ҳолат ба омӯзгор лозим аст, ки ваҷҳҳои манфиро ҳеҷ набошад, то ба дараҷаи ваҷҳҳои бетараф бардорад ва минбаъд илоҷе ёфта, ба ваҷҳҳои мусбат табдил диҳад. Дастгирӣ ва кӯмак ба шогирд дар бобати боварӣ ҳосил кардан ба қувваи худ ӯро мададгори омӯзгор хоҳад намуд, чунки ягон хонанда ҳеҷ гоҳ дар сафи бадхонҳо шудану буданро намехоҳад.

Ваҷҳҳои мусбат завқи фаъолияти таълимии хонандаро инкишоф медиҳад. Бинобар ҳамин, агар омӯзгор завқи шогирдонро дар синфҳои ибтидоӣ ба мактаби асосӣ ба донишгирӣ бедор намояд, муваффақиятҳои хониш низ афзунтар шудан мегирад.

Ҳамин тавр, истифодаи методҳои нави таълим, ба вуҷуд овардани вазъи проблемавӣ, ташкили машғулиятҳои амалӣ, экскурсияҳо, мушоҳидаҳо ва корҳои беруназсинфӣ фаъолиятнокии хонандагонро ба дараҷаи баландтар мебардорад ва ташаккули ваҷҳҳои устувори мусбатро дар онҳо қувватнок мегардонад.

## Саволҳо барои худсанҷӣ

1. Ваҷҳҳоро ҳамчун категорияи психологӣ тавсиф диҳед?
2. Мушкилоти муайян намудани ваҷҳҳо дар чист?
3. Кадоме аз олимон ваҷҳро ҳамчун талабот меҳисобад?
4. Моҳияти ваҷҳҳои таълимиро тавсиф намоед?
5. Сарчашмаҳои асосии ваҷҳҳои таълимиро номбар кунед?
6. Бо кадом омилҳо ваҷҳҳои таълимӣ муайян мегардад?

7. Дараҷаи асосии ваҷҳҳои маърифатӣ ва иҷтимоии фаъолияти таълимиро номбар кунед?
8. Шаклҳои ба вуҷуд омадани ваҷҳҳои таълимиро дар раванди таълим номбар кунед?
9. Қувва ва устувории ваҷҳҳои таълимиро тавсиф намоед?
10. Мушкилоти ваҷҳи ноилшавӣ ба комёбӣ дар чист?
11. Зинаҳои асосии ташаккули ваҷҳҳои таълимиро номбар кунед.

## Мавзӯъҳо барои реферат ва кори курсӣ

1. Ваҷҳҳо ҳамчун категорияи психологӣ
2. Мушкилоти муайян намудани ваҷҳҳои таълимӣ
3. Ваҷҳ ҳамчун мақсад
4. Моҳияти ваҷҳҳои таълимӣ
5. Сарчашмаҳои асосии ваҷҳҳои таълимӣ
6. Тавсифи ваҷҳҳои таълимӣ
7. Сифатҳои ваҷҳҳо ва тавсифи онҳо
8. Шаклҳои ба вуҷуд омадани ваҷҳҳои таълимӣ дар раванди таълим
9. Мушкилоти ваҷҳҳои ноилшавӣ ба комёбӣ
10. Омӯзиши ваҷҳҳои таълимӣ

## Адабиёти истифодашуда


1. Божович Л.И. Проблемы формирования личности. 2-е изд.-М., Воронеж, 1997
2. Давлетшин М.Г., Мавлонов М.М., Тўйчиева С.М. Ёш ва педагогик психология. – Т.: ТДПУ, 2009
3. Годфруа Ж. Что такое психология? В 2 т.: Пер. с франц.- М., 1992
4. Иванов И., Зуфарова М. Умумий психология. – Т.: Ўз.ФМЖ., 2008
5. Муслимов Н.А., Усмонбоева М.Ҳ., Сайфуров Д.М., Тўраев А.Б. Педагогик компетентлик ва креативлик асослари – Тошкент, 2015
6. Магомед-Эминов М.Ш. Трансформация личности: [Новые теории]: Учеб. пособие.- М., 1998
7. Маркова А.К., Матис Т.А., Орлов А.Б. Формирование мотивации учения: Кн. для учителя.- М., 1990.- 192 с.
8. Сафаев Н.С., Мирашировa Н.А., Одилова Н.Г. Умумий психология назарияси ва амалиёти. – Т.: Низомий номидаги ТДПУ, 2013

9. Хайдаров Ф.И., Халилова Н. Умумий психология. – Т.: Фан ва технологиялар, 2009
10. Х.Ж.Худойқулов, О.Ч.Холов. Тарбиявий ишлар методикаси.Термиз 2020

Х Х Х

1. (http://www.psy.msu.ru/; ниг. сайти факултаи психологияи МГУ).
2. http://www.psy.msu.ru/about/kaf/pedo.html
3. http://psy.1september.ru/2001/02/5_12.htm; ниг. тест мотивации достижения для детей 9-11 лет. (Н. Афанасьева).

## Мавзӯи 8. Азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаҳо

Дониш асоси мазмуни таълимро ташкил медиҳад. Дар заминаи дониш дар хонандагон маҳорат ва малакаҳо, амалҳои фикрӣ ва таҷрибавӣ инкишоф меёбанд. Пеш аз оне, ки хонанда чӣ тавр дониш мегирад, бояд донист, ки худи дониш чист, он чӣ гуна мешавад ва чӣ гуна донишҳоро хонанда бояд донад? Ҷавоби ин савол хеле мушкил аст.

Мафҳуми «**дониш**» чанд хел фаҳмида мешавад. Баъзан ҳамчун *дарккунӣ, ҷобаҷогузории ҳақиқат, маҳсул ва натиҷаи фаҳмиш* ва монанди инҳо тавсиф дода мешавад.

Умуман, дар инкишофи маҳорат ва малакаҳо нақши дониш муҳим буда, асосан ба дониши илмӣ диққати махсус медиҳанд. Вале ғайр аз дониши илмӣ боз дониши шахсӣ мавҷуд аст, ки ба як шахс тааллуқ дорад. Л.М. Фридман ба дониш чунин таъриф додаст: «Дониш-ин натиҷаи фаъолияти маърифатии мо буда, новобаста аз он, ки бо кадом намуди фаъолият амалӣ гаштааст: ҳиссӣ ва ё ғайриҳиссӣ, бевосита ва ё бавосита; аз суханони дигарон ва ё хониши китоб, тамошои филмҳо ва ғ. Дар ҳар сурат, дониш маҳсули фаъолияти маърифатист, ки дар намуди ягон аломат намудор мешавад. Дониш муқобили бедонишӣ, набудани маълумот дар бораи чизе ё касе мебошад»[1].

«Дониш» дорои вазифаҳои зиёде мебошад. Масалан, дониш дар дидактика ҳамчуноне, ки бояд бошад, чӣ бояд аз худ шавад, чун сифати мақсади таълим, чун мазмун, чун сифати муносибати педагогӣ ва монанди инҳо фаҳмида мешавад.

Дониш ба сифати муносибати педагогӣ чунин фаҳмида мешавад, ки ба таҷрибаҳои гузаштаи фардӣ ворид шуда, онро тағйиру инкишоф медиҳад ва ин ба инкишофи рӯҳии бача мебарад. Дониш на танҳо ҷаҳонбинии навро инкишоф медиҳад, балки муносибатро бо он дигар мекунад. Маъмулан, маҳз аз ин ҷо аҳамияти тарбиявии дониш бармеояд.

Дониш ва роҳҳои дурусти бадастории он ба инкишофи психикӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Худ аз худ дониш инкишофи психикиро таъмин карда наметавонад. Пас, бе дониш низ инкишофи психикӣ ғайриимкон аст. Бо дар назардошти вазифаҳои дидактикии дониш дар

---

[1] Фридман Л.М., 1997; аннотатсия.

назди омӯзгор вазифаҳои зерин меистанд: а) донишро аз шакли воқеӣ ба раванди фаъоли маърифатии таълимгирӣ овардан; б) донишро ба мазмуни фаъолияти фикрӣ расонидан; в) донишро ҳамчун сифати ташаккулдиҳии шахсият ва субъекти фаъолият истифода намудан.

Чунин намудҳои донишро дар адабиёти психологӣ фарқ мекунанд: тоилмӣ, ҳаётӣ, бадеӣ, илмӣ (эмпирикӣ ва назариявӣ).

Дониши ҳаётӣ ба фикронии солим асос меёбад ва бо дарки олам алоқаманд буда, рафтори инсонро дар ҳаёт муайян менамояд. Ин намуди дониш бо зиёд гардидани дониши илмӣ рушд меёбад. Дар ин ҳолат худи дониши илмӣ дар худ дарки таҷрибаи ҳаётиро мегирад.

Дониши илмӣ дараҷаҳои худро дорад. Инкишофи эмпирикӣ ва назариявии он на ба таҷриба, балки ба қонуниятҳои инкишофи он низ алоқаманд аст. Дониши илмӣ бо намуди абстрактии худ на ба ҳама ва на ҳама вақт имкон дорад. Аз ин рӯ, он ба идоракунӣ, фаҳмиш ва азхудкунии дониш вобаста аст.

Донише, ки дар раванди таълим аз худ мешавад, бояд системанок, пайдарҳам ва бо ҳаёт ва илмҳои дигар алоқаманд бошад. Ба ақидаи В.И. Гинестинский, донишгирии таълимӣ дар се шакл зоҳир мешавад: дар шакли фанҳои таълимӣ, дар намуди матни маводи таълимӣ ва дар шакли вазифаи таълимӣ.

Асоси азхудкунии дониш фаъолияти фикрии фаъоли хонанда мебошад, ки омӯзгор онро ба роҳ мемонад. Раванди таълим аз якчанд зинаҳо иборат аст[1]: аввалан, идроки ашё мебошад, ки бо таҳлил ва муайян сохтани сифатҳои он алоқаманд аст. Зинаи идроккунӣ бо зинаи фикрронӣ ҷойи худро иваз менамояд; зинаи баъдина зинаи инкишофи дониш аст, ки раванди бахотиргирии ашёи таҳлилшуда, сифатҳои он инчунин муносибати байниҳамдигарии ашёҳоро таъмин менамояд; зинаи хотимавӣ ба идроки донишҳои нав мебарад, ки бо фаҳмидани ашё ва ё ҳосилнамоии донишҳои нав алоқаманд мебошад.

Дар аксарияти ҳолатҳо гурӯҳбанидии зинаҳои инкишофи дониш ҳамчун меъёри дараҷаи баҳодиҳӣ ба азхудкунии дониш фаҳмида мешавад. Ҳамин тавр, дониш сароғози роҳро ба тафаккури эҷодӣ, фаҳмидан, истифодаи он дар шароитҳои муайян ва нав, баҳодиҳии фарзияҳои дониш аз ҷониби худи хонанда мекушояд [2].

Маълум аст, ки агар дониш дар зинаи аввал боқӣ монад, нақши он дар инкишофи психикӣ бузург нест, вале агар хонанда дониши

*[1] Нурминский И.И. ва дигарон, 1991; аннотатсия.*
*[2] Маркова А.К., 1990; аннотатсия.*

гирифтаашро дар ҳолатҳои гуногуни ба ӯ нав истифода барад, ин аллакай қадаме ба сӯи инкишофи ақлонии ӯ аст.

Азхудкунии дониш чанд зинаҳои худро дорад. Ташхис намудани дараҷаи азхудкунии дониш дар кори таълиму тарбиядиҳӣ хело муҳим мебошад, зеро ин дараҷаҳо ба инкишофи тафаккури хонанда таъсири мусбии худро мерасонанд.

Оид ба ташхиси дараҷаи азхудкунии дониш олимон И.Я. Конфедератов ва В.П. Симонов корҳои тадқиқотӣ гузарониданд. Дар байни тадқиқотҳое, ки олимони соҳа гузарониданд, тадқиқоти В.П. Беспалко мувофиқтар дониста шудааст. Ба ҷадвали зер нигаред:

**Тавсифи дараҷаи азхудкунии маълумотҳои таълимӣ (мувофиқи ақидаи В.П. Беспалко)**

| **Дараҷаи азхудкунӣ** | **Номгӯи дараҷаҳо** | **Тавсифи дараҷаҳо** |
|---|---|---|
| 0 (аз сифр) | Фаҳмиш | Набудани таҷриба (дониш) дар намуди муайяни фаъолият. Фаҳмиш инчунин оид ба қобилияти идроккунии маълумоти нав ва ё маводи таълимӣ гувоҳӣ медиҳад. |
| I | Дониш | Хонанда ба имою ишора такя намуда, метавонад ҳар як амали фаъолиятро иҷро намояд (амали репродуктивӣ). |
| II | Азнавҳосилкунӣ | Хонанда мустақилона маълумотҳои пештар гирифтаашро аз нав ҳосил мекунад ва истифода менамояд, зеро фаъолияти ӯ репродуктивӣ мебошад. |
| III | Қабулкунӣ | Қобилияти эҷодкорона истифодаи дониш ва маҳорат дар ҳолатҳои гуногун. Дар ин ҳолат амали ӯ ҳамчун амали продуктивӣ тавсиф мешавад. |
| IV | Эҷодӣ | Хонанда дар доираи ба ӯ муайяни фаъолият амал намуда, дар ҳолатҳои гуногун усулҳои нав, маълумотҳои навро истифода менамояд; ҳамин гуна амалҳои самарабахшро эҷодиёт мешуморанд. |

Дар таҷрибаҳои педагогӣ меъёр ва дараҷаҳои азхудкунии дониш васеъ истифода шуда, натиҷабахшии самараи он низ дида мешавад. Аз ин рӯ, ҳар як омӯзгорро зарур аст, ки меъёр ва дараҷаи азхудкунии дониши

шогирдонро дуруст ташхис намуда, дар фаъолияти педагогии худ истифода барад.

## Моҳияти маҳорат ва малакаҳо. Муайян намудани мафҳуми «маҳорат» ва «малака»

Мақсади ҳар як фанни таълимӣ ба хонандагон омӯзонидани маҷмӯи донишҳо ва ташаккул додани маҳорату малакаҳои хониш мебошад. Азхудкунии маҳорат ва малакаҳо бошад дар асоси азхудкунии дониши гирифта ба вуҷуд меояд, ки тарзи иҷрои ин ё он маҳорат ва малакаро нишон медиҳад.

Барои он ки роҳҳои инкишофдиҳии маҳорат ва малакаҳоро дар хонандагон донем, аввал зарур аст худи мафҳуми маҳорат ва малакаро муайян намоем.

То ҳол алоқаи байни мафҳуми маҳорат ва малака дуруст муайян нагардида аст. Аксарияти психологон ва педагогон чунин мешуморанд, ки мафҳуми маҳорат нисбат ба малака дида васеътар аст. Таҷрибаҳои омӯзгорӣ бошад баръакси онро нишон медиҳанд.

**Маҳорат**-ин дар амалия бомуваффақият татбиқ карда тавонистани донишҳои назариявӣ мебошад.

**Малака**-ин амалест, ки баъзе ҷузъҳои он дар натиҷаи машқҳои бисёркарата автоматӣ гаштаанд.

Ҳангоме ки инсон китоб мехонад, мазмун ва мундариҷаи онро назорат менамояд, пас хониши ҳарфҳо ва калимаҳо автоматӣ мегарданд. Ҳангоми хониши дастхат бошад, назорат ба идроки ҳарфу калимаҳо равона гардида, дарки мазмуни он дуюминдараҷа мешавад. Дар ҳолати якум ва дуюм низ инсон метавонад хонад ва ин маҳорат дар натиҷаи машқ то дараҷаи малака мерасад.

Хонанда дониш гирифта кӯшиш мекунад, ки онро дар амал татбиқ намояд. Яъне, аввал дониш лозим аст, пас аз дониш маҳорат (дар амал татбиқ намудани донишҳо) ва пас аз он малака (ба таври автоматикӣ иҷрои он) ба вуҷуд меояд.

Муайян гардидааст, ки маҳорат дар натиҷаи машқ ва дар алоқамандӣ бо ин фаъолият такмил меёбад. Вале мавридҳое ҳастанд, ки хонанда дониш дораду вале соҳиби малака намешавад. Масалан, хонанда қоидаи гузоштани аломатҳои имлоро донад ҳам, онро дар амал дуруст татбиқ карда наметавонад. Маҳорат дар асоси машқҳои дуру дароз ҳосил мегардад. Ҳолате, ки хонанда қоидаҳоро ҳангоми иҷрои

кори мустақилона ва бехато иҷро мекунад, гуфтан мумкин аст, ки ӯ соҳиби маҳорат гаштааст.

Баъзе амалҳое ҳастанд, ки иҷрои онҳо хеле душвор буда, аз якчанд қисмат иборат аст. Дар ин ҳолат маҳорат суст инкишоф ёфта, ба малака табдилёбии он мушкил мегардад. Аз ин рӯ, маҳорат ва малака бо тарзи иҷрои амалҳо аз ҳам фарқ доранд.

## Дараҷаи азхудкунии маҳорат ва малакаҳо

Раванди инкишофи маҳорат ва малакаҳои таълимӣ дарозмуддат буда, ҳамчун қоида на ин ки як сол, балки якчанд сол ва ҳатто дар давоми тамоми ҳаёт сурат мегирад. Ба дараҷаҳои азхудкунии зерин нигаред:

а) дараҷаи 0-хонанда тамоман амалро иҷро карда наметавонад (маҳорат надорад);

б) дараҷаи 1- хонанда бо тарзҳои иҷрои амал шинос бошад ҳам, вале онҳоро танҳо бо кӯмаки омӯзгор (калонсолон) иҷро менамояд;

в) дараҷаи 2- хонанда амалро мустақилона иҷро карда метавонад, вале зимни такя намудан бо намуна ва ё муқоиса бо иҷрои амали ҳамсинфон ва ё омӯзгор;

г) дараҷаи 3- хонанда ҳар қисмати амалро дуруст дарк намуда, мустақилона ва озод иҷро карда метавонад;

ғ) дараҷаи 4- хонанда бехато ва ба таври автоматӣ амалро иҷро менамояд (малака).

Бояд қайд намуд, ки на ҳамаи маҳоратҳои таълимӣ автоматӣ гардида, ба малака табдил меёбанд. Асосан қисме аз маҳоратҳои таълимӣ дар мактаб то дараҷаи 3 ва ё қисме то дараҷаи 4 инкишоф меёбанд.

Татбиқи дониш, маҳорат ва малака шарти муҳими омода намудани хонандагон ба ҳаёт буда, роҳи барқарор намудани донишҳои назариявиро дар таҷриба дорад. Татбиқи он ба қувваи худ бовар намуданро дар хонанда ба вуҷуд меоварад. Дониш муносибатро бо ашё ва ҳодисаҳо муайян менамояд, маҳорат ва малакаҳо бошад, дар иҷрои фаъолият нақши муҳим доранд.

Татбиқи дониш, маҳорат ва малака яке аз зинаҳои азхудкунӣ буда, дар намудҳои гуногуни фаъолият ошкор мешаванд ва аз фанни таълимӣ, мазмун ва мундариҷаи он вобаста аст. Омӯзгор онро метавонад дар шакли иҷрои машқҳо, корҳои лобораторӣ ва фаъолияти

таҷрибавӣ ташкил намояд. Қабули дониш ваҷҳиёти таълимиро зиёд гардонида, аҳамияти ҳаётии маводи таълимиро ошкор месозад.

Татбиқи дониш дар ҳар як фанни таълимӣ гуногун аст. Дар таълими физика, кимиё, ҷуғрофия маҳорат ва малакаҳо дар намуди чунин фаъолияти хонандагон: мушоҳида, муқоиса, ҷамъоварии маълумотҳо дар шакли хаттӣ, ҳалли масъалаҳо ва ғ. истифода мешаванд. Дар таълими фанҳои гуманитарӣ бошад, дониш, маҳорат ва малакаҳо дар ҳолати баёни мустақилонаи ҳодисаю воқеаҳо аз ҷониби худи хонанда амалӣ мешаванд.

Бояд дар хонандагон худназораткунии иҷрои маҳорат ва малакаҳоро омӯзонем. Диққат додан лозим аст, ки дар вақти қабули қарор ва иҷрои амалҳо донишҳое, ки дар вақти таълими фанҳои гуногун аз худ шудааст, истифода мешаванд.

Доир ба татбиқи дониш, маҳорат ва малака тадқиқотҳои психологи машҳури рус П.Я.Галперин аҳамияти амалиро соҳибанд. Назарияи илмии зина ба зина инкишофёбии амалҳои ақлонӣ ва дониш аз ҷониби ӯ коркард шудааст. Ба ақидаи ӯ, «…раванди таълим аз иҷрои занҷири амалҳо иборат мебошад: гӯш кардан, бахотиргирӣ, хондан ва навиштан, шуморидан, эҷоди грамматикӣ, математикӣ ва таҳлили таърих ва ғ. Ҳамаи ин амалҳои гуногунанд: ақлонӣ, персептивӣ, нутқӣ, ҷисмонӣ. Ин амалҳо бечунучаро предмети омӯзиш ва қисми муҳими фанни таълимӣ мебошанд».

Гузариши амалҳои берунӣ ба дохилӣ **интериоризатсия** ном дорад. Мувофиқ ба ин ақида, дар зери ин мафҳум гузариши раванди берунӣ ба фаъолияти ақлонӣ ва идрок фаҳмида мешавад.

Инкишофи донишҳои нав ва маҳоратҳо дар шароитҳои муайян сурат мегирад ва онҳоро ба чор гурӯҳ тақсим намудаанд: а) инкишофи ваҷҳҳои амалкунии хонандагон; б) таъмини иҷрои дурусти амали нав; в) ташаккули он бо хоҳиши худи хонанда; иҷрои амалҳо бо роҳи ақлонӣ ва ташаккули зина ба зинаи он.

Пеш аз он ки амал ақлонӣ гардад, он аз якчанд зинаҳо мегузарад. Асоси онро азхудкунии зинаи амал ташкил медиҳад. Хонандагон дар зинаи аввал оид ба мақсади амал ва иҷрои он маълумот мегиранд. Дар ин ҳолат дар назди хонандагон асосҳои амал кушода мешаванд. Ба хонандагон се тарзи иҷрои амалҳо нишон дода мешавад: шиносоӣ, иҷроиш ва назорат. Инҳо ҳоло амал нестанд, балки фақат шиносоӣ бо тарзи ичрои амалҳо мебошанд.

Дар таҷрибаи омӯзгорӣ аксаран чунин мешуморанд, ки хонанда агар тарзи иҷрои амалҳоро донад, ӯ аз ӯҳдаи он мебарояд. Вале дар асл, азхудкунии амал танҳо пас аз иҷрои он фаҳмида мешавад.

Хулоса, машқ дар инкишофи маҳорату малакаҳо нақши босазо дошта, ба амали бошуронаи автоматӣ табдил меёбад. Агар малака ҳосил шавад, лекин назорат аз болои шуур, аз рӯи тарзу усул ва амалҳо суст гардад, дар он сурат аз эҳтимол дур нест, ки баъзе қисмҳои таркибии амал бадсифат ва хато иҷро карда шаванд. Аз ин рӯ, зимни ҳосилшавии малакаҳо талаботҳои зеринро ба ҳисоб гирифтан зарур аст:

- ба хонандагон ёд додани тарзу воситаҳои иҷрои амалҳо;
- ташкил кардани машқҳои махсус барои ҳосилшавии малакаҳо;
- бошуурона иҷро намудани малакаҳо;
- аҳамият ва зарурияти ҳосилшавии малакаҳоро ба хонандагон фаҳмонидан;
- сари вақт баҳои сазовор додан ба натиҷаи малакаҳои дар хонандагон ҳосилшудаистода;
- зина ба зина зиёд гардидани ҳаҷми миқдори машқҳо, супоришҳо ва мураккабтар гардидани онҳо.

## Саволҳо барои худсанҷӣ

1. Мафҳуми дониш дар адабиёти психологӣ- педагогӣ чӣ тавр шарҳ дода мешавад?
2. Кадом вазифаҳоро дониш иҷро менамояд?
3. Намудҳои асосии донишро номбар кунед?
4. Сифатҳои асосии донишро шарҳ диҳед?
5. Асоси азхудкунии донишро чӣ ташкил медиҳад?
6. Зинаҳои идроки маводи таълимиро фаҳмонед?
7. А.К. Маркова дараҷаи азхудкунии донишро чӣ гуна тақсим намудааст?
8. В.П.Беспалко дараҷаи азхудкунии донишро чӣ тавр тавсиф додааст?
9. Мафҳуми маҳорат ва малакаро шарҳ диҳед?
10. Дараҷаҳои асосии азхудкунии маҳорат ва малакаро фаҳмонед?
11. Моҳияти татбиқи дониш, маҳорат ва малакаро чӣ ташкил медиҳад?
12. Зинаҳои инкишофи амалҳои ақлониро номбар кунед?
13. Амалҳои ақлониро тавсиф намоед?

## Мавзӯъҳо барои реферат ва кори курсӣ

1. Проблемаи донишгирӣ дар адабиёти психологию педагогӣ

2. Намудҳои бавуҷудоиии донишҳо дар фаъолияти таълимӣ
3. Шароитҳои психологи-педагогии азхудкунии дониш
4. Зинаҳои асосии раванди дарки маводи таълимӣ
5. Дараҷаи асосии азхудкунии маҳорат ва малакаҳо
6. Моҳияти назарияи инкишофи зина ба зинаи амалҳои ақлонӣ.

## Адабиёти истифодашуда


1. Божович Л.И. Проблемы формирования личности. 2-е изд.-М., Воронеж, 1997
2. Гальперин П.Я. Психология как объективная наука / Под ред. А.И. Подольского; Вступ. ст. А.И. Подольского.- М.: Воронеж, 1998
3. Давлетшин М.Г., Мавлонов М.М., Тўйчиева С.М. Ёш ва педагогик психология. – Т.: ТДПУ, 2009
4. Годфруа Ж. Что такое психология? В 2 т.: Пер. с франц.- М., 1992
5. Иванов И., Зуфарова М. Умумий психология. – Т.: Ўз.ФМЖ., 2008
6. Леонтьев А.Н. Лекции по общей психологии.- М., 2001
7. Муслимов Н.А., Усмонбоева М.Ҳ., Сайфуров Д.М., Тўраев А.Б. Педагогик компетентлик ва креативлик асослари – Тошкент, 2015
8. Магомед-Эминов М.Ш. Трансформация личности: [Новые теории]: Учеб. пособие.- М., 1998
9. Маркова А.К., Матис Т.А., Орлов А.Б. Формирование мотивации учения: Кн. для учителя.- М., 1990.- 192 с.
10. Сафаев Н.С., Мираширова Н.А., Одилова Н.Г. Умумий психология назарияси ва амалиёти. – Т.: Низомий номидаги ТДПУ, 2013
11. Хайдаров Ф.И., Халилова Н. Умумий психология. – Т.: Фан ва технологиялар, 2009
12. Х.Ж.Худойқулов, О.Ч.Холов. Тарбиявий ишлар методикаси.- Термиз 2020
13. Фридман Л.М. Психопедагогика общего образования: Пособие для студентов и учителей.- М., 1997
14. Эльконин Д.Б. Избранные психологические труды.-М., 1989

## Мавзӯи 9. Асосҳои психологии шаклҳои таълим

Дар адабиёти педагогӣ се намуди таълимро ҷудо мекунанд: анъанавӣ, проблемавӣ ва барномавӣ. Ҳар кадоме аз ин намудҳо ҳам ҷиҳатҳои мусбӣ ва ҳам манфии худро доро мебошанд. Инчунин ҳар кадоме аз онҳо тарафдорони худро низ доранд. Таҷрибаҳо ошкор намуданд, ки агар омӯзгор моҳияти намудҳои таълимро дуруст дарк намуда, онро дар рафти фаъолияти кори худ дуруст истифода намояд, натиҷабахшии кори ӯ беҳтар мегардад.

Ҳоло намуди таълими анъанавӣ хеле маъмул мебошад, ки асоси ин намуди таълим чор аср қабл аз ҷониби асосгузори илми педагогика Я.А. Каменский муайян гардида буд. «Таълими анъанавӣ» таълими ташкилкардашудаи дарсӣ-синфӣ буда, дар асоси принсипҳои дидактика ба амал меояд ва дар аксарияти давлатҳои ҷаҳон истифода мегардад».

Аломатҳои фаркунандаи технологияи таълими анъанавии дарсӣ-синфӣ инҳоянд:

- хонандагони як синну сол ва дараҷаи омодагии онҳо синфро ташкил менамоянд, ки асосан то охири таълими мактабӣ ҳамин ҳайатро нигоҳ медорад;
- синф аз рӯи нақшаи ягонаи солона ва барномаи мувофиқ бо ҷадвал кор мебарад. Хонандагон дар асоси он дар вақти муайяни сол ва рӯзҳо ба мактаб меоянд;
- асоси машғулиятро дарс ташкил медиҳад;
- дарс ҳачун қоида, ба як фан тааллуқ дорад, ки хонандагон аз рӯи имконият ва қувваи худ маводи якхеларо аз худ менамоянд;
- омӯзгор кори хонандагонро роҳбарӣ менамояд. Ӯ натиҷаи хониши хонандагонро аз фанни таълимии худ баҳогузорӣ мекунад, инчунин ба ҳар кадоми онҳо ба тариқи инфиродӣ баҳо дода, дар охири сол оид ба аз як синф ба синфи дигар гузаштани онҳо қарор қабул менамояд;
- китобҳои хониш асосан барои иҷрои корҳои мустақилона ва супоришҳои хонагӣ истифода мешаванд. Соли хониш, рӯзи хониш, ҷадвал, танаффусҳо, таътилҳо аз рӯи низоми махсуси дарсӣ- синфӣ амалӣ мещаванд[1]

Яке аз бартариятҳои таълими анъанавӣ-ин дар муддати кӯтоҳ ба хонандагон омӯзонидани маълумотҳои зиёди таълимӣ мебошад. Хонандагон донишро дар ин тарзи таълим дар шакли тайёр азхуд менамоянд. Дар байни норасогиҳои мавҷуда бошад, ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки қисмати зиёди мавод одатан дар хотир нигоҳ

дошта мешаванд, яъне такя ба хотир аст на ба тафаккур[1]. Таълим ба инкишофи қобилияти эҷодӣ, мустақилӣ ва фаъолӣ кам мусоидат мекунад. Вазифаҳои маъмули он инҳоянд: тақсим намо, хат каш, бахотир гир, гузор, муайян намо, ба намуна нигоҳ карда ҳал кун ва ғайра. Раванди таълимию маърифатӣ бештар хусусияти репродуктивиро дорад.

А.А.Вербитский чунин мухолифатҳои таълими анъанавиро ҷудо намудааст:

1. Мухолифати муносибати байни мазмуни фаъолияти таълимӣ дар гузашта, асосҳои илмӣ ва татбиқи он дар оянда ё таҷрибаи ҳаётӣ ва фарҳангӣ. Оянда дар хонандагон дар шакли фарзия омӯзонда мешавад, на ин ки ҳамчун воқеият. Дар натиҷа, таълим аҳамияти шахсии худро гум мекунад. Набудани вазъиятҳои проблемавӣ имкон намедиҳад, ки тафаккур инкишоф ёбад.

2. Духелагии маълумоти таълимӣ- он ҳамчун қисми фарҳанг ва дар баробари ин ҳамчун воситаи азхудкунӣ ва ташаккули шахсият баромад мекунад.

3. Мухолифати байни яклухтии фарҳанг ва азхудкунии он аз ҷониби субъект тавассути фанҳои таълимии гуногун. Ин анъана ба ҷудонамоии омӯзгорони мактаб ба муаллимони фаннӣ ва сохти кафедрагии мактабҳои олӣ мустаҳкам гардидааст. Дар натиҷа, хонандагон ба ҷои тасвири олами яклухт, «**оинаи порагашта**»-ро ба даст меоранд, ки худи онҳо имкони ҷамъоварии онро надоранд.

4. Мухолифат байни воситаҳои мавҷудияти фарҳанг ҳамчун раванд ва низоми аломатҳо. Таълим фарҳангро дар шакли тайёр нишон медиҳад ва дар натиҷа, на танҳо фард, ҳатто фарҳанг низ дар раванди инкишоф қарор намегирад.

5. Мухолифати байни шакли иҷтимоии мавҷудияти фарҳанг ва шакли фардии азхудкунии он. Дар педагогикаи анъанавӣ он иҷозат дода намешавад. Хонандагон дониши худро бо дигарон якҷоя намекунанд ва инчунин барои ба дигарон кӯмак кардан ҷазо мебинанд.

Принсипи фардикунонӣ дар таълими анъанавӣ васеъ истифода мешавад, ки он дар шакли фардӣ кор карданро тақозо мекунад ва дар он тарбияи эҷодии фардӣ дида намешавад. Яъне, хонанда на танҳо дар шакли амали фардии фаннӣ кор мебарад, балки сифатҳои фаъолияти мусбии ӯ дар рафтори ӯ дида намешаванд. Рафтор- ин амали иҷтимоӣ ва меъёрие мебошад, ки дар рафтори инсон зоҳир мешавад. Шароит,

[1] *Аткинсон Р., 1980; аннотатсия.*

алоқамандии байни тарбия ва таълимро ҷудо менамояд. Инсон кадом намуди рафторро зоҳир накунад, ӯ онро дар асоси фаҳмишҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ анҷом медиҳад.

Бисёре аз норасогиҳои номбаршудаи таълими анъанавӣ дар таълими проблемавӣ ҳалли худро ёфтаанд.

Таълими проблемавӣ таърихи муайяни худро дорад. Дар таърихи педагогика гузориши саволҳо барои ҳамсӯҳбат, ки дар ҷустуҷӯи ҷавоб додан мушкилиро ба вуҷуд меоварад ва ин аз сӯҳбатҳои Суқрот ва мактаби Пифагорӣ маълум аст. Ақидаҳои таълими фаъол тавассути иҷрои кори мустақилона дар асарҳои Ж.Ж.Руссо, И.Г.Песталотси ва Ф.А.Дистервег-намояндагони «тарбияи нав» дида мешаванд.

Коркарди усулҳои фаъолгардонии фаъолияти фикрии хонандагон дар нимаи дуюми асри 19 ва аввали асри 20 дар натиҷаи таҷрибаҳои педагогӣ муайян гардиданд: эвристикӣ (Г. Армстронг); таҷрибаи эвристикӣ (А.Я. Герд); лабораторӣ-эвристикӣ (Ф.А. Винтергалтер); методи дарси лабораторӣ (К.П.Ягодовский); таълими табиию илмӣ (А.П. Пинкевич) ва дигарон.

Ҳамаи методҳои номбаршударо **«методи тадқиқотӣ»**-и Б.Е. Райков иваз намуд. Методи тадқиқотии таълим фаъолияти таҷрибавиро фаъол гардонида, бо бартарияти худ ҷойи таълими анъанавиро гирифт. Истифодаи он дар мактаб ба хонандагон шавқу ҳавасро зиёд гардонид. Муҳим он буд, ки дар хонандагон инкишофи дарки маърифатӣ ва эҷодиёти фаъолро таъмин намуд. Истифодаи методи тадқиқотӣ дар аввали солҳои 30-уми асри XX нодуруст дониста шуд ва ҷустуҷӯи роҳҳои нави таълим оғоз гардид, ки баъдтар психологи машҳур С.Л. Рубинштейн ба он асос гузошт.

Дар педагогикаи амрикоӣ оид ба таълими проблемавӣ дар аввали асри XX Дж. Дюи ва Дж. Брунер тадқиқот бурдаанд.

Моҳияти таълими проблемавӣ дар чист? Онро ҳамчун принсипи таълим ва ҳамчун шакли нави раванди таълим шарҳ медиҳанд. Инчунин онро ҳамчун методи таълим ва системаи нави дидактикӣ дида мебароянд.

Зери мафҳуми таълими проблемавӣ асосан ташкили машқҳои таълимӣ фаҳмида мешавад, ки онро омӯзгор идора менамояд ва хонандагон мустақилона баҳри ҳалли он фаъолона мекӯшанд.

Принсипи проблемавӣ раванди таълимро ба раванди дарккунӣ, тадқиқотӣ ва тафаккури эҷодӣ наздик мегардонад [1].

---

[1] *Махмутов М.И., 1975; аннотатсия.*

Таълими проблемавӣ (ба монанди дигар шаклҳои таълим) дорои ду мақсад аст: а) м**ақсади аввал-** ин инкишофдиҳии системаи зарурии дониш, маҳорат ва малакаҳо дар хонандагон; б) м**ақсади дуюм-**ин ба дараҷаи баланди инкишофи қобилияти худомӯзӣ ва худтаълимгирӣ расонидани хонандагон.

Ҳар ду мақсад дар натиҷаи татбиқи таълими проблемавӣ амалӣ мешаванд. Яке аз мақсадҳои дигари муҳими таълими проблемавӣ инкишофдиҳии фаъолияти ақлонӣ, фаъолии тадқиқотӣ ва таълимгирии мустақилонаи хонандагон мебошад. Аломати аввалиндараҷаи таълими проблемавӣ вазъиятҳои проблемавӣ мебошад[1]. Дар ташкили он мавқеъҳои зерини психологӣ меистанд: аввалан, раванди инкишофи тафаккур сарчашмаи худро аз вазъиятҳои проблемавӣ мегирад; дуюм, тафаккури проблемавӣ ҳамчун раванди ҳалли проблема зоҳир мешавад; сеюм, шароитҳои инкишофи тафаккур донишҳои ҳосилшуда бо роҳи ҳалли проблемаҳо мебошад.

Бояд қайд кард, ки вазъиятҳои проблемавӣ ҳамчун асоси таълими проблемавӣ ба шумор меравaнд. Вазъияти проблемавӣ ҳолати психологии муайяни хонандагонро тавсиф медиҳад, ки дар раванди иҷрои вазифаҳо ба вуҷуд меоянд. Шароитҳои бавуҷудории вазъиятҳои проблемавӣ кушодани муносибати нав, сифат ё усули амал мебошад [2]. Вазъиятҳои проблемавӣ аз се қисмат иборат аст: а) зарурати иҷрои чунин амале, ки ба пайдоиши талаботи маърифатӣ ба муносибати номаълум, усул ё шароити амалкунӣ боис мешавад; б) чизи номаълум бояд дар вазъияти проблемавии пайдошуда кушода шавад; в) иҷрои вазифаҳои гузошташуда вобаста бо имконияти хонандагон бояд сурат гирад. Вазифаҳои на чандон зиёд мушкил ва ё аз ҳад зиёд содда вазъияти проблемавиро ба вуҷуд намеоваранд[3].

Намудҳои вазъиятҳои проблемавӣ, ки тез-тез дар раванди таълим дида мешаванд, инҳоянд:

1. Вазъияти проблемавӣ дар сурате ба амал меоянд, ки байни системаи донишҳои мавҷуда ва талаботҳои нав номувофиқатӣ ба амал меояд.
2. Вазъияти проблемавӣ дар ҳамон вазъияти зарурӣ ташкил мешавад, ки он ҳалли дурусти проблемаи гузошташударо таъмин намояд.

---

[1] *Пономарев Я.А., 1999; аннотатсия.*
[2] *Гурова Л.Л., 1976; аннотатсия.*
[3] *Матюшкин А.М., 1972; аннотатсия.*

3. Вазъияти проблемавӣ дар назди хонанда ҳамон вақт гузошта мешавад, ки онҳо бо шароитҳои нави таҷрибавӣ рӯ ба рӯ шаванд ва истифодаи донишҳо дар рафти таҷриба зарур бошанд.
4. Вазъияти проблемавӣ дар ҳамон ҳолат истифода мешавад, ки агар мухолифат байни донишҳои назариявӣ ва истифодаи он дар таҷриба дида шавад ва ғайраҳо.

Барои ташкили ҳолатҳои проблемавӣ зарур аст, ки ба чунин қоидаҳо эътибор диҳем:

1. Дар назди хонанда чунин супоришҳои назариявӣ ва ё амалӣ гузошта мешаванд, ки дар раванди иҷрои он дониши нав ё амали нав кушода шавад ва барои ин чунин шартҳоро бояд ба ҳисоб гирад: а) супоришҳо бояд дар асоси дониш ва ё маҳоратҳои мавҷудаи хонадагон тартиб дода шаванд; б) иҷрои супоришҳои проблемавӣ дар хонандагон бояд талаботро ба донишгирӣ ба вуҷуд оварад.
2. Супориши проблемавии пешниҳодшаванда ба имкониятҳои ақлонии хонанда бояд мувофиқат кунад.
3. Супоришҳои проблемавӣ ба азхудкунии маводи таълимӣ имконият медиҳад.
4. Ба сифати супориши проблемавӣ баромад мекунанд: а) масъалаҳои таълимӣ; б) саволҳо; в) супоришҳои амалӣ ва ғайраҳо. Вале супоришҳои проблемавиро бо вазъиятҳои проблемавӣ омехта кардан лозим нест. Супоришҳои проблемавӣ вазъияти проблемавӣ набуда, онҳо танҳо дар шароитҳои муайян вазъияти проблемавиро ба вуҷуд меоваранд.
5. Вазъияти проблемавиро супоришҳои гуногун ба вуҷуд оварда метавонанд.
6. Омӯзгор бояд вазъияти проблемавии пайдошударо шарҳ диҳад ва дар баробари ин, ба хонандагон сабаби иҷро нашудани супоришҳои таълимиро фаҳмонад.

Акнун бартарият ва норасогиҳои таълими проблемавиро дида мебароем. Таълими проблемавӣ нисбат ба дигар шаклҳои таълим дида, дар инкишофи маҳорат ва малакаҳои таҷрибавӣ кам истифода мешаванд, зеро он барои азхудкунии дониш нисбат ба шаклҳои дигари таълим вақти зиёдро талаб менамояд.

Новобаста аз ҷудо намудани норасогиҳои таълими проблемавӣ он дар байни шаклҳои дигари таълим ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Қувваи ҳаракатдиҳандаи ҳама гуна инкишоф аз мавҷудияти мухолифат вобаста мебошад. Ин мухолифатҳо ҳамеша бо қобилиятҳои муайян алоқаманд буда, дар психология номи **қобилияти рефлексивиро**

гирифтааст, ки вазъиятро дуруст арзёбӣ менамояд, сабабҳои ба вуҷуд омадани мушкилотро дар фаъолият муайян месозанд ва ҳалли мушкилотро ба нақша гирифта, онро бартараф менамоянд. Онҳо тавассути лексия ва ё нақли шифоҳӣ интиқол дода намешаванд. Аз ин рӯ, раванди таълим бояд раванди мухолифатро вобаста ба мазмуну мундариҷаи таълим ташкил диҳад. Ин талабот ба ақидаи мо, ба таълими проблемавӣ мувофиқат менамояд. Андешаҳои таълими проблемавӣ дар рафти таълими инкишофдиҳанда ҷоннок гардида, мушоҳида мешаванд.

Дар адабиёти психологӣ боз намуди дигари таълим баррасӣ мегардад ва он таълими барномашуда мебошад.

**Таълими барномашуда-** ин таълими пешакӣ ба барнома воридкардашуда аст, ки амали омӯзгор ва хонанда пешбинӣ карда мешавад. Ақидаҳо оид ба таълими барномашуда солҳои 50-уми асри XX аз ҷониби психологи амрикоӣ Б.Скиннер барои тақвият бахшидани раванди таълим тавассути психологияи озмоишӣ ва технологӣ пешниҳод гардидааст. Таълими барномашуда пайвандкунандаи илм бо таҷриба буда, иҷрои баъзе қисматҳои амали инсонӣ ба мошин вобаста карда мешавад. Инкишофи ақидаҳои таълими барномашуда бо **кибернетика (илм оид ба қонуниятҳои умумии идоракунӣ)** алоқаманд мебошад. Қисме аз олимон, дар коркарди ин намуди таълим ба муваффақиятҳои илми психология такя намуда, қисми дигар ба таҷрибаҳои илми кибернетика такя менамоянд.

Имрӯзҳо зери мафҳуми таълими барномашуда идоракунии азхудкунии маводи таълимӣ тавассути технологияи муосир фаҳмида мешавад. Хусусиятҳои ин намуди таълим дар ҷадвали зер инъикос ёфтаанд.

**Таълими барномашуда**

| |
|---|
| Таълим-амали хонанда ва омӯзгор дар асоси барномаи пешакӣ омодагашта дида баромада мешавад. |
| 1.Маводи таълимӣ бо пай дар пайии мантиқӣ омӯзонида мешавад.<br>2. Пас аз омӯзиши ҳар қисми амал азхудкунии он назорат карда мешавад.<br>3. Тарзи махсуси фаъолияти фикрронӣ коркард мешаванд ва тафаккур характери идорашавандагиро мегирад. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **Бартариҳо**<br>1. Усулҳои амалҳои фикрӣ коркард мешаванд.<br>2. Тафаккури мантиқӣ ташаккул меёбад. | **Норасоиҳо**<br>1. То андозаи муайян ба инкишофи мустақилиятнокии таълим ҷавобгӯ нест.<br>2. Вақти зиёдро талаб менамояд.<br>3. Донишҳои дар алгоритм бударо меомӯзонад, вале донишҳои нав намедиҳад.<br>4. Инкишофи фаъолияти маърифатӣ дида намешавад. | |

Дар таълими барномашуда азхудкунии дониш ба таври содда ташкил мегардад. Раванди донишазхудкунӣ ва ё маводи таълимӣ ба қисматҳо ҷудо шуда, бо тарзи содда фаҳмонида мешавад. Пас аз азхудкунӣ ҳар як қисмати соддаи мавод санҷида мешавад.

Намудҳои гуногуни барномаҳои таълимдиҳандаро фарқ мекунанд. Барномаҳои таълимдиҳанда дар асоси назарияи бихевиористӣ ба вуҷуд омада, чунин намудҳоро дорад: а) ҳудудӣ, ки аз ҷониби Скиннер коркард шудааст ва б) барномаи серсоҳаи Н.Краудер.

1. Системаи ҳудудӣ, ки аз ҷониби Б. Скиннер солҳои 60-уми асри XX дар асоси назарияи бихевиористӣ коркард шудааст, он дар ташкили таълим чунин талаботҳоро пешниҳод менамояд:

а) хонандагон дар раванди таълим бояд мувофиқи **«қадамҳои»** ҷудокардашуда амал кунанд;

б) таълим тарзе бояд ташкил карда шавад, ки хонандагон ҳамеша саргарми кор бошанд;

в) пеш аз он ки ба омӯзиши маводи нав гузаранд, аввал лозим аст боварӣ ҳосил намоянд, ки дониши пештара пурра аз худ шудааст ё не;

г) ба хонандагон кӯмак расонидан лозим аст, ки маводи таълимиро ба қисматҳои начандон калон тақсим намуда, пас онро аз худ намоянд;

ғ) ҳар як ҷавоби дурусти хонанда туфайли алоқаи дутарафа барои бедор намудани шавқу ҳаваси таълимгирӣ мустаҳкам карда шавад.

Мувофиқи ин усули таълим, хонандагон ҳар як қисмати таълими барномашударо аз худ менамоянд. Маводи таълимӣ дар раванди иҷрои таълими барномашуда қисм-қисм аз худ карда мешаванд. Хонанда ҳар қисматеро, ки иҷро намуд, санҷида мебинад. Агар дуруст бошад, пас ба азхудкунӣ ё иҷрои қисмати нав мегузарад. Аз ин рӯ, таълими

барномашуда танҳо иҷрои дурусти амалҳоро талаб менамояд, ки иҷрои қисмҳо барои талабагони сустхон мувофиқа карда шудаанд (яъне, хеле содда мебошанд). Ба ақидаи Б.Скиннер, хонандагон дар раванди таълим бояд амалҳоро бехато иҷро намоянд ва санҷиши дуруст будани он дар онҳо мустаҳкамкунии донишро ба вуҷуд меоварад. Дар ин намуди таълим ба ҳамаи хонандагон вазифаи якхела дода мешавад, ҳама як хел супоришро иҷро менамоянд ва ҳама як хел ҳаракат мекунанд.

2. Барномаи серсоҳаи таълими барномашуда аз ҷониби педагоги амрикоӣ Н.Краудер мураттаб шудааст. Дар ин барнома ғайр аз ин барои хонандагони фаъол барномаи дигари мушкилтар муайян гардидааст. Дараҷаи мушкилӣ низ ба ҳисоб гирифта мешавад. Ғайр аз ин, барнома барои инкишофи фаъолияти маърифатии хонандагон имконият медиҳад. Асосан идрок ва хотир инкишоф меёбад.

Супоришҳои назоратӣ дар ҳар қисмат аз савол ва ҷавобҳо иборат аст, ки хонандагон бояд ҷавоби дурусти онро ёбанд. Барнома дар ҳолати интихоби ҷавоби нодуруст сабаби носаҳеҳии ҷавобро муайян менамояд ва ба қисмати пешина бармегардад, ки боз хонанда кори худро идома диҳад.

*Норасогиҳои умумии барномаҳое*, ки дар асоси назарияи бихевиористӣ сохта шудаанд, дар он аст, ки барои идора кардани фаъолияти психикии хонандагон имконият намедиҳанд. Аз назари илми кибернетика, ин барномаҳо дар асоси принсипи **«қуттии сиёҳ»** идора мешаванд, ки барои донишдиҳии инсон на он қадар мувофиқанд. Яъне, бояд на фақат ҷавобҳо назорат карда шаванд, балки роҳҳои ба он бурда расонанда низ муайян гарданд. Таҷрибаҳо нишон доданд, ки натиҷаҳои ин намуди таълим низ пурсамар нест.

Солҳои 70-уми асри XX дар Русия таълими барномашуда инкишоф ёфт ва оид ба он психологи машҳури рус Нина Федоровна Тализина оид ба омӯзиши таълими барномашуда тадқиқотҳо бурд. Ин намуди таълим дар Русия ба **«назарияи зина ба зина инкишофёбии амалҳои ақлонӣ»-и** П.Я. Галперин[1] ва **«назарияи кибернетика»** асос меёбад. Ҷорӣ намудани таълими барномашуда барои ҳар як фанни таълимӣ ҷудо гардида, инкишофи тафаккур ва усулҳои инкишофи фаъолияти маърифатӣ ба инобат гирифта мешаванд.

Таълими барномашуда аз бартарият ва норасогиҳо иборат аст. *Бартариятҳои таълими барномашуда чунинанд*: азхудкунии қисматҳои хурд осонтар мешаванд, натиҷаҳои баландро таъмин менамояд, усулҳои

---

[1] *Гальперин П.Я., 1998; аннотатсия.*

амалҳои ақлонӣ коркард мешаванд, фикронии мантиқӣ ташаккул меёбад ва ғайра.

*Таълими барномашуда дар қатори бартариятҳо якчанд норасогиҳоро низ дорад*: ба дараҷаи кофӣ бар инкишофи мустақилияти хонандагон мувофиқат намекунад; вақти зиёдро талаб менамояд; танҳо барои ҳалли супоришҳои маърифатии алгоритмӣ истифода мешавад; назарияи таълим ба мустаҳкамкунӣ асос ёфта, машқҳои ақлонӣ кам дида мешаванд; ба талаботҳои психологии оид ба сохти инкишофи фаъолияти мағзи сар ҷавобгӯ нест; таълими барномашуда имкон намедиҳад, ки фанни тадрисшаванда дар шакли яклухт омӯхта шавад. Бояд қайд кард, ки на ҳамаи камбудиҳои номбаршуда асоси кофӣ доранд.

Имрӯзҳо бо пешрафти илму техника барномаҳои нав коркард шуда истодаанд ва дар инкишофи психикии хонандагон технологияи компютерӣ низ камаҳамият нест. Аз ин рӯ, олимони соҳаро зарур аст, ки дар омода намудани барномаҳои муосир тавассути технологияи нав донишҳо, қонуниятҳо ва талаботҳои психологию педагогиро ба инобат гиранд.

## Саволҳо барои худсанҷӣ

1. Моҳияти таълими анъанавӣ дар чӣ зоҳир мешавад?
2. Аломатҳои фарқкунандаи дарсӣ-синфии анъанавиро номбар намоед?
3. Бартарият ва норасогиҳои таълими анъанавиро шарҳ диҳед?
4. Ҷанбаҳои асосии таърихии таълими проблемавиро нишон диҳед?
5. Моҳияти таълими проблемавӣ дар чӣ ифода меёбад?
6. Шаклҳои вазъиятҳои проблемавиро номбар намоед, ки бештар дар раванди таълим дида мешаванд?
7. Дар кадом вақтҳо вазъиятҳои проблемавӣ ба вуҷуд меоянд?
8. Бартариятҳои асосӣ ва норасогиҳои таълими проблемавиро номбар намоед?
9. Моҳияти таълими барномашударо кушода диҳед?
10. Шаклҳои барномаҳои таълимдиҳандаро тавсиф диҳед?
11. Барои чӣ таълими барномашуда инкишофи мувофиқи худро пайдо накард?

## Мавзӯъҳо барои реферат ва кори курсӣ

1. Таълими анъанавӣ ва моҳияти он
2. Мухолифатҳои асосии таълими анъанавӣ

3. Ҷанбаҳои таърихии таълими проблемавӣ дар педагогика ва психологияи хориҷӣ
4. Таълими проблемавӣ ва моҳияти он
5. Вазъиятҳои проблемавӣ ҳамчун асоси таълими проблемавӣ
6. Таълими барномашуда: бартарият ва норасоиҳои он
7. Инкишофи таълими барномашуда дар илми ватанӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ

## Адабиёти истифодашуда


1. Божович Л.И. Проблемы формирования личности. 2-е изд.-М., Воронеж, 1997
2. Гальперин П.Я. Психология как объективная наука / Под ред. А.И. Подольского; Вступ. ст. А.И. Подольского.- М.: Воронеж, 1998
3. Дьюи Дж. Психология и педагогика мышления (Как мы мыслим?): Пер. с англ.- М., 1999
4. Давыдов В.В. Теория развивающего обучения.- М., 1996
5. Давлетшин М.Г., Мавлонов М.М., Тўйчиева С.М. Ёш ва педагогик психология. – Т.: ТДПУ, 2009
6. Годфруа Ж. Что такое психология? В 2 т.: Пер. с франц.- М., 1992
7. Иванов И., Зуфарова М. Умумий психология. – Т.: Ўз.ФМЖ., 2008
8. Леонтьев А.Н. Лекции по общей психологии.- М., 2001
9. Муслимов Н.А., Усмонбоева М.Ҳ., Сайфуров Д.М., Тўраев А.Б. Педагогик компетентлик ва креативлик асослари – Тошкент, 2015
10. Магомед-Эминов М.Ш. Трансформация личности: [Новые теории]: Учеб. пособие.- М., 1998
11. Маркова А.К., Матис Т.А., Орлов А.Б. Формирование мотивации учения: Кн. для учителя.- М., 1990.- 192 с.
12. Сафаев Н.С., Мираширова Н.А., Одилова Н.Г. Умумий психология назарияси ва амалиёти. – Т.: Низомий номидаги ТДПУ, 2013
13. Хайдаров Ф.И., Халилова Н. Умумий психология. – Т.: Фан ва технологиялар, 2009
14. Х.Ж.Худойқулов, О.Ч.Холов. Тарбиявий ишлар методикаси.- Термиз 2020
15. Фридман Л.М. Психопедагогика общего образования: Пособие для студентов и учителей.- М., 1997
16. Эльконин Д.Б. Избранные психологические труды.-М., 1989

X X X

1. (http://www.pirao.ru/strukt/lab_gr/l-uchen.html; см. лабораторию психологии учения ПИ РАО).
2. http://www.pirao.ru/strukt/lab_gr/l-ps-not.html; см. лабораторию психологических основ новых образовательных технологий, http://www.pirao.ru/strukt/lab_gr/g-pozn.html; см. группу психологии развития познавательных процессов ПИ РАО.

## Мавзӯи 10. Асосҳои психологии таълими инкишофдиҳанда

Ба андешаи А.Н.Леонтев, кӯдак маҳз дар ҷараёни фаъолияти пешбаранда бо муҳити иҷтимоӣ муносибатҳои нав пайдо карда, маҷмӯи дониш ва тарзу усулҳои навро соҳиб мегардад, ки ин доираи маърифат ва сохти шахсияти ӯро тағйир медиҳад.

Фаъолияти пешбаранда се аломати асосӣ дорад:

1. Фаъолияти пешбарандае, ки хоси давраи муайяни синнусолӣ аст, барои ба вуҷуд омадани фаъолияти нави пешбарандаи ба давраи минбаъдаи синнусолӣ хос мусоидат карда, заминаю таҳкурсии онро омода мекунад. Масалан, кӯдакони синни томактабӣ аксаран нақши калонсолонро мебозанд, ки ин барои таълими минбаъда заминаи хубро ба вуҷуд меоварад.
2. Туфайли фаъолияти пешбаранда хусусиятҳои психикии бачагон инкишоф меёбанд. Мисол, агар бозӣ ба инкишофи хаёл бештар мусоидат намояд, он гоҳ таҳсил тафаккури абстрактии мактаббачаро инкишоф медиҳад ва меҳнати наврасон бошад, ба инкишофи қобилиятҳои махсус имконият медиҳад.
3. Фаъолияти пешбаранда боиси тағйиротҳои асосии психикии равонии шахсияти бачагон мегардад. Мисол, бачаи синни томактабӣ тавассути бозӣ муоширату муносибат, иҷрои вазифаҳои ҷамъиятӣ ва қоидаҳои рафтору одобро ёд мегирад.

Дар фаъолияти пешбаранда шавқу ҳавас ва эҳтиёҷоти асосии бачагон ифодаи худро меёбанд. Бинобар ин, дар ташкили фаъолияти бачагон ин хусусиятҳоро ба инобат гирифта, барои ривоҷу равнақи фаъолияти пешбаранда бояд ҳамаи шароитҳоро фароҳам овард[1].

Муддати дароз **«Консепсияи таълими инкишофдиҳанда»**-и В.В. Давидов, Л.В. Занкова, И.Я. Лернер ва дигарон танҳо дар адабиёти педагогӣ дида мешуд. Даҳсолаҳои охир бошад, ин ҳолат тағйир ёфта, диққати ҳамагонро ҷалб намудааст.

Назарияи **«Таълими инкишофдиҳанда»** мутааллиқ ба психологи машҳури рус В.В. Давидов аст.

Чӣ тавре ки тадқиқотҳои психологӣ- педагогӣ собит месозанд, дар асоси принсипи таълимии ҳама гуна фанҳо тафаккури хонандагон инкишоф ёфта, ба ташаккули шахсият таъсир мерасонад (масалан, таълими анъанавии ибтидоӣ дар хонандагон тафаккури эмпирикиро инкишоф медиҳад).

---

[1] *С.Алиев Равоншиносии синнусол ва омӯзгорӣ қисми 1.- Душанбе, 2003*

Агар психика дар асоси таълиму тарбия инкишоф ёбад, пас таълиму тарбия хусусияти инкишофдиҳандагиро дорад. Аз ин рӯ, ҳама гуна таълиму тарбия инкишофдиҳандаи психика аст. Вале бояд ҳаминро таъкид кард, ки намудҳои муайяни таълиму тарбия бояд мувофиқ ба синну сол бошанд, зеро баъзе аз намудҳои таълиму тарбия инкишофи психикиро боз медоранд.

Мафҳуми **«таълими инкишофдиҳанда»** то ҳолате, ки нишондиҳандаи аниқи мавҷудбударо ошкор накунад, ҳамчун холигие боқӣ мемонад. Мисол: бояд фаҳмид, ки дар синну соли муайян кадом донишҳо барои инсон наванд ва ин донишҳо психикаи ӯро чӣ тавр инкишоф медиҳанд; фаъолияти пешбаранда дар ин синну сол кадом аст ва он чӣ тавр ба вуҷуд омадани донишҳо ва тарзи инкишофи донишҳои навро таъмин менамояд; усулҳои дар амал иҷрогардии ин фаъолият чӣ гуна аст; алоқамандии ин фаъолият бо фаъолиятҳои дигар чӣ гуна аст; бо ёрии кадом усулҳо дараҷаи инкишофи донишҳои навро муайян намудан мумкин аст ва ғайраҳо [1].

Алоқамандии таълим ва инкишоф аз масъалаҳои дигари ин мавзӯъ аст. Алоқамандии таълим ва инкишоф ба ақидаи Л.С.Виготский, «масъалаи аз ҳама муҳими психологияи омӯзгорӣ мебошад, ки бе он на танҳо мушкилот дуруст ҳал карда намешавад, балки тасаввур кардани он низ ғайри имкон аст».

Ҳамон таълим таълими хуб ҳисобида мешавад, ки аз инкишоф тезтар раваду аз он пеш бошад. Дар асарҳои Л.С. Виготский оид ба таълими инкишофдиҳанда маълумотҳо буданд, вале онҳо дар шакли фарзия баён гардидаанд, ки дертар дар тадқиқотҳои шогирдони ӯ асоснок карда шудаанд[2].

---

[1] *http://www.pirao.ru/strukt/lab_gr/l-uchen.html; см. лабораторию психологии учения ПИ РАО,*

*http://www.pirao.ru/strukt/lab_gr/l-ps-not.html; см. лабораторию психологических основ новых образовательных технологий,*

*http://www.ipk.alien.ru/education/helpuch/vvedenie/posob11.html; см. статью В.В. Давыдова "О понятии развивающего обучения",*

*http://www.voppsy.ru/journals_all/issues/1996/963/963138.htm; см. статью* Ильясова И.И. "Новый взгляд на умственное развитие и развивающее обучение".

[2] Леонтьев А.Н., 1999; ниг. аннотатсия; Галперин П.Я., 1998, ниг. аннотатсия ва дигарон,

http://www.vygotsky.edu.ru/html/da.php; международная кафедра культурно-исторической психологии МГППУ,

http://liber.rsuh.ru/Conf/Psyh_razvitie/kravcova.htm; см. статью Кравцовой Е.Е. "Культурно-исторические основания зоны ближайшего развития ".

Зери мафҳуми *таълими инкишофдиҳанда* усулҳои нави фаъоли фаъолияти таълимӣ фаҳмида мешавад.

Таълими инкишофдиҳанда аз он шакли таълиме, ки характери баён кардан дораду аз таълимдиҳию омӯзиш иборат аст, фарқ дорад. Нақши омӯзгор дар раванди таълими инкишофдиҳанда ташкили фаъолияти таълимии хонанда мебошад, ки ба инкишофи иҷрои кори мустақилона, инкишофи қобилият, боварии маънавӣ ва фаъолӣ дар вазъиятҳои ҳаётӣ мусоидат мекунад.

Таълими инкишофдиҳанда дар шакли ҷалби хонандагон ба намудҳои гуногуни фаъолият амалӣ мегардад. Истифодаи бозиҳои дидактикӣ, саволу ҷавоб ва дигар усулҳои таълим ба ғанишавии идрок, тафаккури эҷодӣ, хотир ва нутқ мусоидат менамояд. Омӯзгор дар асоси мушоҳидаҳо метавонад дар хонандагон **минтақаи наздиктарини инкишофро** муайян намояд.

Таълими инкишофдиҳанда қонуниятҳои инкишофро меомӯзад, татбиқ мекунад ва ба дараҷаи инкишофи фард мувофиқ мегардонад.

Сохти таълими инкишофдиҳанда дар шакли занҷире, ки вазифаҳои фанниро мушкил менамояд ва дар хонандагон талаботи аз худ намудани донишу маҳоратро ба вуҷуд меорад, ташкил мешавад. Хонанда дар раванди **«кӯшишнамоӣ»** туфайли истифодаи усулҳои нави иҷрои амалҳо, натиҷаи муайяни маълумотҳои навро соҳиб мегардад. Хонанда аллакай дар раванди таълими инкишофдиҳанда ба дараҷаи нави инкишофи ақлонӣ ва шахсӣ мерасад.

Асоси таълимро дар сохти таълими инкишофдиҳанда-ин алоқамандии **«мақсад-восита-назорат»** бо қисмати марказӣ-фаъолияти мустақилонаи таълимии хонанда ташкил медиҳад.

Ин амалҳо ҳамчун талабот ва мақсад дар рафтори хонандагон фаро гирифта мешаванд. Ваҷҳи таълимӣ ба талаботи таҷрибавӣ ё ҳавасҳои лаҳзавӣ вобаста мебошад. Мисол, барои омӯзиши математика ва ё ихтисосҳои дигар формулаҳои математикӣ ҳамчун воситаи ёрирасон хизмат мекунанд. Барои он, ки хонанда онро дар фаъолияти худ истифода намояд, бояд мазмуни онро дуруст дарк намояд ва дар таҷриба мазмуну мӯҳтавои онро кушода тавонад. Аз ин ҷо, азхудкунии дониш ва инкишофи усулҳои иҷрои фаъолият ҳамчун раванд ва натиҷаи фаъолияти хонанда ба сохти
таълими инкишофдиҳанда дохил мешавад.

Таълими инкишофдиҳанда ба инкишофи сифатҳои шахсии хонанда равона карда шудааст.

Таълими инкишофдиҳанда ин мувофиқгардонии раванди таълим ба имкониятҳои амалишавандаи инсон аст. Пешравӣ дар инкишоф шарти муҳим дар азхудкунии дониш аст. Фаъолияти таълимии хонандагон дар якҷоягӣ бо калонсолон амалӣ мегардад, ки агар кӯдак дар ҳалли мушкилоти ҷойдошта каме ҳамроҳ бошад ва худро ҳамчун ҳаммуаллиф шуморад. Тағйирёбии хусусияти таълимдиҳӣ ба ивазшавии сохт ва характери таълим сабаб мешавад. Муҳим он аст, ки хонанда дар таълими инкишофдиҳанда на танҳо дониши муайян, маҳорат ва малакаҳоро аз худ мекунад, балки усулҳои амалкуниро низ меомӯзад.

Мазмуни фаъолият, ки хонанда бояд дар раванди таълим аз худ кунад, бо иҷроиши амалҳо алоқаманд мебошад. Аз ин рӯ, амалҳои таълимӣ дар азхудкунии донишҳо аввалиндараҷа ҳисобида мешавад. Предмети фаъолияти таълим дар сохти таълими инкишофдиҳанда азхудкунии дониш нест, балки фаъолияти таълимӣ мебошад, ки дар натиҷаи амалишавии он азхудкунии дониш худ аз худ ба вуҷуд меояд. Дониш, маҳорат, малакаҳо ва хусусияту сифатҳои шахсӣ ҳамчун натиҷаи фаъолият баромад менамоянд. Инчунин таълими инкишофдиҳанда шароитҳои фаъолияти ояндаи хонандаро, ки дар рафти он инкишоф низ дида мешавад, муайян менамояд.

Ҳамагуна фаъолият, ки дар раванди он инсон дониш ва ё қобилияти фаъолият намуданро пайдо мекунад, ҳамчун таълим ва инкишоф дида баромада мешавад. Дар назарияи таълими инкишофдиҳанда, таълими рефлекторӣ-шахсӣ ва предметӣ-амалиро ҷудо менамоянд. Таълими рефлекторӣ-шахсӣ муносибати фардро ба фаъолияти иҷрошаванда муайян месозад. Барои инкишофи назарияи таълими инкишофдиҳанда ин ҷиҳатҳо заруранд: фаъолият асосан бо хусусияти предмети доштани худ баромад мекунад; фаъолият инчунин таълими ақлониро низ фаро мегирад [1].

## Назарияи таълими инкишофдиҳандаи Элконин- Давидов

[1] *http://www.orc.ru/~michel/ks.htm). (http://maro.interro.ru/centrro/; см. центры развивающего обучения Международной общественной организации - Ассоциации "Развивающее обучение", http://www.voppsy.ru/journals_all/issues/ 1997/973/973040.htm; см. статью Репкиной Н.В. "Система развивающего обучения в школьной практике".*

Солҳои 60-уми асри XX таҳти роҳбарии Д.Б.Элконин ва В.В. Давидов коллективи илмӣ муттаҳид карда шуд, ки оид ба масъалаи аҳамияти синну соли хурди мактабӣ дар инкишофи психикӣ кор бурдаанд[1]. Муайян гардид, ки тавассути шароитҳои муайяни фаъолияти таълимӣ инкишофи тафаккури абстрактию назариявиро ба роҳ мондан мумкин аст [2].

Д.Б.Элконин ва В.В.Давидов чунин мешуморанд, ки мазмун ва усулҳои таълим ба инкишофи тафаккури эмпирикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ арзишманд ва муҳим буда, вале нисбати инкишофи кӯдакон натиҷабахш нест. Таълим дар хонандагон бояд тафаккури назариявиро инкишоф диҳад. Танҳо тафаккури назариявӣ имконияти дарккуниро медиҳад, ки тавассути он инсоният мушкилиҳои таҷрибаҳои ҳаётиро ҳал мекунад. Таълим нақши пешбарандагии худро дар инкишофи ақлонӣ ба воситаи мазмуни дониши азхудшаванда ба вуҷуд меорад, ки он аз тарзи ташкили таълим вобаста аст [3].

Инсон бо истифода аз **тафаккури эмпирикӣ** метавонад таснифи ашёҳои гуногунро кунад, пас дар ҳаёт бо дигар ашё рӯ ба рӯ шуда, **«шинохти он»** ба сифати аҳамияти умумидошта амалӣ гардад. Тафаккури эмпирикӣ имкон медиҳад, ки ашёҳои олами иҳотакарда дуруст ҷо ба ҷо карда шаванд.

Инсон тавассути **тафаккури назариявӣ** метавонад низоми инкишофи ашёҳо ва алоқаи умумии байни онҳоро таҳлил намояд. Ӯ такя ба ин алоқаҳо намуда, доир ба онҳо муҳокимаҳои шахсӣ ва умумиро менамояд. Тафаккури эмпирикӣ ва назариявӣ бо мақсад ва усулҳои худ аз ҳамдигар фарқ дошта, вазифаҳои гуногунро ҳал мекунанд ва дар баробари ин ҷои ҳамдигарро пурра мегардонанд. Тадқиқотҳо ва таҷрибаҳои педагогию психологӣ ошкор намуданд, ки тафаккури эмпирикӣ ба синну соли хурди мактабӣ хос мебошад. Аз ин рӯ, мақсади асосӣ дар ин давраи синнусолӣ инкишоф додани тафаккури эмпирикӣ маҳсуб мешавад.

В.В.Давидов дар алоқамандӣ бо ин шаш фарқияти зерини дониши эмпирикӣ ва назариявиро аз якдигар муайян намудааст:

---

[1] *Элконин Д.Б., 1997; ниг. аннотатсия.*

[2] *http://www.maro.newmail.ru/licnie_str/elkonin_db/index.htm; см. личную страничку, посвященную Д.Б. Эльконину, http://www.maro.newmail.ru/licnie_str/vvdavidov/index.htm; см. сайт, посвященный В.В. Давыдову.*

[3] *Д.Б. Элконин, 2001; ниг. аннотатсия.*

- дониши эмпирикӣ тавассути муқоиса тасаввуротро оид ба ашёҳо пайдо менамояд ва инчунин хусусиятҳои умумии онҳоро ошкор месозад. Донишҳои назариявӣ бошад тавассути таҳлили алоқаи байниҳамдигарӣ ва хусусиятҳои бавуҷудомадаи ашё ва ҳодисаю воқеаҳо истифода мегардад;
- муқоиса хусусиятҳои умумии ашёро ҷудо менамояд. Таҳлил бошад моҳияти алоқаи байниҳамдигарии ашёро кушода медиҳад;
- асоси дониши эмпирикиро мушоҳида ташкил медиҳад, ки он хусусиятҳои берунии ашёро шарҳ медиҳад ва тасаввуротро доир ба онҳо ҳосил менамояд. Донишҳои назариявӣ дар асоси фикрронаҳои ақлонӣ муносибат ва алоқаи байниҳамӣ ва дохили ашёро кушода медиҳад;
- хусусиятҳои умумӣ ҳамчун хусусиятҳои ягона ва шахсии ашё ҷудо карда мешаванд. Дар дониши назариявӣ алоқамандии воқеии байниҳамдигарии ашёҳо муайян мешаванд;
- конкретикунонии дониши эмпирикӣ интихоби намунаҳое мебошад, ки ба синфи ашёҳо ҷавобгӯ аст. Конкретикунонии дониши назариявиро бошад фаҳмидани хусусиятҳои асосию умумии ашё ташкил медиҳад;
- калима асоси дониши эмпирикӣ аст. Дар дониши назариявӣ бошад, пеш аз ҳама фаъолияти фикрӣ сурат мегирад ва пас аз он ба баёни нутқӣ мегузарад.

**Тасаввуроти эмпирикӣ** дар синну соли томактабӣ шакл мегирад. **Тафаккури назариявӣ** пас аз оне, ки кӯдак мактабхон мешавад ва тавассути фаъолияти таълимӣ азхудкунии дониши назаривӣ оғоз мегардад, инкишоф меёбад [1].

Д.Б.Элконин ва В.В. Давидов дар аввалҳои солҳои 60 –уми асри XX қисмати якуми кори тадқиқотии худро анҷом доданд, ки ба омӯзиши имкониятҳои синнусолии донишазхудкунии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бахшида шуда буд. Ба тариқи озмоишӣ исбот гардид, ки инкишофи психикии хонандагон аз он вобаста аст, ки то чӣ андоза дар ҳақиқат онҳо ба фаъолияти пешбаранда машғул мегарданд. Қисматҳои асосии амалҳои тафаккур таҳлил, таркиб ва рефлексия дар ду шакл (эмпирикӣ-шаклӣ ва назариявӣ-мазмунӣ) зоҳир мешаванд. Барои рефлексияи назариявӣ-мазмунӣ муносибати амалҳои шахсии мавҷудбуда муҳим мебошад. Ҷустуҷӯи амалҳои муҳим ва амалҳои муайян ба банақшагирии мазмуни он вобаста аст.

---

[1] *http://www.voppsy.ru/journals_all/issues/1998/985/985029.htm; см. статью А.В. Брушлинского "О развитии В.В. Давыдовым своей теории психического развития"*

Таълими инкишофдиҳанда дар фаъолияти таълимӣ бояд ба сохт ва хусусиятҳои маводи таълимӣ мувофиқ бошад. В.В.Давидов ҳолатҳоеро муайян менамояд, ки на танҳо барои азхудкунии ягон фан, балки барои маҳорати азхудкунии фанҳои гуногун тавассути фаъолияти таълимӣ хос мебошад:

- азхудкунии дониш, ки хусусияти умумӣ ва абстрактиро дорад, имкон медиҳад, ки хонандагон бо донишҳои конкретӣ ва хусусӣ ошно шаванд;
- хонандагон ҳангоми муайян намудани сарчашмаи ин ё он дониш аз маводи таълимӣ алоқаҳои умумие, ки мазмун ва сохти онро муайян менамоянд, бояд ҷудо кунанд;
- хонандагон дар вақти иҷрои амалҳо аз идроки намуди зоҳирӣ ба ботинии ашё гузашта тавонанд ва ғайраҳо [1].

Ҳамаи ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки омӯзгор дар таълими инкишофдиҳанда метавонад инкишофи психикии хонандагонро аз таҷрибаҳо ва қоидаҳои ишорашуда истифода карда, идора намояд [2].

## Саволҳо барои худсанҷӣ

1. Мафҳуми таълими инкишофдиҳандаро шарҳ диҳед?
2. Нишондиҳандаҳои асосии таълими инкишофдиҳандаро номбар кунед?
3. Моҳияти мушкилоти алоқамандии таълим ва инкишоф дар чӣ ифода меёбад?
4. Кадом қонуниятҳоро таълими инкишофдиҳанда ба инобат мегирад ва истифода мекунад?
5. Таълими инкишофдиҳанда ба чӣ нигаронида шудааст?
6. Таълими инкишофдиҳанда бо минтақаи наздиктарини инкишоф чӣ гуна алоқамандӣ дорад?
7. Ба ақидаи Д.Б. Элконин ва В.В.Давидов, моҳияти инкишофи психикии мактаббачагони хурдсол дар чӣ зоҳир мешавад?
8. Фарқиятҳои тафаккури эмпирикӣ ва тафаккури назариявиро аз якдигар фаҳмонед?

## Мавзӯъҳо барои реферат ва кори курсӣ

[1] *http://www.pirao.ru/strukt/lab_gr/g-postr.html; см. группу построения школьных учебников.*

[2] *http://www.experiment.lv/ ; см. сервер "Развивающее обучение" Центра "Эксперимент" (г. Рига), (http://www.91.ru/about.shtml; см. Среднюю московскую общеобразовательную школу № 91).*

1. Проблемаи таълими инкишофдиҳанда дар адабиёти психологию педагогӣ
2. Масъалаи алоқамандии таълим ва инкишоф
3. Алоқамандии таълими инкишофдиҳанда бо минтақаи наздиктарини инкишоф
4. Шаклҳои тафаккур дар раванди таълим
5. Фарқияти донишҳои эмпирикӣ ва назариявӣ

## Адабиёти истифодашуда


1. Ананьев Б.Г. Человек как предмет познания.- СПб., 2001
2. Венгер А.Л., Цукерман Г.А. Психологическое обследование младших школьников.- М., 2001
3. Гальперин П.Я. Психология как объективная наука / Под ред. А.И. Подольского; Вступ. ст. А.И. Подольского.- М.: Воронеж, 1998
4. Дьюи Дж. Психология и педагогика мышления (Как мы мыслим?): Пер. с англ.- М., 1999
5. Давыдов В.В. Теория развивающего обучения.- М., 1996
6. Давлетшин М.Г., Мавлонов М.М., Тўйчиева С.М. Ёш ва педагогик психология. – Т.: ТДПУ, 2009
7. Годфруа Ж. Что такое психология? В 2 т.: Пер. с франц.- М., 1992
8. Иванов И., Зуфарова М. Умумий психология. – Т.: Ўз.ФМЖ., 2008
9. Леонтьев А.Н. Лекции по общей психологии.- М., 2001
10. Муслимов Н.А., Усмонбоева М.Ҳ., Сайфуров Д.М., Тўраев А.Б. Педагогик компетентлик ва креативлик асослари – Тошкент, 2015
11. Магомед-Эминов М.Ш. Трансформация личности: [Новые теории]: Учеб. пособие.- М., 1998
12. Маркова А.К., Матис Т.А., Орлов А.Б. Формирование мотивации учения: Кн. для учителя.- М., 1990.- 192 с.
13. Сафаев Н.С., Мирашировa Н.А., Одилова Н.Г. Умумий психология назарияси ва амалиёти. – Т.: Низомий номидаги ТДПУ, 2013
14. Хайдаров Ф.И., Халилова Н. Умумий психология. – Т.: Фан ва технологиялар, 2009
15. Х.Ж.Худойқулов, О.Ч.Холов. Тарбиявий ишлар методикаси.- Термиз 2020
16. Фридман Л.М. Психопедагогика общего образования: Пособие для студентов и учителей.- М., 1997

17. Эльконин Д.Б. Избранные психологические труды.-М., 1989

X X X

1. http://www.pirao.ru/strukt/lab_gr/l-uchen.html; см. лабораторию психологии учения ПИ РАО
2. http://www.pirao.ru/strukt/lab_gr/l-ps-not.html; см. лабораторию психологических основ новых образовательных технологий
3. http://www.ipk.alien.ru/education/helpuch/vvedenie/ posob 11. html; см. статью В.В. Давыдова "О понятии развивающего обучения"
4. http://www.voppsy.ru/journals_all/issues/1996/963/963138 .htm; см. статью Ильясова И.И. "Новый взгляд на умственное развитие и развивающее обучение"
5. http://www.vygotsky.edu.ru/html/da.php; международная кафедра культурно-исторической психологии МГППУ
6. http://liber.rsuh.ru/Conf/Psyh_razvitie/kravcova.htm; см. статью Кравцовой Е.Е. "Культурно-исторические основания зоны ближайшего развития "
7. http://www.orc.ru/~michel/ks.htm.
8. http://maro.interro.ru/centrro/; см. центры развивающего обучения Международной общественной организации - Ассоциации "Развивающее обучение"
9. http://www.voppsy.ru/journals_all/issues/ 1997/973/973040. htm; см. статью Репкиной Н.В. "Система развивающего обучения в школьной практике".
10. http://www.maro.newmail.ru/licnie_str/elkonin_db/index.htm; см. личную страничку, посвященную Д.Б. Эльконину
11. http://www.maro.newmail.ru/licnie_str/vvdavidov/index.htm; см. сайт, посвященный В.В. Давыдову.
12. http://www.voppsy.ru/journals_all/issues/1998/985/985029. htm; см. статью А.В. Брушлинского "О развитии В.В. Давыдовым своей теории психического развития".

## Мавзӯи 11. Асосҳои психологии истифодаи воситаҳои техникӣ дар таълим

Маълум аст, ки барои самарабахшгардонии натиҷаи раванди таълим ё ба хонандагон омӯзонидани маводи таълимӣ, пеш аз ҳама дар онҳо ба вуҷуд овардани шавқу ҳавас ё худ ваҷҳҳои таълимӣ муҳиманд. Яке аз воситаҳои муҳим дар раванди таълим истифодаи воситаҳои аёнӣ, аз ҷумла техникӣ мебошад. Саволе ба миён меояд, ки истифодаи аёниятҳо дар раванди таълим чӣ аҳамият доранд? Психологон муайян намуданд, ки истифодаи аёниятҳо вобаста ба синну сол дар раванди таълим диққатҷалбкунанда буда, шавқу ҳавасро зиёд мегардонад. Агар хонанда ба маводи таълимӣ диққаташро равона кунад, он гоҳ хоҳу нохоҳ он дар хотир нақш мебандад. Вале мақсади асосӣ он нест, ки дар хотири хонанда ба таври автоматӣ ҷой намудани маводи таълимӣ бошад, балки дар онҳо ба вуҷуд овардани шавқу ҳавас ва инкишоф додани қобилияти мустақилона фикркунӣ мебошад. Беҳуда нагуфтаанд: «Шунидан кай бувад монанди дидан». Бале, баъзе хонандагоне ҳастанд, ки дар онҳо хотири образӣ ва ё тасвирӣ бартарӣ дорад. Барои онҳо истифодаи аёниятҳо муфид мебошад. Истифодаи он барои гурӯҳ ва инчунин ҳамаи хонандагон фоидабахш буда, барои хубтар дарк намудани маводи таълимӣ мусоидат менамояд.

Чуноне ки мебинем, ба истифодаи воситаҳои техникӣ тамоми асбобҳои аёнӣ, аз он ҷумла воситаҳои техникии замонавии омӯзиш, таҷҳизоти лабораторӣ, маводҳои дидактикӣ, асбобу лавозимоти зарурӣ барои омӯзиши фанҳои меҳнат, табиатшиносӣ, биология, кимиё, физика, таърих, ҷуғрофия, тарбияи ҷисмонӣ ва ғайра дохил мешавад. Илова бар ин, намудҳои гузаронидани таҷрибаҳо барои рушду нумӯи ақлонии толибилмон, воситаҳои зеҳнӣ ва пуртаъсирро дар шароити кабинетӣ, лабораторӣ, устохона, қитъаи таҷрибавии наздимактабӣ низ истифода мебаранд. Бахусус воситаҳои омӯзиш дар ҳар синф аз ҳамаи фанҳои тадрисӣ бо назардошти ба ҳисоб гирифтани синну сол ва сатҳи дониши дастпарварон сурат мегирад. К. Д. Ушинский зурурияти аёниятро ин тавр асоснок карда буд: «бачаҳо бо рангу бор, шаклҳо ва образҳо фикр мекунанд ва аз ин рӯ ҳамаи чизҳои бо ёрии аёният омӯхташаванда ҳам тез – тез аз худ карда мешаванд ва ҳам дуру дароз пойдор мемонанд».

Истифодаи аёниятҳо дар раванди таълим сифати азхудкунии онро баланд мебардорад ва боиси равшану возеҳ ва бошуурона фаҳмидашавии донишҳои илмӣ мегардад. Омӯзгор дар даврони имрӯза

бояд аз аҳамияти ҳар як гурӯҳи воситаҳои техникӣ хабардор бошад. Зеро, даврони имрӯзаро замони илму техника мегӯянд. Аксаран наврасон аз техникаҳои муосир, аз қабили истифодаи компютер огаҳӣ доранд ва метавонанд маълумотҳои ҷадидеро оид ба ҳар мавзӯъ дастрас намоянд. Аз ин рӯ, омӯзгор бояд бо ҳамаи ин маълумотҳо мусаллаҳ бошад.

Истифодаи воситаҳои техникӣ дар раванди дарс асосан бо намоиши асбобҳо, таҷрибаҳо, кинофилмҳо, диафилмҳо, истифодаи компютер ва сомонаҳои интернетӣ вобаста аст.

**Намоиши кинои таълимӣ** яке аз он воситаҳо буда, омӯзгор метавонад маводи таълимиро ба хонандагон бо осонӣ фаҳмонида диҳад. Вале бояд қайд намуд, ки кулли дарсҳо тавассути филмҳои таълимӣ омӯзонида намешаванд, чунки он дар раванди таълим вобаста ба талаботи мавзӯъ нигоҳ карда, гоҳ пурра ва гоҳ кинопорчаҳо намоиш дода мешаванд. Кинопорчаҳо ба масъалаҳои алоҳидаи мавзӯъ мансубанд. Филмҳои таълимӣ барои омӯхтани мавзӯи нав ва мустаҳкам кардани он аҳамияти калон доранд.

Пеш аз он ки филм ба талабагон намоиш дода шавад, муаллим онро бояд аз назар гузаронад, саволҳои зарурӣ тартиб диҳад ва мавриди намоиш диққати шогирдонро ба он масъалаҳои асосӣ ҷалб намояд. Дар охир аз намоиши филм хулосаҳо бароварда мешавад.

**Намоиши телевизионии таълимӣ** воситаи дигари техникӣ буда, хусусияти оммавӣ гирифта аст. Барои мактаб, омӯзишгоҳҳои техникӣ ва мактабҳои олӣ телефилмҳои зиёд таҳия карда шудаанд. Ба ин муносибат дар баъзе мактабҳо ҷадвали машғулиятҳо тартиб дода шудаанд ва онҳоро дар кабинетҳои таълимӣ намоиш медиҳанд.

**Ҳоло истифодабарии видеомагнитафони телевизионӣ** хеле вусъат ёфтааст, ки барои сабт кардан ва такроран нишон додани намоишҳои телевизионӣ имконият медиҳад. Ғайр аз ин, омӯзгорони забон ва адабиёти забонҳои дигар (омӯзгорони забони англисӣ, русӣ, олмонӣ ва ғайраҳо) метавонад тарзи дурусти талаффузи калимаҳо ва ё ибораҳоро сабт намуда, ба шогирдон омӯзонанд.

**Истифодаи компютер** ва сомонаҳои интернетӣ дар раванди таълим воситаи замонавӣ буда, он бо ҷонбозиҳои Ҳукумати ҶӮ ва сарвари кишвар мӯҳтарам Шавкат Мирзиёев ҳоло тамоми мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо компютерҳо таъмин гардидаанд ва аксарияти хонандагон аз истифодаи технологияи муосир истифода бурда метавонанд. Хонандагон метавонанд тавассути сомонаҳои интернетӣ маводҳои таълимии ҷадидро дастрас намоянд. Вале дар

навбати худ, истифодаи компютер ва сомонаҳои интернетӣ дар қатори бартариятҳо ҷиҳатҳои манфиро низ доро мебошад. Масалан, агар истифодаи он бо роҳбарии омӯзгор сурат нагирад, кӯдакон метавонанд маводҳоеро, ки ба тарбияи насли наврас халал мерасонанд, дастрас намоянд, ки ба шахсияти онҳо таъсири манфӣ мебахшанд. Аз ин рӯ, дар раванди дарс аз компютер ва сомонаҳои интернетӣ бояд дуруст истифода намуд, зеро истифодаи муддати зиёди кор бо компютер ба саломатии кӯдак низ зарар дорад. Омӯзгор бояд аз қоидаҳои бехатарӣ ва қонуниятҳои истифодаи воситаҳои техникӣ бохабар буда, шогирдонро аз ин огоҳ намояд. Инчунин вобаста ба ҳар як фанни таълимӣ, тарзҳо ва усулҳои гузаронидани дарс аз тарафи устоди ҳамон фан ва нақшаи гузаронидани он муайян карда шавад, он гоҳ ин мувофиқи мақсад аст.

**Истифодаи слайдҳо** дар раванди таълим аз воситаҳои самарабахш дониста шудааст. Ҳоло дар аксарияти давлатҳои рушдёфта дарс дар шакли модулҳои (модул – ченаки хурд) таълимӣ ва истифода аз слайдҳо мегузарад. Истифодаи слайдҳо тарзе ташкил карда мешавад, ки омӯзгор дар он пешакӣ мавзӯи дарсро ба қисматҳо ҷудо намуда, ҳар якеро номгузорӣ мекунад ва сипас зерқисматҳоро омода намуда, тавассути барномаи махсуси компютерӣ слайдҳоро месозад. Омӯзгор баъд аз ин дар раванди дарс слайдҳоро метавонад бо воситаи проектор намоиш диҳад ва истифода намояд. Бояд қайд кард, ки истифодаи слайдҳо асосан мазмуни мухтасари маводи таълимиро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, омӯзгор бояд вазифаҳои иловагиро омода намуда, онҳоро ба хонандагон пешкаш намояд. Раванди дарс аз ин вазифаҳои таълимӣ боз ҳам беҳтару натиҷабахш мегардад.

## Адабиёти истифодашуда


1. Венгер А.Л., Цукерман Г.А. Психологическое обследование младших школьников.- М., 2001
2. Выготский Л.С. Педагогическая психология.- М., 1996
3. Гальперин П.Я. Психология как объективная наука / Под ред. А.И. Подольского; вступ. ст. А.И. Подольского.- М.: Воронеж, 1998
4. Ғозиев Э.Ғ. Психология (Ёш даврлари психологияси). – Т.: Ўқитувчи, 1994
5. Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии. - Спб: Питер, 2007

6. Сафаев Н.С., Мирашировa Н.А., Одилова Н.Г. Умумий психология назарияси ва амалиёти. – Т.: Низомий номидаги ТДПУ, 2013
7. Х.Ж.Худойқулов, О.Ч.Холов. Тарбиявий ишлар методикаси.-Термиз 2020
8. Фридман Л.М. Психология воспитания. Книга для тех, кто любит детей. - М.: ТТС «Сфера», 1999

# БОБИ III. ПСИХОЛОГИЯИ ТАРБИЯ

## Мавзӯи 12. Моҳияти тарбия, механизм ва меъёрҳои он. Талаба ҳамчун субъекти тарбия

Мафҳуми **«тарбия»** категорияи марказии раванди тарбия ва фаъолияти касбии омӯзгор ба шумор меравад. Тарбия асоси илми педагогика ва психологияи омӯзгорӣ маҳсуб меёбад.

**Мафҳуми тарбия** (ба маънои васеъ)- ин таъсирасонии шахсӣ ба ҷомеа буда, ҳамчун омили иҷтимоиест, ки шароити мусоидро (моддӣ, рӯҳӣ, ташкилӣ) барои ташаккулёбии шахс муҳайё месозад.

Мафҳуми тарбия (ба маънои маҳдуд)- ин фаъолияти мақсаднокест, ки дар инсон сифатҳои шахсӣ, ҷаҳонбинӣ ва эътиқодро ташаккулу инкишоф медиҳад.

Дар баробари ин, баъзан чунин фаҳмида мешавад, ки тавассути он ин ё он вазифаҳои муайяни тарбия ҳал мегардад (масалан, тарбияи фаъоли ҷамъиятӣ, коллективизм ва ғ).

Бояд зикр кард, ки дар байни тарбия, инкишоф, ташаккулёбӣ ва иҷтомишавӣ алоқаи муайяне вуҷуд дорад.

Ташаккулёбӣ- ин мафҳуме аст, ки якчанд шароитҳои дараҷаи инкишофёбии кӯдакро муайян намуда, қобилияти дар ҷомеа мустақилона ҳаёт ба сар бурдан ва мустақилона интихоби тарзи рафтори муайян карданро дорад.

**Ташаккули шахс**- ин раванде мебошад, ки тағйирёбии шахсияти инсонро дар рафти якҷояамалкунии ӯ бо олами воқеӣ, ба вуҷуд омадани навгониҳои ҷисмонӣ ва иҷтимоӣ-психологӣ дар сохтори шахс ифода мекунад.

Инкишофи ҷисмонӣ, психологӣ ва иҷтимоии шахсият тавассути таъсири омилҳои зоҳирӣ ва ботинӣ, иҷтимоӣ ва табиӣ, идорашаванда ва идоранашаванда сурат мегирад. Он дар раванди иҷтимоишавӣ ба амал меояд: азхудкунии арзишҳо аз ҷониби инсон, меъёр, намунаи рафтор, ки дар ҷомеа мавҷуд аст, муносибати иҷтимоӣ дар гурӯҳ ва алоқаи иҷтимоии он бо таҷрибаҳои ҳаётӣ.

*Иҷтимоишавӣ* дар шароити муносибати байниҳамдигарии омилҳои ҷомеаи воқеӣ зери таъсири шароитҳои раванди тарбияи иҷтимоию фарҳангӣ амалӣ мешавад. Раванд ва натиҷаи инкишофи инсон зери таъсири омилҳои модарзодӣ, муҳит ва тарбия дар илми психология ва педагогика ташаккулёбии шахсияти инсонро мефаҳмонад.

Қобилият ба инкишоф доштан сифати муҳими шахс дар давоми ҳаёт аст. Тарбия дар алоқамандӣ бо муносибати байниҳамдигарӣ бо калонсолон сурат мегирад. Танҳо дар аввали асри XX масъалаи тарбияи калонсолон мавриди омӯзиш қарор гирифт, ки инъикоси худро дар соҳаи дигари педагогика - **андрогогика** ёфтааст.

Тарбия ҷанбаи иҷтимоии шахс буда, тавассути таълим ва ташкили фаъолиятҳои ҳаётии тарбиягирандагон амалӣ мегардад. Таълим тарғибдиҳандаи фарҳанг буда, инсон туфайли он соҳиби дараҷаи баланди дониш ва фаҳмиш мешавад. Ташкили фаъолиятҳои ҳаётӣ дар ташкилотҳо ва гурӯҳҳо, ки шароитҳои иштирок намуданро дар фаъолиятҳои гуногун таъмин менамояд, инҳо мебошанд: маърифатӣ, амалӣ-таҷрибавӣ, рӯҳӣ-таҷрибавӣ, коммуникативӣ, бозӣ, варзиш ва ғайраҳо. Санъат нақши муҳимро дар тарбия мебозад, ки дар намудҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоӣ дар шакли эмотсионалӣ-образӣ намудор шуда, қобилияти эҷодии дарки олами иҳотакардаро инкишоф медиҳад. Маъмулан, системанокӣ, характер, мазмун, шакл, методҳои таълим ва ташкили фаъолиятҳои ҳаётӣ аз синну сол, фарҳанги мардумӣ ва монанди инҳо вобаста аст[1].

Барои боз ҳам ба моҳияти раванди тарбия сарфаҳм рафтан, мафҳуми «фард», «шахс», «субъект» ва «фардият»-ро таҳлил намудан зарур аст.

Шахс яке аз мафҳумҳои асосии илми психология ба шумор меравад. Б.Г. Ананев пешниҳод менамояд, ки барои фаҳмиши моҳияти шахс ҷудо намудани сифатҳои муҳими он зарур аст. Ин мафҳумро дар қатори мафҳумҳои **«фард-субъекти фаъолият-шахс-фардият»** дида бароем. Шахс фарди бошуур буда, ҳамчун субъекти муносибатҳои ҷамъиятӣ ва барандаи сифатҳои арзишноки иҷтимоӣ маҳсуб меёбад.

Фард-ин одами мушаххас ҳамчун барандаи заминаҳои нишонаҳои (қобилият, истеъдод, лаёқат) инкишофи одамист. Фарзанди инсон ҳамчун фард ба дунё меояд ва аз ҳамин давра ба системаи таърихан ташаккулёфтаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамроҳ шудан мегирад. Фардият-ин инсонест, ки бо хусусиятҳои такрорнашавандаи худ аз дигарон фарқ мекунад [2].

---

[1] *Поляков С.Д., 1996; ниг. аннотатсия,* http://www.pirao.ru/strukt/lab_gr/g-fak.html; *см. группу исследования факторов формирования личности.*

[2] *Гуревич К.М., 1998; ниг. аннотатсия. (ниг. Хрест. 10.4).*

**Субъекти фаъолият**-ин фардест ҳамчун барандаи фаъолии инсон; ҳамчун дорандаи идрок ва механизмҳои психикӣ, ки фаъолиро таъмин менамояд.

Тарбия дорои моҳият ва мақсади худ мебошад. Дар адабиёти педагогӣ мақсади тарбияро ҳар хел шарҳ медиҳанд, вале ягон намуди он мукаммал нест. Мақсади тарбия дар консепсияҳои гуногуни педагогӣ вобаста ба мавқеи иҷтимоӣ-фалсафии муаллифон ҳар хел тавсиф дода мешаванд: а) тарбия инкишофи ҳаматарафаи шахсияти инсон буда, дар худ бойгарии рӯҳӣ, покии маънавӣ ва ҳастии ҷисмониро таҷассум дорад; б) муносибати инсон ба фарҳанг, дар ӯ инкишофи эҷодиёти фардиро амалӣ мегардонад; тарбияи шахсияти салоҳиятдори ҷомеа мебошад; в) тарбияи шахсияти автономӣ, ки қобилияти тағйир додан ва инкишоф додани худ ва олами воқеиро дорад, эмансипатсия (қобилияти пурраи амалкунӣ) ва инкишофи озодонаи шахсият; г) инкишофи муносибати шахс ба олам ва бо олам, ба худ ва бо худ; ғ) инкишофи худшиносии шахсӣ, кӯмаки он ба худмуайянкунӣ ва ғайраҳо.

Намудҳои тарбия хеле зиёданд, вале дар байни онҳо асоситаринашон инҳоянд: ақлонӣ; меҳнатӣ; ҷисмонӣ.

Аксаран ҷанбаҳои диққатҷалбкунандаи раванди тарбия ақоидӣ-сиёсӣ, ҳарбӣ-ватандӯстӣ, ватандӯстӣ, масъулиятшиносӣ, гуманистӣ, зебоишиносӣ, меҳнатӣ, ҷисмонӣ, ҳуқуқӣ, ҷинсӣ, экологӣ ва иқтисодӣ мебошанд. Консепсияҳои шаҳрвандӣ, арзишмандӣ, коллективӣ, коммуникативӣ ва ғайраҳо низ мавҷуданд. Бо аломатҳои донишкадавиаш тарбияи оилавӣ, мактабӣ, беруназмактабӣ, динӣ, инчунин тарбия дар муассисаҳои томактабӣ ва ташкилотҳои ҷавонон дар ҷои истиқомат, муассисаҳои пӯшида ва махсусро ҷудо менамоянд [1]. Бо принсипи бартариятдошта ва тарзи муносибати тарбиядиҳандагон ва тарбиягирандагон тарбияи авторитарӣ, озод ва демократиро ҷудо менамоянд.

Тарбия объекти омӯзиши якчанд фанҳо мебошад (нигаред ба ҷадвали 1).

---

[1] *Минияров В.М., 2000; ниг. аннотатсия.*




***Ҷадвали 1.***

Фалсафа муносибати маърифатӣ, арзишмандӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, масъулиятшиносӣ ва зебоишиносии инсонро ба олами иҳотакарда меомӯзад. Ҷомеашиносӣ проблемаҳои иҷтимоии ташаккули шахсияти инсон, фармоишҳои иҷтимоии тарбияро, ки ҷамъият муайян месозад ва дар ҳуҷҷатҳои давлатӣ дарҷ гардидаанд, амалӣ менамояд. Инчунин хусусиятҳои маҳаллӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии тарбия, низоми институтҳои тарбиявӣ низ объекти омӯзиши он мебошад. Этнография қонуниятҳои тарбияи халқиятҳои ҷаҳониро дар зинаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ, ки дар халқиятҳо гуногунанд, тадқиқ менамояд. Илми иқтисод нақши истеҳсолоти иҷтимоӣ, молиявӣ ва захираҳои моддию-техникиро, ки барои таъминоти системаи тарбия лозиманд, муайян менамояд. Ҳуқуқшиносӣ ба шаклҳои ташкили ҳуқуқӣ ва вазифаҳои тарбия сару кор дорад; меъёрҳои ҳуқуқӣ бошад, мавқеи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои давлат ва институтҳои он ва шаҳрвандонро оид ба тарбия дида мебароянд. Криминалогия ҷинояткорӣ ва сабабҳои аз раванди иҷтимоишавӣ ва тарбия дур мондани ҷинояткоронро муайян намуда, оид ба содир накардани ҷиноят чораҳои огоҳӣ ва пешгириро муайян менамояд. Биология, физиология ва генетика оид ба асосҳои воқеии инкишоф, ки дар раванд ва натиҷаи тарбия намудор мешаванд, тадқиқот мебарад. Педагогика моҳияти тарбия, қонуниятҳои он, тамоюл ва имкониятҳои ояндадори инкишофро тадқиқ намуда, назария ва методикаи тарбияро кор карда мебароянд ва принсипҳои мазмун, тарз

ва методҳои онро муайян менамояд. Психология ба хусусиятҳои фардӣ, синнусолӣ, гурӯҳӣ, қонуниятҳои инкишоф ва рафтори одамон таъсир расонида, усулҳо ва тарзҳои натиҷабахши тарбияро муайян месозад [1].

Раванди тарбия он вақт самарабахш мегардад, ки агар бо дарназардошти дастовардҳои ин соҳаҳои зикршуда ба роҳ монда шавад.

## Алоқамандии таълим ва тарбия

Дар таърихи педагогика раванди таълиму тарбияро дар якҷоягӣ дида мебароянд. Бисёре аз олимони соҳа чунин мешуморанд, ки таълим азхудкунии дониш буда, ба ташаккулёбии шахсият таъсир мерасонад. Донишмандӣ, тавоноӣ-тавсифдиҳандаҳои сифатҳои шахсӣ мебошанд. Ғайр аз ин, азхудкунии дониш ва истифодаи усулҳои фаъолият, ки аҳамияти шахсӣ доранд, ҳиссиётҳои ахлоқӣ, иродавӣ ва зебоишниосиро ташаккул медиҳанд. Ҷойе, ки таълим ҳаст, тарбия низ он ҷо вуҷуд дорад. Дар навбати худ, тарбия на танҳо сифатҳои шахсӣ, инчунин маҳорату малакаро низ инкишоф медиҳад. Ташаккули ҷаҳонбинӣ, азхудкунии маҷмӯи донишҳоро оид ба олам ва меъёрҳои иҷтимоӣ талаб менамояд, ки истифодаи шууронаи он тарбия мебошад.

Инак, таълиму тарбия ҳамчун омилҳои инкишофи шахсият нишонаҳои монанд доранд. Ин аз он хотир аст, ки хонандагон дар азхудкунӣ бояд фаъол бошанд. Асоси фарқияти таълим ва тарбия ин дар ҳолати якум, ба азхудкунии дониш ва усулҳои фаъолият ва дар ҳолати дуюм, ба арзишҳои иҷтимоӣ, ташаккули муносибатҳои шахсӣ равона шудааст [2].

Ногузирии таъсири тарбиявии таълим пеш аз ҳама дар он аст, ки инсонро дар ягонагӣ дида мебарояд. Алоқамандии таълиму тарбия яктарафа нест. Таълим дар шароитҳои муайян ба тарбия таъсир мерасонад. Дараҷаи бомаърифатӣ ба натиҷа ва сифати таълим таъсири мусбӣ мерасонад. Таълим ба соҳаи ваҷҳиёти хонандагон такя намуда, онро инкишоф медиҳад[3].

Таълим инсонро мувофиқ ба талаботҳои муайяннамудаи ҷомеа тарбия менамояд, ба шарте, ки агар фаъолияти ташкилкардашудаи таълим ва мазмуни маводи таълимӣ ба талаботҳо, шавқу ҳавас ва ваҷҳиёти хонандагон мувофиқат намояд.

---

[1] *http://www.psy.msu.ru/about/kaf/razvit. html.*
[2] *Батаршев А.В., 2000; ниг. аннотатсия.*
[3] *Менчинская Н.А., 1998; ниг. аннотатсия.*

Лернер И.Я. таъкид менамояд, ки таълиму тарбия раванди ягона буда, тарбияи дарки дониш, маҳорат, малакаҳои фаъолияти эҷодӣ ва эмотсионалиро ба хонандагон ба роҳ мемонад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таълиму тарбия ва ташаккулёбии шахсият раванди ба ҳам алоқаманд мебошад. Зеро, шахс яклухт ва ягона буда, ташаккулёбии ӯ низ тавассути таълиму тарбия ба таври яклухт ва ягона амалӣ мегарданд. Ташаккули шахсияти комил-ин омӯзонидани дониш, малакаҳои фаъолияти эҷодӣ, инкишофи ҳиссиёт ва арзишҳо нисбати олами иҳотакарда буда, тавассути намудҳои гуногуни фаъолият (таълимӣ, меҳнатӣ, зебоишиносӣ ва ғ.) амалӣ мегарданд [1]. Зимняя И.А. чор шакли алоқамандии таълим ва тарбияро ҷудо менамояд:

1. Тарбия аз таълим ҷудо буда наметавонад ва он дар раванди таълим ба вуҷуд меояд (тавассути мазмун, шакл ва хусусиятҳои таълим). Ин аст алоқаи аввалини таълиму тарбия. Тарбия дар чунин шакл ба раванди таълим ворид гашта, ҳамчун таълими тарбиядиҳанда тавсиф дода мешавад.

2. Тарбия дар раванди таълими муайян ва ё берун аз он (маҳфилҳо, корҳои ҷамъиятӣ ва корҳои тарбиявӣ) низ сурат мегирад. Дар ин ҷо бояд натиҷабахшии таълимро мустаҳкам намуд, зеро он ба тарбия низ таъсири худро мерасонад.

3. Тарбия берун аз раванди таълим низ бо мақсадҳои муайян ба вуҷуд меояд. Масалан, дар оила, коллективи меҳнатӣ, гурӯҳҳо ва монанди инҳо.

4. Тарбия дар муассисаҳои беруназмактабӣ (клубҳо, дискотекаҳо ва ғайраҳо) низ ба роҳ монда мешавад.

Яке аз мақсадҳои асосии мактаби даврони имрӯза ба роҳ мондани тарбияи маънавӣ ба ҳисоб меравад. Тарбияи маънавӣ-ин хусусияти ҷудонашавандаи шахс мебошад, ки бо хоҳиши худ риояи меъёрҳо, қоидаҳо ва пиринсипҳои рафторро таъмин менамояд. Он инъикоси худро дар муносибат ба Ватан, ҷомеа, коллектив ва одамони алоҳида, ба худ, ба меҳнат ва натиҷаи он ифода менамояд [2]. Хоҳем, ки хонандагон хуб рушду камол ёбанд, лозим аст, ки ба онҳо дар хусуси қоидаҳо ва меъёрҳои рафтори маънавӣ дониши муайян диҳем. Албатта, хонандагон соҳиби дониши маънавӣ мешаванд, лекин таҷрибаи соҳаи маънавии онҳо нокифоя мемонад. Ин маънои **«зоҳирпарастии**

[1] *Ивашенко Ф.И., 1996; ниг. аннотатсия.*

[2] Зинченко В.П., Моргунов Е.Б., 1994; ниг. аннотатсия.

**маънавӣ**»-ро дорад. Аз ин рӯ, мавҷуд набудани ҳамбастагии зич дар таносуби байни донишҳои маънавӣ ва таҷрибаи рафтори маънавии хонандагон аз номувофиқ будани дониш ва таҷрибаи рафтори маънавӣ дарак медиҳад. Барои он, ки як ҳамбастагии зич дар таносуби байни донишҳои маънавӣ ва таҷрибаи рафтори маънавии хонандагон ба амал ояд, лозим аст, ки шартҳои зерини психологӣ ба эътибор гирифта шаванд: а) васеъ намудани дониш ва таҷрибаи ҳаёт, рафтори маънавии хонанда дар рафти фаъолият; б) дар хонандагон ташаккул додани маҷмӯи донишҳои ахлоқӣ, ғоявӣ-сиёсӣ; в) дар хонандагон ташаккул додани риояи арзишҳои умумибашарӣ дар асоси ба назар гирифтани ягонагии қавлу амал, шууру ҳис ва зарурияти таҷрибаи рафтори маънавӣ[1]. Дар робита ба ин масъала консепсияи инкишофи маънавии Колбергро дида мебароем. Ба андешаи ӯ, инкишофи маънавӣ бо инкишофи когнитивӣ (маърифатӣ) алоқаманд мебошад. Ӯ чунин дараҷаҳои маънавиётнокиро дида мебарояд:

1. **Дараҷаи пешазмаънавӣ** (то 10 сола) ду зина дорад: дар зинаи аввал, бача бад ё хуб вобаста ба қоидаҳое, ки аз калонсолон омӯхтааст, рафтор менамояд. Рафтор дар худ қадрдонӣ ва ё ҷазоро мехоҳад ва кӯдак онро дарк мекунад. Кӯдак дар ибтидо барои хурсанд намудани калонсолон рафторҳои маънавиро анҷом медиҳад. Баъдтар рафтори маънавӣ худи ӯро низ қонеъ мегардонад. Дар ин ҳолат талаботи калонсолон оид ба азхудкунии қоида ва меъёрҳо ба кӯдак нолозиманд. Аз ин ҷо ҳиссиёти лозим ва ё нолозимӣ инкишоф меёбад ва ҳиссиёти лозим дар ӯ ваҷҳиётро ба вуҷуд меоварад. Вазифаи калонсолон аз он иборат аст, ки шароитҳои машқкунии кӯдакро оид ба рафтори маънавӣ таъмин намоянд. Дар натиҷа, чунин рафтор ба одати ӯ табдил меёбад. Инсони тарбияёфта бисёр вақт ба таври автоматӣ амал мекунад. Дар дараҷаи баъдинаи ваҷҳиёт дар инсон талаботи иҷрои рафторҳои маънавӣ ҳосил мешавад. Ба кӯдакон омӯзонидан лозим аст, ки ба хурсандии дигарон шарик бошанд ва ҳамҳисси дигарон шаванд. Кӯдакон дар ин синну сол қобилияти арзёбӣ намудани рафторҳои худро вобаста ба меъёрҳои маънавӣ доранд. Вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки кӯдаконро ба таҳлил намудани рафторҳои худ водор намояд.

2. **Дараҷаи муқаррарӣ** (аз 10 то 13 солагӣ)- ин такя намудан ба принсипи одамони дигар ва қонуниятҳо мебошад.

[1] Х.Ж.Худойқулов, О.Ч.Холов. Тарбиявий ишлар методикаси.-Термиз 2020

3. **Дарачаи муқаррарӣ** (аз 13 солагӣ)-инсон рафтори худро муҳокима мекунад. Ҳимояи рафтор дар асоси ҳурмат нисбат ба ҳуқуқҳои инсон шакл мегирад. Зинаи дигари рафтор бошад воқеъӣ аст ва шахс новобаста аз андешаи одамон ва ё қонуниятҳои ҷамъиятӣ дар асоси фаҳмиш, дониш ва қонуниятҳои виҷдони худ амал менамояд.

### Саволҳо барои худсанҷӣ

1. Мафҳуми «тарбияро» тавсиф диҳед?
2. Алоқамандии тарбия, инкишоф ва иҷтимоишавӣ дар чист?
3. Ташаккулёбӣ аз табдилёби ба шахс чӣ фарқ дорад?
4. Мафҳуми «фард» ва «фардият»-ро кушода диҳед?
5. Хусусиятҳои масъалаи тарбияро фаҳмонед?
6. Намудҳои тарбияро номбар кунед?
7. Фалсафа кадом ҷанбаҳои тарбияро меомӯзад?
8. Педагогика ва психология кадом ҷиҳатҳои тарбияро меомӯзад?
9. Таълиму тарбия бо ҳам чӣ алоқамандӣ доранд?
10. Шаклҳои алоқамандии таълиму тарбияро номбар кунед?
11. «Таълими тарбиядиҳанда» чист?
12. Хусусиятҳои ташаккули тарбияи маънавии хонандагонро тавсиф намоед?
13. Моҳияти консепсияи тарбияи маънавии Колберг дар чӣ зоҳир мешавад?

## Мавзӯъҳо барои реферат ва кори курсӣ

1. Тарбия ҳамчун категорияи марказии психологияи омӯзгорӣ
2. Алоқамандии тарбия, инкишоф ва иҷтимоишавӣ
3. Масъалаи умумии тарбия
4. Мақсади тарбия дар консепсияҳои гуногуни педагогӣ
5. Намудҳои тарбия
6. Муносибати байнифаннӣ ба тарбия
7. Алоқамандии таълим ва тарбия
8. Шаклҳои алоқамандии таълиму тарбия
9. Таълими тарбиядиҳанда
10. Асосҳои ташаккули тарбияи маънавии хонандагон
11. Консепсияи инкишофи маънавии Колберг

### Адабиёти истифодашуда

1. Асмолов А.Г. Психология личности: Принципы общепсихологического анализа.- М., 2002

2. Батаршев А.В. Психология индивидуальных различий: От темперамента - к характеру и типологии личности.- М., 2000
3. Божович Л.И. Проблемы формирования личности. 2-е изд.- М.; Воронеж, 1997
4. Давлетшин М.Г., Мавлонов М.М., Тўйчиева С.М. Ёш ва педагогик психология. – Т.: ТДПУ, 2009
5. Зюбин Л.М. Психология воспитания.- М., 1991
6. Иващенко Ф.И. Психология воспитания школьников: Учеб. пособие.- Мн., 1996
7. Сафаев Н.С., Мирашировa Н.А., Одилова Н.Г. Умумий психология назарияси ва амалиёти. – Т.: Низомий номидаги ТДПУ, 2013
8. Маркова А.К., Лидерс А.Г., Яковлева Е.Л. Диагностика и коррекция умственного развития в школьном и дошкольном возрасте.- Петрозаводск, 1992
9. Менчинская Н.А. Проблемы обучения, воспитания и психического развития ребенка / Под ред. Е.Д. Божович.- М.: Воронеж, 1998
10. Минияров В.М. Психология семейного воспитания (диагностико-коррекционный аспект).- М.: Воронеж, 2000
11. Паркинсон К.Н. и др. Дети: Как их воспитывать?- СПб., 1992
12. Поляков С. Д. Психопедагогика воспитания.- М., 1996
13. Х.Ж.Худойқулов, О.Ч.Холов. Тарбиявий ишлар методикаси.Термиз 2020

# Мавзӯи 13. Асосҳои психологии методҳои тарбия

**Методҳои тарбия**-ин роҳҳои аниқи таъсиррасонӣ ба соҳаи идрок, ҳиссиёт ва рафтори хонандагон барои ҳалли вазифаҳои педагогӣ тавассути фаъолияти якҷояи муаллиму хонанда мебошад. Методҳои тарбияро аз воситаҳои он, ки бо ҳам алоқаманданд, фарқ кардан лозим аст. Воситаҳои тарбия пеш аз ҳама моддӣ, маънавӣ ва фарҳангӣ мебошад, ки барои амалишавии вазифаҳои педагогӣ истифода мешаванд. Методҳои тарбия тавассути фаъолияти омӯзгор амалӣ мегарданд [1].

Методҳои тарбия хело зиёданд ва онҳоро ба таври зайл тақсимбандӣ намудаанд:

| Таснифи методҳо вобаста ба мазмун | | |
|---|---|---|
| **Гурӯҳи методҳо** | **Намудҳои методҳо** | **Сарчашмаҳои додани мазмун** |
| Гурӯҳи 1 | Методҳои шифоҳӣ | Ҳикоя, сӯҳбат, дастур ва ғ. |
| Гурӯҳи 2 | Методҳои таҷрибавӣ | Машқ, худидоракунӣ ва ғ. |
| Гурӯҳи 3 | Методҳои аёнӣ | Тасвирӣ, намоишӣ, нишон додани мавод ва ғ. |

Г.И.Шукина таснифи зеринро пешниҳод намудааст: а) методи ташаккули дарккунӣ; б) методи ташаккули рафтор; в) методи ташаккули ҳиссиёт ва муносибат.

1. Методи ташаккули дарккунӣ барои он ба хонандагон тавсия мегардад, ки маълумотро аз омӯзгор қабул карда, боз баръакс онро фаҳмонида диҳанд. Дарккунӣ ҳамчун дониш асоси ҷаҳонбинӣ, рафтор ва муносибат мебошад. Дар байни методҳои номбаршуда методи боваркунонӣ дар ҷои махсус меистад [2]. Методи боваркунонӣ дар тарбия-ин бо роҳи талқин фаҳмонидани далелҳо, воқеияти иҷтимоӣ ва ҳаёти шахсӣ бо мақсади додани дониш аст. Ин метод дар корҳои тарбиявӣ пешбаранда маҳсуб меёбад ва барои ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон хизмат мерасонад [3].

---

[1] *Зюбин Л.М., 1991; аннотатсия, (http://www.pirao.ru/strukt/lab_gr/g-fak.html).*
[2] http://www.pirao.ru/strukt/lab_gr/l-sozn.html.
[3] Павлова Л.Г., 1991; аннотатсия (ниг. аниматсия).

2. Методи ташкили фаъолият ва ташаккули рафтор хусусияти амалиро соҳиб аст. Хонанда дар раванди идроки мавод на танҳо дарккунанда, балки амалкунанда низ мебошад. Ба ин гурӯҳи методҳо дохил мешаванд: машқ, вазифадоркунӣ, талаботи педагогӣ ва ғ. Ин метод барои ташаккули рафтор ва фаъолияти хонандагон истифода шуда, ба ташаккули идроки ӯ низ таъсир мерасонад. Методи машқ-ин идоракунии фаъолияти хонандагон бо ёрии корҳои гуногун мебошад, яъне ҳар хонанда супориши муайянро иҷро менамояд. Бо ёрии ин метод фаъолияти тарбиягирандагон ташкил гардида, ваҷҳҳои мусбат ба вуҷуд меоянд (намудҳои гуногуни вазифаҳо ба фаъолияти фардӣ ва гурӯҳӣ дар шакли ӯҳдадоркунӣ, талабот, тасвири намунаҳо, мисол ва ғ). Ин метод ба ташаккули идрок ва рафтор мувофиқ мебошад. Методи машқ дар тарбия тавассути ӯҳдадоркунӣ ҷорӣ мешавад. Ӯҳдадоркунӣ маҳорат ва малакаҳои хонандагонро барои шаклҳои гуногуни фаъолият ташаккул медиҳад. Таҳлилҳо ва таҷрибаҳои педагогӣ нишон медиҳанд, ки омӯзонидани хонандагон баҳри иҷрои корҳои мустақилона ва иҷрои бовиҷдононаи вазифаҳо кори душвор ва дарозмуддат буда, диққати махсусро талаб менамояд [1].

**3. Методи ташаккули ҳиссиёт ва муносибат** дар якҷоягӣ бо методи ташаккули дарккунӣ ва фаъолият истифода мешавад. Ҳавасмандкунӣ, яъне водоркунӣ, баланд бардоштани сифати фаъолияти маърифатӣ, таъмини шароити мусоид ва инчунин шароити маънавӣ мебошад. Ба методи ҳавасмандкунӣ дохил мешаванд: мукофот, ташкили вазъиятҳои ба комёбӣ ноилшавӣ, назорат, худназораткунӣ, баҳодиҳӣ, худбаҳодиҳӣ ва ғайраҳо.

Усулҳои гуногуни таъсиррасонии педагогиро ба ду гурӯҳи методҳо ҷудо менамоянд: **талабот ва баҳодиҳӣ**. Вазифаи омӯзгор чунин аст: кӯшиш намояд, ки талаботҳои дар назди хонанда гузоштошаванда ба талаботи худи шахсии хонанда табдил ёбанд. Талаботҳои педагогӣ ба бедоркунӣ ё иҷроиши амал ва маҳкумкунии амалҳо ҷудо шаванд, баҳодиҳӣ мусбат ва манфӣ мешавад. Баҳодиҳии мусбӣ шахсро ҳавасманд гардонида, вале тавсифу таҳсинҳои ноҷо ба ташаккулёбии хонанда таъсири манфӣ мерасонад. Талабот ба баҳо метавонад хусусияти фардӣ ва ё гурӯҳиро дошта бошад. Натиҷабахшии он аз дараҷаи аҳамиятнокӣ ва муносибат ба сарчашмаи он вобаста аст. Бо ёрии методи баҳодиҳӣ ба рафтор ва ҳавасмандкунӣ ба фаъолияти

[1] Илин Е.П., 2000; ниг. аннотатсия.

хонанда баҳо додан мумкин аст, ки ба худидоракунии рафтори хонанда кӯмак мерасонад [1].

**Таъсиррасонӣ ба тарбия-** ин фаъолияти тарбиядиҳанда дар раванди муносибати байниҳамдигарии иҷтимоӣ буда, ба ягон хусусияти фардии тарбиягиранда, рафтор ва идроки ӯ, шакли амалишавии он тағйирот ворид намудан (сифатҳои мусбии шахсиро ба вуҷуд овардан), мебошад.

Одатан чор намуди таъсиррасониро ҷудо менамоянд: боваркунонӣ, талқин, сироят, тақлид.

**Боваркунонӣ** дар худ системаи далелҳоеро дар бар мегирад, ки талабот ва пешниҳодҳои инкишофдиҳандаро асоснок менамояд. Асосан боваркунонӣ ба сатҳи ҷаҳонбинӣ, нуқтаи назар, тарзи фикррронӣ, баҳодиҳӣ ва таҳлилнамоии тарбиягиранда вобаста аст. Боваркунонии аз ҳама соддаи инсон, ин худбаҳодиҳӣ, мавқеъмуайянкунӣ ва мутобиқшавӣ ба муҳити иҷтимоӣ мебошад.

**Талқин** ҳамчун боваркунонӣ ба ҷудо намудани роҳи нави маълумот аз хатогиҳо равона карда шудааст. Агар боваркунонӣ ба асосноккунии дониш ва таҷриба равона шуда бошад, он гоҳ талқин хусусияти эмотсионалӣ-иродавиро дар боваркунонӣ асоснок менамояд. Дараҷаи талқиншавандагии инсон бо дараҷаи ташаккули шахсияти хонанда, худшиносӣ, худбаҳодиҳӣ, қувваи иродавӣ ва муносибати байнишахсии ӯ дар гурӯҳ муайян мегардад. Боварӣ ба ин ё он маълумот пеш аз ҳама дар он ҳолат арзи вуҷуд менамояд, ки агар аҳамиятнокии он барои тарбиягиранда фаҳмонида шавад.

**Сироятшавӣ** дар гурӯҳи одамоне дида мешавад, ки рафтори худро бо ҳолатҳои эмотсионалӣ идора мекунанд ва дар асоси маълумотҳои таҳлил нагардида амал менамоянд, ё ки рафтори дигаронро такрор менамоянд.

**Тақлид-** ин пайгирии мисол ва ё намунаҳое мебошад, ки дар натиҷаи такрор намудани ягон намуди рафтор, талаффуз ва ҳатто нусхабардорӣ намудани ягон сифати шахсии хонандаи дигар ба вуҷуд меояд. Тақлидкунӣ низ мусбӣ ва манфӣ шуда метавонад. Тақлидкунӣ дар ҳар давраи синну сол хусусиятҳои ба худ хосро доро буда, аз ҳам тафовут дорад. Агар кӯдак дар синни аз 1 то 3-солагӣ бошад, танҳо амалҳои зоҳирии калонсолонро тақлид менамояд. Агар намояндаи синни томактабӣ бошанд, он гоҳ онҳо образи одамони калонсолро, яъне хусусиятҳои ботиниашонро тақлид менамоянд. Хонандагони синфҳои

---

[1] *http://www.psy.msu.ru/about/lab/ht.html; http://www.pirao.ru/strukt/lab_gr/lab-tvor.html.*

ибтидоӣ ба нусхабардории сифатҳои шахсии калонсолон шурӯъ мекунанд. Дар синни наврасӣ бошад, тақлилдкунии калонсолон ба сифати шахсии худи онҳо табдил ёфтан мегирад. Дар синни ҷавонӣ нақши асосиро дар интихоби рафтор арзишҳои инсонӣ мебозад, ки дар ин давра тақлидкунӣ ҳамчун воситаи ёрирасон хизмат мекунад.

Хулоса, инсон чӣ қадаре, ки калонсол шудан гирад, он гоҳ тақлидкунӣ суст шудан мегирад. Тақлидкунӣ агар барои кӯдаки хурдсол ҳамчун воситаи омӯзиш бошад, барои мактаббача омӯзиш ва интиқоли маълумот ҳамчун қоида амалӣ мешавад.

Дар илми муосири психологӣ-педагогӣ таъсиррасонии нигаронидашуда ва нигарониданашуда муайян гардидааст. **Боваркунонӣ** асосан ҳамчун таъсиррасонии нигаронидашуда ҳисобида шуда, **тақлид** натиҷаи таъсиррасонии нигарониданашуда мебошад. Дар таъсиррасонии нигаронидашуда таъсиррасонии рӯирострo ҷудо менамоянд. Вақте ки омӯзгор ба таври кушод мавқеи худро дар алоқамандӣ бо талаботҳояш нисбат ба хонанда ошкор менамояд, таъсиррасонӣ ба муҳити иҳотакарда нигаронида шудааст. Ба сифати чунин муҳит одамон баромад менамоянд, ки бо хонандагон наздикӣ доранд. Дар ҳолати таъсиррасонии бавосита моҳияту мавқеи омӯзгор ва мақсади ӯ аз хонандагон ниҳон аст.

Намунаи таъсиррасонии бавосита ба лаҳзаҳои гуногуни корҳои тарбиявӣ хизмат расонида, барои мустаҳкамшавии асосҳои маънавӣ кӯмак мерасонад. Хонандагон дар ҳолатҳои тарбиявӣ ба таври озод роҳҳои ҳалли мушкилотро интихоб менамоянд. Хонандагон дар ҷустуҷӯи баромадан аз лаҳзаҳои ногувор метавонанд аз арзишҳои иҷтимоӣ истифода намоянд ва рафтори худро тағйир диҳанд. Вазифаи омӯзгор ташкил намудани лаҳзаҳои тарбиявӣ мебошад, ки хонанда дар он худро ҳамчун иштирокчӣ ҳисобида, роҳҳоиислоҳи мушкилиро муайян менамояд. Дар фаъолияти омӯзгорӣ таъсиррасонии **фардӣ-махсус** ва **вазифавӣ-нақширо** фарқ мекунанд. Таъсиррасонии фардӣ-махсуси омӯзгор ба хонандагон омӯзонидани сифатҳои шахсӣ мебошад, ки ҳоло барои онҳо нав аст: сахигӣ, ташкилотчигӣ ва ғайраҳо. Таъсиррасонии вазифавӣ- нақши омӯзгор ин бо офаридани нақшҳои ӯ, ки ба қобилияту имкониятҳои рафтори омӯзгор алоқаманд аст, мебошад. Ҳар ду намуди таъсиррасонӣ бо ҳамдигар алоқамананд. Агар омӯзгор сифатҳои муайяни шахсии худро надошта бошад, инчунин қобилияти таъмин намудани таъсиррасонии фардӣ-махсусро надошта бошад, ба вайроншавии ин амал сабаб мешавад. Таъсиррасонӣ ба хонандагон тавассути мавқе ва нақши омӯзгор амалӣ мегардад. Аз

ин рӯ, дар кори таълимиву тарбиявӣ ҳурмату эҳтиром ва мавқеи омӯзгор муҳим аст.

## Шаклҳои тарбия

**Шаклҳои тарбия**-ин усулҳои ташкили раванди тарбия, роҳҳои ташкили тарбияи фаъолияти фардӣ ва гурӯҳии хонандагон мебошад. Инчунин мафҳуми **«чорабиниҳои тарбиявӣ ва шаклҳои ташкили тарбия»** низ истифода мегарданд.

**Чорабинӣ**-ин амали ташкилкардаи коллектив буда, барои ба мақсади муайяни тарбия расидан нигаронида шудааст. Дар адабиёти педагогӣ шакли муайяну ягонаи рафтор ба корҳои тарбиявӣ вуҷуд надорад. Аз ҳама маъмули он, шакли ташкилкардашудаи тарбия мебошад, ки аз шумораи хонандагон (ҳамаи аҳли синф), гурӯҳи маҳфил ва ё фардӣ будани он вобаста аст. Мисол, барои ташкили фаъолияти маърифатӣ-инкишофдиҳӣ гузаронидани чунин шаклҳои корҳои тарбиявӣ, ба монанди викторинаҳо, дониши кӣ баланд аст, мусобиқаи донишмандон «Чӣ? Дар куҷо? Кай?», конфронсҳои илмии хонандагон, мусобиқаи эҷодкорон ва ғайраҳо лозиманд.

Барои амалишавии вазифаҳои тарбияи маънавӣ чунин шаклҳо, ба монанди мизи мудаввар, оростани сӯҳбат дар мавзӯи ҳуввияти миллӣ, худшиносӣ, одаму одамгарӣ ва ғайраҳо лозиманд. Барои ҳар як коллективи кӯдакон интихоби шакли махсус ва мувофиқи корҳои тарбиявӣ муҳиманд. Ҳар қадаре, ки мазмуни шакли ташкили корҳои тарбиявӣ гуногун ва бойю ғанӣ бошанд, натиҷабахшии кор ҳамон қадар зиёд мегардад.

Дар раванди корҳои тарбиявӣ ба инобат гирифтани хусусиятҳои миллӣ муҳим аст. Зеро, ташаккули шахс ва ташкили корҳои тарбиявӣ дар асоси фаҳмиш ва меъёрҳои иҷтимоӣ ва миллӣ ба роҳ монда мешаванд. Дар шароити махсус, ки ҳамкории тарбиявӣ дар шахс фаъолиро бедор намояд, натиҷабахшии он зиёд гардида, хусусияти таъсиррасонии инкишофдиҳандагӣ ва ташаккулёбандагиро мегирад.

Дар раванди тарбия бояд дар кӯдак ҳисси худтарбиякуниро бедор намоем. Кӯдак аз таваллуд мавҷудияти фаъол буда, қобилият ба инкишофёбӣ дорад. Ин тавре нест, ки кӯдак худ аз худ ҳамаи таҷрибаҳои ҳаётиро аз худ мекарда бошад. Аз ин ҷост, ки омили асосии инкишофи рӯҳии инсон худтарбиякунӣ, худтаълимгирӣ, худомӯзӣ ва худташаккулдиҳӣ ба шумор меравcomponents.

**Худтарбиякунӣ** раванди азхудкунии таҷрибаи инсонӣ тавассути омилҳои рӯҳии таъминкунандаи инкишоф мебошад. Худтарбиякунӣ

инчунин фаъолияти инсон буда, ба тағйирдиҳии шахсият дар асоси ақидаҳо ва эътиқодҳо дар мувофиқа бо мақсадҳои гузошташуда равона мешавад. Худтарбиякунӣ дараҷаи муайяни ташаккули шахсият, худдарккунӣ, қобилияти таҳлил намудани рафтори худ ва дигаронро таъмин менамояд. Муносибати инсон ба имкониятҳои худ худбаҳодиҳии дуруст аст. Дида тавонистани камбудиҳои худ хоси шахсияти ташаккулёфта буда, натиҷаи ташкили худтарбиякунӣ аст!

**Худтаълимдиҳӣ** низоми дохилии худташкил буда, ба инкишофи шахсӣ равона карда шудааст. Худтаълимдиҳӣ раванди омӯзиши таҷрибаҳои гузаштаи ҳаётӣ ва воқеъиро тавассути интихоби кӯшишҳо ва сифатҳои худ ифода мекунад.

Педагогика дар мафҳумҳои **«худтарбиякунӣ», «худтаълимдиҳӣ» ва «худомӯзӣ»** ҳаёти ботинии рӯҳии инсон, қобилияти ӯро дар ташаккули шахсияташ дида мебарояд. Омилҳои берунии тарбия, таълим ва омӯзиш шароит, хусусиятҳои водорсозӣ ва гузариш ба амал мебошанд. Барои ҳамин ҳам файласуфон, педагогҳо ва психологҳо таъкид менамоянд, ки қувваҳои ҳаракаткунандаи ташаккули шахсияти инсон дар рӯҳи ӯ мавҷуданд. Маркова А.К. дараҷаи баланд ва пасти худтарбиякуниро ҷудо намудааст. Дараҷаҳои худтарбиякунӣ, худинкишофдиҳӣ ва худтаълимгирӣ ба ақидаи ӯ чунинанд: а) д**араҷаи баландро тавсиф медиҳанд:** мустақилона гузоштани мақсади ташаккулёбӣ, сохтани нақшаҳои ҳаётӣ, худмаълумотдиҳӣ, устувории ботинӣ ва ягонагӣ, озодии фикри андешаҳои нав дар шароитҳои мушкил, доштани қобилияти худоромкунӣ ва ғ.; б) д**араҷаи пастро тавсиф медиҳанд:** набудани хоҳиш ва қобилият дар ташаккули шахсияти худ, набудани фикрҳои ботинӣ дар бунёди мавҷудияти шахсӣ, набудани ҳавас ба худтаҳлилкунӣ ва ғ.

Дар адабиёти педагогию психологӣ чунин роҳҳоро барои худтарбиякунӣ тавсия медиҳанд:

- худӯҳдадоркунӣ (барои ба мақсад расидан ихтиёрона худро вазифадор намудан, кӯшиши ташаккул додани ин ё он сифатҳои шахсӣ дар худ);
- худҳисоботдиҳӣ (ба рафторҳои пеш содиркардаи худ назар намудан);
- таҳлили фаъолият ва рафторҳои худ (муайян намудани сабабҳои комёбӣ ва нокомиҳои худ);
- худназораткунӣ (ба таври мунтазам ба инобат гирифтани мавқеъ ва рафтори худ бо мақсади аз байн бурдани амалҳои номатлуб).

Худтарбиякунӣ дар раванди худидоракунӣ, ки дар асоси мақсадҳои ташаккулдиҳандаи инсон, нақшаҳои амалкунӣ, назорати иҷрои амалҳои нақшавӣ, баҳодиҳӣ ба натиҷаҳои бадастомада ва худислоҳкунӣ ба вуҷуд меояд[1].

**Тавсифи методҳои худтарбиякунӣ дар ҷадвали зер оварда мешавад.**

| Худдарккунӣ | Худдорӣ | Худҳавасмандкунӣ |
|---|---|---|
| Худмушоҳидакунӣ | Худбоваркунӣ | Худтасдиқкунӣ |
| Худтаҳлилкунӣ | Худназораткунӣ | Худмаъқулкунӣ |
| Худбаҳодиҳӣ | Худфармондиҳӣ | Худмукофотонӣ |
| Худмуқоисакунӣ | Худталқинкунӣ | Худҷазодиҳӣ |
| | Худустуворкунӣ | Худмаҳдудкунӣ |
| | Худмаҷбуркунӣ | |
| | Худиқрорӣ | |

Тарбия дар асоси принсип ва қонуниятҳои муайян амалӣ мегардад. Принсип ҳолати умумии идорашаванда буда, дар шароитҳои гуногун пай дар пай иҷро намудани амалҳоро талаб менамояд. Олим Пидкасистий П.И. принсипҳои асосии зеринро ҷудо менамояд:

1. **Рӯоварӣ ба муносибатҳои арзишманд**: ҷалби диққати омӯзгор ба муносибатҳои ташаккулёбандаи тарбиягирандагон, ба арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ (ба инсон, табиат, ҷамъият, меҳнат, дарккунӣ) ва арзишҳои асоси зиндагӣ (зебоӣ, ҳақиқат ва ғайраҳо).

2. **Принсипи субъективият**: омӯзгор барои дарки инкишофи «Ман» дар алоқамандӣ бо одамони дигару тақдири худ ва фикр карда тавонистани ҳалли мушкилотҳои зиндагӣ бо кӯдак ҳамкорӣ менамояд. Принсипи субъективият супориши махсусро ба кӯдак медиҳад, ки ӯ дар он мустақилона ҳалли мушкилотро бояд фикр кунад. Агар ту иҷро намоӣ, натиҷааш ин тавр мешавад ва ту инро мехоҳӣ? Ин дуруст аст?.

3. **Принсипи сеюм аз ризоият бо меъёрҳои иҷтимоӣ, қоидаҳои ҳаётӣ ва тобеияти такрорнашавандаи** ҳар кӯдак бармеояд. Ба ин принсип ҷавобгӯ аст: қабули кӯдак чӣ хеле ки ӯ ҳаст, эҳтироми ҳаёти гузашта, ки ӯро то ҳамин дараҷаи ташаккул расонидааст ва эҳтироми шахсияти ӯ.

---

[1] Миславский Ю.А., 1991; ниг. аннотатсия.

Амали якҷояи ҳар се принсипи тарбия ба инкишофи кӯдак таъсири мусбӣ мерасонад ва аз ин рӯ онҳоро аз ҳам ҷудо тасаввур кардан ғайримкон аст [1].

**Қонуниятҳои педагогии тарбия**-ин тасвири воқеии раванди тарбия, ки сифатҳои устуворро дар ҳар ҳолати муайяни ҳаётӣ дорад. Чунин қонуниятҳои тарбияро ҷудо менамоянд:

- тарбияи кӯдак ҳамчун ташаккулдиҳандаи навгониҳо дар сохти иҷтимоӣ-психологии шахсият бо роҳи фаъол будани худи кӯдак амалӣ мегардад. Ҳама гуна вазифаи тарбия тавассути амали фаъол иҷро мешавад: инкишофи ҷисмонӣ тавассути машқҳои ҷисмонӣ; инкишофи маънавӣ тавассути рӯоварӣ ба ҳамҳиссии одамони дигар; инкишофи ақлонӣ тавассути фикрронии фаъоли ҳалли вазифаҳои ақлонӣ ва ғ.;
- мазмуни фаъолияти кӯдакон дар раванди тарбияи онҳо бо қонеъ намудани талаботҳояшон муайян мегардад. Агар талаботҳои синнусолии кӯдак ба инобат гирифта нашаванд, он гоҳ раванди тарбия вайрон мегардад;
- риояи қисматҳои муносибати омӯзгор ва кӯдак дар фаъолияти якҷоя: фаъолии омӯзгор дар лаҳзаи аввал фаъолии кӯдакро зиёд мегардонад. Пас аз он ки фаъолии кӯдак зиёд шудан гирад, дар охир кӯдак туфайли назорати омӯзгор ҳама вазифаҳоро худаш иҷро мекунад. Тақсимоти фаъолият ба кӯдак кӯмак мерасонад, ки ӯ худро субъекти фаъолият ҳисобад. Ин ба инкишофи фаъолияти эҷодии кӯдак муҳим мебошад;
- кӯдак танҳо дар шароити ташкили муҳаббат ва ҳифзнамоӣ муносибаташро озод изҳор намуда ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, кӯдак меписандад, ки нисбати ӯ меҳрубонӣ ва муҳаббат зоҳир намуда, ӯро фаҳманд, шӯхиҳои ӯро бахшанд ва ӯро ҳамеша ҳимоя намоянд;
- фаъолияти ташкилшуда бояд дар худ ҳолатҳои комёбиро дошта бошад.

**Ҳолатҳои комёбшавӣ** муваффақшавии ботинии кӯдакро дар фаъолияте ифода мекунад, ки ӯ шахсан иштирок менамояд ва ба натиҷаҳои хуб ноил мегардад. Инчунин принсипҳои табиатдарккунӣ, фарҳангдарккунӣ, нигаронидани тарбия ба ташаккули шахсиятро таҷрибаҳои психологию педагогӣ муайян намудааст.

Басо бамаврид аст, ки барои равшан намудани паҳлӯҳои гуногуни психологияи тарбия педагогикаи Волдорфиро шарҳ диҳем. Педагогикаи Валдорфӣ-ин метод, усулҳои тарбия ва таълим аст, ки ба инкишофи

---

[1] *Пидкасистий П.И., 1996, ниг. аниматсия .*

антропософӣ асос ёфта, ҳамчун омилҳои рӯҳӣ, динӣ ва умумии муносибатҳо тавсиф дода мешавад. Р.Штейнер асосҳои методологӣ ва методӣ-дидактикии педагогикаи Валдорфиро кор кардааст. Он ҳамчун мактаби озоди Валдорфӣ (аввалин маротиба соли 1919 дар Штутгарт барои фарзандони коргарони фабрикаи «Валдорф-Астория» кушода шуда буд, ки номи худро аз он ҷо гирифтааст), боғчаи бачагонаи валдорфӣ ва муассисаи табобатӣ-педагогии «Кемпхилл» фаъолият менамуд. Солҳои 1933-1945 дар ҳудуди фашистони рейх ин муассисаҳои валдорфӣ пӯшида шуданд. Ҳаракатҳои кушодани мактабҳои валдорфӣ пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ асосан солҳои 60-уми асри XX дар аксарияти мамлакатҳо оғоз гардид. Соли 1990 дар ҷаҳон қариб 500 мактаб ва 1000 боғчаи бачагонаи валдорфӣ ба қайд гирифта шудаанд. Мактаби валдорфӣ маълумоти пурраи миёнаро медиҳад (таҳсил 12 сол аст; барои онҳое, ки ба университетҳо дохил шуданианд, бо ном синфи довталабии 13-ум мавҷуд мебошад). Вазифаи педагогикаи валдорфӣ ҳамчун тарбияи рӯҳии озоди шахсӣ дониста шудааст, ки ба эҷодиёти фардӣ қобилият доштан ва ба талаботҳои иҷтимоии тарбия мувофиқ буданро талаб мекунад. Тарафдорони педагогикаи валдорфӣ чунин мешуморанд, ки дар он системанокӣ ва меъёрҳои илмии фаннӣ мавҷуд набуда, балки «санъати бедоркунӣ» ба масъалаҳои табиии ба инсон ноаён мавҷуд мебошад. Қонуниятҳои эҷодӣ ҳамчун бавуҷудоянда аз қонуниятҳои табиӣ ва аксёбанда дар маҳоратҳои рӯҳии инсон дида баромада мешавад; фантазияи эҷодӣ ба якчанд принсипҳои фаъолияти педагогӣ ва «мардонагӣ ба ҳақиқат» ва ҳисси масъулиятнокии рӯҳӣ такя менамояд. Синф ҳамчун шахси асосии амалкунанда дар педагогикаи валдорфӣ-омӯзгорӣ ба шумор меравад. Ба ӯҳдадориҳои ӯ дохил мешаванд: ташкил намудани ҳамаи корҳои таълимию тарбиявӣ бо шогирдони худ дар муддати 8 соли хониш (дар синф то 30 талаба мехонад; омӯзгори синф асосан фанҳои умумитаълимиро меомӯзонад; ҳамкории доимӣ бо хонандагон ва волидони онҳо оид ба тарбия таъмин мешавад; омӯзгор аз рӯи ҷадвали қатъӣ кор намекунад; барномаи зарурӣ бояд ба ҳар хонанда омӯзонида шавад ва ғ.

Педагогикаи валдорфӣ рӯирост бо иродаи инсон сару кор дорад. Чунин ҳисобида мешавад, ки инкишофи ирода бо роҳи ҳамкории натиҷабахши бавосита амалӣ мегардад. Принсипи умумии амалишавии инкишоф «аввал бадеӣ ва пас ақлонӣ» ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, дар муассисаҳои валдорфӣ диққати асосӣ аввал ба тарбияи бадеӣ дода мешавад, ки он ба инкишофи зинаи тафаккур ва ирода мебарад, на ба

омода намудани фаъолияти касбии бадеӣ. Санъат ҳамчун воситаи беҳтарини ташаккулдиҳандаи сифатҳои шахсӣ дида баромада мешавад.

Таълим ҳамчун қоида дар ин педагогика ба 3 давра ҷудо мешавад: то 9- солагӣ, то 12- солагӣ, то хатмкунӣ. Диққати махсус ба тарбияи меҳнатӣ равона мешавад, ки дар раванди он писарон ва духтарон маҳоратҳои меҳнатӣ пайдо менамоянд. Ба фаъолияти хонандагон баҳогузорӣ карда намешавад. Вале, омӯзгор дар охири сол тавсифномаи пурраи психологӣ-педагогии ҳар як хонандаро омода менамояд. Имтиҳонҳои ҷамъбастӣ пас аз синфи 8-ум ва давраи хатмкунӣ супорида мешаванд.

Муассисаҳои валдорфӣ автономӣ буда, мақомоти болоии роҳбарикунандаро надоранд. Онро шӯрои педагогӣ идора мекунад. Вазифаи роҳбари мактаб нест. Масъалаҳои умумӣ, ташкили раванди тарбия ва ғайраҳо дар конфронси ҳарҳафтаинаи омӯзгорон ҳалли худро меёбанд[1].

**Саволҳо барои худсанҷӣ**

1. Методи тарбия чист?
2. Методи тарбия аз методи таълим чӣ тафовут дорад?
3. Хусусияти истифодаи боваркунониро дар тарбия кушода диҳед?
4. Ба методи ташкили фаъолият ва ташаккули рафтор чӣ тааллуқ дорад?
5. Методи машқ дар тарбия аз методи машқ дар таълим чӣ тафовут дорад?
6. Ба методи инкишофдиҳии ҳиссиёт ва муносибат чӣ дохил мешавад?
7. Усулҳои асосии тарбияро номбар кунед?
8. Усулҳои тарбия аз методҳои тарбия чӣ тафовут доранд?
9. Методҳои асосии таъсиррасониро номбар кунед?
10. Шаклҳои тарбия аз методҳои тарбия чӣ тафовут доранд?
11. Методҳои асосии худтарбиякунӣ ва худтаълимдиҳиро номбар кунед?
12. Принсипи тарбия чиро мефаҳмонад?
13. Принсипҳои асосии тарбияро шарҳ диҳед?
14. Қонуниятҳои педагогии тарбия кадомҳоянд?

[1] http://www.redline.ru/education/valdorfru.html; ***сервер по вальдорфской педагогике, (***http://www.steinerwaldorf.org.uk/ ***- сервер Ассоциации вальдорфских школ Великобритании и Ирландии (Steiner Schools Fellowship)).***

## Мавзӯъҳо барои реферат ва кори курсӣ

1. Методҳои тарбия ва таснифи онҳо
2. Усулҳои ташаккулдиҳии дарккунӣ
3. Истифодаи методи боваркунонӣ дар тарбия
4. Методи ташкили фаъолият ва ташаккулдиҳии рафтор
5. Методи ташаккулдиҳии ҳиссиёт ва муносибат
6. Методҳои таъсиррасонӣ
7. Боваркунонӣ ҳамчун усули асосии таъсиррасонӣ
8. Баэътиборгирии хусусиятҳои синнусолӣ дар тарбия
9. Худтарбиякунӣ, худтаълимдиҳӣ, худомӯзӣ ҳамчун мақсади тарбия.
10. Принсипҳои тарбия ва таснифи онҳо
11. Қонуниятҳои педагогии тарбия
12. Муносибати гуманистӣ дар тарбия

## Адабиёти истифодашуда


1. Виноградова М.Д., Первин И.Б. Коллективная познавательная деятельность и воспитание школьников: Из опыта работы.- М., 1977
2. Давлетшин М.Г., Мавлонов М.М., Тўйчиева С.М. Ёш ва педагогик психология. – Т.: ТДПУ, 2009
3. Зюбин Л.М. Психология воспитания.- М., 1991
4. Игры для интенсивного обучения / Под ред. В.В Петрусинского.- М., 1991
5. Ильин Е.П. Мотивация и мотивы.- СПб., 2000
6. Ильин Е.П. Эмоции и чувства.- СПб., 2002
7. Иванов И., Зуфарова М. Умумий психология. – Т.: Ўз.ФМЖ., 2008
8. Каптерев П.Ф. Детская и педагогическая психология.- М.: Воронеж, 1999
9. Маркова А.К., Лидерс А.Г., Яковлева Е.Л. Диагностика и коррекция умственного развития в школьном и дошкольном возрасте.- Петрозаводск, 1992
10. Муслимов Н.А., Усмонбоева М.Ҳ., Сайфуров Д.М., Тўраев А.Б. Педагогик компетентлик ва креативлик асослари – Тошкент, 2015
11. Поляков С. Д. Психопедагогика воспитания.- М., 1996
12. Х.Ж.Худойқулов, О.Ч.Холов. Тарбиявий ишлар методикаси.- Термиз 2020

13. Чалдини Р. Психология влияния.- СПб., 2001
14. Эльконин Д.Б. Психология игры. 2-е изд.- М., 1999
15. Якиманская И.С. Личностно-ориентированное обучение в современной школе.- М., 1996

**X X X**

1. http://www.pirao.ru/strukt/lab_gr/l-sozn.html.
2. http://www.psy.msu.ru/about/lab/ht.html; http://www.pirao.ru/strukt/lab_gr/lab-tvor.html.
**3.** http://www.redline.ru/education/valdorfru.html; сервер по вальдорфской педагогике, (http://www.steinerwaldorf.org.uk/ - сервер Ассоциации вальдорфских школ Великобритании и Ирландии (Steiner Schools Fellowship)).

## Мавзӯи 14. Масъалаҳои психологии ислоҳи бачагони душвортарбия

Дар замони муосир маҳфҳуми душвортарбия хеле васеъ истифода мегардад, ки мутахассисони соҳаи психология ва педагогика онро ба таври гуногун тавсиф медиҳанд. Психологон ба хонандагони душвортарбия онҳоеро мансуб медонанд, ки муоширати олӣ барқарор кардан, ба онҳо таъсири тарбиявӣ расонидан дар назди омӯзгор як қатор мушкилию монеъаҳоро ба вуҷуд меорад. Ҳолате, ки дар бораи чунин хонандагон маълумот доданӣ мешаванд, мо суханонеро мешунавем, ки бо пешоянди «но» оғоз меёбанд, ба монанди «ноором» «ноқобил» ва монанди инҳо.

Албатта ҳамаи кӯдакони ноорому ноқобилро душвортарбия гуфта наметавонем, чунки на ҳамаи душвортарбияҳо ноорому бедиққатанд. Масалан, он ноболиғони душвортарбия, ки рафтори зиддиҷамъитӣ доранд (ба оташ задани биноҳо, дуздӣ ва ғайраҳо машғуланд), дар бисёр мавридҳо камгапу вазнин, ба қавли мардум дидасахту дамдузд мебошанд.

Сабаби душвортарбия гардидани аксарияти ноболиғон аз хусусиятҳои тиббию биологӣ ва педагогию психологӣ вобаста мебошад. Чунин ноболиғон нисбат ба ҳамсолони худ фарқиятҳои зиёде доранд. Инчунин душвортарбияҳое ҳастанд, ки дорои ягон намуд бемории рӯҳӣ мебошанд, ё ки аз назорати волидайн ва омӯзгорон дур гаштаанд, яъне тарбияи кофӣ нагирифтаанд.

Аммо боз чунин нафароне вомехӯранд, ки бо вуҷуди шароити мусоиди тарбиявӣ рафтори ношоям зоҳир менамоянд. Агар дар мисоли аввал, кӯдак бо сабаби беназоратии калонсолон ба беҳудагардию дарсгурезӣ майл карда бошад, дар мисоли дуюм, кӯдак барқасди падару модар, ки мумкин ягон хоҳиши ӯро иҷро накарданд, дар асоси вайрон гаштани муносибат бо омӯзгорон дарсшиканию гапногирӣ зоҳир менамояд.

Ба категорияи «душвортарбия»-ҳо кӯдакони гуногун шомиланд: кӯдакони бадахлоқ, ки дорои ноқисиҳои табиӣ ҳастанд, ки дар қайди комиссияи кор бо ноболиғон қарор доранд; кӯдаконе, ки аз оилаҳои носолим баромадаанд ва амсоли инҳо.

Гӯруҳи дуюми «душвортарбияҳо»- ро кӯдаконе, ки аз тарафи калонсолон беназорат монданд ва майл ба рафтори ҷиноӣ доранд, ташкил менамоянд. Азбаски шаклҳои зоҳиршавии душвортарбиягии

мактабиён гуногунанду на ҳама вақт аз тарафи омӯзгорон дуруст баҳо дода мешавад, мебояд ба шарҳи илмию психологии ин ҳодиса эътибори ҷиддӣ дода шавад.

Дар назарияҳои муосири психологӣ шакҳои зерини таснифоти кӯдакону наврасони душвортарбия муайян карда шуданд:

1. Рафтори девиантӣ. Системаи рафтору амалҳое, ки бар зидди меёрҳои маънавӣ – ахлоқӣ равона карда шудаанд. Зоҳиршавии девиатсияи ноболиғонро аз рӯи чунин аломатҳо муайян кардан мумкин аст:

- душвориҳо дар муоширату муносибат бо дӯстон, ҳамсинфон ва дигар ҳамсолон;
- душвориҳо дар муошират бо калонсолон- волидайн ва омӯзгорон;
- ташаккулёбии идеалҳои нодуруст- эътиқод ва арзишҳои ҳаётӣ;
- ҳисси танҳоӣ, гӯё дар назари дигарон қадр надошта бошанд;
- ҷустуҷӯи озодӣ ба воситаи гурехтан аз назорат;
- гунаҳгор донистани дигарон ба душвориҳои худ;
- вуҷуд надоштани худназораткунӣ;
- зуҳуроти бетартибӣ;
- худбаҳодиҳии паст доштан;
- душвориҳо дар таълим;
- зоҳир намудани хислатҳои манфӣ;
- вуҷуд доштани ҳисси амният, ҷустуҷӯи ҳимоя;
- шарм доштан аз волидайни нобарор (бекор, майнӯш ва ғ.)

Рафтори девиантӣ кирдору амалҳое мебошад, ки аз ҳуқуқвайронкунии хурд иборат буда, ҳоло ҳамчун рафтори ҷиноӣ шуморида намешавад. Рафтори девиантӣ одатан аз дарсгурезиҳо оғоз меёбанд, сониян ба корҳои манфӣ ва оворагардӣ бурда мерасонанд.

Поймол кардани ҳуқуқҳои хурдсолон, ба зӯри кашида гирифтани амволи онҳо, дуздидани дучархаҳо, мототсиклҳо бо мақсади бозӣ, сайру гашт кардан ва монанди инҳо ба рафтори девиантӣ дохил мешаванд.

Дуздидани пулу моли оилавӣ низ рафтори девиантӣ шуморида мешавад. Яке аз шаклҳои назарраси душвортарбиягии ноболиғон ин рафторҳои зиддиҷамъиятӣ мебошад.

Ду самти рафтори зиддиҷамъиятиро муайян менамоянд:

1. Дараҷаи то ҷиноӣ, вақте ки ноболиғ ҳоло субъекти ҷиноят нагаштаасту рафтори иҷтимоии ӯ дар зинаи ҳуқуқвайронкуниҳои хурд қарор дорад, ба мисли вайрон намудани меёрҳои ахлоқ, беҳудагардӣ, оворагардӣ, танбалӣ ва ғайра.

2. Дараҷаи ҷиноӣ, вақте ки ноболиғ ба субъекти ҷиноят мубаддал мегардад, яъне амалҳои ҷиноӣ содир менамояд.

Минковский Г.Н. вобаста ба ифодаёбии рафтори ҷиноӣ 4-типи наврасони ҳуқуқвайронкунандаро ҷудо менамояд:

1. Наврасоне, ки майл ба корҳои ҷиноӣ доранд. Талаботҳои имконнопазир, хоҳиш, майл ба қиморбозӣ доштан хусусиятҳои асосии онҳо мебошад.

2. Наврасоне, ки майл ба рафтори манфӣ доранд: беҳудагардӣ, бефоида гузаронидани вақт, руҷӯъ кардан ба нӯшокиҳои спиртӣ, тамокукашӣ ва ғайраҳо. Аммо онҳо нисбати гурӯҳи якум дида хеле кам сабабгори рафтори ҷиноӣ мегарданд.

3. Наврасони дорои равияи ноустувори шахсӣ. Онҳо дар асоси тақлидкорӣ ҷиноят содир мекунанду оқибат зуд пушаймон мегарданд.

4. Наврасони дорои равияи мусбӣ, ки дар бисёр ҳолатҳо тасодуфан ё ин ки аз сабаби кӯтоҳфаҳмӣ ҷиноят содир мекунанд.

Мо барои пурра фаҳмида гирифтани сабабҳо ва омилҳои пайдошавии рафтори душвортарбиягони мактабӣ бояд пеш аз ҳама рафтори онҳоро мушоҳида намоем ва маълумоти кофӣ дошта бошем. Дар кадом зинаи ҳаёт аломатҳои душвории кӯдак ташаккул мeёбад. Ақидаи анъанавӣ чунин аст, ки кӯдакони душвортарбия дар мактаб пайдо мешаванд, аммо ин ҳодиса сарчашмаи худро аз боғча, аз оила мегирад. Фақат дар ин зинаи синну сол ба кӯдак эътибори ҷиддӣ надода, ба рафтори ӯ ҳамчун шӯхиҳои кӯдакӣ баҳо медиҳанд. Нуқсонҳо дар рафтори кӯдак айнан дар давраи томактабӣ ташаккул мeёбанд.

Дар вақташ педогоги бузург А. С. Макаренко чунин гуфта буд, ки «шахсияти кӯдак то 5- солагии ӯ шакл мегирад, пас аз 5- солагӣ азнавтарбиякунии ӯ аллакай душвор мегардад». Психолог Л.М.Зюбин ба саволи «аз кадом синну сол душвортарбиягии кӯдак зоҳир мегардад», чунин посух медод: «аз ҳамон муддате, ки кӯдак ба таъсири тарбиявӣ рӯ ба рӯ мегардад, аниқтараш дарк кардани онро оғоз мекунад».

Таҷрибаи бисёрсола дар кори тарбия, тадқиқи ҳаёти маънавӣ ва фаъолияти ақлонии кӯдакон ба чунин ақида меоранд, ки сабабҳои душвортарбия, душворфаҳм, қафомониҳои кӯдак дар бисёр маврид аз тарбия, аз шарту шароитҳои ин кӯдакро дар солҳои аввали ҳаёт

фарогирифта вобаста аст. Тарбияи кўдак асосан аз 1-солагӣ то 7-8 солагӣ шакл мегирад, мегуфт В.А.Сухомлинский. Мураббиёни аввалини ў волидон мебошанд, сониян мураббиён дар боғча ва баъд аз он муаллимони мактаб. Мутаассифона, ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ ва якҷоя ба иштибоҳоти зиёд роҳ медиҳанд. Аммо кўдак дар инкишоф дар як ҷо қарор намегирад, ў ҳамеша ба пеш меравад. Тақрибан аз 3- солагӣ дар кўдакон фаҳмишҳои маънавӣ ташаккул меёбад. Кўдак аз падару модар тавассути тақлид ҳама корро, чӣ тавр иҷро кардану накарданро меомўзад. Кўдаки 3- сола ба амал, рафтор ва муносибатҳои онҳо танқидона баҳо гузошта наметавонад, чунки намунаи ягонаи ў ҳастанд. Ин намунаҳо метавонанд дар кўдак сифатҳоеро, ки ба рафтори ношоям мебаранд, ташаккул диҳанд.

Наврасони «душвор» гуногунанд. Худи синни наврасӣ давраи мушкил ҳисобида шуда, дар инкишофи кўдак душвориҳоро ба вуҷуд меоварад. Бўҳрони гузариш аз синни хурди мактабӣ ба синни наврасӣ, ба дигаргуншавии физиологии организм, дигаргуншавии муносибат бо калонсолон ва инкишофи пешрафтаи ақлони нисбат ба инкишофи шахсият вобаста аст.

Синни наврасӣ синни ба воя расидан аст. Дигаргуниҳо дар ин синнусол дар муошират низ ба вуҷуд меоянд. А. Гезелл синни наврасиро шарҳ дода, чунин даврабандӣ намудааст:

1) 10- солагӣ – «синни тиллоӣ», вақте ки кўдак ором аст, ҳаётро осон идрок мекунад, зудбовар аст ва ба симои зоҳириаш эътибор намедиҳад ва ғ.

2) 11- солагӣ – азнавсозиҳои организм оғоз меёбад, кайфияташ зуд-зуд дигаргун мешавад, бо ҳамсолон мунокиша мегирад, бар зидди падару модар мехезад ва ғ.

3) 12- солагӣ – ангезишнокӣ қисман мегузарад, муносибат нисбати атрофиён бештар мусбӣ мегардад, таъсири ҳамсолон меафзояд ва ғ.

4) 13- солагӣ – дар ин синну сол кўдакон бисёртар дар бораи хусусиятҳои худ фикр мекунанд ва инро дар психология интровертҳо меноманд, ки гўё инсон ба худ «фурў» меравад. Дар онҳо нигоҳи танқидона нисбати худ ва волидон пайдо мешавад, дўсту рафиқонро интихоб мекунанд, ки ин ба дигаргуниҳои соматикӣ низ мебарад.

5) 14- солагӣ – интроверсия бо экстроверсия ҷой иваз мекунанд. Акнун кўдак ба худ боварӣ пайдо мекунад, ба муносибату муоширатҳо зуд ворид мешавад, нисбати атрофиёну фарқияти байни онҳо шавқ зоҳир менамояд.

6) 15- солагӣ – акнун дар наврас рӯҳияи баланд, ҳаракату кӯшиш ба мустақилият зоҳир мешавад ва муносибат бо волидон ва омӯзгорон дар мактаб хело зиддиятнок мешавад. Хусусияти ин ҳолат дар он аст, ки хоҳишу рағбат ба озодиву мустақилият дар наврас худназораткуниро баланд мекунад ва ин ҳама наврасро каме нозуктар мегардонад.

7) 16- солагӣ – давраи мувозинат, афзоиши мустақилият ва мувозинати равонӣ. Дар ин синну сол дар ноболиғон завқу шавқ ба зиндагӣ ва оянда пайдо мешавад.

Тарбияи наврасон бештар аз муҳити оилавӣ вобастагӣ дорад, зеро муносибатҳои оилавӣ ба ташаккули шахсияти онҳо мусоидат мекунанд.

Оила дар рӯҳияи кӯдак донистани қадри атрофиёнро тарбия мекунад. Оила барои ҳамин сарчашмаи бузург дар шаклгирии сифатҳои инсондӯстонаи наврас шуда метавонад.

Психологияи превентивӣ, ки яке аз шохаҳои илми психология мебошад, ба муайян намудани сабабҳои рафтори ношоистаи оилаҳо равона шудааст. Оилҳое, ки душвортарбияҳо аз онҳо мебароянд, гуногунанд ва сababи душвортарбиягии кӯдакон ба омилҳои зерин алоқаманданд:

1. Омили фардӣ, яъне сababи «душвортарбия» гаштани кӯдак хусусияти психологӣ, биологиро дорад, ки мутобиқшавии фардро ба ҷамъият мушкил мегардонад. Масалан, Ашӯр писари 8-сола аз синни чорсолагӣ то инҷониб чандин бор ба дасти кормандони кор бо ноболиғон меафтад. Асосан ҳангоми оворагардӣ аз тарафи нозирони минтақавӣ дошта мешавад. Сababи ин рафтор аз худ карда натавонистани меъёрҳои тарбия, дараҷаи пасти инкишофи ақлонӣ – психикӣ мебошад. Ӯ аз хона баромада рафтани худро ягон хел маънидод карда наметавонад. Аҳли хонавода дар навбати худ ғайб задани ӯро пай намебаранд. Ӯ дар кӯча асосан бо гурӯҳи талбандагон ва оворагардон боздошта мешавад.

2. Омили психологӣ-педагогӣ, яъне кӯдак дар асоси нуқсонҳои тарбия дар оила ва мактаб рафтори ношоям зоҳир мекунад. Масалан, Баҳора ном духтараки 13-сола бо оворагардию дуздӣ машғул шуданро чунин маънидод мекунад, ки дар кӯча ӯ «дар ҳоли худаш, бо хости худаш фаъолият мебарад». Сababи асосии ин намунаи рафтор дар он буд, ки мураббиён бо кӯдакон бисёр сахтгир буда, роҳ намедонанд, ки онҳо мустақилона амал намоянд;

3. Омили психологӣ–иҷтимоӣ-ин ба ташкили муносибати нодурусти наздикон ва гирду атрофиён бо кӯдак алоқаманд мебошад. Масалан, Воҳид ном писари 15- сола дар мактаби махсуси

азнавтарбиякунииноболиғон таҳсил мегирад. Ягон аломати «душортарбия» будани ин писар ғайр аз дуздӣ ба ин далел шуда наметавонист: яъне, характери орому ботамкин дошт, хониши хубу аъло ва нисбати оядаи худ орзую ҳавасҳои хоса дорад. Вақте ки сабаби дуздиро муайян намуданд, маълум гашт, ки таъсири нафароне расидааст, ки аз ӯ калонтар буданд. Аз кардаш пушаймон буду ақида дошт, ки агар ӯ низ падар медошт ва ӯро низ дар зери ҳимоят қарор медоданд, чунин рафтор намекард.

4. Омили шахсӣ, ки вобаста аст ба шахсони гирду атроф дар оила, мактаб ва ҷамъият. Масалан, Гулнора ном духтари 13-сола дорои ифроти характер мебошад. Бисёр хашмгин ва дағал буда, волидайни худро ҳамчун шахсони обрӯманд намедонад. Гарчи модараш рафтори ношоями ӯро бо хубӣ фаҳмад ҳам, духтарак инро «маро ҷанг мекунад», «маро бад мебинад» гӯён, нодуруст қабул мекунад. Зуд зуд аз хона фирор менамояд.

5. Омили иҷтимоӣ, яъне кӯдак дар заминаи шароити иҷтмоӣ-иқтисодӣ ҳамчун «душвортарбия» ташаккул меёбад. Пӯшида нест, ки баъзан оилаҳо вазияти ноустувори иқтисодию иҷтимоиро доранд ва дар он сатҳи ҷинояти ноболиғон баланд аст. Масалан, бародарон Диловари 11-сола ва Ёқуби 8-сола ба қавли мардум «бачаҳои кӯча» мебошанд. Онҳоро доимо ҳангоми испанддудкунӣ ва талбандагӣ дошта мегиранд. Волидайни бекори онҳо дар як манзил иҷорашин мебошанд. Фарзандони калони оила яке дар маҳбас ва дигараш ғайб задааст.

Душвортарбиягӣ дар аксари ҳол кӯдакро аз оилаю мактаб дур месозад. Оила ва мактаб ҳамчун донишкадаи иҷтимоӣ дар тарбияи инсон нақши босазое дорад. Аз ин рӯ, омӯзгорон ва психологонро зарур аст, ки баҳри азхудкунии таҷрибаи мусбии иҷтимоӣ, дуруст ба роҳ мондани муносибатҳои оилавӣ ва солим нигоҳ доштани онҳо кӯмаки амалӣ расонанд.

<u>**Дар замони муосир**</u> ислоҳ намудани душвортарбиягон на танҳо вазифаи омӯзгорон, психологҳо, нозирони минтақавӣ ва духтурони оилавӣ аст. Бояд дар ислоҳ намудани онон ҳамагон машғул бошанд.

Яке аз принсипҳои муҳими ислоҳи азнавтарбиякунии душвортарбияҳо ин такя кардан ба сифатҳои муҳими мусбии наврас мебошад. Аз тарафи омӯзгорону мураббиён чунин суханон, ба мисли «аз ин баринҳо одам намебарояд», «бо ин хелҳо кор кардан бефоида аст» мушоҳида мешавад, ки ин иштибоҳи калон аст. Мураббӣ, омӯзгор бояд хислатҳои мусбии кӯдакони душвортарбияро ҷустуҷӯ кунанд, дида тавонанд, сонияи ба ин хусусиятҳо такя карда, онҳоро инкишоф диҳанд.

Ташаккул додани мақсаду шароитҳои ҳаёти оянда, ки пеш аз ҳама ба роҳнамои касбӣ ва интихоби касб вобаста аст, амали муҳиме дар тарбияи наврасони душвор мебошад. Дар ин ҷода ба онҳо дар интихоб кардани касбу ҳунари мувофиқ, ба ҳисоб гирифтани имкониятҳои ақлонию ҷисмонӣ, майлу рағбат ва сатҳи дониш кӯмак кардан лозим аст.

Кори психолог – педагог бо душвортарбияҳо аз се зина иборат мебошад: ташхис, машварат ва ислоҳкунӣ. Ҳангоми омӯхтани хусусиятҳои фардию психологии кӯдак бояд дар қатори муайян сохтани тарафҳои манфии кӯдак, тарафҳои мусбии ӯро низ муайян сохт, ки онҳо аз як ҷиҳат ислоҳоти психологию педагогиро талаб кунад ва аз ҷиҳати дигар, қувваи солими психологии шахсро ташкил мекунад; психолог, омӯзгор дар ҷараёни ислоҳу азнавтарбиякунӣ ба ин тарафи мусбии мактаббача такя карда, шавқу ҳаваси ӯ, марому ваҷҳиёт, сатҳи дониши ӯро муайян месозад ва бо онҳо кор мебарад. Дар ин самт ташхиси психологӣ кӯмаки амалӣ мерасонад. Яке аз методҳои маъмули ҷаҳонӣ сотсиометрия мебошад, ки бо воситаи он омӯзгор маълумоти фаровони дурустро ба даст оварда метавонад ва онҳо самараи азнавтарбиякуниро баланд мебардоранд.

Машварат бо волидон дар барномаи ислоҳкунӣ ҷои махсусро ишғол мекунад. Психологҳо дар фаҳмондани хусусиятҳои фардӣ-психологии фарзандон ба волидон кӯмак мерасонанд.

Бояд дар хотир дошт, ки пайдоиши душвориҳо дар муносибатҳои байни калонсолу кӯдак бештар дар давраҳои бӯҳронии инкишоф ба назар меафтад. Вақте ки навовариҳои психологӣ пайдо мешаванд, дар психикаи кӯдак дигаргуниҳои ғайриоддӣ дида мешавад ва мутаассифона, на ҳама вақт аз тарафи падару модар ба ин эътибор дода мешавад.

Ба волидони кӯдаки душвортарбия дошта маслиҳатҳои зерин дода мешавад:

а) ба проблемаи кӯдаки «душвортарбия» аз нуқтаи назари ӯ муносибат намоед;

б) аз хотир набаоред, ки кӯдак то дараҷаи муайяне акси худи шумо мебошад;

в) рӯҳафтода нашавед, душвориҳо дар ҳамаи ҳолатҳои зиндагӣ вуҷуд доранд ва фикр накунед, ки тарбияи дигар кӯдакон «осон» мебошад;

г) ба ташвиш нафтед, яъне «Аз мурча фил насозед»;

ғ) билохир, зиндадил бошед, шиори шумо чунин бояд бошад: «Кӯдаки ман душвортарбия намебошад. Баояндаи неки фарзандам бовар дорам».

Барномаҳоиислоҳкунии фардию психологӣ бевосита барои калонсолон- волидон ва омӯзгорон вуҷуд дорад, ки аз он истифода намуда, фарзандон ва хонандагонро дуруст тарбия намоед.

## Савол ва супоришҳо барои худсанҷӣ

1. Дар бораи бачагони душвортарбия маълумот диҳед?
2. Сабабҳои пайдоиши рафторҳои ноҷоро гӯед?
3. Тарзу усулҳои кор бо талабагони душвортарбия дар адабиёти психологию педагогӣ чӣ тавр тавсиф дода шудааст?
4. Мафҳуми душвортарбия ва душвортаълимро шарҳ диҳед?
5. Худтарбиякунӣ гуфта чиро мефаҳмед?
6. Худтарбиякунӣ аз азнавтарбиякунӣ чӣ тафовут дорад?
7. Омӯзгорон дар ислоҳи бачагони душвортарбия бо кадом мақомоти давлати ҳамкорӣ карда метавонанд?

### Мавзӯъҳо барои реферат ва кори курсӣ

1. Хусусияти психологии бачагони душвортарбия
2. Нақши тарбия дар ислоҳи бачагони душвортарбия
3. Тарзи усулҳои кор бо бачагони душвортарбия
4. Ҳамкории психолог бо мақомоти давлатӣ дар ислоҳи бачагони душвортарбия

## Адабиёти истифодашуда

1. Виноградова М.Д., Первин И.Б. Коллективная познавательная деятельность и воспитание школьников: Из опыта работы.- М., 1977
2. Давлетшин М.Г., Мавлонов М.М., Тўйчиева С.М. Ёш ва педагогик психология. – Т.: ТДПУ, 2009
3. Зюбин Л.М. Психология воспитания.- М., 1991
4. Игры для интенсивного обучения / Под ред. В.В Петрусинского.- М., 1991
5. Ильин Е.П. Мотивация и мотивы.- СПб., 2000
6. Ильин Е.П. Эмоции и чувства.- СПб., 2002
7. Иванов И., Зуфарова М. Умумий психология. – Т.: Ўз.ФМЖ., 2008
8. Каптерев П.Ф. Детская и педагогическая психология.- М.: Воронеж, 1999

9. Маркова А.К., Лидерс А.Г., Яковлева Е.Л. Диагностика и коррекция умственного развития в школьном и дошкольном возрасте.- Петрозаводск, 1992
10. Муслимов Н.А., Усмонбоева М.Ҳ., Сайфуров Д.М., Тўраев А.Б. Педагогик компетентлик ва креативлик асослари – Тошкент, 2015
11. Поляков С. Д. Психопедагогика воспитания.- М., 1996
12. Х.Ж.Худойқулов, О.Ч.Холов. Тарбиявий ишлар методикаси.- Термиз 2020
13. Чалдини Р. Психология влияния.- СПб., 2001
14. Эльконин Д.Б. Психология игры. 2-е изд.- М., 1999
15. Якиманская И.С. Личностно-ориентированное обучение в современной школе.- М., 1996

**Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,**
**Шавад тира аз бехирад рӯзгор.**
**(А.Ҷомӣ)**

# БОБИ IV. ПСИХОЛОГИЯИ ФАЪОЛИЯТИ ОМӮЗГОРӢ

## Мавзӯи 15. Тавсифи умумии фаъолияти омӯзгорӣ

Азнавсозии мактабҳои олӣ ва миёнаи касбӣ дар мамлакат талаб менамояд, ки сифат ва самараи корҳои таълимию тарбиявӣ дар муассисаҳои олии таълимӣ баланд бардошта шавад. Дар ин ҷода мусаллаҳ гардонидани донишҷӯён бо усулҳои замонавии психологӣ ва баланд бардоштани сатҳи дониши психологии омӯзгорони ҷавон нақши назаррас дорад.

Яке аз масъалаҳои муҳими даврони истиқлолият омода намудани мутахассисон ба соҳаи маориф ва баланд бардоштани мавқеи касби омӯзгорӣ мебошад. Ҳалли ин масъала бо ташкили корҳои илмӣ, тадқиқотӣ ва таҷрибавии донишҷӯён бевосита вобастагӣ дорад. Мутаассифона, дар илми психологияи омӯзгорӣ то ба имрӯз корҳои илмӣ-тадқиқотии зиёде нест, ки донишҷӯёнро қонеъ гардонад. Ҳоло мо дар ин соҳа танҳо маълумотҳои ҷузъиеро дар ихтиёр дорем.

Ин қисми китоб ба масъалаи шиносоии донишҷӯён бо моҳияти психологии фаъолияти омӯзгорӣ, масоили ташаккули қобилияти омӯзгорӣ, омӯзиши услубҳои фаъолияти омӯзгорӣ, муоширати омӯзгорӣ ва тавсифи психологии онҳо бахшида шудааст.

Психологияи омӯзгор як қисми мустақили психологияи омӯзгорӣ ба шумор рафта, масъалаҳои психологии фаъолияти омӯзгорӣ, услуби фаъолияти педагогӣ, қобилиятҳои педагогӣ, маҳорати педагогӣ, муоширати педагогӣ ва талаботҳо нисбати шахсияти омӯзгорро дар бар мегирад.

Омӯзгор шахсе мебошад, ки дар ташкили кори таълиму тарбияи мактабиён нақши ҳалкунанда мебозад. Дар бораи нақши омӯзгор дар кори таълиму тарбияи насли наврас суханони бисёре гуфта шудааст. Хирадмандони олам қайд кардаанд, ки омӯзгорон чӣ гуна бошанд, ҷамъият ҳамон хел аст, яъне омӯзгорони хуб талабагони хубро тарбия мекунанд.

Бояд дар хотир дошт, ки донишҳои педагогӣ ва психологӣ ба омӯзгори ҷавон ҳамаи роҳҳои баромадан аз ҳолатҳои гуногуни таҷрибавиро нишон намедиҳад. Азбаски фаъолияти муаллим табиати эҷодкоронаро дорад, аз ин рӯ донишҳои гирифтаро чун устодони

пешқадам эҷодкорона дар лаҳзаҳои даркорӣ истифода бурда тавонистан зарур аст. Албатта, муаллими кордон, ки қонуниятҳои раванди тарбияро хуб мефаҳмад, ҳолатҳои гуногуни тарбиявиро хуб таҳлил намуда, пас аз он эҷодкорона амал мекунад.

Дар шароити кунунии ҷомеа эътибори муаллим ва шахсияти он яке аз масъалаҳои муҳими психологияи омӯзгорӣ ба шумор меравад. Дар солҳои охир дар ҷумҳурӣ доир ба омӯзиши масоили шахсияти омӯзгор ва эътибори он дар ҷомеа ба таври бояду шояд диққати ҷиддӣ дода намешавад. Корҳои илмӣ-тадқиқотӣ низ хеле кам ба назар мерасанд.

Соли 2022 бо назардошти ин масъала доир ба масъалаи интихоби касб дар байни наврасон ва омӯхтани шавқу ҳаваси онҳо нисбати касби омӯзгорӣ корҳои илмӣ-тадқиқотӣ аз ҷониби устодони кафедраи педагогика ва психологияи ДСПД гузаронида шуд. Дар ин тадқиқот хонандагони синфҳои 8 ва 9–и мактаби таҳсилоти ҳамагонии №36-и ноҳияи Деҳнав иштирок доштанд. Натиҷаи саволномаҳо маълум кард, ки ҳуқуқшинос-38 %, корманди тиббӣ-22 %, иқтисодчӣ-18 % , омӯзгор- 8% ва дигар соҳаҳо-14% -ро ташкил карданд.

Аз натиҷаҳои ин тадқиқот бармеояд, ки касби омӯзгорӣ дар байни дигар касбҳо зинаи ниҳоят поёниро ишғол менамояд. Ин маънои онро дорад, ки имрӯз барои наврасон ҳуқуқшинос (прокурор, судя, адвокат ва ғ), корманди тиббӣ, иқтисодчӣ ва тоҷир идеал шуда тавонистанд, вале омӯзгорон ин эътиборро аз даст доданд. Сабаб дар чӣ аст? Пеш аз ҳама ба чунин дараҷа омада расидани шахсияти омӯзгор ва касби омӯзгорӣ дар он аст, ки чунин шахсиятҳо дар раванди фаъолияти худ иқтидори тарбиявиашро ба пуррагӣ истифода бурда натавонистаанд, дар дили насли наврас ҷой нагирифтанд ва диққати онҳоро ба худ ҷалб карда натавонистаанд.

Саволе пайдо мешавад, ки моҳияти касби омӯзгорӣ дар чӣ зоҳир мешавад? Касби омӯзгорӣ ҳамчун пешаи мустақил ва намоёни ҷамъиятӣ аз лаҳзаи пайдоиш то ба имрӯз дар байни дигар шуғлҳои ҷамъиятӣ мавқеи хосро пайдо кардааст. Имрӯз ҳар як ҷавон бояд мувофиқи хоҳиш, шавқу ҳавас ва мақсади муайяни хеш касберо интихоб намояд. Хусусан ба интихоби касби омӯзгорӣ аҳамияти ҷиддӣ бояд дод. Касби омӯзгорӣ басо мураккаб ва муқаддастарин касби рӯи олам аст. Муаллим дар тамоми давру замонҳо шахси соҳибэҳтиром буд ва чунин хоҳад монд, чунки ба дасти вай тарбияи насли наврас-ояндаи дурахшони халқу миллатро бовар карда месупоранд.

Ягон касбе нест, ки талаботҳои душвору бисёрро ба мисли касби омӯзгорӣ дошта бошад. Иҷрои талабҳои давлату миллат ва халқ фақат

ба муаллими меҳнатдӯсту интизомнок ва эҷодкору ташкилотчӣ муяссар мегардад, ки баҳри баланд бардоштани савияи донишҳои педагогиаш мунтазам саъю кӯшиш мекунад. Вай дар натиҷа устоди кори худ шуда мставонад. Устоди кори омӯзгорӣ шахси захматкашест, ки касби хеш ва кӯдаконро беандоза дӯст медорад ва мондашавиро ҳис накарда, маҳорати омӯзгорияшро сайқал медиҳад. Педагоги машҳур К.Д.Ушинский чунин муаллимро «Нури офтоби ҳаётбахш барои наврасон» номида буд.

Бисёр назариячиёни педагогика ва психология таъсири баланди ахлоқии касби омӯзгориро дар ҷомеа қайд менамоянд. Аз нигоҳи К.Д.Ушинский, муаллим ин фидокори роҳи ҳақ ва офарандаи некӣ аст. Кори ӯ паҳн кардани хоксорӣ ва дигар хислатҳои неки инсонӣ дар байни омма мебошад. Барои он, ки омӯзгор аз ӯҳдаи ин вазифаи мураккабу пуршараф бароянд, бояд заҳмати зиёде ба харҷ диҳад. Агар омӯзгор, қайд мекунад Л.Н. Толстой, касби худро дӯст дорад, он метавонад муаллими арзанда бошад. Омӯзгоре, ки кӯдаконро чун модар ва падарашон дӯст медорад, беҳтар аз он муаллиме, ки китобро пурра аз бар кардааст. Бале, дуруст аст, ки хонандагон ва атрофиёни онҳо маҳорату малака, сатҳи саводнокӣ, чуқур донистани соҳаи худ ва равшану бурро будани фикрронии муаллимро баҳо медиҳад. Тавре ки В.А.Сухомлинский қайд мекунад, ягон омӯзгор ба таври пурра аз ӯҳдаи кори худ ва иҷрои он баромада наметавонад. Зеро, раванди таълиму тарбия басо мураккаб буда, аз ҳар як омӯзгор маҳорати хуби касбӣ ва эҷодкориро талаб мекунад. Маҳз, омӯзгор бо хусусиятҳои хоси худ дар идора кардани ин раванд аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ҳар яки онҳо дорои ҷаҳонбинии такрорнашаванда мебошанд.

Ҳоло барои беҳтар намудани сифати таълим ва баланд бардоштани шавқу ҳаваси донишҷӯён олимони соҳа муайян намуданд, ки мақсади асосии фаъолияти омӯзгорӣ дар хотири омӯзгорони оянда ҷо намудани маълумотҳои гуногун нест. Балки пеш аз ҳама ба омӯзгорони оянда тарзи дуруст фикр кардан, яъне инкишоф додани тафаккур аст, ки ин гуфтаҳо тавассути низоми замонавии таҳсил беҳтар амалӣ мешаванд.

Ҳар фарде, ки касби омӯзгориро интихоб мекунад, бешубҳа масъулияти бузургро дар тарбияи насли наврас ба дӯш дорад. Имрӯз аз ҳар як ҷавоне, ки касби омӯзгориро интихоб намудааст, содиқ будан ба вазифаҳои касбӣ ва ӯҳдадориҳои зеринро тақозо мекунад: якум – баҳодиҳӣ ба имкониятҳои хеш ҳамчун омӯзгори оянда, донистани нуқтаҳои сусту арзишманди хеш, ки дар соҳаи педагогика қобили қабуланд (хусусиятҳои худтанзимкунӣ, худбаҳодиҳӣ, зуҳуроти ҳиссӣ,

қобилиятҳои ахлоқӣ ва ғ.); дуввум – омӯзгори оянда бояд фаъолияти умумифарҳангӣ ва фикрӣ (тафаккур, хотир, идрок, тассаввур, диққат) фарҳангу маданияти ахлоқиро фарогир бошад; сеюм – барои омӯзгор заминаи ҳатмӣ ва асосӣ фаҳмидани хонандаи худ ҳамчун «шахс» ба ҳисоб меравад; чорум – омӯзгор ташкилотчии фаъолияти таълимии хонандагон, ҳамкор ва дар айни замон шарики онҳо дар муоширати омӯзгорӣ мебошад. Омӯзгори хуб мунтазам хониши хубу аълоро ба шогирдон меомӯзад, дар дарсҳо тамоми маводи таълимро аз худ мекунонад, вай дар дарс фаъолияти шогирдонро идора карда метавонад. Омӯзгори бо донишҳои педагогию психологӣ мусаллаҳшуда дар асоси ба назар гирифтани мизоҷ, қобилият, инкишофи равандҳои маърифатӣ ва дигар хислатҳои хонандагон ин ё он методи таъсиррасонии педагогиро истифода мебарад.

Кулли назарияҳои мавҷуда дар соҳаи таълиму тарбия нисбати шахсияти омӯзгор талаботҳои худро мегузорад. Ба ақидаи Ж.Руссо, муаллим нигоҳбон ва муҳофизи кӯдак аз вайроншавӣ ва дигар таъсироти номатлуб аст. Ба андешаи Л.Н.Толстой бошад, муаллим бояд шахси накӯкор ва некӯхислате бошад, ки кӯдакро бо ахлоқи ҳамидаи хеш тарбия намояд. Аз дидгоҳи Гаюӣ, муаллим сеҳргар аст ва худ касест, ки метавонад иродаи дигареро ба худ ҷалбу тобеъ намояд. Муҳаққиқону педагогҳои машҳур Песталотси И.Г. ва Фребел бошад, чунин мешуморанд, ки тарбиятгар, мураббӣ-ин боғбони кӯдакон аст. Блонский П.П. дар симои муаллим, омӯзгор, техникаи инсонпарварро медид, ки мисли риштаи растанипарварӣ бояд фаъолият дошта бошад.

Имрӯз бар дӯши омӯзгор вазифаи пурмасъулияти дигаре илова мешавад. Ӯ бояд ташкилотчии он гурӯҳи иҷтимоӣ бошад, ки омили асосии рушди раванди тарбия гардад. Муаллим имрӯз бо хондани лексия ё шарҳу эзоҳи дарс замоне ҳамчун омӯзгор иҷрои вазифа намуда, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки мунасибати кӯдакро бо муҳити эҳотакарда барқарор намояд. Дар чунин ҳолат, агар омӯзгор фақат мавзӯъро баён кунад, он гоҳ ӯ моҳияту мазмуни фаъолияти педагогиро аз даст медиҳад ва иқтидори тарбиявии мактаб ниҳоят паст мешавад. Дар натиҷа, мактаб чун институти муҳим дар иҷтимоишавии кӯдак нақш бозида наметавонад. Инчунин, ба дигар таъсиротҳои замони муосир, хусусан техника ва технологияи ҷадид рақобатпазир шуда наметавонад. Чунин ақида низ ҷой дорад, ки гӯё дар низоми нави педагогӣ омӯзгор нақши назаррас надорад ва педагогикаи минбаъда ин мактаби бе омӯзгор аст. Андешае, ки дар мактаби оянда барои омӯзгор ҷое намемонад, шабеҳи он аст, ки дар истеҳсолоти технологишуда

инсон лозим намешавад. Дар асл чунин нест, зеро бо рушду тараққии ҷамъият нақши омӯзгор ба таври рӯзафзун зиёд мегардад. Баръакс, зиндагӣ аз ӯ маҳорати олии касбӣ ва малакаю қобилиятҳои рақобатпазири тарбиядиҳиро талаб мекунад.

Муаллим, ки дар байни кӯдакон ва олами калонсолон қарор дорад, ба ташкили раванди таълиму тарбияи хонандагон масъул аст. Вай кӯдаконеро, ки ба мактаб қадам мегузоранд, ба олами дониш ворид месозад, ба эшон шахси аз ҳама наздику меҳрубон мегардад ва сарфаҳм рафтани ҳодисаҳои мураккаби ҳаёт ва муҳити иҳотакардаро меомӯзонад, ёд медиҳад, ки чӣ тавр бо дигарон якҷоя зиндагӣ ва кор кунанд ва муомила дошта бошанд. Муаллим дар вақти чорабиниҳои берунازسинфӣ сифатҳои дилхоҳи худро бо намунаи ибрат дар шогирдони хурдсолаш пайдо мекунонад.

Шахси устувор дар таҳияи нақшаҳои ҳаётӣ ба имкониятҳои воқеӣ такя намуда, аз майлу иддаои аз меъёр зиёд дурӣ меҷӯяд. Шахси инкишофёфта дорои ҳиссиёти баланд инкишофёфтаи адолат, виҷдон ва шараф аст. Ӯ барои ба даст овардани мақсадҳои воқеан муҳим на карахтгашта, балки собитқадаму боисрор буда, қодир аст, ки камбудиҳои рафтори худро ислоҳ намояд.

Мушкилиҳои зиндагиро бе афсурдаҳолию дармондагӣ ва бо рӯҳу тавони тоза бартараф карда метавонад. Ҳама гуна муваффақияту комёбиҳо ва нокомию нобарориҳоро на аз тақдир , балки аз фаъолияти худ вобаста медонад. Ӯ қодир аст, ки дар шароитҳои мураккаби зиндагӣ масъулиятро ба дӯши худ гирад ва қадам ба таваккалкории зарур ниҳад.

Пас, чӣ гуна талаботҳо нисбат ба шахсияти муаллим мавҷуданд? Иҷрои ҳамаи вазифаҳои гузошташуда аз омӯзгор талаб мекунад, ки донишҳои амиқу ҳаматарафа дошта бошад, касби худ ва хонандагонро дӯст дорад.

Бо ҷонбозиҳои назарраси Президенти кишвар мӯтарам Ш.Мирзиёев қадру қиммати омӯзгорон афзун гардид. 1-уми октябр ҳамчун рӯзи омӯзгорон ва мураббиён рӯзи истироҳати эълон карда шуддаст. Ба омӯзгорон имтиёзҳои зайл дода шудааст: гузаштан аз муоинаи тиббӣ ройгон аст; мукофотонидани роҳбарони мактабҳое, ки қисми зиёди хонандагонашон ба муассисаҳои олии кишвар дохил мешаванд; ба омӯзгороне, ки дар синфҳои инклюзивӣ (синфҳое, ки дар он хонандагони нуқсондор таҳсил менамоянд) дарс медиҳанд, маблағҳои иловаги дода мешаванд; омӯзгорони бо таҷрибае, ки аз дигар вилоятҳо омада дар мактабҳои сифати таълим паст буда дарс

медиҳанд, маблағҳои иловаги дода мешаванд; барои гирифтани қарзҳои истемоли ва автотранспортҳо ба омӯзгорон имтиёзҳо дода мешаванд ва ғайраҳо. Ҳамаи чорабиниҳои зикргардида аз баланд шудани мавқеи омӯзгор дар ҷамъият гувоҳӣ медиҳад. Дар баробари ин, масъулияти омӯзгорон дар адои вазифа торафт меафзояд ва нисбати фаъолияташон талабот ҳам бештар мегардад. Омӯзгорон кӯшиш доранд, ки дар ҷавоб ба ғамхориҳо сифати таълиму тарбияро дар таълимгоҳҳо беҳтар созанд. Махсусан, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ташаббускорӣ нишон дода меоянд, чунки таълиму тарбияи насли наврасро дар мактаб онҳо оғоз мебахшанд ва роҳи донишро ба рӯи онҳо мекушоянд. Бо фаъолияти худ омӯзгорон ба тезонидани дигаргуниҳои куллӣ дар мамлакат ва ҷорӣ гардидани муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ ҳисса мегузоранд.

Яке аз хусусиятҳои муҳими омӯзгори замони муосир садоқат ба пешаи омӯзгорӣ ва дӯст доштани касби худ аст. Омӯзгоре дарсҳояшро мувофиқи талаби замони нав бурда метавонад, ки донишҳои ҳаматарафаи илмиро соҳиб гашта бошад. Вай на фақат фанни худро ба дараҷаи аъло донад, балки усулҳои пешқадами замонавии ҷараёни таълиму тарбияро дастурамали хеш намояд ва бо ҳамин роҳ завқу ҳаваси хонандагонро ба дониш зиёда гардонад.[1]

Ба муаллим лозим аст, ки дорои маданияти баланд ва ҷаҳонбинии илмии васеъ бошад. Таърихи бой ва дастовардҳои миллатро на танҳо дар таълиму тарбияи бачагон, балки дар байни оммаи халқ тарғибу талқин кунад.

Зарур аст, ки ӯ нутқи равон дошта бошад, забони давлатиро хуб донад ва дар бачагон меҳру муҳаббати бепоёнро нисбати забони модарӣ парварад.

Дар шахсияти омӯзгор бояд одобу ахлоқи педагогӣ таҷассум гардад, вай дар бачагон суботкорӣ, худро идора карда тавонистан барин хислатҳоро тарбия намояд, ба онҳо воситаҳои таъсиррасониро дар вақташ ёфта истифода кунад. Агар муаллим одобу рафтори хуб дошта бошад, намунаи ибрати шогирдон гардад, дар дилу дидаи мактабиён ҷой мегирад.

Омӯзгор дар ҳама ҷо ва дар ҳама гуна лаҳзаҳо нисбат ба худ ва талабагон серталаб аст. Касби омӯзгорӣ тақозо дорад, ки вай аз баъзе корҳо худдорӣ намояд.

Ташкилотчигӣ яке аз хислатҳои зарурии омӯзгор мебошад. Қобилияти ташкилотчигӣ ва ташаббускорӣ дар хонандагон ба қувваи

---

[1] Махсудова М.А. Мулоқот психологияси. – Т.: 2006

худ боварӣ доштану аз рӯи имкониятҳои мавҷуда амал карданро талқин мекунад. Муаллими ташаббускор, фаъол ва серғайрат шогирдонро аз ақиби худ мебарад ва хамроҳи онҳо пеш меравад.

Пешаи омӯзгорӣ қувваи маънавӣ ва ҷисмонии зиёдеро талаб мекунад. Лозим аст, ки овозҳоро нағз шунавад ва
қобилияти хуби биноӣ дошта бошад.

Баланд бардоштани сифати таълим, роҳҳои тайёр кардани омӯзгорон ва талабот нисбати онҳо дар **«Барномаи давлатии миллии рушди таълими халқӣ барои солҳои 2022-2026»,** ки аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурии Ўзбекистон 12 майи соли 2022 (№24418) баррасӣ ва тасдиқ шудааст, дар ин бобат ба Вазорати маорифи халқ ва таълимгоҳҳои омӯзгорӣ супоришҳои равшану возеҳ дода, муддати иҷрои вазифаҳоро ба таври мушаххас қайд намудааст. Дар айни замон донишгоҳҳо, коллеҷҳо ва омӯзишгоҳҳои педагогӣ барномаи мазкурро дастури амалу роҳнамои хеш медонанд.

Хулоса, омӯзгор ва хусусиятҳои вай якбора ва худ аз худ ташаккул намеёбад. Ташаккули омӯзгор дар таълимгоҳҳои омӯзгорӣ оғоз ёфта, дар вақти фаъолияти педагогӣ сирру асрори кори таълиму тарбияро ҳаматарафа омӯхта ба вуҷуд меояд.

Дар назар бояд дошт, ки омӯзгор дар раванди кор бо хонандагони хурдсол ба мушкилиҳои зиёд дучор мешавад, зеро хонандагони хурдсол хеле фаъол ва серҳаракатанд. Хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии хонандагонро надониста, ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ самарае нахоҳад дод. Дуруст аз худ накардани чунин хусусиятҳо аз тарафи омӯзгор аксар вақт сабаби роҳ додан ба хатогиҳои ҷиддӣ дар тарбия мешавад. Омӯхтани хислатҳои хоси ҳар як хонанда ба омӯзгор кӯмак мерасонад, ки раванди тарбияро бо шогирдон аз ҷиҳати педагогию психологӣ дуруст ва замонавӣ ташкил намояд. Маҳз бо воситаи методҳои психологии омӯзиш тарафҳои мусбат ва манфии хонандаро фаҳмида мегирад ва медонад, ки кадом хонанда чӣ гуна қобилият дорад, ба чӣ қодир аст ва дар кадом масъалаҳо дашворӣ мекашад ва чӣ гуна талаботҳо дорад.

Омӯзиши хонандагон аз тарафи омӯзгор кори пайдарпай ва бардавом аст. Омӯзгор дар рафти он ба рафтор ва кори хонандагон, инчунин тағйиротҳое, ки дар инкишофи ҳаматарафаи онҳо ба вуҷуд меоянд, эътибор зоҳир мекунад. Ин дигаргуниҳо қайд, ҷамъбаст ва таҳлил карда мешаванд.

Омӯзгор аз рӯи мушоҳидаҳо ва омӯзиш роҳҳои таъсиррасониро ба ҳар хонанда муайян мекунад.

## Тавсифи умумии фаъолияти омӯзгорӣ

**Фаъолияти касбӣ** яке аз машғулиятҳои асосӣ ва ҳаётан муҳими инсон ба шумор меравад. Зеро касб шуғле мебошад, ки дар инкишофи шахсияти инсон нақши муҳимро мебозад.

Омӯзгор дар раванди фаъолияти корӣ бо олами рӯҳии хонандагон сару кор дорад, ки ин албатта кори мушкил ба ҳисоб меравад. Фаъолияти омӯзгорӣ дар замони ҳозира бо дарназардошти тараққиёти технологияи муосир хеле мураккабу печ дар печ гаштааст. Психологияро надониста, омӯзгори хуб шудан имконнопазир аст. Бинобар ин, ҳар кас омӯзгори асил шуда наметавонад.

Фаъолияти омӯзгорӣ ҳамчун соҳаи мустақил дар байни дигар соҳаҳои ҷамъиятӣ мавқеи хосро пайдо кардааст. Фаъолияти омӯзгорӣ чун таъсиррасонии мақсаднок ба самти ҳаматарафа инкишоф додани толибилмон равона карда шудааст.

Омӯзгор вазифадор аст, ки дар раванди таълим қонуниятҳои психологии аз тарафи шогирдон фаро гирифтани дониш, дарёфти маҳорату малакаҳо, имкониятҳои маърифатӣ, хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии онҳоро ба эътибор гирад. Ҳамчунон дар фаъолии талаба кӯшишу ғайрат, шавқу ҳавас, талаботи маърифатӣ, ваҷҳиёту маром, босуботӣ ва амсоли онҳо ифода меёбад. Маҳз дар чунин шароит зуҳурот ва инкишофи шахсияти талабаро мушоҳида кардан мумкин аст. Ҳоло дар раванди ташкили таълим усулҳои фаъоли таълим (таълими барномавии инкишофдиҳанда, таълими проблемавӣ, таълими тафриқавию ҳамгирой ва монанди инҳо) бо истифода аз техникаҳои гуногуни замонавӣ васеъ истифода мегарданд. Мақсади истифодаи методҳои навини таълим ин аст, ки маводи таълимиро ба хонандагон омӯзонанд ва тафаккури онҳоро инкишоф диҳанд.

Дар самти омӯзиши психологияи фаъолияти омӯзгорӣ як қатор масъалаҳоро номбар кардан мумкин аст: а) тадқиқи масъалаи иқтидори эҷодии омӯзгор ва шароитҳои бартараф кардани ин гуна қолабҳои педагогӣ; б) омӯзиши масъалаи кордонии касбии омӯзгор; в) таҳқиқи масъалаи психологии омода кардани омӯзгорони ҷавон ба фаъолияти омӯзгорӣ; г) пажӯҳиши масъалаи омода кардани омӯзгорон ба низоми нави таҳсилот; ғ) ба роҳ мондани бозомӯзӣ ва такмили ихтисос барои омӯзгорон ва ғ.

Бо назардошти ин мушкилотҳо дар соҳаи маориф ислоҳотҳо гузаронида мешаванд. Яке аз чунин ислоҳотҳо гузаштан ба шакли нави таҳсилот, яъне ба таҳсил дар низоми кредитӣ мебошад. Дар низоми

кредитӣ алоқаи байниҳамдигарии устоду шогирд бештар дида мешавад. Қайд кардан бамаврид аст, ки Донишгоҳи соҳибкорӣ ва педагогии Деҳнав соли 2021 дар татбиқи он қадами аввалинро гузошта, зина ба зина ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ ворид шуда истодааст. Воридшавии донишгоҳҳои олии Ҷумҳурии Ўзбекистон ба фазои ягонаи таҳсилот тавассути истифодаи технологияи кредитии таълим тақозои замон аст.

## Сохти фаъолияти омўзгорӣ

Фаъолияти омўзгорӣ чун дигар намудҳои фаъолият дорои сохти худ мебошад. Ин сохтор аз чунин унсурҳо иборатанд: ваҷҳиёт, мақсад ва вазифаҳои омўзгорӣ, предмети фаъолияти омўзгорӣ, воситаҳои омўзгорӣ ва роҳҳои ҳалли вазифаҳои гузошташуда, маҳсул ва натиҷаҳои фаъолияти омўзгорӣ.

Ваҷҳ дар психология-ин сабаби зоҳиршавии амал ва рафторҳои одам аст, ки чун ибтидои фаъолият маънидод карда мешавад. Ваҷҳҳо дар асоси талаботҳои гуногуни одам вобаста ба муҳит дар амалҳои мақсадноки гуногун ба вуҷуд меоянд. Ваҷҳиётро ба ду дараҷа тақсим мекунанд: моддӣ ва маънавӣ. Ин дараҷаҳо аз рўи намуди зоҳиршавиашон ба шакли ҳиссиёт, тасаввурот, афкор, фаҳмиш, ақидаҳои маънавӣ ҷудо карда мешаванд.

Барои он ки ваҷҳҳо фаъолиятро ба вуҷуд оваранд, бояд шароите фароҳам овард, то ки кўдак дар он фаъолияташро нишон диҳад. Агар ин гуна шароит набошад, ваҷҳҳо ба фаъолияти хаёлӣ табдил меёбанд. Агар дар раванди кори тарбиявӣ ваҷҳҳои рафтори талаба ба назар гирифта нашавад, он гоҳ ин боиси вайроншавии муносибати байни муаллиму шогирд мегардаду таъсири тарбиявӣ натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. Ба назар гирифтани ваҷҳҳои талабагон кори осон нест, вале муаллим бояд барои он кўшиш кунад. Зеро, тарбияи ваҷҳ ва дар кори тарбиявӣ ба эътибор гирифтани он яке аз вазифаҳои муҳими омўзгор ба шумор меравад.

Ҳар як намуди фаъолият, аз ҷумла фаъолияти омўзгорӣ дорои предмет ва мавзўи баҳси худ мебошад. Предмети фаъолияти омўзгорӣ-ин ташкил намудани фаъолияти сифатноки таълим мебошад, ки он бевосита ба азхудкунии фанҳои гуногуни дарсӣ ва ба инкишофи насли наврас равона карда шудааст.

Фаъолияти омўзгорӣ аз чунин воситаҳо истифода мебарад: а) донишҳои илмӣ (назариявӣ ва амалӣ), ки дар асоси онҳо фаҳмишҳои истилоҳии хонандагон инкишоф меёбад; б) сарчашмаҳои дониш

матнҳо, адабиёт ва донишҳое мебошанд, ки дар натиҷаи мушоҳидаҳои бевосита дар машғулиятҳои амаливу лобораторӣ аз тарафи хонандагон аз бар карда мешаванд; в) воситаҳои ёрирасон техникӣ-комютерӣ ва дигар воситаҳои аёнии техникӣ мебошанд.

Усулҳои расонидан ва интиқол додани таҷрибаҳои ҷамъиятӣ дар раванди фаъолияти омӯзгорӣ чунинанд: шарҳу эзоҳ ва тавсиф додан; намоиш додан ба воситаи суратҳои ранга, намоишҳои видеоӣ ва ғ.; кору фаъолияти якҷоя (кор дар гурӯҳ, бозиҳои нақшӣ ва ғ); таҷрибаомӯзии бевосита (лабораторӣ, саҳроӣ ва ғ.); тренингҳои гуногуни тахассусӣ ва ғ.

**Маҳсули фаъолияти омӯзгорӣ**–ин инкишоф ёфтани маҷмӯи таҷрибаҳои фардии-аксиологӣ, маънавӣ-ахлоқӣ, эмотсионалӣ-фикрӣ ва фаннӣ. Маҳсули ин намуди фаъолият ба воситаи имтиҳон, санҷиш ва омӯзиши натиҷаҳои корҳои назоратӣ, вазифаҳои хонагӣ баҳогузорӣ карда мешаванд. Фаъолияти омӯзгорӣ ба инкишофи чунин ҷиҳатҳо дар хонандагон бояд мусоидат намояд: такомули шахсияти хонандагон; ташаккули қобилияти фикрӣ, ақлӣ, маънавӣ ва зеҳнӣ; ташаккулёбии онҳо чун шахс ва субъекти фаъоли фаъолияти таълимӣ.

Дар психологияи омӯзгорӣ чунин дараҷаҳои маҳсулнокии фаъолияти омӯзгориро муайян кардаанд:

**Дараҷаи I (**пасттарин)- омӯзгор метавонад он чизҳоеро, ки худаш мефаҳмад, ба дигарон нақл кунад. Ин фаъолияти бемаҳсул аст**.**

**Дараҷаи II (**паст)- омӯзгор маҳорати расонидани маълумотро бо хусусиятҳои аудитория мутобиқ гардонида метавонад. Ин фаъолият каммаҳсул аст.

**Дараҷаи III (**миёна)- омӯзгор дар ин дараҷа бо сифатҳои шахсӣ ва касбии худ дурнамои фаъолияти таълимиро муайян карда метавонад (яъне, дар назди худ барои идораи раванди таълимӣ мақсад гузошта, аз натиҷаи он ҳисобот дода метавонад). Ин аз маҳсулнокии миёна далолат мекунад.

**Дараҷаи IV** (баланд)- далолат аз дониши системаноки хонандагон мекунад; омӯзгор ба пуррагӣ дурнамо ва системаи дониш, маҳорату малакҳои хонандагонро дар маҷмӯъ медонад. Ин фаъолияти маҳсулнок аст.

**Дараҷаи V** (олӣ)- омӯзгор дар ин зина бо маҳорат ва санъати педагогӣ талаботҳои кӯдаконро ҳаматарафа омӯхта, фанни худро ба як воситаи инкишофи шахсияти хонандагон табдил дода метавонад. Ин маҳсулнокии олиро мефаҳмонад.

## Хусусиятҳои фаъолияти омӯзгорӣ

Фаъолияти омӯзгорӣ ба объект, субъект, мақсад, вазифа, метод, услуб, сохт ва моҳияти худ аз дигар фаъолиятҳои ҷамъиятӣ ба куллӣ фарқ мекунад ва дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад.

Ҳар як ақида ва назарияҳо дар бораи раванди педагогӣ бо хусусиятҳои махсуси фаъолияти омӯзгорӣ алоқаманд аст. Нуқтаи назаре, ки дар илми психологияи омӯзгорӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст ва кӯшиш дорад, ки низоми нави тарбияро ҷорӣ намояд, фаҳмиши нави меҳнати омӯзгориро талаб менамояд. Масалан, дар давраи пеш муаллим нақши сарчашмаи дониш, раҳнамо, шахси ёрирасон ва ё чун силоҳи тарбия ба шумор мерафт. Вале имрӯз чунин вазифаи пештараи омӯзгор ба талаботи замон ҷавобгӯ набуда, балки дар раванди таълиму тарбия фаъолии худи хонандагонро мепазирад. Яъне, хонандае, ки ҳама ҷо машғули ҷустуҷӯи дониш аст, ҳамчун шахси комил ба воя мерасад.

Дар баробари ин, фаъолияти омӯзгорӣ бо гузашти вақт нисбати омӯзгор вазифаҳои гуногунро гузошта, чунин сифатҳоро талаб мекунад: бофаросатӣ, хушзеҳнӣ, болаёқатӣ, боистеъдод будан, мақсаддорӣ, ҷиддигӣ, меҳнатдӯстӣ, боғайратӣ, серҳаракату фаъолӣ, бодиққатӣ, поквиҷдонӣ, серғайратию зиндадилӣ, хоксорӣ, меҳрубону навозишкор будан, раҳмдилӣ, боинсофӣ, нармдилӣ, хайрхоҳӣ, вазифашиносу хушҳолӣ, ботаҳаммулӣ, шуҷоатмандӣ, солимӣ, ҷасурӣ, зебоӣ, чаққонӣ ва покизагӣ.

## Услуби фаъолияти педагогӣ

Фаъолияти омӯзгорӣ мисли дигар намудҳои фаъолият дорои услуби муайян низ ҳаст. Услуби фаъолият – ин маҷмӯи роҳ ва тарзҳои устуворест, ки дар шароитҳои гуногуни ҷараёни таълим истифода мешаванд.

Ба ақидаи Кан-Калик В.А., таҳти мафҳуми услуби муошират хусусиятҳои фардӣ–намунавӣ ва таъсири мутақобилаи иҷтимоӣ–психологии омӯзгору хонандагон фаҳмида мешавад.

Услуби омӯзгорӣ аз махсусиятҳои фаъолият ва аз хусусиятҳои фардӣ-психологии омилҳои он сарчашма мегирад. Услуби фаъолияти омӯзгорӣ ҳамзамон фарогири усули идоракунӣ, худтанзимкунӣ, муошират ва ғайраҳо низ мебошад.

Бояд гуфт, ки услуби фаъолияти омӯзгорӣ таъсиру нуфузи се омилро ошкор месозад: а) хусусиятҳои фардӣ – психологии фаъолияти омӯзгор, ки дар навбати худ дорои хусусиятҳои фардӣ – намунавӣ,

шахсӣ ва ахлоқӣ мебошад; б) хусусиятҳои худи фаъолият; в) хусусиятҳои хонандагон (синну сол, ҷинс, мақом, сатҳи дониш ва ғ).

Муҳаққиқони номдор Маркова А.К., Никонова А.Я. чунин мешуморанд, ки асоси фарқияти услуби меҳнати омӯзгорро бунёдҳои зерин ташкил менамоянд:

- тавсифи мазмуни услуб (такяи муаллим ба раванд ва натиҷаи меҳнати худ, баҳодиҳӣ ба давраҳои меҳнатии худ);
- омӯзгор ба раванд ва натиҷаи меҳнати худ баҳодиҳӣ менамояд;
- тавсифи динамикии услуб (моҳирӣ, устуворӣ, тағйирдиҳӣ ва ғ);
- самаранокӣ (сатҳи дониш, малака, алоқамандӣ бо таълими хонандагон).

Дар асоси ин тақсимот услубҳои муайянро ҷудо мекунанд. Масалан, услуби эмотсионалӣ (ҳиссӣ). Омӯзгоре, ки дорои ин услуб аст, бо ҷиҳатгириву тарзи шаклдиҳии раванди омӯзиш фарқ мекунад. Маводи дарсии онҳо шавқангез ва мантиқӣ аст. Хонандагон бо камоли майл ба он дода мешаванд. Дарсҳо бо суръати тез мегузарад. Нақшагузории омӯзгорони пайравии ин услуб низ дар раванди таълиму тарбия дигаргун аст. Маъмулан, дар дарси онҳо маводи шавқовари зиёд мавриди баррасӣ қарор мегирад, вале барои вазифаи хонагӣ маводи камтар пешниҳод мегардад. Назорати фаъолияти хонандагон аз ҷониби чунин омӯзгорон кофӣ нест. Омӯзгорони пайрави ин услуб роҳҳои гуногуни таълимиро истифода менамоянд.

Яке аз услубҳои дигари маъмул услуби эмотсионалӣ (ҳиссӣ) - методӣ мебошад. Омӯзгори пайрави ин услуб ба раванд ва натиҷаи таълим такя мекунад. Муаллими дорои услуби ҳиссӣ-методӣ буда, давра ба давра маводи таълимиро таҳия ва коркард менамояд, сатҳи дониши хонандагонро назорат мекунад, аз такрор ва мустаҳкамкунии маводи таълимӣ истифода мебарад. Ин омӯзгорон барои коркарду такмили маводи таълимӣ аз роҳҳо ва тарзҳои мухталиф баҳра мегиранд. Мекӯшанд, ки шавқу рағбати хонандагонро ба фанни омӯхташаванда бедор созанд.

Услуби дигарро услуби мубоҳисавӣ меноманд. Барои омӯзгорони пайрави ин услуб ҷиҳатгирӣ дар раванди таълим ва натиҷаи омӯзиш муҳим аст. Омӯзгорони ин навъи услуб ихтироъкорӣ ва навовариро дар интихоби роҳҳои таълим камтар ба кор мегиранд. Онҳо қодиранд ҷараёни қобили қабули корро ташкил намоянд ва аз мубоҳисаҳои дастаҷамъӣ истифода баранд. Омӯзгорони ин услуб махсусан ҳангоми пешниҳоди назару андешаҳо мекӯшанд, ки ба хонандагон ба таври ғайримустақим (ишора, дақиқсозӣ,ислоҳи гуфтаҳо) таъсир расонанд ва

бо ҳамин ба онҳо имкон диҳанд, ки ҷавоби хешро пурра намоянд. Ниҳоят, услуби мубоҳисавӣ-методӣ ба банақшагирии баробари раванди таълиму тарбия такя менамояд. Ин муаллимон тарзҳо ва воситаҳои фаъолияти педагогии аз усулҳои кӯҳнаро истифода мекунанд (мустаҳкамкунии мавзӯи дарс, такрори маводи дарсӣ, назорати дониши хонандагон). Онҳо бештар ба хонандагони сустхон таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд.

## Сифатҳои шахсӣ ва касбии омӯзгор

Сифатҳои касбии омӯзгор ба чунин хусусиятҳои фаъолияти психологӣ–педагогии ӯ вобастагии зич доранд: а) хонандаро ҳамчун инсон ва шахсият эҳтиром бояд кард (гузаштагон гуфтанд, ки «ба дигарон тавре муносибат кун, ки худ чунин муносибатро мехоҳӣ»); б) доимо дар ҷустуҷӯи имкониятҳои худинкишофдиҳӣ бош; в) ба хонанда донишро ба шакле бидеҳ, ки ӯ бихоҳад ва тавонад онро фаро бигирад ва омода бошад онро дар шароитҳои мухталиф истифода намояд. Ғайр аз ин боз чунин сифатҳо барои омӯзгор заруранд: а) **ташкилотчигӣ** (муташаккилӣ, муназзамӣ, муттаҳидӣ, корчалонӣ, ташаббускорӣ, сахтгирӣ, серталабӣ, худтанқидкунанда); б) **коммуникативӣ** (боинсофӣ, ҳақҷӯй, бодиққат, меҳрубон, навозишкор, кушодарӯӣ, покдил, самимӣ, рӯирост, хайрандеш, хайрхоҳ, оддӣ, хоксор, шармгинӣ, ҳушёрӣ, тезшунавой, боодобӣ); в) **персептивӣ-гностикӣ** (мушоҳидакорӣ, дорои қобилияти фаъоли фикрӣ, тадқиққунанда, хушоҳангӣ, ӯҳдаборой, чобукӣ, фикррони танқидӣ доштан, доштани қобилият дар ҳал кардани масъалаҳои ғайриоддӣ, фаросат (ҳисси пешакӣ), объективӣ будан, бетарафӣ, беғаразӣ, холисона будан, бодиққат будан нисбати фаъолияти ҳамкорони пуртаҷриба, доштани талабот ба сайқал додани донишҳои худ ва ғайраҳо); г) **боғайрат будан** (доштани қувваи баланди эмотсионалӣ ва иродавӣ, некбин, зиндадил, ҳамешашод, боидрок, зудфаҳм, хушзеҳн, соҳибфаросат, таъсирпазир, худро дошта тавонистан, ҳамдард будан, сабру таҳаммул, шӯхтабъ, зарофатдӯст ва ғайраҳо; ғ) **коршоямии касбӣ аз инҳо вобаста аст:** сиҳатии рӯҳӣ, сиҳатии ҷисмонӣ.

## Саволҳо барои худсанҷӣ

1. Фаъолияти омӯзгорӣ дар адабиёти педагогию психологӣ чӣ гуна шарҳ дода мешавад?
2. Ба сифатҳои касбии омӯзгор чиҳо дохил мешаванд?
3. Сохти фаъолияти омӯзгориро номбар намоед?

4. Моҳияти фаъолияти комуникативии омўзгор дар чӣ зоҳир мешавад?
5. Худшиносии касбии омўзгор дар рафти фаъолияти омўзгорӣ чӣ гуна пайдо мешавад?
6. Мафҳумҳои худбаҳодиҳӣ ва худназораткунӣ бо ҳам чӣ алоқамандӣ доранд?
7. Равияи фаъолияти омўзгориро шарҳ диҳед?
8. Намудҳои вақҳҳои фаъолияти омўзгориро номбар кунед?

## Мавзўъҳо барои реферат ва кори курсӣ

1. Проблемаи фаъолияти омўзгорӣ дар адабиёти психологию – педагогӣ
2. Тавсифи сифатҳои касбии омўзгор
3. Сохти фаъолияти омўзгорӣ
4. Худшиносии касбии омўзгор дар фаъолияти ў
5. Худшиносӣ ва аҳамияти он дар ҳаёти инсон
6. Тадқиқотҳои психологӣ оид ба равияҳои омўзгор
7. Хусусиятҳои вақҳҳои фаъолияти омўзгорӣ дар фаъолияти инноватсионӣ
8. Консепсияи вақҳиёти омўзгор

## Адабиёти истифодашуда


1. Давлетшин М.Г., Мавлонов М.М., Тўйчиева С.М. Ёш ва педагогик психология. – Т.: ТДПУ, 2009
2. Иванов И., Зуфарова М. Умумий психология. – Т.: Ўз.ФМЖ., 2008
3. Каптерев П.Ф. Детская и педагогическая психология.- М.: Воронеж, 1999
4. Муслимов Н.А., Усмонбоева М.Ҳ., Сайфуров Д.М., Тўраев А.Б. Педагогик компетентлик ва креативлик асослари – Тошкент, 2015
5. Махсудова М.А. Мулоқот психологияси. – Т.: 2006
6. Х.Ж.Худойқулов, О.Ч.Холов. Тарбиявий ишлар методикаси.- Термиз 2020
7. Чалдини Р. Психология влияния.- СПб., 2001

# Мавзӯи 16. Қобилиятҳои омӯзгорӣ ва услуби фаъолияти омӯзгорӣ

## Моҳияти қобилияти омӯзгорӣ

Қобилиятҳои омӯзгорӣ гуфта, хусусиятҳои фардӣ - психологии шахсро мефаҳманд, ки ба талаботи фаъолияти омӯзгорӣ ҷавобгӯ буда, имконияти иҷрои бомуваффақияти онро таъмин менамоянд ва шарти бо осонӣ аз худ гаштани донишу маҳорат ва малакаҳо мебошанд. Қобилияти омӯзгорӣ - ин маҷмӯи сифатҳои мураккаби шахсӣ, донишҳои махсус ва таҷрибаи касбӣ мебошад.

Қобилияти омӯзгорӣ аз маҳорати омӯзгорӣ фарқ мекунад. Фарқияташ дар он аст, ки қобилияти омӯзгорӣ ин хусусияти шахс аст. Маҳорати омӯзгорӣ бошад унсури алоҳидаи фаъолияти омӯзгорӣ, дараҷаи баланди ба роҳ монда тавонистани кори талиму тарбия ва мунтазам такмил додани он аст.

Қобилияти омӯзгориро дар ҷараёни иҷрои ягон амал мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, сухани бурро гуфтан, суруди дилнишин сароидан, расми зебо кашидан, кӯдаконро ба коре ҷалб намудан ва эҷодкорона ташкил намудани чорабиниҳои гуногуни синфию берунaзсинфӣ, ки аз мавҷуд будани қобилият гувоҳӣ медиҳад.

Педагог ва психологи машҳур Крутетский В.А. ба таври умумӣ қобилиятҳои омӯзгориро ба таври зерин гурӯҳбандӣ намудааст, ки онҳо хеле диққатҷалбкунанда мебошанд:

1. **Қобилияти дидактикӣ**. Моҳияти ин навъи қобилият иборат аст аз мутобиқсозии маводи таълимӣ, пешниҳоди соддаву фаҳмои донишҳо, бедор намудани шавқу рағбати хонанда нисбат ба фанҳои таълимӣ, дар ниҳоди хонандагон барангехтани фаъолияти маърифатӣ, қобилияти ташкили кори мустақилонаи хонандагон ва дар онҳо ташаккул додани талабот ба мустақилона азхудкунии донишҳо.

Баъзан дар таҷрибаҳои фаъолияти омӯзгорӣ мушоҳида карда мешавад, ки омӯзгороне ҳастанд, ки дар раванди баёни мавзӯи нав сатҳи дониши хонандагонро ба инобат намегиранд ва аз рӯи фаҳмиши худ нақл мекунанд, ки дар натиҷа азхудкунии маводи таълимӣ барои хонандагон душвор мегардад. Аз ин рӯ, дар раванди таълим ба инобат гирифтани сатҳи дониш, дараҷаи тайёрӣ ва инкишофи қобилияти ақлии хонандагон муҳим мебошад. Ғайр аз ин талаботи муосири инкишофи психикӣ мустақилона донишазхудкуниро дар шогирдон инкишоф додан аст.

2. **Қобилияти таълимӣ (академӣ)**. Маҷмӯи қобилиятҳое мебошанд, ки ба соҳаҳои мухталифи илм (риёзӣ, физика, биология, адабиёт ва ғ.) мутааллиқанд. Яъне, омӯзгор бояд ихтисоси худро хуб донад ва пас аз хатми донишгоҳ низ бо пешрафту тараққиёти илму техника ва ба вуҷуд омадани навгониҳо дар соҳаи илм онро мустақилона бо истифода аз маҷаллаҳо ва адабиёти зарурӣ аз худ намояд. Инчунин қобилияти эҷодӣ нисбати касби худ дошта бошад.

3. **Қобилияти суханронӣ (нутқӣ).** Омӯзгор тибқи он бояд андешаҳои хешро равшану возеҳ баён карда тавонад. Эҳсосоти худро бо ёрии ҳаракату ишораҳо ифода намояд. Чунин шакли истеъдод на танҳо зимни баёни маводи таълимӣ аз ҷониби муаллим зоҳир мегардад, балки зимни аксуламали ӯ бе ҷавобҳо низ аз ҷониби хонандагон дарк карда мешаванд. Дар вақти баёни мавзӯи нав аз ҳад зиёд баланд, паст ва ё якранг нақл кардан хонандагонро хаста мекунад, дар системаи асаби хонандагон боздориро ба вуҷуд меоварад ва гӯшхарош мебошад. Аз ин рӯ, овоз дар вақтҳои зарурӣ баланд, дар мавриди дигар пасттар ва вобаста ба хусусиятҳои ҳиссӣ бошад ба мақсад мувофиқ мешавад.

4. **Қобилияти ташкилотчигӣ**. Маҷмӯи қобилиятҳое, ки аз як тараф коллективи хонандагонро ташкил мекунанд, аз тарафи дигар, кори хусусии омӯзгорро ба низом медарорад. Муаллимони ботаҷриба дар тӯли солҳои дароз эҳсоси қадршиносӣ аз вақтро тарбия намудаанд, ки ин барои тақсими кор ва иҷрои вазифаҳо дар мӯҳлати таъиншуда хеле аҳамият дорад. Омӯзгор бояд ташкилотчии ҳама гуна чорабиниҳои тарбиявӣ бошад ва аз ӯҳдаи муттаҳид намудани синф барояд. Омӯзгори ҷавоне, ки нав ба кор омадааст, тавонад ба коллективи омӯзгорони мактаб худро ҳамроҳ намояд ва монанди инҳо корҳоро анҷом дода тавонад, ки ин аз қобилияти ташкилотчигӣ доштани омӯзгор вобаста аст.

5. **Қобилияти авторитарӣ** (баъзан қобилияти суггестивӣ низ номенанд, ки истилоҳи суггестивӣ баромади лотинӣ дошта, маънояш воситаи таъсиррасонӣ мебошад). Тавассути ин қобилият ба хонандагон таъсири ҳиссии бевосита расонида мешавад ва муаллимон зимни он соҳиби обрӯ шудани онҳоро таъмин мекунанд. Ин қобилият аз чунин маҷмӯи сифатҳои шахсии муаллим вобаста аст: қатъият, сабурӣ, устуворӣ, серталабӣ, эҳсоси масъулият барои таълиму тарбия, боварӣ ба дурустии кору амали хеш ва малакаи гузаронидани ин боварӣ ба хонандагон ва ғ. мебошад.

6. **Қобилияти персептивӣ** - ин қобилияти мушоҳидакории психологӣ, маҳорати дарк намудани тағйиротро дар ҳолати ботинии

хонандагон ифода менамояд. Яъне, омӯзгор бояд дар раванди таълим мушоҳидакор буда, аз ҷиҳати зоҳирии хонандагон вазъи ботинӣ ва хусусиятҳои психологии онҳоро муайян карда тавонад.

7. **Қобилиятҳои коммуникативӣ** (ахборӣ). Ин навъи қобилият иборатанд аз маҳорату малакаи муошират намудан, пайдо намудани муносибати мувофиқ ба хонандагон, барқарор намудани робитаи дуҷониба, одоби педагогӣ ва ғайраҳо мебошад, ки ба ин васила мубодилаи ахбору афкор ба амал меояд. Омӯзгор дар раванди барқарор намудани муносибати байниҳамдигарӣ бояд хусусиятҳои синнусолӣ, фардӣ-психологии хонандагон, мизоҷ, характер, қобилият, шавқу ҳавас, талабот ва ғайраҳоро ба инобат гирад.

8. **Тасаввуроти педагогӣ** (ё ин ки қобилияти пешгӯӣ намудан, ки аксаран онро «хаёли педагогӣ» низ меноманд **).** Омӯзгор тибқи ин қобилият бояд оқибатҳои рафтори худро бубинад, қодир бошад, ки инкишофи сифатии ин ё он хонандаро чӣ тавр аст, тарҳрезӣ ва пешгӯӣ намояд. Тасаввуроти педагогӣ бо мушоҳидакории педагогӣ алоқаи зич дорад. Омӯзгор дар раванди мушоҳидаҳои ҳаррӯзаи худ муайян месозад, ки кадом шогирди ӯ чӣ тавр инкишоф меёбад ва кадом аз хусусиятҳои психологӣ дар ӯ нисбатан афзалият дорад ва тавассути он ояндаи шогирди худро низ пешакӣ дида метавонад.

9. **Қобилияти тақсим намудани диққат**. Ҳадаф аз ин қобилият тақсими таваҷҷӯҳу диққати қавӣ дар се самти асосии фаъолият мебошад: а) байни мундариҷаву шакли баёни мавод ва ташаккули андешаи худ; б) таҳти назорат қарор додани ҳамаи хонандагон ва эҳсос намудани аломатҳои хасташавии онҳо, нофаҳмиҳо ва вайрон намудани интизом; в) назорати рафтори шахсӣ (тарзи нишаст, ҳаракатҳо, имову ишора, амалӣ намудани худтанзимкунӣ). Барои омӯзгор қобилияти тақсим намудани диққат басо муҳим аст. Зеро бе диққату бодиққатӣ ба самарабахшии натиҷаи таълим расидан ғайриимкон аст. Омӯзгор аввалан дар раванди баёни мавзӯи нав ба суханони худ диққат медиҳад, ки ягон калимаро нодуруст талаффуз накунад, дар яквақт ба тарзи нишаст ва донишазхудкунии хонандагон диққат медиҳад, ҳолатҳои дар раванди дарс бавуҷудомадаро муайян менамояд. Аз чеҳраи онҳо хаста шудан ё нафаҳмидани маводи таълимиро мефаҳмад ва ғайраҳо.

Муаллим ҳангоми амалҳои муайяни педагогӣ ин ё он вазифаи педагогиро иҷро намуда, бо ҳамин метавонад қобилиятҳои дар боло зикршударо фаъол гардонад.

Илова бар ин, ба омӯзгорон қобилиятҳои тадқиқотӣ (донистан, баҳои дуруст дода тавонистани вазъияту равандҳои таълиму тарбия) ва

илмӣ-маърифатӣ (аз худ карда тавонистани донишҳои психологӣ, педагогӣ ва роҳҳои эҷодкорона ташкил кардани таълим) низ муҳиманд.

Ба ташаккули қобилияти педагогӣ ташкили раванди таълиму тарбия дар мактабҳои олии касбӣ муҳим аст, ки омӯзгор тайёр мекунанд. Ҳар фарде, ки мақсади омӯзгор шуданро дорад ва омӯзгори ҷавоне, ки мехоҳад ихтисосманди хуб бошад, бояд хоҳиши инкишоф додани қобилияти омӯзгории худро дошта бошад, зеро барои ҳар як муаллиму тарбиятгар инкишоф додани маҳорату қобилиятҳои омӯзгорӣ зарур аст.

## Маҳорати педагогӣ

Маҳорати педагогӣ аз ҷониби як қатор олимону психологони дохиливу хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Муаллими соҳибтаҷриба дар раванди машғулиятҳои таълимӣ кори тарбиявӣ низ мебарад ва дар хонанда хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, ҳисси ватандӯстӣ, меҳнатдустӣ ва мустақилиятро мепарварад. Имрӯз барои самаранок ташкил намудани фаъолияти таълимӣ танҳо аз худ намудани донишҳои назариявӣ кофӣ нест. Омӯзгор роҳҳои самарабахши таълиму тарбияро истифода намуда, дар ҳар вазъияти мушаххас аз рӯи пешбинӣ ва пешомад дараҷаю сифати даркории корро таъмин мекунад.

Омӯзгоре, ки маҳорати педагогии суст дорад, усули аз худ кардани донишро ба хонанда фаҳмонда наметавонад, андеша ронданро талаб намекунад. Агар хонанда фикр кунад, ҳавасаш бедор мегардад ва зарурияти донишро фаҳмида, бо завқ мехонад. Барои ин усулҳои таълимро иваз кардану мисолҳои шавқовар овардан кифоя аст.

Маҳорати педагогӣ чист? Маҳорати педагогӣ гуфта, санъати дараҷаи баланди амалан ба роҳ монда тавонистани таълиму тарбияро меноманд, ки бо истифодаи якҷояи донишҳои касбӣ, қобилиятҳои касбӣ, одобу кори педагогӣ амалӣ мегардад. Омӯзгори соҳиби маҳорати педагогӣ бояд масъалаҳои бисёрро донад ва корҳои зиёдеро сомон бахшида тавонад.[1] Модоме, ки сухан дар бораи маҳорати педагогӣ меравад, бояд донем, ки он дар натиҷаи чӣ ба амал меояд. Маҳорати педагогӣ пеш аз ҳама натиҷаи меҳнати пурсамари эҷодии муаллим, саъю кӯшиш, такмили мунтазами кори таълиму тарбия ва усули корбарии шахс мебошад. Барои ноил гаштан ба маҳорати педагогӣ донистани психологияи синнусолӣ ва педагогӣ, педагогика ва

[1] Азизхӯжаева Н.Н. Педагогик технология ва педагогик маҳорат. – Т.: ТДПУ, 2006

методикаи кори таълиму тарбия ва пеш аз ҳама чуқур донистани фанне, ки омӯзгор таълим медиҳад зарур аст.

Маданияти шахсӣ, донишҳо ва ҷаҳонбинии омӯзгор дар якҷоягӣ бо кори педагогию таҷрибаи пешқадам асоси маҳорати педагогиро ташкил медиҳад. Нишондидандаҳои маҳорати педагогӣ сершуморанд. Яке аз онҳо дар ташкил карда тавонистани раванди таълим зоҳир мешавад, яъне дар ҳама гуна ҳолат омӯзгори соҳибкасб ҳатто дар шароити ногувор дараҷаи зарурии тарбия, инкишоф ва донишҳоро ба даст меоварад. Вай ҳамеша ба савол ҷавоби ғайриоддӣ медиҳад, бо ҳар талаба муносибати хуб мекунад, фикрашро инкишоф медиҳаду талабаро ба ҳаяҷон меоварад. Ин омӯзгор ба хонандагон дониши худро интиқол дода метавонад, чунки ӯ худи фан ва усулҳои таълими онро хуб медонад. Агар омӯзгори ҷавон боғайрат кор кунад, он гоҳ оянда устоди устодон хоҳад шуд. Барои ин кори омӯзгорони соҳибтаҷрибаро мушоҳида бояд кард, мунтазам мутолиа кардани адабиёти махсус, дар амалияи худ усулҳои нави таълимро ҷорӣ ва натиҷаи онро таҳлил кардан лозим асту халос.

Яке аз унсурҳои маҳорати педагогӣ муоширати хуш бо кӯдакон мебошад. Бо онҳо бо оҳангу услуби махсусе гуфтугӯй карда тавонистан лозим аст. Муошрати хоксорона ва табиӣ ба хонандагон маъқул аст. Муаллими таҷрибанок ба онҳо бо оҳанги ғайритабиӣ, насиҳатгӯй ва дӯстона сухан намегӯяд. Ташаккули маҳорати педагогӣ бо қобилияти омӯзгор робита дорад. Дар қобилияти педагогӣ сифатҳои касбӣ ва шахсии муаллим зуҳур меёбад, ки ҳама бо якдигар зич алоқаманд мебошанд.

Унсури муҳими маҳорати педагогӣ дараҷаи баланди **техникаи педагогӣ** мебошад. **Техникаи педагогӣ** маҷмӯи донишҳо, маҳорату малакаҳо, ки ба муаллим барои пурмаҳсул дар амалия ҷорӣ кардани усулҳои интихобкардаи ҳамкоронаш зарур аст. Он талаб мекунад, ки муаллим донишҳои махсуси педагогӣ-психологӣ ва тайёрии амалӣ дошта бошад. Маҳорати педагогӣ аз мавҷудияти одоби педагогӣ дар омӯзгор шаҳодат медиҳад ва муаллимро водор месозад, ки дар муносибат бо хонандагон ахлоқи педагогиро риоя намояд. Вай инчунин талаб мекунад, ки муаллим бо хонандагон инсонпарварона рафтор кунад, меҳрубону ботамкин бошад, худдорӣ карда тавонад, дар ҳама гуна ҳолат муносибатҳои некхоҳонаро ба роҳ монад ва шахсияти кӯдакро ҳурмат намояд. Омӯзгор бояд доимо рафтори худро зери назорат гирад, ба воситаи нигоҳ, ҳаракату ишораҳо, ҳатто сарҷунбонӣ муносибаташро ба рафтору кирдори хонандагон ифода кунонад.

Нишондиҳандаи дигари маҳорати педагогӣ дар он аст, ки омӯзгор- устод хонандагонро фаъол мегардонад ва бо ҳамин қобилияти мустақилона ҷустуҷӯ ва фикр карданро дар раванди таълим густариш медиҳад.

Дар шароити имрӯза аз тарафи олимон боз чунин намудҳои маҳорати педагогӣ муайян карда шудааст:

- маҳорати дар вазъияти педагогӣ дидан, дарёфтани масъалаву проблема ва тавсифи он ҳамчун вазифаи педагогӣ;

- маҳорати дар раванди педагогӣ дар симои хонанда иштирокчии фаъолро дида тавонистан, омӯхтан ва ташаккул додани вазъияти педагогӣ, мушаххассозии вазифаҳои педагогӣ, даврагӣ ва фаврӣ;

- ҳангоми бесарусомонӣ ва тағйирёбии вазъият қабул намудани қарорҳои муносиб. Зимни тағйири вазъият бо назари нав ба ҳалли вазифаҳову мақсадҳо нигаристан;

- маҳорати сарбаландона баромадан аз вазъиятҳои душвори педагогӣ;

- натиҷаҳои наздику дури вазифаҳои педагогиро пешгӯӣ намудан;

- маҳорати кор кардан бо мундариҷаи маводи таълимӣ (бохабарӣ аз равияҳои нав ва технологияи таълим), ҷудосозии идеяи асосии фанни таълимӣ ва аз нав дида баромадани мундариҷаи он аз ҳисоби натиҷаҳои тадқиқоти илми муосир;

- дар ниҳоди хонандагон ташаккул додани маҳоратҳои умумӣ ва махсуси ахлоқӣ ва амалисозии алоқаҳои байнифаннӣ;

- омӯзиши имкониятҳои воқеии таълими хонандагон, фарқи пешрафт ва сифатҳои шахсии хонандагон, дар ниҳоди хонандагон ташаккул додани тарзи иҷрои фаъолиятҳои гуногун, интихоб ва истифодаи шаклҳо ва тарзу роҳҳои таълиму тарбия;

- маҳорати қиёс намудан ва умумиятбахшии вазъиятҳои педагогӣ, ташкили фаъолияти мустақили таълимӣ, амалисозии вазифаҳои таълимӣ бо роҳҳои гуногун;

- маҳорати истифодаи донишҳои психологӣ - педагогӣ ва бохабарӣ аз вазъи илми психология ва педагогикаи муосир ва таҷрибаи пешқадами педагогӣ. Санагузорӣ, сабту қайди раванду натиҷаи кори худ: маҳорати дидани ҷиҳатҳои мусбат ва манфии кори худ, баҳо додан ба усули фардии худ, ба таҷрибаи худ мутаносиб сохтани онҳо бо таҷрибаи омӯзгорони дигар;

- тарзҳои муқаррар намудани вазифаҳои коммуникативии (ахборӣ) қаблан зикршуда ва муҳимтарини онҳо, фароҳамсозии

шароити бехатарии психологӣ дар рафти муошират ва амалисозии қувваю захираҳои дохилии ҳамшарик зимни муошират мебошад;

- иборат аз роҳҳое мебошад, ки барои расидан ба сатҳи баланди муошират мадад мерасонад. Ба ин гурӯҳ дохил мешавад: маҳорати донистан ва дарк кардани мавқеи дигар кас дар аснои муошират, ба шахсияти он мароқ зоҳир намудан, омӯхтан ва фаҳмидани ҳолати ботинии он бо аломатҳои ботинии ӯ, маҳорати қабул намудани нуқтаи назари хонанда, барқарорсозии вазъияту фазои боэътимод, мусаллаҳ будан бо воситаҳои мақбули таъсиррасонӣ, истифода бурдани усули демократии роҳбарӣ, маҳорати иҷрои нақшаҳои гуногун ҳамчун воситаи огоҳсозӣ аз муноқишаҳо, зимни муошират омодагӣ барои изҳори сипосгузорӣ намудан, аз хонанда зимни зарурат узрхоҳӣ намудан, маҳорати дастгирӣ ва тарафдории муносибати баробар бо ҳамаи бачагон, маҳорати бо ҳазлу шухӣ ҳал карда тавонистани муаммоҳои гуногуни вазъияти педагогӣ, нодида гирифтани баъзе аз холатҳои ногувор, босаброна гӯш карда тавонистани хонанда ва набуридани сухани ӯ зимни гуфтор, ба таври ғайримустақим таъсир бахшидан ба хонанда, фароҳамсозии шароит барои пайдо шудани сифатҳои муносиби ӯ, маҳорати наҳаросидан аз аксуламалҳои пайдошаванда ва ғ.;

- маҳорати нигаҳдории мавқеи устувори касбии омӯзгор, ки аҳамияти касби худро дарк мекунаду қодир аст ба хотири арзишҳои иҷтимоӣ ва умумибашарӣ ба душвориҳо муқовимат кунад. Маҳорати идора кардан ва қабл аз ҳама идораи вазъу ҳолатҳои бошиддати рӯҳӣ бо дарки ин, ки ин эҳсосот метавонад аҳамияти амалӣ ва гоҳҳо харобиоварро дошта бошад. Маҳорати дарки имкониятҳои воқеии хеш, маҳорати доштани меъёру маҳаки кор (санъати педагогӣ), амалӣ сохтани ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва ғ.;

- маҳорати муайянсозии хосияту хусусиятҳои дониши хонандагон дар оғоз ва охири соли хониш зоҳир мегардад;

- баҳодиҳӣ ба сатҳи тарбия ва тарбиятдидагии хонандагон, маҳорати шинохтани хонандагон аз рӯи рафтори онҳо ва мувофиқати меъёрҳои ахлоқӣ ва эътиқодашон, маҳорати омӯзгор дар дидану дарки шахсияти хонанда ба таври комил ва шинохти гуфтору рафтору пиндори ӯ ва ғ.

Дар охир бояд қайд намоем, ки тамоми фаъолияти хонанда ва муаллим дар раванди машғулияти омӯзишӣ бо маҳорати педагогӣ алоқаманд аст. Маҳорат бошад самараи меҳнати пайдарҳаму доимии муаллим дар ҷодаи фаъолияти касбӣ аст. Муаллими мактаби миёна, ки

шогирдонаш ором нишаста, дарсро мешунаванду аз худ мекунанд, дар дили онҳо ҷой намегирад. Бачагон ҳар муаллиме, ки соҳиби маҳорати баланди педагогӣ бошад, ўро чун устоди кори худ шиносанд ва дўсташ доранд.

## Саволҳо барои худсанҷӣ

1. Қобилият аз назари илми психология чӣ гуна тавсиф дода мешавад?
2. Қобилияти умумӣ гуфта чиро мегўянд?
3. Кадом омўзишҳои психологии қобилиятҳоро медонед?
4. Моҳияти қобилиятҳои омўзгориро кушода диҳед?
5. Кадом сифатҳо дар қобилиятҳои омўзгорӣ ҳамчун роҳбарикунанда ҳисобида мешаванд?
6. Одоби омўзгорӣ чиро ифода мекунад?
7. Мушоҳидакории омўзгор дар адабиёти психологию педагогӣ чӣ гуна шарҳ дода мешавад?
8. Қобилияти ташкилотчигӣ чиро мефаҳмонад?
9. Қобилияти персептивӣ чист?
10. Қобилияти нутқӣ аз қобилияти коммуникативӣ чӣ фарқ дорад?
11. Кадом олим доир ба қобилиятҳо бештар тадқиқот бурдааст?
12. Системаи педагогӣ гуфта чиро мефаҳмед?
13. Қобилиятҳои умумии педагогиро номбар намоед?
14. Дараҷаҳои инкишофи касби омўзгориро муайян намоед?

## Мавзўъҳо барои реферат ва кори курсӣ

1. Масъалаи қобилият дар илми психология
2. Истеъдод ҳамчун дараҷаи муайяни қобилият
3. Равияҳои асосии омўзиши қобилият дар психология
4. Сифатҳои идоракунандаи қобилиятҳои омўзгорӣ
5. Қобилияти персептивии омўзгор
6. Сохти қобилиятҳои педагогӣ
7. Қобилиятҳои умумии омўзгорӣ
8. Қобилияти ташкилотчигии омўзгор
9. Хусусиятҳои фардии фаъолияти омўзгорӣ

## Адабиёти истифодашуда


**1.** Азизхўжаева Н.Н. Педагогик технология ва педагогик маҳорат. – Т.: ТДПУ, 2006

2. Белухин Д.А. Учитель: от любви до ненависти… (Техника профессионального поведения). Кн. для учителя.- М., 1994

3. Давлетшин М.Г., Мавлонов М.М., Тўйчиева С.М. Ёш ва

педагогик психология. – Т.: ТДПУ, 2009.
4. Столяренко Л.Д. Педагогическая психология. Серия «Учебники и учебные пособия».- Ростов н/Д: «Феникс», 2000.- 544 с.
5. Ишмухамедов Р. Ж. Таълимда инновацион технологиялар. – Т.: Истедод, 2008
6. Мюнстерберг Г. Психология и учитель: Пер. с англ. 3-е изд., испр.- М., 1997
7. Очилов М. Муаллим қалб меъмори.–Тошкент,: Ўқитувчи, 1997
8. Реан А.А., Бордовская Н.В., Розум С. И. Психология и педагогика.- СПб., 2000
9. Митина Л.М. Учитель как личность и профессионал (психологические проблемы).- М., 1994
10. Худойқулов Х.Ж. Педагогика ва Психология. –Т.: Дзайин-Пресс, 2011

# Мавзӯи 17. Психологияи муошırати омӯзгорӣ

Яке аз масъалаҳои асосии писихологияи омӯзгорӣ ин муошırати омӯзгор ба шумор меравад. Муошират шарти муҳими мутобиқшавии муаллим ва талаботи ҳамешагию зарурии ӯст. Дар муносибатҳои гуногунранги омӯзгор дар мактаб муносибати ӯ бо хонандагону атрофиёни онҳо ва ҷомеа нисбатан муҳимтар дониста мешавад. Ин муносибатҳо дар раванди муошират амалӣ мегарданд, ки дар рафти он мубодилаи ахбор, танзими иҷтимоии фаъолияти иштирокчиёни раванди таълим сурат гирифта, муносибатҳои мувофиқи байнишахсӣ ташаккул меёбанд.

Муошират дар ташаккулу такомули маҳорати идоракунии хонандагон аҳамияти калон дорад. **Маҳорати муошırати дуруст барқарор намуда тавонистан** имконият медиҳад, ки хусусиятҳои психологии аъзоёни гурӯҳ ва ё аҳли синф муайян карда шуда, онҳоро ба иҷрои вазифаҳои муайян равона созад.

Муошират-ин раванди бисёрҷабҳаи барқарор намудан ва инкишоф додани алоқаи байни одамон буда, дар фаъолияти якҷояи одамон зоҳир мешавад. Бо ибораи дигар гӯем, муошират-ин ҳамкории байни одамон ба воситаи аломатҳо мебошад, ки аз талаботи ҳамкорӣ намудан дарак медиҳад.

Мавқеъ, мақоми иҷтимоӣ ва вазифаҳои субъектҳои муошираткунанда метавонанд гуногун бошанд. Масалан муошират дар байни омӯзгору хонанда. **Дар ин ҳолат яке аз шартҳои муҳим-ин бо ҳамдигар самимӣ будан аст**.

Озмоишҳо нишон доданд, ки ду шакли асосии муошират – ташкили фаъолият ва дигар – қонеъ намудани талаботи шахси дигар мавҷуд аст. Инсон дар рафти муошират метавонад ба шахси дигар таъсири психологӣ расонад, ки ин ба ҳолатҳои рӯҳӣ ва равандҳои маърифатии инсон таъсир мерасонад. Ба ин васила омӯзгори соҳибкасб истифода аз қонуниятҳои муошират метавонад ба хонандагон таъсири мусбии психологӣ расонида, онҳоро ҳамчун шахси баркамол ба воя расонад. Дуруст барқарор намудани муносибати байниҳамдигарии омӯзгору хонанда ба одоби педагогии (маданияти педагогӣ) омӯзгор низ вобаста мебошад.

Маданияти педагогӣ қисмате аз маданияти умумиро ташкил медиҳад, ки дар он арзишҳои маънавию моддӣ, ҳамчунин тарзҳои фаъолияти эҷодии педагогӣ, он чӣ, ки барои инсоният ҷиҳати баргузории раванди таърихӣ, ташаккулу тағйири наслҳо лозим аст, инъикос меёбад.

Маданияти педагогӣ эҳё ва худсозии омӯзгору хонандагонро дар назар дорад.

Маданияти педагогиро метавон ҳамчун муоширати ду тараф (муаллим ва хонанда, муаллим ва падару модар ва ғ.) дар лаҳзаҳои мухталифи таҳвили маданияти инсонӣ баррасӣ намуд.

Падидаи маданияти педагогӣ зимни гуфтугӯ ва таъсири мутақобилаи байни омӯзгору хонандагон ва волидайни онҳо ҳамчун раванди махсус баррасӣ мегардад. Худи бунёди олами педагогӣ ҳамчун муҳити маънавӣ, эстетикӣ ва фикрии инкишофи баромад менамояд. Дар ин муҳит бозкушоӣ ё шинохти шахсияти худ туфайли шахсияти дигарон сурат мегирад.

Маданияти педагогиро метавон ҳамчун ҷараён ва низоми арзишҳои педагогӣ дар фаъолият ва рафтори касбии омӯзгор дида баромад. Ин ҳамон дараҷаи ҷаҳонбинӣ ва сатҳи маълумотнокӣ аст, ки бо ёрии он донишҳои касбӣ низ тавсиф дода мешаванд.

Ба маданияти педагогӣ пеш аз ҳама сифатҳои шахсӣ-касбии омӯзгор, дониш ва тафаккури педагогӣ дохил мешаванд, ки онҳо доштани муносибати шахсӣ нисбат ба ҷиҳатҳои муайяни воқеият дар аснои рафтор ифода менамояд.

Маданияти педагогӣ вобаста ба тафаккур, ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳонфаҳмии инсон аст. Тафаккури педагогӣ иборат аст аз тафаккури танқидӣ (таҳлили таъсири мутақобилаи омӯзгору хонандаро дар назар дорад) ва равияи эҷодӣ-созандагии тафаккур (омӯзгор бояд якрангу яксон набошад). Ба гурӯҳи саввуми маданияти педагогӣ маҳоратҳои касбӣ ва хусусияти эҷодии маданияти педагогӣ дохил мешаванд.[1]

Асоси методологии маданияти педагогиро назарияи фалсафӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо ташкил медиҳад. Падидаи маданият таввасути гуфтугӯ ва таъсиру нуфузи фарҳанги гузашта, имрӯз ва оянда муайян мегардад.

Яке аз қисматҳои ташкилкунанда ва инкишофдиҳандаи маданияти педагогӣ ин мавқеи педагогӣ аст. Мавқеи педагогӣ тавассути сифатҳои касбӣ-шахсии омӯзгор, алоқаҳо ва талаботи маънавии ӯ амалӣ мешавад.

Мавқеи педагогиро интихоби меъёрҳои ахлоқии омӯзгор ташкил мекунад, ки ин дорои ду ҷиҳат аст: а) рафтор, истеъдоду маҳорати омӯзгор, ки зимни тасмимгирӣ, эҳсоси масъулият ва фароҳамсозии шароит барои зуҳуроти шахсияти кӯдак ифода меёбад); б) ҷанбаи

ҷаҳонбинона, ки ин дар дарки аҳамияти ҷамъиятии касб, эътиқоду боварӣ ба дурустии интихоб, дар самти усулҳои башардӯстона ифода мешавад.

Дар дастовардҳои навини илми педагогика равияи нав пайдо шудааст, ки он бо гузариш аз системаи «субъект- объект» ба системаи «субъект - субъект» алоқаманд аст. Системаи якуми «субъект- объект» то имрӯз дар тадқиқотҳои назариявию амалӣ ҳукумрон буд ва дар корҳои психологияи педагогӣ бештар вомехӯрад. Системаи дуюм, ки имрӯзҳо ниҳоят маъруф аст, бо корҳои психологияи муошират педагогӣ алоқаманд мебошад.

Мувофиқи мазмуни анъанавиашон, мафҳумҳои «фаъолият» ва «муошират» мустақиланд ва дар ҳақиқат аз якдигар ҷудо шарҳ дода мешаванд. Аммо соҳаи педагогиеро, ки мо дида мебароем, алоқамандии диалектикии ин ду мафҳумҳоро ошкор менамоянд. Мувофиқи ақидаи Ломов Б.Ф., фаъолияти педагогӣ дар асной қонуниятҳои психологии муошират ташкил карда мешавад.

Дар тахти муошират педагогӣ одатан муошират касбии устоду шогирдон дар ҷараёни таълиму тарбия дар назар дошта мешавад, ки вазифаҳои муайяни педагогиро доро буда, ба пайдо намудани муҳити солими педагогӣ равон карда шудааст ва фаъолияти таълимиро беҳтар намуда, муносибати муаллим ва хонандаро хубтар менамояд (Леонтев А.А.). Аз ин таъриф бармеояд, ки яке аз меъёрҳои самараноки муошират педагогӣ ин пайдо намудани муҳити солими педагогӣ мебошад. Ин муҳити солим дар навбати худ, муносибатҳои хуби байнишахсиро дар гурӯҳи таълимӣ ба вуҷуд меоварад. Дар баробари ин, дар натиҷаи ин гуна муносибатҳои байнишахсӣ ташаккули коллектив сурат мегирад. Муаллим дар ташаккули ҷамоа роли асосиро мебозад.

Яке аз масъалаҳои омӯзгори имрӯза ин ба нақша даровардани фаъолияти худ ва сарфакорона истифода бурдани вақт мебошад. Мураккабӣ ва серсоҳагии корҳои тарбиявии омӯзгор зарурият ба вуҷуд меоварад, ки вай тамоми фаъолияти омӯзгории худро пешакӣ ба нақша даровара, иҷрояшонро сари вақт таъмин созад, зеро дар кори тарбия оияндаро дида тавонистан лозим аст. Умуман, банақшагирии кори тарбиявӣ ба он мусоидат мекунад, ки дар асоси ин раванди тарбиявии омӯзгор равшан инъикос меёбад, ки хонандагон дар инкишофи худ ба кадом дараҷа омада мерасанд ва омӯзгор барои пеш бурдани ҳамин раванд чӣ корҳоро пешбинӣ намояд.

Одатан омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ нақшаи тарбиявиро барои чоряк ва ё нимсолаи оянда месозанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки баъзан аввал нақшаи солонаи кори тарбиявиро месозанду

баъд аз он аз рӯи он нақшаҳои чорякӣ ва нимсола сохта мешавад. Дар кори банақшагирӣ қолаби ягона вуҷуд надорад ва нақшаи кори тарбиявии муаллим бояд эҷодкоронаю навоварона бошад. Кадом усулеро муаллим истифода накунад, вай бояд ба кори тарбия манфиат бахшад. Муҳимаш он аст, ки нақша вазифаҳои асосии тарбиявиро бо синф фаро гирад, мувофиқи мақсад бошад ва бо назардошти қонуниятҳои раванди тарбия мураттаб шавад. Албатта, мазмун ва муваффақияти нақшаи тарбиявии омӯзгор пеш аз ҳама ба сифат, мураттабсозии нақша ва маҳорати касбии вай алоқаманд аст.

Банақшагирии кори тарбиявии омӯзгор чунин талаботҳоро дорад:

а) пеш аз ҳама нақша бояд ягонагии мақсад, вазифаҳо ва мазмуну шаклҳои кори тарбиявиро бо синф таъмин намояд;

б) пайвастагии оқилонаи усулҳои гуногуни таъсиррасонии педагогӣ ташкили фаъолияти амалии хонандагонро инъикос намояд;

в) мазмуни тарбия, шакл ва усулҳои кори тарбиявӣ ба хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии хонандагон ҷавобгӯ бошад;

г) нақша бояд ҳаётӣ бошад ва дар шӯрои педагогии омӯзгорон тасдиқ карда шуда, сари вақт чорабиниҳои он иҷро карда шаванд;

д) нақшаи тарбиявии ҳар як омӯзгор бо нақшаҳои солонаи мактаб, созмонҳои кӯдакон ва ҷавонон мувофиқат кунад.

Ҳар як шахс пеш аз он ки бо касби омӯзгорӣ машғул шавад, бояд дар назди худ чунин саволҳоро гузорад: оё ман метавонам ба дунёи равонии хонандагон ворид шавам ва дар ин дунё бидуни ваҳму хурофот фаъолият намоям? Оё ман метавонам он чизе, ки кӯдакон мехоҳанд, ҳамон чизро ба онҳо пешкаш намоям?

Ба ақидаи Митина Л.М., кӯшишҳои худфаъолгардонии муаллим дар соҳаи фаъолияти омӯзгорӣ яке аз нишондиҳандаҳои хуби фаъолияти муаллим ба шумор меравад.

Хусусияти дигари фаъолияти омӯзгории муаллим ин дар хонандагон бедор кардани шавқу ҳавас ва пайдо кардани ваҷҳҳои хониш ва омӯзиши муҳиту атроф дар онҳо мебошад.

Ваҷҳҳо дар сохтори фаъолияти инсон ҷойи махсусро ишғол мекунад. Фаъол ва суст будани мутахассисро на ҳамавақт вобаста ба сатҳи саводнокӣ, балки аз рӯи сохтори ваҷҳҳои ӯ муайян мекунанд.

Х.Ж. Худойқулов дар баробари омӯзиши ваҷҳҳо дар фаъолияти педагогӣ ҳамаи онҳоро бо рангорангиаш ба се гурӯҳ муттаҳид менамояд: а) ваҷҳҳои зарурӣ; б) ваҷҳҳои манфиатбахше, ки вобаста ба шавқу ҳавас ва завқу рағбат пайдо мешавад; в) ваҷҳҳои иштиёқмандие,

ки дар муошират бо кӯдакон «муҳаббат нисбати кӯдакон» ба амал меоянд.

Дар адабиёти психологию педагогӣ чунин воситаҳои фаъолияти омӯзгориро қайд намудаанд: донишҳои илмӣ (назариявӣ ва амалӣ), ки дар асоси онҳо фаҳмишҳои истилоҳии хонандагон инкишоф меёбад; сарчашмаҳои дониш – матнҳо, адабиётҳо, донишҳое, ки дар натиҷаи мушоҳидаҳои бевосита дар машғулиятҳои амаливу лабораторӣ аз тарафи хонандагон аз бар карда мешавад.

## Саволҳо барои худсанҷӣ

1. Фаъолияти омӯзгорӣ дар илми психологияи омӯзгорӣ чӣ гуна баҳо дода мешавад?
2. Қисматҳои асосии сохтори фаъолияти омӯзгориро номбар кунед?
3. Предмети фаъолияти омӯзгорӣ чиро дарбар мегирад?
4. Ба фикри Шумо, маҳсули фаъолияти омӯзгориро чӣ ташкил медиҳад?
5. Вазифаҳои асосии фаъолияти омӯзгориро номбар кунед?
6. Қобилияти умумии педагогиро шарҳ диҳед?
7. Услуби фаъолияти омӯзгорӣ чист?

## Мавзӯъҳо барои реферат ва кори курсӣ

1. Проблемаи муошират дар психология
2. Муносибатҳои байнифаннӣ ба муошират
3. Муошират омӯзгорӣ аз нигоҳи психология
4. Вазифаҳои асосии муошират омӯзгорӣ
5. Хусусиятҳои коммуникативии муошират дар раванди педагогӣ
6. Монеаҳои муошират омӯзгорӣ
7. Сифатҳои шахсии омӯзгор, ки масъулиятнокии муошират омӯзгориро муайян менамоянд
8. Қобилияти коммуникативӣ
9. Таъсири муошират омӯзгорӣ ба инкишофи психикии талаба.

## Адабиёти истифодашуда


1. Азизхӯжаева Н.Н. Педагогик технология ва педагогик маҳорат. – Т.: ТДПУ, 2006
2. Белухин Д.А. Учитель: от любви до ненависти… (Техника профессионального поведения). Кн. для учителя.- М., 1994
3. Давлетшин М.Г., Мавлонов М.М., Тўйчиева С.М. Ёш ва педагогик психология. – Т.: ТДПУ, 2009.
4. Столяренко Л.Д. Педагогическая психология. Серия «Учебники и

учебные пособия».- Ростов н/Д: «Феникс», 2000.- 544 с.
5. Ишмухамедов Р. Ж. Таълимда инновацион технологиялар. – Т.: Истедод, 2008
6. Мюнстерберг Г. Психология и учитель: Пер. с англ. 3-е изд., испр.- М., 1997
7. Очилов М. Муаллим қалб меъмори.–Тошкент,: Ўқитувчи, 1997
8. Реан А.А., Бордовская Н.В., Розум С. И. Психология и педагогика.- СПб., 2000
9. Митина Л.М. Учитель как личность и профессионал (психологические проблемы).- М., 1994
10. Худойқулов Х.Ж. Педагогика ва Психология. –Т.: Дзайин-Пресс, 2011

# МУНДАРИҶА

## БОБИ I. АСОСҲОИ УМУМИИ ПСИХОЛОГИЯИ ОМӮЗГОРӢ

**Мавзӯи 1. Мақсад ва вазифаҳои фанни психологияи омӯзгорӣ……………………………………………………….............4**
**Мавзӯи 2. Таърихи инкишофи психологияи омӯзгорӣ ва саҳми мутафаккирони ватани дар рушди он ....………………………............ 10**
**Мавзӯи 3. Методҳои психологияи омӯзгорӣ ……………..…...........23**

**БОБИ II. ПСИХОЛОГИЯИ ТАЪЛИМ………………….............35**
**Мавзӯи 4. Ёдгирӣ ва ёддиҳӣ………………………………….............47**
**Мавзӯи 5. Омӯзиш ва инкишоф…………………….……................55**
**Мавзӯи 6. Фаъолияти таълимӣ……………………………..................64**
**Мавзӯи 7. Ваҷҳҳои таълимӣ…………………………………............ 79**
**Мавзӯи 8. Азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаҳо……............. 90**
**Мавзӯи 9. Асосҳои психологии шаклҳои таълим……….….............98**
**Мавзӯи 10. Асосҳои психологии таълими инкишофдиҳанда.........109**
**Мавзӯи 11. Асосҳои психологии истифодаи воситаҳои техникӣ дар таълим..………………………………………..................................118**

**БОБИ III. ПСИХОЛОГИЯИ ТАРБИЯ**

**Мавзӯи 12. Моҳияти тарбия, механизм ва меъёрҳои он. Талаба ҳамчун субъекти тарбия……………………….................................122**
**Мавзӯи 13. Асосҳои психологии методҳои тарбия……...................131**
**Мавзӯи 14. Масъалаҳои психологии ислоҳи бачагони душвортарбия…………………………………………………….................143**

**БОБИ IV. ПСИХОЛОГИЯИ ФАЪОЛИЯТИ ОМӮЗГОРӢ**
**Мавзӯи 15. Тавсифи умумии фаъолияти омӯзгорӣ……................... 152**
**Мавзӯи 16. Қобилиятҳои омӯзгорӣ ва услуби фаъолияти омӯзгорӣ……………………………………………………................... 166**
**Мавзӯи 17. Психологияи муоширати омӯзгорӣ………….................175**

**Махмудов Ш. К.**

# Психологияи омӯзгорӣ
(дастурамал барои донишҷӯёни
коллеҷҳо ва мактабҳои олии омӯзгорӣ)

БИ№ 4502

Ба матбаа 27.06. 2023 супорида шуд.
Ба чопаш 26.06. 2023 имзо шуд. Андозаи $60 \times 84\ ^{1}/_{16}$
Қоғази офсетӣ 70 гр. Ҳуруфи Times New Roma12,5
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 12,5 Теъдоди нашр 100.
Супориши № 128

Муассисаи нашриявии «ДПСД»-и
Вазорати таълими олӣ, фан ва инновацияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон,
734018, ш. Деҳнав, кӯчаи Ш.Рашидов 361

Матбааи ДСПД

734003 ш. Деҳнав, кӯчаи Ш.Рашидов 361